**МУҲАММАДАЛИИ АҶАМӢ**

# ДАР ҚАЛАМРАВИ ШЕЪРИ МАВЛОНО

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2016**

**ББК 83.3(0)9+83,3 (2тоҷик)**
**А-31**

**А-31**. Муҳаммадалии Аҷамӣ. **Дар қаламрави шеъри Мавлоно**. – Душанбе: Маориф, 2016, 288 саҳ.

**Ба поси падарам, ки зиндагиаш дарси маърифат буд.**

**ISBN 978-99947-1-283-0** **© Маориф, 2016.**

# МАРҲАЛАИ НАВ ДАР ШИНОХТИ МАВЛОНО

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар қаламрави адаби порсӣ-тоҷикӣ аз бузургтарин мардон аст.Осори ин суханвари мумтоз дар ҳамаи қарнҳо мавриди таваҷҷуҳи ҳаводорони шеър ва ирфон буда ва ҳаст. Осори ин абармарди сухан ҳамеша аз тарафи донишмандон таҳқиқ, омӯзиш ва пажӯҳиш мешавад. Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки мақому мартабаи каломи Мавлоно дар миёни соҳибназарон, андешамандон, аҳли завқ ва назар бисёр баланд аст, аммо бояд иқрор кард, ки танҳо баъд аз истиқлоли давлатӣ дар ҳаёти фарҳангиву маънавии миллати тоҷик таҳаввулоти муҳим ба вуҷуд омад ва дар ин марҳала бузургмардони адабу ҳунар бештару беҳтар шинохта шуданд. Дар ин миён як тан аз он мардони бузурги сухан ва ҳикмат ҳамоно Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ мебошад, ки ҳусни калом сухани ӯ ҳаргиз ранг набохтааст.

Аз тарафи ташкилоти бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО соли 2007 эълом гардидани соли Мавлоно, аз он башорат медиҳад, ки миллати тоҷик фарзандони бузурге дорад ва номи онҳо дар ақсои ҷаҳон машҳур аст. Бешак, дар ҷаҳони муосир ҳам ба калом ҳам ба ҳикмати Мавлоно беш аз ҳар вақти дигар моро ниёз аст, ба он хотир, ки сухани Мавлоно мардумро аз бунбастҳои равонӣ, ҷаҳл ва торикиҳо ба сӯйи равшанӣ, озодагӣ, инсонпарварӣ, ишқ ва наҷот ҳидоят мекунад.

Осори аз лиҳози маърифату ҳикмат пурбори ин абармарди андеша ва мутафаккири бузург ҳамчун хуршедест, ки сардиҳои замону хаёлҳои яхбастаи рӯзгори муосирро гарм мекунад ва ба зулматҳову торикиҳоион нур мепошад. Дар ин чанд соли охир дар Амрико бо тиражи миллионҳо ба фурӯш рафтани осори Мавлоно аз он шаҳодат медиҳад, ки башар ба каломи саршор аз маърифату ҳикмат имрӯз ҳам сахт муштоқ аст. Мавлоно аз шумори он суханварон аст, ки каломиҷонбахшо ва баланди ӯ, андешаи маънавии ӯ метавонад барои асолати башар, барои маърифату хушбахтии маънавии башар, то зиндагӣ дар меҳвари худ мечархад, хидмат кунад. Дар солҳои истиқлол, бахусус соли 2007 ва баъд аз он, доираи таҳқиқ ва пажӯҳиши осори Мавлоно вусъати тоза касб кард ва китоби ҳозир, ки пеши рӯйи хонандаи хушзавқ ва хушсалиқаи азиз қарор дорад, намунае аз

он аст. Муаллифи ин китоби хонданӣ муҳаққиқ ва шоири азиз Муҳаммадалии Аҷамӣ аст. Ин бародари гиромӣ перомуни шеъру ҳунари шоирони классик, шоирони муосир ва масъалаҳои адабӣ, мақолоти фаровон иншо кардааст, ки аҳли мутолиа аз навиштаҳои ӯ, бовар дорам, огоҳ мебошанд. Муаллиф ин бор ба осор ва андешаи Мавлонои бузург рӯй оварда, ин китоби аз ҳар назар хонданиро дар робита ба осори Мавлоно иншо карда, мутобиқ ба фазои андеша васохтори пажӯҳиш кори худро «Дар қаламрави шеъри Мавлоно» ном мондааст. Муҳаммадалии Аҷамӣ дар ин китоби худ хонандаро ба ҷилваҳои тоза ва ҳанӯз ношинохтаи шеъри Мавлоно ошно мекунад, самти аслии андешаи муҳаққиқ ирфон ва маърифат, ҳикматва аҳамияти маънавии каломи шоири бузург аст, ки воқеан барои ошиқони каломи бадеъ аз аҳамият холӣ нест. «Маснавии Маънавӣ» ва «Девони Шамс» бахонанда дарсихудогоҳӣ, бедорӣ, ҳушёрӣ ва чӣ гуна зистан медиҳад, башар ҳамеша ба чунин дарсҳо ниёз дорад ва муҳаққиқи китоби «Дар қаламрави шеъри Мавлоно» ба осори орифи бузург аз ҳамин зовия нигоҳ мекунад. Муҳаммадалии Аҷамӣ дар хатти ҳамин ҳошия ва дар фарози ҳамин фазонахуст нигоҳе гузаро мекунад ба сохтору сабки суханварии Мавлоно ва дар ин бахш ҳарфҳои тозаву лозими худро дорад, ки хонанда дар зимни мутолиа ба он бештар ошно мегардад. Муҳаққиқ дар ин росто ҷаҳони маънавӣ, андеша, маърифат, мазмун ва ҳикмати каломи Мавлоноро низ таҳқиқу баррасӣ мекунад. Ҳамчунин муҳаққиқ дар боби дувуми ин китоб ҷойгоҳ, муносибат ба осори Мавлоноро дар замони шӯравӣ мухтасар тафсил мекунад ва баъд аз он шукӯҳу шаҳомати ҷашни Мавлоноро дар замони истиқлоли кишвар ҷаззоб ба қалам медиҳад.

Дар боби севум таъсири Мавлоноро аз назари ҳунар ва калом ба шеъри муосир бисёр ҷолиб нишон медиҳад ва дар ин ҳошия ҳузурва таъсири андешаи Мавлоноро дар шеъри шоирон, устод Муъмин Қаноат, зиндаёд Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва Фарзона, Салими Хатлонӣ муфассал таҳқиқ ва баррасӣ мекунад. Муҳаққиқ дар ҳамин хат муносибати шоиронеро, чун устод Аскар Ҳаким, Абдулқодири Раҳим, Озар, Усмон Шарифзода, Ҷаъфари Муҳаммад, Исмоил Зарифӣ, Ҳидоятуллоҳи Раҳмонӣ, Аҳлиддини Ҳисорӣ, Одина Раҳмон низ бо осори

Мавлоно таҳлил ва таҳқиқ мекунад. Боиси хурсандист, ки дар баробари муҳаққиқон ҳастанд шоироне, ки ба таҳқиқ ва пажӯҳиш машғул мешаванд ва дар ҳавзаи накду таҳқиқ корҳои шоистаеро сомон медиҳанд. Бо итминон мешавад гуфт, ин китоби Муҳаммадалии Аҷамӣ дар ҳавзаи мавлоно пажӯҳишӣ корест тоза ва хонданӣ. Бахусус он барои хонандагони ҷавон аз назари нигориш, барои донишомӯзони забону адабиёт аз назари нигариш ва барои ҳаводорони каломи Мавлоно аз назари завқ корест тоза, шоиста ва хуб.

***Носирҷон Салимӣ,***
***Узви пайвастаи Академияи***
***илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# МУҚАДДИМА

Илми адабиёт бидуни таҳқиқ ва пажӯҳиш наметавонад устувор ва пойдор бошад. Ҳар суханваре, ки осори худро чи дар назм ва чи дар наср халқ мекунад, интизор дорад, ки он аз нигоҳи андешамандон таҳқиқ ва баррасӣ шавад, яъне илми адабиёт, танҳо дар қаламрави ҳунарҳои адабӣ хулоса намешавад, балки он ҷилваҳои гуногуни дигар ҳам дорад, чун таърихнигорӣ, инкор ё қабул, таҳқиқ ва пажӯҳиш, баррасии мавзӯъ дар адабиёт, тасҳеҳ, ҷамъоварии осори адиб, матншиносӣ, луғатнигорӣ, тазкиранависӣ, шарҳу тафсир ва ғайра аст. Дар ин самт таҳқиқ ва баррасии шеър низ дар қаламрави адабиёт аз қадим дар миёни аҳли назар ва худи шоирон роиҷ будааст. Ин равиш дар маҷлисҳо ва мафҳилҳои шеър бештар сурат мегирифт ва дар ҳамин маҳфилҳо шоирон аз мақому мартаба,балоғат ва ҷойгоҳи сухани худ ва ё шоири дигар суҳбатҳо меоростанд. Бар ин мабно метавон гуфт, ки меъёрҳои адабӣ аз тарафи аҳли таҳқиқ ҳамеша мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва то адабиёт ҳаст, ин равиш ҳам побарҷой аст. Аввалин нигоҳу таҳқиқро аз назари илми накд (пажӯҳиш-М.А) метавон дар осори шоирон пайгирӣ кард, ки нақди адабӣ имрӯз ҳам аз ҳамон аслҳо кор мегирад. Манучеҳрӣ мегӯяд:

*Шеъри ӯ чун табъи ӯ ҳам бетакаллуф, ҳам бадеъ,*
*Табъи ӯ чун шеъри ӯ ҳам бомалоҳат, ҳам ҳасан.*

Имрӯз низ хонанда аз ҳар навиштаи адабӣ, чи назм, чи наср «ҳам бадеъ» (маъно, андеша, санъатҳои адабӣ) «ҳам малеҳ» (зебоии калом), «ҳам ҳасан» (ҳусни баён) мехоҳад. Агар хонанда аз навиштаи адиб ин ҳамаро дарнаёбад, лаззати маънавӣ ҳам намеёбад ва азоб мекашад. Носири Хусрав гуфтааст:

*Мушк бошад лафзу маънӣ бӯйи ӯ,*
*Мушк бе бӯ, эй писар, хокистар аст.*

Ҳофиз мегӯяд:

*Ҳикояти лаби Ширин каломи Фарҳод аст,*
*Шиканҷи турраи Лайлӣ мақоми Маҷнун аст.*

*Дилам биҷӯ, ки қадат ҳамчу сарв дилҷӯяст,*
*Сухан бигӯ, ки каломат латифу мавзун аст…*

****

*Он ки дар тарзи ғазал нукта ба Ҳофиз омӯхт,*
*Ёри ширинсухани нодирагуфтори ман аст.*

Дар Мавлоно ҳам ин назар бисёр матраҳ шудааст:

*Лафзро монандаи ҷисм дон,*
*Маъниашро дар дарун монанди ҷон.*

****

*Ҳин сухани тоза бигӯ, то ду ҷаҳон тоза шавад,*
*Вораҳад аз ҳар ду ҷаҳон, беҳаду андоза шавад.*

****

*Дилбариву бедилӣ асрори мост,*
*Кор кори мост, чун ӯ ёри мост.*
*Навбати куҳнафурӯшон даргузашт,*
*Навфурӯшонему ин бозори мост.*

Ҳадаф аз навиштан ҷуз ин нест, ки хонанда аз асари адиб, ҳикмат ва маънӣ биомӯзад. Агар ҷуз ин бошад, адибе чунин беҳуда қаламу коғаз фарсудааст. Бар ин маъно мақсад аз ҳар пажӯҳиш баррасӣ, накд, шарҳу тафсир, натиҷагирӣ аст ва ҳар натиҷагирӣ сабаби худро дорад… Ҳамон тавр ки шеър дар тарбияти маънавии башар саҳм мегузорад, таҳқиқ ва пажӯҳиши хуби адабӣ низ метавонад, дар тарбияти инсонҳо муассир бошад. Осори ғании суханварони форс-тоҷик ҳам дар шарқу ҳам дар ғарб ҳамеша мавриди диққати аҳли таҳқиқ будааст. Аммо бо вуҷуди он ҳанӯз паҳлуҳои дастнохӯрда, пинҳон, нокушуда аз ҳар нигоҳ, ки барои илми адабиёт лозим ва зарур мебошад, дар осори шоирони бузурге, ҳамчун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Саноии Ғазнавӣ, Хоқонӣ, Саъдӣ, Ҳаким Низомӣ, Шайх Аттор, Мавлоно, Ҳофиз ва дигарон бисёр аст. Ин ҳолат сабабҳои гуногун дорад. Баъзе аз мавзӯъҳо аз нигоҳи аҳли таҳқиқ дур мондааст ва ё ададбиётшиносон фурсат наёфтаанд ба таҳқиқи ин ё он мавзӯъ даст бизананд. Шояд донишмандон маводи мавриди ниёз ва лозимро дар дастрас надоштаанд ва

низ сохтори сиёсии ҳукумати вақт имкон намедод, ки муҳаққиқ мавзӯи дилхоҳи худро он тавр ки мехоҳад, баррасӣ ва таҳқиқ намояд. Аммо аз дигар тараф ҳам,фарогирии адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ барои ҳар муҳаққиқ кори чандон осоне нест. Аз ин рӯ хоҳ-нохоҳ мавзӯъҳои бисёре, аз таҳқиқ ва баррасӣ дур мондаанд.

Бо мурури вақт бисёре аз мавзӯъҳои нав ба ҳар тариқ ва ҳар сабаб дар қаламрави адабиёт худро шакл медиҳанд. Дер ё зуд мавзӯъҳои тозадар адабиёт диққати аҳли пажӯҳишро ба худ ҷалб хоҳанд кард. Дар зимн дубора метавон ёдрас кард, ки нигоҳ ва муносибат ба ҷилваҳои гуногуни адабӣ, ба сохтор ва мантиқи сухани бузургмардони андеша баъд аз Инқилоби Октябртағйир кард. Барои донишмандон, аҳли таҳқиқ ва пажӯҳиш бисёре аз мавзӯъҳо, чун ифтихори миллӣ, бедории миллӣ, суннатҳои миллӣ, ҳувияти миллӣ, ирфони миллӣ, арзишҳои адабии миллӣ бегона гардид, яъне дигар аҳли пажӯҳиш ва донишмандон бояд назари худро мутобиқ ба сиёсат ва хостаҳои сиёсии ҳукумати вақт баён менамуданд. Бинобар ин дар таҳқиқ ва пажӯҳишҳои худ, донишмандон ҳамеша бар он буданд, ки ҳарферо ё назареро ё нуктаеро хилофи сиёсати вақт дар мақолоти худ наёваранд. Дар давоми ҳуҷумҳои пайвастаи аҷнабиён ба сарзаминҳои ниёкон кутубхонаҳо ба оташ кашида мешуданд, китобҳоро дар обҳо ғарқ мекарданд, оташ дармедоданд. Дар замони ҳукумати Шӯроҳо низ фоҷиаи китобсӯзӣ дар таърихи халқи тоҷик ҳеҷ ҷойи аҷобате надорад. Беҳтарин китобҳои адабӣ аз дасти болшевикони чарминапӯш дар оташи ҷаҳли онҳо сӯхтанд, шаҳид гардиданд. Бархе аз китобҳо баамри тасодуф аз ин балои китобкушӣ дар амон мондаанд. Зиндаёд устод Лоиқ Шералӣ дар робита ба ин мавзӯъ шеъре дорад, пур аз дард,пур аз фарёд:

*… Шуморо ҳам ба зери дорҳо бурданд,*
*Шуморо ҳам чу як қонуншикан куштанд.*
*Шуморо ҳам чу балвогар, чу ягмогар,*
*Чу исёнгар, чу вайронгар,*
*Басе бераҳм парронданд.*
*Шумо дар чоҳҳо,*
*Дар горҳо,*
*Дар гӯрҳои куҳна мадфунед,*

*Шумо ҳам ғарқи дарёҳо,*
*Шумо ҳам ғарқаи хунед.*
*Шумо дар хоку хун ғалтон,*
*Шуморо сӯхт Искандар,*
*Қутайба кард хокистар,*
*Шуморо кушт Чингизхон…*

(Китобҳои шаҳид, Куллиёт, ҷ.1 саҳ.111)

Мардуми фарҳангдӯст ва ошиқи каломи бадеъ, тоҷикон бисёре аз ин китобҳоро дар хотир ва синаҳо ҳифз карданд, нигоҳ доштанд ва бисёре аз ин китобҳо ба ин тариқ то ба рӯзгори мо расидаанд. Хушбахтона, дар ин миён ба бахти мардуми фарҳангпарвари форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ аз шӯри замон дар хиттаи оромтаре (Қуния) ба сар мебурд. Ҳамин оромӣ дар он хитта ва фитрати баланд, ҳикмату суханони пурмаънӣ ва саршори ишқи шоири ориф боис шуд, ки осори ӯ даст ба даст бигардад, дар ҳама қарнҳо азизи ҳама бошад ва низ ҳаводорони бешуморе дошта бошад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Дар зимн бояд гуфт, ки дараҷаи таҳқиқ ва пажӯҳиши осори Мавлоно бисёр-бисёр густарда мебошад, то он ҳад, ки мешавад гуфт, осори ҳеҷ суханвари дигар ба ин вусъат ва бузургӣ омӯхта нашудааст. Ҳаргиз бо як нигоҳи гузаро наметавон тамоми дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқиосори пурбори Мавлоноро фаро гирифт. Ин баҳс дар ҳавзаи сухани Мавлоно худ мавзӯи дигарест, ки аз тарафи аҳли пажӯҳиш, аҳли назар ва донишёронтаҳқиқ мехоҳад, бар ҳақ он мавзӯи бисёр ҷолиб ва ҷиддӣ дар адабиёт аст, ки агар баррасӣ бишавад, аз аҳамияти илмӣ, адабӣ ва таърихӣ ҳаргиз холӣ нахоҳад буд. Бо итминони тамом мешавад гуфт, ки омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии осори Мавлоно аз тарафи муҳаққиқон ҳолати густарда дорад, ки он аз замони шоири ориф то кунун идома дорад. Ба осори ғанию пурбор, пурмоя ва саршор аз ҳикмат, шоиришӯридаҳол, сӯхтаҷон, инсонсолор ва ошиқ Мавлоно, донишмандони шинохта, номвар, бузург ва ҷаҳонӣ дар бахши адабиётшиносӣ, ҳамчун Бертелс Е. Э., Жуковский В. А., Моррес Баррес., Ҳермен Ҳиттер., Аномире Шиммел., Николсон Р., Смирнов А. В., Колман Баркс., Саид Нафисӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Муҳаммадалии Муваҳҳид, Алии Даштӣ, Карими Замонӣ,

Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ, Ҷалолуддини Каззозӣ ва садҳо муҳаққиқи дигар рӯй овардаанд. Дар ҳавзаи таҳқиқу пажӯҳиши осори Мавлоно, Мавлоношиносӣ, донишмандони тоҷик ҳам саҳми шоиста доранд. Дар ин раъс аз корҳои хуби муҳаққиқон ва пажӯҳандагоне ҳамчун Нодир Одилов, Расул Ҳодизода, Маҳмадкул Ҳазраткулов, Шокир Мухтор, Ибибек Зиёев, Муҳиба Маҳмадҷонава, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Баҳриддин Ализодаи Алавӣ, Комилҷон Саидолимов, Ҷамолиддин Саидзода, Салими Хатлонӣ метавон ном бурд.

Дар ҷамъи ин ҳама таҳқиқ ва пажӯҳиш ва шарҳу тафсирҳо нигоштаҳои Абдулҳусайни Зарринкӯб-«Сирри най», «Баҳр дар кӯза», «Пилла-пилла то мулоқоти Худо», Бадеуззамони Фурӯзонфар-«Аҳодиси Маснавӣ», Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ-«Мавлоно ва ҷаҳонбиниҳо», Мулло Ҳодии Сабзворӣ-«Шарҳи Маснавии шариф», Ҷаллолуддин Каззозӣ-«Пири асрор дар дарёи роз», Карими Замонӣ-«Шарҳи ҷомеи Маснавии маънавӣ», Алии Даштӣ-«Сайре дар девони «Шамси Табрезӣ»», Салими Хатлонӣ, «Бенавое дар навои най» бештар диққати маро ба худ ҷалб намуд, зеро аз фазои тахқиқ ва пажӯҳиш ва андешаҳои ин донишварон дар ин рисола кор гирифтаам ва ба ҳадди тавони худ аз матолиби ин азизон баҳра бардоштаам. Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ки дар ин рисола аз он суҳбат мешавад, аз тарафи аҳли назар ба ҳар гуна аст, ки ниҳояти он шинохти худ ва тараққӣ аст. Адабиёт ва матолибе, ки дар робита ба ин мавзӯъ дар он баҳс рафтааст, ҳар кадом равишҳои худро дорад ва ҳар муҳаққиқ мутобиқ ба фазои тафаккури худ бар он рӯй овардааст. Бо ин вуҷуд ҳанӯз ҳарфҳои ногуфта дар робита ба сабк, услуб, ҷаҳони маънавӣ, мазмун, сохтори шеър, ҳикмат, маърифат, эътиқод ва ирфони Мавлоно бисёр аст. Бар ин мабно аз лиҳози таҳқиқ ба ҷамъи ин мавзӯъ, ба тамом аз хатти дигар даст бурдам ва дар ин самт кӯшидаам, ки барои хонанда ҷилваҳои дигартареро нишон бидиҳам. Дараҷаи омӯзиш, таҳқиқ ва ҳам баррасии мавзӯи ҳузури Мавлоно дар шеъри муосири тоҷик бисёр маҳдуд аст ва дар ин робита ҳеҷ кори назаррасе ба чашм намеояд, илло матолибе чандва ишоратҳои бисёр кӯтоҳи Алиасғари Шеърдӯства Алиризо Қазва, ки ин ду ҳам аз ҳамзабонон ва муҳаққиқони эронӣ мебошанд. Дар маҷалаи Донишгоҳ ва Шуъбаи дастхатҳо барои ошноии хонандагон ба фа-

зои ин мавзӯъ ду матлаб нашр гардид. Бовар дорам, ин рисола дар бахши таҳқиқ ва пажӯҳиши осори Мавлоно ва ҳузури маънавии ин орифи бузург дар шеъри муосири тоҷик оғози кори тозае хоҳад буд дар самти Мавлонопажӯҳшӣ.

**Аҳдоф ва вазоифи рисола.** Аҳамият ва моҳияти ин нигошта қабл аз ҳар чӣ дар шинохти каломи ин шоири бузург дар даврони истиқлоли миллӣ мебошад, ҳамчунин аз зовияи навтар,бо нигоҳи тозатар баррасӣ кардани ҷилваҳои сухани Мавлоно. Ҳамзамон дар ин равиш масъалаҳои ташхис ва муайян намудани шигардҳои ҳунарӣ ва маъноӣ ва таъсири шеъри шоири ориф ба шоирони муосири тоҷик аз ҳадафҳои асосӣ дар ин рисола мебошад. Бар асоси фарогирии масоили зикршуда, тарҳи асосии матолиби ин тахқиқро ба шакли зер метавон ҷадвалбандӣ кард:

- Равишу тараққӣ, сабку услуб ва ҷилваҳои адабии баён, забон ва бадеъ дар каломи Мавлоноро дар зимни воковӣ ва баррасӣнишон дода;

- Мақоми инсон, худшиносии инсон, табиат, бедорӣ ва-таъсири ирфони ишқ дар осори Мавлоноро дар тарақии фард омӯхта;

- Дар ин фазо ҷилваҳои назарӣ, маънавӣ, рӯҳонӣ, сабк ва услуби сухан, маърифати баён, талаби камол, ки Мавлоно ин арконро дар зиндагии маънавии инсон муҳим медониста, ташхис карда ;

- Мавқеи Мавлоно дар замони Шӯравӣ ва муносибат бо Мавлоно ва эҷодиёти ӯ дар замони Шӯравиро таҳлил намуда;

- Мавқеи Мавлоно дар ҳаёти адабии Тоҷикистон ва истиқболи мардум аз Мавлоноро дар фазои истиқлол ба мушоҳида гирифта;

-Таъсир ва ҳузури ҳамешагии Мавлоноро аз зовияҳои гуногун дар қаламарви шеъри муосири тоҷикро баррасӣ намуда;

- Сабаб, зарурат ва омилҳои рӯй овардани шоирони тоҷикро ба осори Мавлоноро таҳлил карда, ин таҳқиқро ба хонандагони нуктасанҷ ва хушзавқ пешкаш месозам.

**Арзиши назарӣ ва амалии ин пажӯҳиш:** Қабл аз ҳар чиз ин пажӯҳиш метавонад барои донишомӯзон ва ҳаводорни сухани Мавлоно, ҷиҳати шинохт ва дарёфти ҷилваҳои тозаи ҷаҳони маънавӣ, андеша ва рӯҳнии ӯ роҳнамои хубе бишавад, зеро дар

ин таҳқиқ бисёре аз мавзӯъҳо ва ҳам масоиле чун худшиносӣ, шоирони тоҷик ва Мавлоно, шеваҳои истиқболи шоирони тоҷик аз сухани Мавлоно, бадеият ва асолату балоғатисухани Мавлоно бо нигоҳи дигар баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Ҳамчунин ин баррасӣ барои донишёрон, аҳли таҳқиқ, донишмандон, ба алоқамандони осори Мавлоно, ба муштоқони каломи ӯ, бахусус барои донишомӯзони бахши адабиёт ва забон маводи фаровон ва муфид бидиҳад. Ҳеҷ як муҳаққиқ наметавонад фарогири ҳамаҷонибаи ин ё он мазӯъ дар кори таҳқиқ шавад, аммо он чи баррарсӣ шудааст ва ё мешавад, дар илми пажӯҳиш ҳатман ҷое барои худ хоҳад дошт. Ҳар чӣ ҳаст, ин таҳқиқ дар шинохти маънавии ҷаҳони андеша, сулук, тараққӣ, сухан, маърифат, ирфон ва низ омилҳои истиқболи шоирони тоҷик аз Мавлоно, ба ошиқони каломи бадеъ, ба ҳадди тавон метавонад хидмате бикунад.

**Асосҳои назарӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ин пажӯҳиш бар мабно ва сохтори маъмул ва маъруф, ки дар ҳавзаи адабиётшиносӣ роиҷ мебошад, иншо шудааст. Сарчашмаҳои асосии тадқиқу таҳқиқи ин пажӯҳиш, қабл аз ҳар чӣ осори худи Мавлоно, «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» мебошад. Баъд аз ин ду манбаи бисёр муҳим ва лозим аз осори шоирони муосири тоҷик, ҳамчун устод Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона, Салими Хатлонӣ, Аскар Ҳаким, Доро Наҷот… дар ин пажӯҳиш васеъ истифода шудааст.

**Метадологияи таҳқиқ.** Сохтор, равиш ва нукоти назариву амалии ин таҳқиқ бар асоси кори таҳлилӣ-муқоисавӣ, дар адабиётшиносӣ шакл ва сурат гирифтааст. Дар зимн ҳангоми таҳқиқ ва баррасии масоилӣ лозим аз равишҳои тадқиқотии муҳаққиқонудонишёрони ватанӣ ва хориҷӣ, чун Бадеуззамони Фурӯзонфар, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Саид Нафисӣ, Сируси Шамисо, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Аҳмади Тамимдодӣ, Аълохон Афсаҳзод, А. М. Хуросонӣ, Ҷамолиддин Сайидзода ва дигарон истифода шудааст.

**Тозагиҳо дар ин пажӯҳиш.** Дар ин таҳқиқ бори аввал аз рӯйи меъёри илми адабиётшиносии тоҷик муносибати шоирони тоҷик бо шеъри Мавлоно аз зовияҳои гуногун баррасӣ гардидааст. Дар зимн бардошти маънавӣ, ҳунарӣ ва ирфонии шоирони тоҷик аз осори Мавлоно ба таври қиёс пажӯҳиш шуда,

сабабҳои он ба таҳқиқ гирифта шудааст. Дар ин фазо кӯшиш бар он рафтааст, ки сарчашмаи муҳаббат ва иродати шоирони тоҷик ба Мавлоно возеҳ тавсиф шавад. Ҳамчунин дар ин корбаст тозагиҳои каломи Мавлоно аз назари ҳунари шоирӣ ва андеша бо нигоҳи дигар қалам хӯрдааст, ки барои хонада тозагиҳо дорад. Дар охир ба адабиётшиноси фарҳехта ва бузург, профессор, устод Худоӣ Шариф, ки маҳз бо лутф ва маслиҳатҳои ишон ин китоб таълиф шуд, самимона ташаккур мегӯям. Ҳамчунин ба ҷаноби Саид Нуриддин Саид, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр сипосгузорам, ки маҳз бо пуштибонӣ ва дастгирии ҷавонмардонаи ӯ, ин китоб ба нашр мерасад. Ба донишманди пурмоя, Узви пайвастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Носирҷон Салимии азиз ҳам, ки дар навиштани пешсухани китоб заҳмат кашидаанд, сидқан ташаккур мегӯям.

***Муҳаммадалии Аҷамӣ***

# БОБИ АВВАЛ

## ТАРИҚИ ШЕЪРИ МАВЛОНО АЗ НАЗАРИ СУХАНВАРӢ ВАСОХТОРИ ҲУНАРӢ. САБКИ СУХАНВАРИИ МАВЛОНО

Сабк дар ҳавзаи адабиёт бар маънии шеваи нигориш, шеваи баён, оҳанги забонва ҳолати андешаи адиб аст. Таърифи комили сабк, яъне шинохтикомили сабк ҳанӯз ба аҳли таҳқиқ муяссар нашудааст, зеро «мафҳуми сабк мисли бисёре аз мафҳумҳои дигар масалан (вуҷуд) нисбӣ аст, аммо таърифи ҷомиъ ва монеъи он душвор аст».[1] Ва аҳли мутолиа ҳамеша дар қиёс бо сабк метавонанд садои Ҳофизро аз Фирдавсӣ ва Саъдиро аз Ҳофизу Фирдавсӣ ташхис бидиҳанд. Дар ҳавзаи ҳунари адабӣ ҳар кадом аз ин бузургон гӯиё садои сабки худро дар файли вожаҳо сабт кардаанд. Баробари вуруд ба файли вожаҳо сабки каломи ҳар кадом аз ин шоирони бузург ҷилваҳои худро нишон меиҳад. Бар ин мабно аст, ки сабки хаёл, забон, нигориш, андеша ва баёни ҳар шоир, вижагиҳои ба худ хосро дорад. Сабки шеъри ҳар шоир мутобиқ аст ба ҳолати андеша, тафаккур, зеҳн, дониш, зарфияти ҳунар ва фазои хаёли ҳар шоир дар ҳамин раъс шакл мегирад ва шинохта мешавад. Чунин аст, ки ҳолат, нигариш, нигориш ва ҳатто ритму зарби каломи мусиқии шеъри ҳар шоир аз ҳам тафовут дорад ва ин ҳама тағйиру мутамоизӣ бар мабнои сабк суратбандӣмешавад.

Сабк чӣ розҳои нуҳуфтае дар худ дорад, ваҷҳибартарии каломи як шоир аз шоири дигар дар чист? Ва ин чӣ тафовути мушаххас аст, ки дар як шоир ҳаст ва дар шоири дигар онро наметавон пайдо кард? Чаро дар ҳунари шоирӣ сабки шеъри Саъдӣ аз сабки шеъри Ҳофиз фарқ мекунад? Дар ғазалҳои Саъдӣ чӣ ҳаст, ки забони ӯро аз забони ғазалҳои Ҳофиз ҷудо мекунад ва ҳар кадомро дар сабки мушаххас қарор медиҳад? Ва суоле низ пеш меояд, ки меъёри фарққунанда ва таъйинкунанда дар сабк кадом ҳолат метавонад бошад? Рӯҳи каломи Фирдавсӣ ҳамосӣ аст, аммо ҳамин рӯҳи ҳамосӣ дар каломи шоирони дигар низ бисёр равшан мушоҳида мешавад, пас, чаро сабки Фирдавсӣ мегӯем? Дар ин равишчаро сабки сухани ҳаким Фирдавсӣ аз

[1]Сируси Шамисо «Сабкшиносӣ», Техрон, инт. Фирдавсӣ, соли 1373, саҳ.13

сабки шоирони ҳамосасарои дигар тафовут дорад? Саноӣ, Аттор ва Мавлоно ҳар кадом шеърҳоиирфонӣ гуфтаанд, рӯҳи каломдар ин се орифи бузург бар мабнои ирфон шакл гарифтааст, аммоҳар кадом сабк ва ҳинҷорҳои забонии худро дорад. Ва сабки андеша, ҳолатҳои корбурди калима,фазои забон, риволи нигоҳ, бадеият, сурату лафз, техники баён, шаклдиҳии маъно дар қаламрави шеъри Саноӣ, Аттор ва Мавлоно бунёдӣ, таквинӣ ва гуна-гуна аст. Яъне сохтори сабкии шеъри ин чанд шоир дар як ривол, дар як ҳолати баён, дар як сурати маъмул нест ва фарқи хатти каломи шоирон аз ҳамин ҷо шурӯъ мешавад, ва дар ниҳоят хатти каломи ҳар кадом аз ин шоирони бузург ба фазои мустақил дар баён мерасад. Ҳамин расидан ба фазои мустақилдар хатти забон, шеваи корбурди калимот, зарб ва набзи мусиқии калом ҳар кадомро ба сабки мустақил ҷудо мекунад.

Дар ҳар сурат мешавад хусусиёти сабкро бар як мабнои мувофиқе таъриф кард, сабк он бошад, ки шоир ҳолатҳои андеша, баён, ҳинҷорҳои забонӣ, мусиқии дарун ва бурун дар калимот ва нигаришҳову нигоришҳоихудро дар як шабакаи ҳунарӣ шакл медиҳад ва онро барои хонандаи худ ба намоиш мегузорад. Ва ин фазо танҳо марбут ба як шоир аст ва фазои ҳунарии ҳар шоир дар ин хат дар ниҳоят табдил ба сабк мешавад. Чуночи мисли ҳолатҳои андеша, ҳолатҳои мусиқӣ, ҳолатҳои забон, ҳолатҳои нигариш, ҳолатҳои нигориш, ҳолатҳои санъатҳои бадеъ,ҳолатҳои баён ва ин ҳама вижагиҳо дар як фазои ҳунарӣ сурат мегирад, ин ҳама дар як набз, дар якраъс, дар як хат ҷамъ меоянд, дар як маром метапанд, ки зуҳури маҷмӯи ин арконҳамон сабк аст.

Манзур аз ин муқаддимаи андак таҳқиқ, пажӯҳиш ва баррасии сабки суханварии Мавлоно аст ва сабки истифодаи Мавлоно аз суратҳои бадеъ ба чӣ навъ мебошад ва дар сабки сухани Мавлоно чӣ вижагиҳои ҳунарӣ мавҷуд аст. Арзи ин нукта, қабл аз ҳар чӣ барои дарки ашъори Мавлоно аз он ҷиҳат воҷиб аст, ки фазо ва ҳолу ҳавои каломи ӯро хубтар ва беҳтар аз ин тариқ метавон шинохт. Дар аввалин лаҳза, ки хонанда ба қаламрави каломи Мавлоно ворид мешавад, он чи ба назар меояд, ҳолатҳи маъноӣ ва равонӣ дар осори ин шоири ориф аст. Ҳолатҳои равонӣ ва баёнии шеъри Мавлоно, ҳамон фазои сабки хуросонӣ ва гоҳе ҳам ироқӣ аст, яъне сабки каломи ин шоири ориф қабл

аз ҳар чизи дигар саҳли мумтанеъро ба хотир меоварад. Саҳли мумтанеъ дар санъати шеър бар маънии содаву осон шеър гуфтан бошад, аммо аз назари маънӣ ноб, шигард ва сахт мушкил. Яъне шеърият ва корбурди санъатҳои бадеъ дар сабки ба назар сода ва осон на чандон сода аст, ки тасаввур аз он дорем. Муҳимтарин нукта дар сабки каломи Мавлоно он аст, ки шеъри ӯ дар сурати калимаҳо,яъне ҳаргиз дар зоҳирбандӣ хулоса намешавад, андеша, баён, тасвиргарой ва маъно дар кори ин суханвар танҳо дар сурати калимоти роиҷ худро нишон намедиҳад, балки ин ҳама дар кори шоири ориф чун маъно, муҳтаво, ирфон дар ботини калимот ҷорӣ аст. Тафовути муҳим миёнисабки хуросонӣ ва сабки ироқӣ дар ҳамин аст, сабки хуросонӣ бештар дар баён, нигоҳ ва маъно як ҳолати маъмулро ба тасвир мегирад, аммо дар сабки ироқӣ ҳар ҳолат, дар ҳолатҳои лозим ва агар зарурате пешояд, он метавонад ба таври дигар тасвир шавад ва метавонад чандбуъдӣ ҳам бошад. Оғози сабки ироқӣ бар мабнои сабки хуросонӣ аст, аз ин рӯ содагӣ ва ширинии сабки ироқӣ ҳамеша ёдовари сабки хуросонӣ аст. Ба назари ман сабки ироқӣ ҷилваи тозае аз сабки хуросонӣ аст, ки пухта ва комилтар гардидааст, сабки ироқӣ ҳолати дарунфикриробештар дар худ шакл додааст ва дар ҳамин равиш бештар реша дар шеър доштааст. Ин ҳама ҳалқабандиро дар сабки суханварии Мавлоно метавон ба осонӣ ташхис кард, бо ин вуҷуд ҷилваҳои фаровон аз фазои сабки хуросониро омехта бо сабки ироқӣ дар осори Мавлоно бисёр мешавад пайдо кард.

Як ҷилваи бисёр муҳим дар сабки шеъри Мавлоно ҳолати дарунфикрӣ аст,ин ҷилва равшантарин хат дар осори ӯст, сабки шеъри Мавлоно аз ҳар нигоҳ ин назарро таъйид мекунад. Сабки дарунандешӣ ва дарунгарой дар ҳавзаи кори Мавлоно муҳимтарин рукн ба шумор меояд, дар сохтори шеъри ӯ ин равиш аз равшантарин уфуқҳост, ки ҳаргиз ранг набохтааст. Мавлоно дар ҳама чиз ҷӯши зиндагиро мебинад ва дар ҳама чиз набзи зиндагиро эҳсос мекунад ва мешунавад. Дар осори Мавлоно сарв, бунафша, дарахт, гул, нилуфар ва ҷуз инҳо аз зиндагии озод ва маънавиву рӯҳонии инсон намояндагӣ мекунад, ва ҳар кадом дар зиндагӣ ҳарфи худро,назари худро дорад. Ин сабки каломи Мавлоно дар шеъри шоирони дигар камтар

ба чашм мехӯрад,аммо ин равиш дар осори Мавлоно як ҳолати маъмулӣаст:

*Ба боғ булбул аз ин пас ҳадиси мо гӯяд,*
*Ҳадиси хубии он ёри дилрабо гӯяд.*
*Чу бод дар сари бед афтаду шавад рақсон,*
*Худой донад, к-ӯ бо ҳаво чиҳо гӯяд.*
*Чанор фаҳм кунад андаке зи сӯзи чаман,*
*Ду дасти паҳн барорад хушу дуо гӯяд.*
*Бипурсам аз гул, к-«он ҳусн аз кӣ дуздидӣ?»*
*Зи шарм суст бихандад, вале куҷо гӯяд?*
*Агарчи маст бувад гул, хароб нест чу ман,*
*Ки рози наргиси махмур бо шумо гӯяд.*[1]

Дар сабки суханварии Мавлоно сабзаву гул,об, дарахт, бод, чаман, баҳору ранг барои тавзеҳ ва ташреҳи ҳаёт аст, ба ин хотир истифодаиин вожаҳо дар осори Мавлоно ҳама-ҳама рамзи ирфон, инсонсолорӣ ва маърифату маънавият аст. Маънии вожаҳову таркибҳо ва тасвирҳо дар сабки суханварии Мавлоно чизе фаротар аз он аст, ки дар сурат ва зоҳири калимот ба назар меояд. Дар сабки сухани Мавлоно шеърияту бадеият, лаҳза ба лаҳза тағйир мехӯрад ва нав мешавад ва ҳар лаҳза дар сурати ҷадидтар аз қабл худро зоҳир месозад. (Дар бахши корбурди санъатҳои бадеӣ аз ин сабки каломи Мавлоно муфассалтар суҳбат хоҳад шуд). Табиат дар сабки сухани Мавлоно, дар ҳамон сурати асл зоҳир мешавад, вале аз назари маънӣ фарқ мекунад, табиат дар каломи аз ҳар назар зебо ва пурранги Мавлоно нимодест аз ирфон, маърифат, фарҳанг ва рӯҳоният, яъне табиат дар сабки кори Мавлоно сумбули боварҳо ва ирфони шоир аст. Бар ин мабно сабки хаёл, сабки фикр ва андеша, сабки забон ва баён, нигаришу нигориш ва бадеияту шеърият дар осори орифи бузург, яъне Мавлоно дорои фазои махсус аст, ки аз шоирони дигари сабки хуросонӣ ва ироқӣ фарқ мекунад.

Сабки Мавлоно, шеваи баёни ӯ, дар шигардҳои ҳайратангези ҳунари ӯ пинҳон аст, ин равиш каломи ӯро таровату тозагӣ бахшида, ки ҳанӯз ҳам дар балоғату малоҳат беназир аст, бо

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, Теҳрон, инт. Амири Кабир, соли 1377, саҳ. 193

итминон мешавад гуфт, ки каломи Мавлоно назири худро надорад. Яъне, Мавлонои бузург тавонистааст дар масири тафаккур ва сабки андеша, дар равишҳои истифода аз суратҳои бадеъ, дар сабки мазмун, ҷилваҳои махсуси худро шакл бидиҳад ва ин ҷадвалбандии махсуси шаклҳои баёни маъноро дар осори шоирони дигар наметавон суроғ гирифт. Бо ин ҳама ҳаҷми бузурги осор, аҷаб он мебошад, ки сабки баён дар сухани Мавлоно печида, такрорӣ, дилгиркунанда нест, балки аз ҳар лиҳоз бисёр табиӣ, дилчасп ва ҳам равону зебо, шево, мамлу аз балоғати шеър аст. Бо он ки дар қарни Мавонои бузург сабки равони шеъри хуросонӣ ҷойи худро андак-андак ба сабки ироқӣ иваз мекард, боз ҳам сабки сухани Мавлоно ҳамоно ҳолати сабки хуросониро ба хотир меоварад. Аммо нуктаи ҷолиб он аст, ки Мавлоно муҳтаво ва рӯҳи сабки хуросониро дар корҳои худ меполояд ва аз ин лиҳоз, каломи пурбори Мавлоно гоҳе ҳам табдил ба сабки ироқӣ мешавад, аммо на ҳамеша. Дар корҳои худ Мавлоно, бахусус дар сабки андешаи худ ҳамеша ҳарфи тоза аз маънӣ ва ирфонро иброз медорад ва дар ҳамин фазо сабки хоси худро халқ мекунад, ки имрӯз дар адабиёт бо номи сабки Мавлоношинохта мешавад.

Осори Мавлоно авҷи шеъри ирфонӣ аст ва «Девони Шамс» намунае аз навъи ғазали ирфонӣ аст. Дар сабки сухани Мавлоно, шеваи корбурд аз санъатҳои бадеӣ ҷадид ва нав мебошад. Ин фазо дар ҳавзаиандешаи шоир дар як ҳолати маҳдуд намемонад, балки ҳар лаҳза дар ҳолати дигар ва маънии навтар рух нишон медиҳад. Дар ин раъс бояд зикр кард, ки авзони ғазалҳои Мавлоно якдаст нест ва он гуногун мебошад, шоир ҳудудан аз чиҳилу ҳашт вазн истифода кардааст. Сабки бештариғазалҳои Мавлоно самоӣ буда, ки ағлаб дар маҷлиси самоъ хонда мешуд, рӯҳи нишот, шодӣ, тараб дар ин даст аз ғазалҳои Мавлоно, бисёр равшан мушоҳида мешавад ва ин ҷилва низ навъе аз сабки суханварии шоир аст. «Мавлоно шоирест соҳиби сабки хеш, бисёре аз таобиру нигоҳҳо хоси худи ӯ мебошад ва лизоғазали ӯ аз ғазалҳои дигарон комилан аз назари фарқ (қиёс) мутамоиз аст».[1] Ҳамон тавр ки иброз гардид, сабк ва тарзи суханварии Мавлоно решаҳое дар сабки ироқӣ дорад,

---

[1]Сируси Шамисо, «Сабкшиносии шеър», Теҳрон, инт. Фирдавсӣ, соли 1382, саҳ. 224

аммо пурбортару навтар аст дар соҳати забон, маънӣ, сурат ва санъатҳои бадеӣ. Як рукни калом дарсабки Мавлоно, ки ҳамеша тоза аст ва ҳамеша ҳатто мудерн, забони зебо ва шевои шоир аст, ӯ дар тавсифи зебоӣ бисёр мумтоз аст ва зебоиро ҳамеша нишоту тараб ва шодобии рӯҳ медонад. Зебоӣ дар осори Мавлоно шукӯҳманд, бекарон ва рӯҳбахш аст, Мавлоно балоғату нишотва рангҳои зебоиро дар фаросӯи калимаҳо ҷустуҷӯ мекунад, ва сафари рӯҳонии шоир ба воҳаи ирфон,ба воҳаи зебоӣ аз сулук дар вожаҳо оғоз мешавад. Мавлоно қодир аст ҳар лаҳза дар шинохти зебоӣ ва кашфи зебоӣ ба маънии тозатар даст ёбад. Дар ин равиш дар сабки кори худ ҳамеша аз ҷилваҳои ҳунар метавонад ба таври бисёр ҳайратангезекор бигирад ва ин ҳама ҳолатҳои тамошоиродар калимот пайванд бизанад, чунон пайванде, ки ҳунари ӯро дар шеъру шоирӣ арзиш ва маънӣ додааст.

Сабки баён дар зебогароии Мавлоно дар ғазал аз шоирони моқабли худ чун Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Анварӣ, Хоқонӣ, Саноӣ фарқ мекунад, дар баробари монандиҳои маъмул батамом дигар аст, тафовутҳои куллӣ дорад. Бисёре аз вожаҳо ҳамчунхок, чаман, баҳор, дарахт, наргис, гул, осмон, насим, боғ, ҷон, рӯҳ, зиндагӣ, марг, нишот, тараб, ғам, андӯҳ, шароб, соғар ва… дар сабки сухани Мавлоно аз лиҳози маъно, бадеият ва баён худро навтар кардаанд. Сабки баён ва корбурди тасвиру ташхис ва санъатҳои бадеӣ дар осори Мавлоно рӯҳу ровони пӯё ва набзи гарму диданӣ дорад. Ташхис низ дар тасвири шеъри Мавлоно мумтоз аст. Дар ин ташхис ҳаёту ҳаракат боризтар аст, ба тавре ки ба эътибори таъбир ташхисро ба тасовири ӯ махсус медорад. Тасвирҳои чун «дасти рӯзгор», «чашми замона» дар ашъори шоирони дигар дар бофте ба кор рафта, ки онҳоро дар ҳадди як истиораи изофӣ нигоҳ доштааст. Аммо вақте Мавлоно мегӯяд:

*Биёр он ҷомихушдамро, ки гардан мезанад гамро,*

*Ё:*

*Пеши оби лутфи ӯ бин, оташе зону зада…*

Одамӣ дар онҳо ҳиссу ҳаракату зиндагиро ба гунаи бориз мебинад».[1]Дигар аз равиши муассир дар сабки сухани Мавлоно, сабки забони ғазалҳои ӯст, ки дар миёни осори шоирони бузурги ғазалсаро аз ҷилваҳои махсуси худҳикоят мекунад. Забони ғазалҳоиМавлоно мамлуаз маъно, балоғати баён, таъбиру тамсилҳои зариф аст. Мавлоно дар корбурди вожагон ҳаргиз дар як ҳолати расмӣ маҳдуд намемонад, балки домани истифода аз вожагонроаз нигоҳи гуногун густардатар кардааст. Бояд ҳам зикр кард, ки ин шеваи истифода аз вожагон дар халқи шеър, махсуси сабки суханварии шоири ориф аст. Сабки забони шеъри ӯ мисли дарё мавҷ дар мавҷ ҷорӣ аст, ки амвоҷи бешумори маънӣ ва шеърро дар оғӯши худ ҷо додааст. Сабки андеша ва сухани пурбори Мавлоно илова бар ирфон, эътиқоду адаб ва сунан, аз аркони санъатҳои бадеӣ низ ғанӣ аст. Мавлоно суханвари чирадастест, ки дар сабки кори худ аз ҳамаи василаи баён истифода мекунад ва дар кори шеър саҳнаҳои гуногун аз ҳунари худро барои хонанда ба намоиш мегузорад.

Дар ин хат сабки мусиқӣ низ дар шеърҳои Мавлоно бисёр ҷаззоб аст ва зарбҳои мусиқии шеъри Мавлоно бештар дар ҳавои самоӣ аст, ки рӯҳро ба рақс меоварад. Ҳамчунин нишоту шодӣ, тараб ва ғамситезӣ низ дар сабки сухани Мавлоно мақому ҷойгоҳи лозим, бисёр баланд, шоиста ва арзандаеро соҳиб аст. Оромиш ва сукут, хоси сабки шеъри Мавлоно нест, ҳашру нашр дар каломи Мавлоно авҷ мезанад, қиём, ҳаракат, пӯёӣ махсуси сабки сухани ӯст. Аркони санъатҳои бадеӣ, аз ҳар лиҳоз дар ашъори Мавлоно, ба масал ломати роҳнаморо мемонад, аммо фарқ он аст, ки ин аломатҳо дар масир ва печу хами андешаҳо қарор доранд. Ҳузури пайваста ва набзи гарми саноеъи бадеӣ дар каломи шоири ориф мухотабро дар масири ҳаракати андеша ва тафаккурроҳнамоӣ мекунад ва мухотаби ҳушёрдар масири ин ҳаракат худро аз тасодуфҳои фикрӣ метавонад наҷот бидиҳад. «Замоне, ки бихоҳад аҳволи ваҷдомези худро баён кунад аз суратҳои бадеъ ва тозаи адабӣ суд меҷӯяд, ки дар навъи худ беназир аст».[2]

---

[1]Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, «Гузидаи ғазалҳои Шамс», инт. Амири Кабир, соли 1377, саҳ. 19

[2]Аҳмади Тамимдодӣ «Хусусиёти ғазалҳои Мавлоно», инт. Алҳудо, Теҳрон, соли 1373, саҳ.106

Дар «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс»-и Мавлоно ҷаззобият ва кайфият ва маърифати тозаро ҳамвора мешавад эҳсос кард ва мафтун аз маъниҳои бикр дар шеърҳои ӯ шуд. Сабки суханварии Мавлоно дар қаламрави шеър мисли рӯдхонаи пурмавҷ аст ва ҳар мавҷ дар партави андешаи шоир, як ҳолати тамошоӣ ва маъноии худро дорад. Ҳаракати рӯдхона аз рақси амвоҷ зеботар ва маҷзубтар мегардад, сабкисуханварӣ дар рӯдхонаи шеъри Мавлоно бад-ин гуна аст. Аммо ин ҳаракат дар рӯдхонаи тафаккури шоир ончунон тунд аст, ки наметавон бо як нигоҳ ҳама амвоҷи бадеъро ташхис кард. Сабк ва мавҷи ҳаракати ҳунар дар рӯдхонаи шеъри Мавлоно тамошоӣ, зебо ва бисёр ҷаззоб аст, тамошои он чашмро равшантар, зеҳнро қавитар, ҳушёртар ва рӯҳро дар фитрати инсон бедортар месозад. «Аз мушаххасоти муҳимми шеъри ӯ мусиқии қавӣ, ҳақиқатнамоӣ, бовардошт, дар балоғату нишот, ғамситезӣ, ваҷҳи шабакаҳои навини ирфонӣ, вуфури талмеҳ, забони хуби сумбулик ва ирфони жарфсохти ҳамосӣ аст»[1]. Ҳамин ҳаловати балоғат, ҳолва завқи Мавлоно аст, ки умқ ва қуввати таъсир дар каломи ӯ мавҷ мезанад, аз ин ҷост, ки сабки каломи шоири ориф сангинтарин ҳисси хуфтаро низ бедор месозад. Дар ин фазо бояд зикр кард, ки ин таъсири шигарфи каломи Мавлоно аз маърифати дарунгароӣ ва дарунандешии ӯст, ки инсонҳоро камоли завқ мебахшад ва дар шинохти худ ва бедории дарун ӯро тарбият медиҳад. Ин сабки сухани Мавлоно дар ҳавзаи шеъру шоирӣ, бахусус дар ғазалҳои ӯ, дар рангҳои мутаннавеъ ба чашм мехӯрад ва ҳузури суратҳои бадеъро дар ҳар ранге маънӣ мебахшад.

Ҳисси бедору огоҳ ва басирати дарун мебояд, ки дар тавон ташхис, ламс ва шинохтиҷилваҳои шеъри Мавлоно муваффақ шуд, зеро дар ғайри ин наметавон шеъри шоирро дарк кард ва фаҳмид. Маҳз, ҳузури гарми суратҳои бадеӣ аст, ки сабки каломи Мавлоно ҳамеша тоза, ноб, пурбор, васаршору оканда аст аз лаззат ва кайфияти шеър. Ва ин лаззату шавқ, кайфият дар «Маснавии маънавӣ» ва дар «Девони Шамс»-и Мавлоно дар ҳар байт, ҳатто як мисраъ ва ҷамъи ғазалҳои шоир эҳсос мешавад. «Чизе, ки дар осори Мавлоно ҳамаша мавҷ мезанад, нав

---

[1]Шамисо Сирус, «Сабкшиносии шеър», инт. Фирдавсӣ, Теҳрон, соли 1363, саҳ. 227

будани сухани ӯст. Хонанда ҳеҷ гоҳ аз вуруд дар осори Мавлоно малул намешавад. Ӯ худро ид хондааст:

*Боз омадам чун иди нав, то қуфлу зиндон бишканам,*
*В-ин чархи мардумхорро чанголу дандон бишканам…*

«Ид» яъне рӯзи нав, рӯзе, киодамиён ҷомаи нав мепӯшанд, ҷаҳониён ҷомаи нав мепӯшанд. Тароват аз сару рӯйи замин меборад ва ҳамагон бо орзуи тоза шудан ва таровват ёфтан ба истиқболи ид мераванд».[1]Аз ин навишта чунин натиҷа мешавад гирифт, кисабки каломи Мавлоно дар мухотаби худ, ҳар лаҳза як таҳаввулоти тозаро ба бор меоварад ва ин таҳаввулот пайваста дар зеҳн ва хотир такрор мешавад ва онроинтиҳо набошад. Истифода аз ҷамъи суратҳои бадеъ собит мекунад, ки Мавлоно дар халқи шеър, бахусус кори ғазал, фитрат ва маҳорати тамом дошта, аз ин услуб ва ин равиш бисёр муфид истифодакардааст ва сабки каломи шоир дар ин фазо устувортар ва ҷаззобтар ба назар меояд. «Бузургтарин маҳорати ҳар шоире дар корбурди ташбеҳот аст, шеъри беташбеҳ чун ҳусни нooроста ва чун гули нопироста аст. Шоири бузург он аст, ки мушаббаҳи худро ба чизе ташбеҳ кунад, ки дар ҳама ҷо ва дар ҳар замон битавонад ёфт ва ҳар кас лафз ва шевоии онро дарёбад».[2] Дар ин ҳошия бояд зикр кард, ки инсон ҳамешава ҳар замон худро дар худ таҷриба мекунад, ҳамин таҷриба ва ҳамин шинохтан инсонро нав мекунад,камол мебахшад. Аз ин назар сабкикоркарди суратҳои бадеъ дар ғазалҳои Мавлоно танҳо барои зебоии зоҳир дар бофти калом нест, балки барои ҳамон таҷриба аст, ки инсон бар он ҳамеша ниёзи рӯҳӣ дорад ва ин хат равшантарин, комилтаринсабк дар осори Мавлоност. Мавлоно дар сабки суханварии худ ба инсон ҳамеша тариқи нав дидан, кашф кардан ва тоза гуфтанро тавсия кардаст ва дар зимн аз суратҳои бадеъ шоирона кор гирифтааст:

---

[1]Абдулкарими Суруш, «Қимори ошиқона», инт. Тулӯъ, Теҳрон, соли 1389, саҳ.3-4
[2]Саъид Нафисӣ, «Муҳити зиндагӣ, аҳвол ва ашъри Рӯдакӣ», Теҳрон, соли 1361, саҳ. 446

*Зи рӯйи туст, ид осор моро,*
*Биё, эй иду идӣ ор моро.*
*Ту ҷони иду аз рӯйи ту, ҷоно*
*Ҳазорон ид дар асрор моро.*
*Чу мо дар нестӣ сар даркашидем,*
*Нагирад ғуссаи дастор моро.*
*Шуморо атласу шаъри хаёлӣ,*
*Хаёли хуби он дилдор моро.*
*Шуморо ид дар соле ду бор аст*
*Дусад ид аст ҳар дам кор моро.*
*Шуморо симу зар бодо фаровон,*
*Ҷамоли холиқи ҷаббор моро…*
*Шуморо асби тозӣ бод беҳад,*
*Буроқи Аҳмади мухтор моро.*
*Агаролам ҳама ид асту ишрат,*
*Бирав, олам шуморо, ёр моро.*
*Биё, эй иди акбар, Шамси Табрез,*
*Ба дасти ину он магзор моро.*[1]

Дар ғазали ҳозир ташхис ва иҳом аст, киба мушоҳида мерасад, ва ҷилваҳое аз истиора низ ба назар меояд, Мавлоно барои манзури ирфонӣ ва рӯҳонии худ аз суратҳои бадеъ он тавр, ки зарур аст, бисёр густардаистифода кардааства дар сабки сухани шоир, ин ҳолатҳоҳаргиз тира ва камранг нест. Бузургтарин ҳунари Мавлоно дар сабки ғазал он аст, киба ҳар ҳолат,ба ҳар санъати бадеъ, ҳар калима, таркибу ибора, тасвир метавонад рӯҳ ва ҷони маънавӣ бидиҳад. Ҳамон тавр ки гуфта шуд, дар сабки сухани Мавлоноаз ҳузури суратҳои бадеъ, ҳолатҳои маъно ва шеър дарғазалҳои ӯ ҳазоргуна мешавад, умқи андеша,вусъати нигоҳиин шоири орифро наметавон дар сатҳи андак рақам зад, ин ҳол ҳаргиз хоси каломи Мавлоно ва сабкиҳунари ӯ нест. Ҳамчунин бояд иқрор кард, ки истифодаи оёт ва ҳадис дар сабки шеъри шоир танҳо дар ҳадди назм нест, балки барои тақвият ва пурбории ирфон ва фикр аз ин равиш кор мегирад.

Ин аст, ки мафҳуми оёт ва ҳадис дар сабки кори Мавлоно, танҳо дар сурати назм ба кор нарафта, балки аз файзу нусрати оёт ва ҳадис пеш аз ҳама каломи худро рӯҳи тоза додааст ва за-

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли1377, саҳ.117

бони ғазалҳои худродар ин раъс ширину дилпазир кардааст. Ин ҳарф аз тарафи аҳли назар собит шудааст, ки танҳо бо корбурди қофияву авзон ва радиф, шеър рух аз худ нишон намедиҳад, яъне қолаб ва сурати калимот бо ин равиш ҳаргиз ба шеър табдил намешавад, агар санъатҳои бадеӣ дар сохтори шеър мавқеи шоиста надошта бошанд. Дар «Девони Шамс» гунаҳои бисёри тасвир, шеърият, бадеият, халлоқияти андеша, маънигароӣ, ҷилваҳои санъатҳои адабӣ фаровон ба чашм мехӯрад, ки ҳама барои ранг додан ба шеър ба кор рафтаанд. Мавлоно дар истифодаи суратҳои бадеъ, чун талмеҳ, лафз, маъно ташбеҳ, ташхис киноя, истиора ва... қабл аз ҳар чиз ба маъно ҳақ медиҳад истифода кардааст ва аз ин ҷо аст, ки ҳамеша дар сухани Мавлоно, ҳолати маъно дар хатти аввал қарор мегирад.

Яъне дар сабки каломи Мавлоно ин ҳама аркон даст ба дасти ҳам медиҳанд, то маъно ва паёми шоир расотар ва зеботар дар калимот шакл бигирад. Мавлоно дар сабки кори худ ғазалро ба баландтарин авҷи мақом мерасонад, каломи зоҳидонаи Саноӣ, Хоқонӣ ва шайх Атторро ҷилваҳои нави маъно медиҳад ва ғазал дар корҳои Мавлоно рангинтар, рӯҳонитар, бадеътар, ва ирфонитар мешавад. «Шеърҳои зоҳидонаи Саноӣ дар сабки ироқӣ ба шеъри ирфонии Аттор ва Мавлоно табдил мешавад». [1] Сабки ғазалҳои Мавлоно дар ҳавзаи суратҳои бадеъ он гуна аст, ки мухотаб дар диди шеър, танҳо шеърро ҳис мекунад, шеърро ламс мекунад, Мавлоно ба халлоқияти фитрӣ ва нигориши гарм каломро, қофияву радифро, авзонро дар фазои санъатҳои бадеӣ ба шеър табдил медиҳад. Рӯй овардани шоирон ба қолаб ва ё жанри ғазал, дар қарни шашум сурат мегирад ва дар қарни Мавлоно ҷилваҳои тозатареро дар баён, маъно, тафаккур ва дар суратҳои бадеъ касб мекунад. Оғози таваҷҷуҳи бештари шоирон ба қаволиби дигари шеър дар қарни шашум аст.«Дар ин қарн ба тафсиле, ки дар кутуби сабкшиносӣ мазкураст, аз шиддату ваҳдати қасида (шеъри маҳдӣ) коста шуда ва шоирон ба қаволиби дигари шеърӣ низ таваҷҷуҳ ёфта буданд».[2]Дар ин шумор Мавлоно дар

---

[1]Хусрави Фарошидрӯд, «Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ», инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1367, ҷ.2, саҳ. 764

[2]Шамисо Сирус, «Сайри рубоӣ», инт. Фирдавсӣ, Теҳрон, соли 1374, саҳ.66

қарни худ ғазалро он тавр ки ишорат шуд, мақому мартабае ончунон дод, ки баъд аз ӯ ҳам ин мақому мартаба ҳамчунон ба номи ӯ ҳак мешавад.

«Ашъори маъниофарини ин орифи бузург, ки мантиқуттайри сайру сулуки симурғи қофи маърифат аст, раҳоварди гаронбаҳое аз ирфону ахлоқ ва худшиносӣ ба олами инсоният ба шумор меравад».[1] Ин ҳама шигардҳои ҳунар дар сабки каломи Мавлоно аз куҷост ва ӯ чӣ тавр муваффақ шуда, ки каломаш ҳамеша муассир аст, таъсири каломи ӯ ҳаргиз кам намешавад? Муҳимтарин нукта дар сабки сухани Мавлоно ба инсон додани шукӯҳ, мақом ва мартаба аст, яъне Мавлоно инсонро ба асли худ мехонад ва дар ин даъват ҳамчунин ба инсон роҳ нишон медиҳад, ки худро чӣ тиврбозсозӣ кунад. Аз ин ҷост, ки Мавлоно ҳаргиз кори суханро ба шӯхӣ нагирифтааст ва ҳамеша дар халқи калом бисёр ҷиддӣ аст,бар ин мабно ва ин фазост, ки ҳамвора сабки сухан, баён, андеша ва маърифати Мавлоно шакл гирифтааст ва сабки сухани шоир мушоҳидавукашф аст, на аз риволи илми ҳусулӣ ва иктисобӣ. Ин ҷилваҳои каломи шоири ориф бисёрпаҳлу ва густарда аст.«Нуктаи авҷи фикр ва дарёфти хавотир, аз дидгоҳи Мавлоно шояд бар хилофи интизори мо, навъе фикри оварданӣ аст, аммо ин фикр на аз синх ва ҷинси илми ҳусулии иктисобӣ, балки фард бар он ҳоким мешавад».[2]

Мавлоно дар сохтори шеъри худ аз ҳама гуна суратҳои бадеъ густарда ва ҳунармандона истифода мекнунад ва агар ҳузури он ҳама дар каломи Мавлоно ҳазф шавад, сабки зебоӣ ва шевоӣ, ширинӣ ва балоғату малоҳат низ дар фазои ғазалҳои шоири ориф тира мешавад. Ва маҳз ҳузури суратҳои бадеъ аст, ки дар ғазалҳои шоир фаросӯи мушоҳидаро дар чашм равшантар нишон медиҳад, ва ҷилваи боризи сабки Мавлоно дар ҳамин фазо маънӣ пайдо мекунад. Дар сабки калом ва андешаи Мавлоно аз баракати ин ҳама аркону абзор ва ҳам тафаккури ирфонии шоири ориф калимаҳо ба бадеияти шеър мерасад ва таҷаллии шеър дар ин фазо фурӯғи дигаре мегирад, фурӯғи му-

---

[1]Аббоси Кайманишӣ, «Партави ирфон», инт. Маҳорат, Теҳрон, соли 1366, саҳ. 10

[2]Саъдии Раҳмониён, «Мавлоно ва дин», инт. Сурайё, Теҳрон, соли 1386, саҳ. 113

кошифа ва мушоҳида. Агар кори шоир бисёр шигард аст, ҳам аз нигоҳи лафз ва ҳам аз нигоҳи маъно ҳар навъ тағйир дар калимот, агар ҳам маънӣ ҳифз шавад, костӣ ва қубҳ дар сабки каломи шоирмешавад. Ва дар сабки каломи шоирони бузург чунин тағйир доданҳо, аз ҳар лиҳозе, ки он бошад, ғайримумкин аст ва дар сабки сухани Мавлоно низ ҳамин равишро метавон мушоҳида кард. Аз ин назар сабки андеша, баён, нигоҳ, ва лаҳни сухани шоироне аз ин дастро дар адбиётшиносӣ, сабки устувор ва пойдор гуфтаанд, чун сабки сухани Мавлоно.

Дар «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно ҳамонтавр, ки арз гардид сабки баён, андеша, маъно, забон бисёр устувор ва пойдор аст ва тағйири калимот дар онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ имкон надорад. Ҳар калима дар сохтори шеъри шоири ориф ва дар хатти сабк мутобиқ ба ҳолатҳои андеша, баён, бадеият, маънӣ ҳузур дорад ва ҳар калима мутобиқ ба ҳолати лозимшеъри шоирро ҳусн додааст. Чунин аст, ки ҳадди зебоӣ ва шевоӣ, ҷазби лафз дар шеваи сабки ғазалҳои Мавлоно якранг ва якбор нест, балки он печида дар таҷаллии ҷамол ва камол аст, ҷамоли лафз ва камоли маъно:

*Эй тавбаам шикаста, аз ту куҷо гурезам?*
*В-эй дар дилам нишаста, аз ту куҷо гурезам?*
*Эй нури ҳарду дида, бе ту чӣ гуна бинам?*
*В-эй гарданам бибаста, аз тукуҷо гурезам?*
*Эй шаш ҷиҳат зи нурат чун оина-ст шашрӯ,*
*В-эй рӯйи ту хуҷаста, аз ту куҷо гурезам?*
*Дил буд аз ту ҷаста, ҷон буд аз ту раста,*
*Ҷон низ гашт хаста, аз ту куҷо гурезам?*

Ғазали ҳозир дар фазои лафз, дар фазоибаён ва дар фазои корбурди дақиқи калимаҳо ба маъно ва шеърият расидааст, дар сабки кори шоири ориф, сурати зоҳир дар ҷилваҳои балоғат ва фасоҳат вадарунбинии калимаҳо худро шакл додааст ва дар фазои маъно ғазал ранги тамом аз шеърро гирифтааст. Сурат ва маъно дар канори ҳамҳолу ҳаво ва фазои ғазалро ҷаззобу ширин кардааст ва ин ҳолати сабк дар осори Мавлоно, ҳамеша дар балоғати андеша қарор дорад, ки он ҳама дар хатти лафз ва маъно ба ҳам омадааст. «Дар мабоҳис ва мутолиоти адабӣ лафз ва маънӣ (сурат ва маънӣ) ҳамеша дар канори якдигар матраҳ

шудаанд ва аз рӯзгорони куҳан ва қадим, бархе чун Ҷоҳиз ва Қуддома ибни Ҷаъфар ва қозӣ Абдулазизи Ҷурҷонӣ ва Абӯҳилоли Асғарӣ муътақид ба бартарии лафз будаанд. Ва бархе ҳам чун Абӯумари Шайбонӣ, Абулқосими Ҳасан ва Фахри Розӣ,ҳамагӣ бар маънӣ аҳамият медоданд. Ибни Қутайба ва Ибни Таботабоии Алавӣ лафзу маънӣ ва ҳардурониз муҳим медонистанд».[1]

Ба таҳқиқ мешавад гуфт, ки сохтор ва сабки сухани Мавлоно аввал дар гарави устувории маъно ва мафҳум, лафз, баён ва ирфон устувор аст ва баъд бар усули фасоҳат ва балоғати калом. Ин равиш ва ин сабки ҳунар, ҷонмоя ва рӯҳикаломи Мавлоно аст, ҳам дар «Девони Шамс» ва ҳам дар «Маснавии маънавӣ», бо ин назар бо итминон мешавад гуфт, Мавлоно устоди мукаммали маъно ва лафз аст дар ҳунари шеър ва шоирӣ. Бо ин вуҷуд бархе аз аҳли шеър бар ин назар ҳастанд, ки сабки шеъри қадим ба рӯҳи замони муосир созгор нест, зеро шеъри қудамо ва сабки шеъри онон аз шурут ва қавоиди хос бархӯрдор аст. Ва аз назари ишон шеъри қадим ва сабки он, дар сохтор ва қолабҳои дастурии омода аз пештанзим мешавад, ва тавоноии баёни мафҳум ва андешаи шоир дар ин маҳдуда мешиканад. Аммо ман бар он мебошам, ки ин назар пояи мантиқӣ надорад, зеро халқи шеър бештар ба тавоноии ҳунар ва зоти шоир марбут аст ва сабки сухани қадим наметавонад барои шоири ҳунарманд садд бишавад. Барои он ки ин назар собит шавад, танҳо рӯй овардан ба «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» кофист, зеро дар онҳо ҳанӯз ҳам калому шеър ва маъно ҳамчунон муассир ва тозаву нав буда, ниёзҳои маънавӣ ва рӯҳонии башарро имрӯз ҳам ин ду асар ҳамчунон ки мебояд, бароварда месозад. Сабки каломи Мавлоно ҳамчунон муассир ҳасту зебо ва оканда аз маъниву андеша, тасвир ва маърифати шеър. Ин ҳарф ғалат нест, агар бигӯям, дар шуҳуд ва кашфи шеъру маъно, дар шинохти баёну тасвир ва дар корбурди лафзу маъно, дар бадеияти калом, қудрати андеша ва сабки нигориш ва нигариши Мавлонобисёр жарф ва дақиқ аст. Саноӣ мегӯяд:

---

[1]Маҷаллаи «Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ», шумораи 13, Машҳад, соли 1368, саҳ.68

*Эй пур дури гӯши ман зи чанг,*
*В-эй пур гули чашми ман зи ранг.*[1]

Агар ба ин байти Ҳаким Саноӣ аз нигоҳидирӯз ва нигоҳи имрӯз назар шавад, он чи дар ҳис ангеза мебахшад, ҳамон ангезаи шеър аст,ин байт имрӯз ҳам мудерн мебошад, ҳам дар сабки баён ва ҳам дар сабки маънонигарӣ. Ин байт бо он ки дар сабки суннатӣ иншо шудааст, баён ва балоғати маъно дар он ҳамчунон нав ва тоза мебошад, маъно, шеър ва калимаҳо дар ин байт озод нафас мекашанд, нафаси шеър. Дар байти ҳозир роиҳаи лафзва маъно зеҳну хотирро муаттар месозад ва рӯҳ аз ин фазо нашъат мегирад, дар ин байти маҳдуд, маъно маҳдуд нест, шеър маҳдуд нест, пас, сабки ҳунар ва салиқа дар халқи шеър муҳим бошад. Дар халқи шеър агар ин фазо набошад, он мондагор ҳам нест, танҳо рӯзе чанд он дар ҳавзаи сухан ба сар мебарад, баъд хоҳад мурд.

Дар сабки суннатӣ ҳар вожа ва ҳатто мусиқии ботин, таносуби садо, қофия, радиф ва ҳар кадом аз ин аркон нақши бисёр муҳимро бар шона доранд. Радиф ва қофия дар сохтори ғазал танҳо барои танзими мисраъ ва хушоҳангӣ нест, балки дар рӯҳи маъно низ муассир аст. «Радифи зебо на фақат ҳусни ихтитоми ҳар байт аст ва зебоии онро меафзояд, балки маъноро ба ваҷҳи аҳсан ҷилвагар намуда, сафи абёти қасидаву ғазал ва рубоиро ба якдигар чунон мепайвандад, ки дигар тамоми силсилаи он абёт дар вазну маъно ба он муҳтоҷ гардида, дар ниҳояти амр кулли байтҳоро ҳамчун аҷзои ҷудоинопазири як пайкари тамом, дар худ таҷассум менамояд».[2] Дар сабки сухани Мавлоно истифода аз радиф ва қофия он тавр аст, ки он бояд бошад ва ин аркон дар ғазалҳои Мавлоно як рукни устувор аст, дар сохтор ва сабки сухани шоири ориф.Яъне шеъри ӯ дар радиф ва қофия, ҳам аз назари маъно ва ҳам аз назари лафз дар сабки кори шоир сахт гиреҳ хӯрдааст:

---

[1]Санойии Ғазнавӣ, Девон, инт. Зайтун, Теҳрон, соли 1389, саҳ. 236
[2]Аълохон Афсаҳзод, «Камоли Хуҷандӣ устоди ғазал», Душанбе, инт. Пайванд, соли 1375, саҳ. 175

*Бурун кун сар, ки ҷони сархушонӣ,*
*Фурӯ кун сар зи боми бенишонӣ.*
*Ба ҳар дам рахти муштоқони худро*
*Бад-он сӯ каш, ки бас хуш мекашонӣ.*
*Ки ошиқ ҳамчу селу ту чу баҳрӣ,*
*Ки ошиқ чун қуроза-сту ту конӣ.*
*Зиҳӣ оромгоҳиҷумлаҷонҳо,*
*Аҷаб афтод ҳусну меҳрубонӣ.*
*Зи хубӣ рӯйи маҳро хира кардӣ,*
*Ба раҳмат худ чунонтар аз чунонӣ.*
*Ба ҳар тире ҳазор оҳу бигирӣ,*
*Зиҳӣ шере, ки бас сахтакамонӣ.*
*Ба ҳар баҳре, ки тозӣ ҳамчу Мӯсо,*
*Шикофад баҳр, то дар вай намонӣ.*
*Ҳама ҷон дар шакар доранд аз васл,*
*Ки ҳар як гуфти моро нест сонӣ.*
*Ба кӯҳи Тӯри ту бисёр Мӯсо*
*Зи ғайрат гуфта, не-не лан таронӣ.*
*Зи Шамсиддин бипурс асрори ланро*
*Ки Табрез аст дарёи маонӣ.*[1]

«Қолабҳои суннатӣ ба пойбандии устуворе, кидар тӯли таърихи худ ба қавоид ва равобити сахтгирона пайдо карда буд, дигар наметавонист онмаосили ҳаёти иҷтимоии муосирро баён кунад».[2] Ва аммо рафт ва гузашти замон собит кард, ки назаре чунин пояи солим надорад, қубҳро на дар сабки қадим ва қолабҳои қадим, балки дар ҳунари шоирон бояд ҷуст. Имрӯз ҳам ғазал, дарҳавзаи шеър аз маҳбубтарин қаволиб ба шумор меояд ва ҳанӯз ҳам ғазалҳои «Девони Шамс»-и Мавлоно посухгӯи он ҳама ниёзҳои маънавии мардум ва иҷтимоъ мебошад. Сабки сухани ин шоири ориф ҳамчунон гарму равшан, дилнишинва хушояндасту дилписанд, барои ҳар хушзавқ ва хонандаи сухансанҷу сухандон. Фикр мекунам, бо гузашти вақт он омили асосие, ки завқи мардумро ба ғазал кунд кард, дар якранг шудани лафзу маъност, на дар сохтори ғазал.

---

[1]Куллиёти Шамс, ҷ.2, инт. Нақши Эрон, Теҳрон, соли 1386, саҳ.985
[2]Муҳаммадҷаъфари Ҳаққӣ, «Чун сабӯи ташна», инт. Ҷам, Машҳад, соли 1375, саҳ. 77

Сабки якранги сухан ва такрори фаровони маънову тасвир, радифу қофияҳои ба ҳам монанд дар қолаби ғазал хонандаро аз он дур кард. Дар шеъри муосири тоҷик низ фазое чунин пеш омада буд, ағлаб ба жанри ғазал нигоҳи манфӣ доштанд. Аммо зуҳури шоире чун зиндаёд Лоиқ Шералӣ авҷи саршор ва рӯҳи бедореро дубора ба ғазал бахшид. Пас дар ҳар қолаб муҳим салиқа, нигариш, лафзи ҷадид ва маънои ноб аст. «Таваҷҷуҳ ба сохти табиии забон ва талош барои баёни самимона, муҳимтарин абзори шоирон барои эҷоди иртиботи отифии бештар аст».[1] Мавлоно дар кори худ, ҳамворадар фазои сабке чунин сухан мегӯяд, дар ин маънӣ худ фармудааст; хун ки меҷӯшад манаш аз шеър ранге медиҳам. Ва ҳамин мисраъ худ ишорати равшан аст ба сабки сухан ва андешаи шоири ориф. Дар осори Мавлоно мафтун шудан ба сурат ва мусиқӣ асли матлаб нест, агарчанде ҷои сурат ва мусиқӣ ҳам дар осори Мавлоно бисёр волост. Бояд дар ғазалҳои шоир рӯҳ ва ҷони каломи ӯро ламс кард ва дар ҳамин фазо сухани шоири орифро шинохт, зеро мақсуд дар каломи ӯ шинохтани маърифат ва ирфон аст.

Ин назар дар адабиётшиносӣ меҳолуд нест, гирифта нест, балки равшан асту офтобӣ, бар ин мабно бо итминони комил мешавад гуфт, ки дар саросари «Девони Шамс», ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно, ки сабки сухани ӯро муайян мекунад, маърифати ишқ аст:

*Роҳе пур аз балост, вале ишқ пешвост*
*Таълимамон диҳад, ки дар ӯ бар чӣ сон равем.*

Касеро, ки ишқ пешвост, ҳаргиз ҳақ надорад дар тарбият ва ҳидояти башар беҳунарона сухан бигӯяд, ва Мавлонои бузург на аз ин тоифа аст.Аз ин рӯ паём ва ҷаҳони андеша ва башорати ӯро танҳодар зоҳири калом ва дар зоҳири ҳунар набояд, ки таҳқиқубаррасӣ кард. Мавлоно дар сабки кори худ аз вожае чун маърифат махсус истифода кардааст ва аз ин назар шеърҳои худро «лавҳи маърифат» ном ниҳодааст, ки ин баён бисёр дуруст ҳам ҳаст ва он бар маънии талаби камол бошад:

[1]Сайиди Боқирӣ, «Шеъри имрӯ», инт. Алҳудо, Теҳрон, соли 1372, саҳ. 25

*Инак он Нӯҳе, ки лавҳи маърифат киштии ӯст,*
*Ҳар кӣ дар киштиш-ояд, гарқаи тӯфон кунад.*
*Ҳар кӣ аз вай хирқа пӯшад, баркашад хирқай фалак*
*Ҳар кӣ аз вай луқма ёбад, ҳикматаш Луқмон кунад.*[1]

Маънии аввал дар ин байт ишора аст ба сураи Қамар, оёти 13-14 аз Қуръони карим: «Ва бардоштем Нӯҳро дар киштӣаз тахта ва меху расан (ки он киштӣ бо назари мо ва ҳифзу инояти мо) равон гардад, то ин ки мункирон ба он бало муҷозот шаванд».[2] Ва Луқмон ҳакимест, ки воқеияти таърихии ӯ ба дурустӣ маълум нест. Номаш дар Қуръони карим омада ва маҷмӯае аз ҳикматҳо ва пандҳо ба номи ӯ шуҳрат дорад. Дар фарҳанги ҷоҳилият Луқмони Ҳаким устура ва нимоди дарозумрӣ аст. Ва аммо ин абётро маънои дигар бошадва он дониш, фаҳм, ирфон, ва маърифат аст ва сабки суханварии Мавлоно ҳамеша дар ин ҷилваҳо ба асолат ва балоғати шеърӣ мерасад. Манзури Мавлоно ин аст, ки каломи ӯ дар зиндагии башар, танҳо барои ҳидоят аст, ба сӯи тавҳид, бедорӣ, огоҳӣ, худшиносӣ,камоли маънавӣ, раҳоӣ аз ҷаҳл ва корбурди таркиби «лавҳи маърифат» дар осори шоири ориф барои ҳамин манзур аст. Ин аркон, яъне роҳҳои шинохтани маърифат, ҷавҳари инсонии худ, асолати инсонии худ, ҳувияти инсонии худ дар сохтори каломи Мавлоно равшантарин хат ба шумор меояд.

Ҳар хонандае, ки ба каломи Мавлоно рӯй меорад,танҳо ва танҳо бояд аз ҳамин зовия ӯро бишиносад, дар ғайри он аз сухани Мавлоно ҳаргиз наметавонад баҳраи маънавӣва маъноӣ бигирад. Мавлоно мегӯяд, ҳар кӣ бар киштии маърифати ман биншаст, ҳидоят ёфт ва аз ҳама гуна тӯфонҳои замон ва ҳаводис наҷот хоҳад ёфт. Аммо ҳар кӣ аз он ғафлат варзид, аз он огоҳ нашуд, ҳидоят наёбад ва дар тӯфони ҳаводис ва замонҳо ғарқ гардад. Манзури Мавлоно аз тӯфони ҳаводис ғафлат, гумроҳӣ ва ҷаҳли мураккаб низ бошад. «Мо ниёзманди онем, ки буруз аз зиндагии рӯзмарраамон, аз одатамон, аз танбалии фикрӣ, ки ғаробати дунёро аз назарамон пӯшида медорад, бе-

[1]Девони Шамс, Теҳрон, инт. Нигоҳ, соли 1372, саҳ.451
[2]Қуръони маҷид, сураи Қамар, оёти 13-14

рунамон кунад».[1] Барҳақ ҳам чунин аст, сабки сухани Мавлоно ва муҳтавои он, шигардҳои ҳунарии каломи шоир танбалии фикрӣ ва зеҳниродар фитрат, дар тафаккур ва сиришти инсонҳо мешиканад ва ниёзҳои маънивии инсонро бароварда мекунад ва инсонро дар ҳама ҳолатҳо камоли рӯҳонӣ мебахшад. Дар ин раъс, нақши забон, ҷилваҳои забон, балоғати забон дар сабки сухани Мавлоно бисёр муассир аст, забони гарм, ширин, шево ва болиғ, шеъри ин шоирибузургро рангубор додааст, рангҳои саршор аз маънӣ ва шеър.

«Рӯзгори мо дигар рӯзгори забони фохир, муҳташам ва печида нест. Мо дигар наметавонем, дар ин асри пурдағдаға ба монанди забони Хоқонӣ ё забони шоироне мисли ӯ бинависем. Зиндагии имрӯзи мо бо печидагӣ ва дағдаҳои фаровоне рӯ ба рӯст, ки роҳе надорем ҷуз он ки ба содагӣ паноҳ барем. Чунки шеър ҳам ба монанди зиндагӣ аз ин қоида мустасно нест. Масири ҳунар рӯ ба печидагист, аммо ҳунарманд бояд, ки баёни худро рӯз ба рӯз содатар кунад».[2] Сабки сухани Мавлоно дар ғазал аз ҳамон оғоз мутобиқ ба фитрат ва зеҳни мардум будааст, ҳам аз нигоҳи лафз ва ҳам аз нигоҳи маъно, бо содагии саршор аз завқу шавқ ва ҳузури шеър. Мавлоно дар сабки сухани худ ҳаргиз ба содагии мутлақ нагаравидааст, балки аз ширинии он, таровати он, аз латофати он, аз рангорангии он бисёр болиғ истифода кардааст ва онро ҳамон тавр, ки худи шоир мегӯяд, аз шеър ранге додааст. Ҳузури бадеият ва шеърият дар сабки Мавлоно аз ҳамин равишҳо нумӯ мегирад. Мавлоно рӯҳи шеърро дар қолаби калимот дамид ва рӯҳи калимотро дар шеър, дар ин сабки кори худ аз донишҳои иҷтимоӣ, ирфонӣ, динӣ ва таҷориби рӯзгор фаровон кор гирифтааст. Ин ҷилваҳо, яъне корбурд аз дониш, ҳикмат ҳам дар «Девони Шамс» ва низ дар «Маснавии маънавӣ» биёр равшан дида мешавад, ки ҳусни сухани ин бузург аз ин ҷо нашъат гирифтаст.

«Дониш яке аз шеваҳои расои сухан аст, бо ёрӣ ҷустан аз он метавонем бо чеҳраҳои гуногуни хаёл ошно шавем. Шоирон бо ёрӣ гирифтан аз аносири хаёл тавонистаанд беҳтарин

---

[1]Увжин Юнску, тарҷ. Мустафо Қариб «Назарҳо ва ҷадалҳо», инт. Бузургмеҳр, Теҳрон, соли 1370, саҳ.32

[2]Муҳаммадалии Баҳманӣ, маҷаллаи «Шеър», шумораи 32, соли 1382, саҳ.64

тасвирҳои адабиро дар шеър падид оваранд».[1] Дониши рӯҳонӣ, ирфонӣ ва иҷтимоии Мавлоно дар саросари осори ӯ равшан ба чашм меояд ва ӯ дар корҳои худ аз ин донишҳо ба таври лозим ва шоиста истифода кардааст, ин равиш сабки сухани ӯро аз ҳар назар ҳусн, ҷамол, камол ва иззат бахшидааст. Бар ин мабно аст, ки ҳар он чи имрӯз ҳам хонанда аз Мавлонои бузург, хоҳ манзум ва хоҳ мансур мехонад, ба ваҷд меояд, ҳайратзада мешавад.Сухани пурбор ва малакутии ӯ дарҷонузеҳни хонанда менишинад, ҳисси хушк, коҳил ва кундро бедору пӯё месозад:

*Биё, то қадри ҳамдигар бидонем,*
*Ки то ногаҳ зи якдигар намонем.*
*Чу муъмин оинайи муъмин яқин шуд,*
*Чаро бо оина мо рӯгаронем?*
*Каримон ҷон фидои дӯст карданд,*
*Сагӣ бигзор, мо ҳам мардумонем.*
*Ғаразҳо тира дорад дӯстиро,*
*Ғаразҳоро чаро аз дил наронем?*
*Гаҳе хушдил шавӣ аз ман, ки мирам,*
*Чаро мурдапаросту хасми ҷонем?*
*Чу баъди марг хоҳӣ оштӣ кард,*
*Ҳама умр аз гамат дар имтиҳонем.*
*Кунун пиндор, мурдам, оштӣ кун,*
*Ки дар таслим мо чун мурдагонем,*
*Чу бар гӯрам бихоҳӣ бӯса додан,*
*Рухамро бӯса деҳ, к-акнун ҳамонем.*
*Хамуш кун, мурдавор, эй дил, азеро*
*Ба ҳастӣмуттаҳам мо з-ин забонем.*[2]

Сабки нигориш, лафз, маъно, таносуб ҳама бояд дар шеър ба ҳам даст бидиҳад, то каломи шоир табдил ба як ҳунари адабӣ бишавад. Ҳамон тавр, ки гуфта шуд, лафз шеърро ороста ва пироста месозад, ин оростагиро маъно аст, ки рӯҳ ва ҷон мебахшад. Рӯҳи урёни шеър дар пӯшиши суратҳои адабӣ зеботару шевотар мегардад, дар ин хат бояд гуфт, ки сабки содасарой оғози дуре дорад ва имрӯз ҳам ҷилваҳои ин сабк мавқеъва

---

[1]Муҳаммадтақии Гударзӣ, «Симурғи хаёл», инт. Килки симин, Теҳрон, соли 1387, саҳ.15
[2]Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ. 298

мақоми худро ҳифз мекунад. Лафзи дар назар сода, вале пурбор аз маонӣ дар шеър, бахусус ғазал кори содае набошад. Хоқонии Шарвонӣ аз он шоиронест, ки дар халқи шеър ва сабки худ забони фохире дорад, ҳатто ӯ ҳам дар халқи шеър сабки сода, вале дар маъно мушкилро таҷриба кардааст. Яъне ҳатто забони фохири ин шоир ҳам, аз баёни сода дар лафз ва пурбор дар маънӣ холӣ нест:

Сабки забони фохир:

*Бӯсагаҳи осмон наъли саманди ту бод,*
*Нурдиҳи офтоб бахти баланди ту бод.*
*Хоҷаи ҷонӣ ба лутф, шоҳи чаҳонӣ ба қадр,*
*Гардани ҳар гардане роми каманди ту бод.*
*То руху раъйи туро дарнарасад чашми бад,*
*Мардуми он чашмҳо ҷумла сипанди ту бод.*
*Ханҷари ту чун паранд равшану бозинат аст,*
*Хуни дили ҳосидон нақши паранди ту бод.*
*Номзади некуӣ бар дари айвони туст,*
*Номзади хуррамӣ чашми нажанди ту бод.*
*Ишқи туро то абад ҷой зи ҷони ман аст,*
*Ҷони маро то аҷал қувва зи қанди ту бод.*
*Ман чӣ сагам, ай дарег, к-оям дар банди ту?*
*Он ки ман он бандаам, бастаи банди ту бод.*
*Сурмаи Хоқонӣ аст хоки сари кӯи ту,*
*Афсари хоқони Чин наъли саманди ту бод!*

Сабки забони сода:

*Дило, бо ишқ паймон тоза гардон,*
*Бароти ишқ бар ҷон тоза гардон.*
*Ба куфраш з-аввал имон ору он гаҳ*
*Чу имон гуфтӣ, имон тоза гардон.*
*Намози ошиқон бе бут раво нест,*
*Суҷуди бутпарастон тоза гардон.*
*Чӣ ронӣ киштии андеша бар хушк?!*
*Гарат сӯзест, тӯфон тоза гардон.*
*Баҳар дардет дармон ҳам зи дард аст,*
*Ба дарди тоза дармон тоза гардон.*
*Хироҷиҳарду олам бурд хоҳӣ,*
*Нахуст аз ишқ фармон тоза гардон.*

*Дил азрақпӯшу туркон зарқпӯшанд,*
*Дилатро хирқа з-эшон тоза гардон.*
*Сафол аст ин ҷаҳон, райҳони ӯ умр,*
*Ба оби ишқ райҳон тоза гардон.*[1]

Ин ду ғазал аз назари сабк ва лаҳни баён батамом аз ҳамдигар фарқ мекунад, сабки забони ғазали аввал он тавр, ки мушоҳида мешавад бисёр фохир аст, аммо забони ғазали дувум гармтару равшантар ва равонтар азғазали аввал аст. Мавлоно дар ҳамин сабк бо андак тағйир аз ин ғазали Хоқонӣ истиқбол кардааст:

*Навбаҳоро, ҷони мои, ҷонҳоро тоза кун,*
*Богҳоро бишкуфону киштҳоро тоза кун.*
*Гул ҷамол афрӯхтасту мург қул омӯхтаст*
*Бе сабо ҷунбиш надорад, ҳин, сабоpo тоза кун.*
*Сарву савсанро ҳамегӯяд: «забонро баргушо»*
*Сунбула бо лола мегӯяд: «вафоро тоза кун».*
*Аз гули сурӣ қиёму аз бунафша бин рукӯъ,*
*Барги раз андар суҷуд омад, салоро тоза кун.*
*Раъд гӯяд: «Абр омад, мушкҳо бар хок рехт»,*
*Эй гулистон, рӯ бишӯву дасту поро тоза кун.*

*Наргис омад сӯи булбул, хуфта чашмак мезанад,*
*«К-андар о андар наво, ишқу ҳаворо тоза кун».*
*Булбул он бишнид аз ӯву бо гули садбарг гуфт:*
*«Гар самоъат майл шуд, ин бенаворо тоза кун».*[2]

Дар ғазали фавқ сабки сухани Мавлоно дар рангҳои гуногун, рангҳои саршор аз тасвир, рангҳои шод ва маъноҳои нобу бикр рух нишон медиҳад, баёни гарм, нарм, латиф, мавзун, лафзи шево ва зебо, табъи равон, дар содагии калом ғазалро шукӯҳ додааст, ҳам аз назари маъно ва ҳам аз назари шеър. Осори Мавлоно, аз ин ҳама отифа ва аз ин ҳама ҷилваҳои ҳунар мамлу аст. Каломи Мавлоно сараввал каломи андеша ва маъно мебошад ва дар марҳалаи дигар каломи завқ, бар ин ма-

[1] Хоқонии Шервонӣ, маҷаллаи «Фарҳанг», соли 2008, шумораи 2, саҳ 39.
[2] Гузидаи ғазалиёти Шамси Табрезӣ, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ.388-389

бно шеъри Мавлоно барои хонандаи ҳушёр, огоҳ ва доно аст, чунки ҷӯши дарун ва маъниҳои мастури каломи ӯ аз ҳар хонанда диққат мехоҳад. Бинобар ин хонандаи хушзавқ ва ҳушёр, ҳамеша барои хондани каломи Мавлоно фурсати дубораро бетобӣ мекунад. «Ҳар шеър фурсати тозаест дубора барои иртиботи шоир бо мухотабоне хос, ба ин маъно, ки ҳар шоир дар тӯли замони шукуфоии худ обунмони гурӯҳе, ҷамъияте, иқлиме, ҷаҳоне мешавад, ки барои хондани шеъри тоза ё дуборае аз ӯ бетобӣ мекунад».[1] Шеъри Мавлоно дар қаламрави сухан аз ин шумор аст, саршор аз отифа, ҳис, бадеияти калом, маърифат, ирфон ва ишқба инсон. Тасаввур бар он дошта бошед, ки шумо ворид ба як боғи пур аз дарахт мешавед, дар ин боғ ҳар навъ аз дарахт, чун гелос, зардолу, нок, себ, олуча, хурмо ва … дида мешавад. Аммо боғ ҳанӯз ба шукуфатан, ба баргу бар нарасидааст, боғ гулбор нест, дар ҳолате чунин аз боғ дар хотири шумо чӣ мемонад, сукут, буҳт ва соязори баланди дарахтон.

Аммо боз ҳам дар як ҳолати дигар вориди ҳамин боғ мешавед ва фазо батамом дигар аст, ҳар дарахт дар шукуфа ва гул нишастааст ва ҳисси шукуфтан дар хотири шумо мавҷ мезанад. Сабки сухани Мавлоно дар халқи шеър ба ин гуна мебошад, саршор аз эҳсоси шукуфтан вадарахти андешаи шоир ғарқ аст дар шукуфаҳои шеър ва маъно. Ҳарфе нест, ки Мавлоно мутафаккир, ориф ва суханварест чирадаст, ҳунарманд ва ин бардошт ба маънии тамоми ин калимааст, ӯ аз он суханваронест, ки ҳар калимаро дар кори худ бузург мекунад ва арзиш медиҳад. Ба ин тариқ сабки каломи Мавлоно саршор аз суратҳои бадеъ ва рангҳои тасвир аст, ки дақиқтарин маънӣ ва зарифтарин андешаро ба бар дорад. Дар хиттаи сабки сухани Мавлоно тасвири табиат, рангҳои табиат низ ҷои махсусе дорад ва Мавлоно аз рангҳои табиат барои кашф ва дарёфту шинохти розҳои ирфон ва ҳазрати дӯст истифода кардааст. Дар «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» риояти мантиқи калом ва маъно, ҳикмат ва ҳамзистии инсон бо табиат ба хотири умқ додан аст, бадеияти шеърро. Табиат дар каломи Мавлоно худродар ҳама рангҳо, ки дорад, нишон медиҳад, нафас мекашад, зиндагӣ мекунад ва бо инсон баробар зиндагӣ мекунад,

[1]Маҷаллаи «Шеър», соли 1383, шумораи 40, саҳ. 2

ҳарф мезанад. Дар осори Мавлоно инсон ва табиат дар канори ҳам қарор доранд ва ҳамдигарро комил месозанд, дар сабк кор ва услубишоири ориф сифати табиат равшан ва ноб аст. Инсон дар сабку услуби коргоҳи андешаи Мавлоно ба табиати зебо шукӯҳ мебахшад ва инсон ҳам аз табиат шукӯҳ мегирад, шоири ориф, дар ҳар тасвир аз табиат як паём ва як башоратро ба хонанда намоиш медиҳад:

*Суратгари наққошам, ҳар лаҳза буте созам,*
*В-он гаҳ ҳама бутҳоро дар пеши ту бигдозам.*
*Сад нақш барангезам, бо рӯҳ даромезам,*
*Чун нақши туро бинам, дар оташаш андозам.*
*Ту соқии хамморӣ, ё душмани ҳушёрӣ,*
*Бо он ки кунӣ вайрон, ҳар хона, ки месозам.*
*Ҷон рехта шуд бо ту, омехта шуд бо ту,*
*Чун бӯи туро дорад, ҷонро ҳама бинвозам.*
*Ҳар хун, ки зи ман рӯяд, бо хоки ту мегӯяд:*
*Бо меҳри ту ҳамрангам, бо ишқи ту ҳамбозам.*
*Дар хонаи обу гил бе туст хароб ин дил,*
*Ё хона даро, ҷоно, ё хона бипардозам.*[1]

Он тавр, ки дар ин ғазали зебо ва шево ба назар меояд, Мавлоно ҳудро тасвиргаре медонад дар калом ва ҳар лаҳза бо калимот накшеро наққошӣ мекунад ва ин сабки тасвир аз шоир ҷуз ҳунар, отифа ва завқ мехоҳад. Мавлоно дар сабки нигориши худ ҳолати ранг, маъно ва ҷилваҳои тасвирро бисёр зариф ба кор мегирад:

*Об занед роҳро, ҳин, ки нигор мерасад,*
*Мужда диҳед богро, бӯи баҳор мерасад.*
*Роҳ диҳед ёрро, он маҳи даҳчаҳорро,*
*К- аз рухи нурбахши ӯ нури нисор мерасад.*
*Чок шудаст осмон, гулгулаест дар ҷаҳон,*
*Анбару мушк медамад, санҷақи ёр мерасад.*
*Равнақи боғ мерасад, чашму чароғ мерасад,*
*Ғам ба канора меравад, маҳ ба канор мерасад.*
*Тир равона меравад, сӯи нишона меравад,*
*Мо чӣ нишасатаем пас, шаҳ зи шикор мерасад.*

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 281

*Боғ салом мекунад, сарв қиём мекунад,*
*Сабза пиёда меравад, ғунча савор мерасад.*
*Хилватиёни осмон то чӣ шароб мехӯранд,*
*Рӯҳ харобу маст шуд, ақлу хумор мерасад.*[1]

Тасвири табиат дар шеъри Мавлоно аввал реша дар ирфону маърифат дорад ва баъд дар тасвиру ранг ва ҳолатҳои ҳис. Шоири ориф дар пушти ҳар тасвир ва ҳар ранг як ҳолати маънавиро баён медорад ва хонандаро танҳо дар фазои тасвир нигоҳ намедорад, балки дар баробари тасвирҳои пурранг барои хонандаи худ фазои маънавиро ҳам ба армуғон меоварад. Яъне хонандаро ҳаргиз дар ҳисори рангҳо ва тасвирҳо, он тавр ки дар шеъри имрӯз роиҷ аст асир намесозад. Хонандаро аз фарози рангҳову тасвирҳои тамошоиву писандида, ҳунармандона дуртар мебарад, ба сӯи маъно ва матлаб.

Мавлоно ҳам дар «Маснавии маънавӣ» ва ҳам дар «Девони Шамс» аз равишҳои гуногуни калом, аз ҷилваҳои бисёр равшан тасвирҳое чунон месозад, киҳар тасвирсозеро ба ҳайрат меовард. Шоири бузург зебоии тасвирҳоро дар умқи маъно ба инсон нишон медиҳад ва инсонро дар ин фазо вомедорад, ки табиатро ҳис кунад, бо ӯ ҳарф бизанад, унс бигирад ва ҳамроз бишавад. Шоири ориф шеваи нигариш ва тариқати муомила бо табиатро дар инсон тарбият мекунад, аммо инсонро ҳаргиз кӯчактар аз табиат тасвир намесозад,ба инсон мақому мартабаи бузург медиҳад. Мавлоно аз ҳолат, равиш ва воқеиятҳои табиат дар ғафалат нест, балки он ҳамаро бо нигориши орифона ва ошиқона дар шеърҳои худ ташхис мекунад ва ба суханаз ҳар лиҳоз бадеият медиҳад. Боядарз дошт, ки дар «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ», инсон ва табиат барои комил кардани ҳам сифат шудааст, табиат аз ҳузури инсон дар осори Мавлоно аз ҳар лиҳоз шод ва зебо худро намоиш медиҳад. Ҷилваи табиат ва ҳузури инсон дар осори Мавлоно тоза, зебо, шево ва дар ҳадди болиғтавсиф шудааст. Мавлоно дар сабки кори худ ба табиат аз зовияи ирфон нигоҳ мекунад ва ба ҳолатҳои табиат ҷилваҳои рӯҳонӣ медиҳад. Дар шеъри Мавлоно ҳасратгароӣ аз табиат эҳсос намешавад, инсон ва табиат дар шеъри шоир ҳамеша даст ба дасти ҳам зиндагӣ мекунанд.Аз нигоҳи

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 111-112 илваҳои рӯ

Мавлоно инсон дар оғӯши табиат аст, бояд маърифати табиат-ро фаҳм кунад, дарк кунадва бишносад, дар ин самт инсони огоҳ бештар ба қудрати парвардгори худ ошно шавад. Хонанда дар осори Мавлоно ба табиат жарфтару амиқтар менигарад, то онро хубтару беҳтар аз қабл бишносад, дарк кунад:

*Эй навбаҳори ҳусн, биё, к-он ҳавои хуш*
*Бар боғу роғу гулшану саҳро муборак аст.*
*... Ҳар баргу ҳар дарахт расулест аз адам,*
*Яъне, ки киштҳои мусаффо муборак аст.*
*Чун баргу чун дарахт бигуфтанд бе забон,*
*Бе гӯш бишнавед, ки инҳо муборак аст.*
*Меоядам ба чашм ҳамин лаҳза нақши ту,*
*Валлаҳ, хуҷаста омаду ҳаққо муборак аст.*
*Нақше, ки ранг баст аз ин хок, бевафост,*
*Нақше, ки ранг баст зи боло, муборак аст.*
*Бар хокиён ҷамоли баҳорон хуҷаста аст*
*Бар моҳиён тапидани дарё муборак аст.*
*Дилро маҷол нест, киаз завқ дам занад,*
*Ҷон саҷда мекунад, ки «Худоё муборак аст».*[1]

Манзур аз тасвири табиат ва аз нишон додани рангҳои табиат дар сабки андешаи Мавлоно дарк ва шинохти маърифат ва сулук дар ботин аст ва мурод дар ин тавсиф боздиди худ ва шинохти худ дар ин бекарон аст. Мавлоно дар фазои тасвир ва шеваҳои сабки баёни худ,табиатро ба зиндагии маънавии инсон пайванд мезанад ва дар ин хат аст, ки табиат дар каломи Мавлоноба як инсон табдил мешавад.Ба як инсони шокир ва зокир, комил, инсоне, ки батамом оканда аз дарси маърифат, аз дарси ишқ ва ирфон аст:

*Омад баҳори ҷонҳо, эй шохи тар, ба рақс о,*
*Чун Юсуф андар омад, Мисру Шакар ба рақс о.*

****

*Боғ салом мекунад, сарв қиём мекунад*
*Сабза пиёда меравад, ғунча савор мерасад.*

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 80

****

*Раъд ҳамезанад дуҳул, зинда шудаст ҷузву кул,*
*Дар дилу шоху магзи* гул бӯи баҳор мерасад.[1]

Дар сабки суханварии Мавлоно тасвири гуна-гунаи табиат, нигоҳ ба табиат, бисёрпаҳлу аст ва ҳаргиз он хонандаро хаста намекунад, тасвири рангҳои табиат дар бархе аз ғазалҳои Мавлоно аз матлаъ то мақтаъ ҷорӣ мешавад. Ин равиш дар саки ғазалҳои шоири ориф танҳо барои намоиш нест, балки хулосаи ҳамон ирфон аст, ирфони муҳаббат, ишқ, ростӣ ва бедориву огоҳӣ:

*Гули хандон, ки нахандад, чӣ кунад?*
*Алам аз мушк набандад, чӣ кунад?*
*Нори хандон, ки даҳон бигшодаст,*
*Чунки дар пӯст нагунҷад, чӣ кунад?*
*Моҳи тобон, ба ҷуз аз хубиву ноз*
*Чӣ намояд, чӣ писандад, чӣ кунад?*
*Офтоб ар надиҳад тобиши нур,*
*Пас бад-он нодира гунбад чӣ кунад?*
*Ошиқ аз бӯи хуши пираҳанат*
*Пираҳанро надаронад, чӣ кунад?*
*Тани мурда, ки бар ӯ баргузарӣ,*
*Нашавад зинда, нагунҷад, чӣ кунад?*
*Дилам аз чанги ғамат гашт чу чанг,*
*Нахурӯшад, натарангад чӣ кунад?*
*Шери ҳақ шоҳ Салоҳиддин аст*
*Накунад сайру нағуррад чӣ кунад?*[2]

Мавлоно дар сабку услуби кори худ барои тасвири табиат аз равишҳои гуногуни адабӣ, ки саршор аз булуғ, бадеият ва аслоти шеър аст истифода кардааст, шоири ориф дар кори худ,ҳатто дар як мисраъ як тасвири комилро шакл додааст. Дар истилоҳи адабӣ фикр мекунам ин сабкро, мешавад «тасвири як мисраъ» унвон кард, шоирдар ҳаҷми як мисраъ, як тасвири комилро, дар маънои комилметавонад, ки нишон бидиҳад.

[1]Ҳамон ҷон саҳ. 56, 58, 59, 112,114
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 137-138

*Рӯзест андар шаб ниҳон, турке миёни ҳиндувон…*

****

*Халқ чу мургобиён, зода зи дарёи ҷон…*

****

*Маънӣ ба саҷда ояд, чун сурати ту бинад…*

****

*Дастзанон чун чанор, рақскунон чун сабо…*

****

*Ту асири бӯю рангӣ, ба мисол нақши сангӣ…*

****

*Дар миёни пардаи хун ишқро гулзорҳо…*

****

*Ман зи саломи гарми ӯ, об шудам зи шарми ӯ…*

****

*Бингар офтобро то ба гулӯ дар оташе,*

****

*Ин обро гирённигар, в-ин богро хандон нигар…*[1]

Он тавр, ки мушоҳида мешавад, Мавлоно дар осори худ, дар ҳар лаҳза метавонад тасвир ва маъноро тарҳи нав бирезад, яъне дар сабки кори Мавлоно тасвир, маъно, ранг, бадеъ ҳар лаҳза дар суратҳои нав зоҳир мешаванд ва ин роз дар кори шоири ориф бесобиқа аст. Мавлоно дар корҳои худ бо ин равиш ва ин услубу сабки баён маъно ва тасвирро дар беҳтарин сурат шакл медиҳад, корбурди таркиб ва иборaҳои тасвир дар осори Мавлоно саршор аст аз шеъриятҳунар, балоғат ва малоҳати баён.

Таркиб ва иборaҳои тасвирӣ дар сабки шеъри Мавлоно:

Бешаи андешаҳо, бодҳои хушнафас, абри шакарбор, лагадкӯби хаёл, шакаристони хаёл, ҳуҷраи хуршед, чашми сӯзани ҳавас, баҳонаҳои заррин, рақси дарахт, шаъшааи хаёл, киштии қолаб, шароби осмон, баҳори шаҳрёр, дарёиду чашми ӯ, дарёи дил, хирқаи зангор, қурси моҳ, қумрии ҷон, ҷилваи гулшан ба

[1]Ҳвмон ҷо, саҳ. 18, 24, 32, 51, 62, 68, 74, 76, 84, 88

боғ, гули ширинлиқо, пистони абр…Ҳунармандии ин абармарди андеша дар ин ҳама фазо, яъне тасвиргарої ҳаргиз ба бунбаст намерасад, балки пайваста фарохтар мешавад ва ба уфуқҳои тозаи хаёл пайванд мехӯрад. Чунин равишро дар халқ ғазал танҳо дар «Девони Шамс» метавон пайдо кард.

Бар ин мабно бояд гуфт, ки аз ин ҳама таркиб ва ибораҳои тасвир дар осори Мавлоно рагаҳои сабке эҳсос мешавад, ки дар қарнҳои баъд дар адаби порсӣ ба номи сабки ҳиндӣ аз он ёд шудааст. Яъне, таъсири сабки сухани Мавлоноро, шеъри Мавлоноро дар шаклгирии сабки ҳиндӣ намеметавон нодида гирифт. Як далеливавшан ва қотеъ бар ин назар истифодаи фаровони калимаи «ранг» дар осори Мавлоно мебошад, ки ин калима дар сабки ҳиндӣ ҷое махсуси худро дорад. Дар ғазалҳои Мавлоно вожаи «ранг» бисёр ба назар меояд ва ин вожа дар ағлаби тасвирҳои шоир ҳузури равшан ва чашмгире дорад. Корбурди калимаи «ранг» дар шеъри шоир барои бозтобӣ ва бозгушоии олами ҳис, ирфон, ҷаҳони рӯҳ ба кор гирифта шудааст. Шоирони моқабл низ аз ин вожа барои нишон додани зебоиҳои ботин ва зоҳир истифода кардаанд. Саноӣ:

*Эй пур дури гӯши ман зи чанг*
*В-эй пур гули чашми ман зи ранг…*

****

*Ин ранг нигар, ки зулфаш омехт*
*В-ин фитна нигар, ки чашмаш ангехт.*[1]

Бетардид вожаи «ранг» дар шеъри шоирони ориф барои баёни ҳолатҳои ботин ва зоҳири инсон аст, инсоне, ки дар фазои рангҳои шоир худро тамошо мекунад, худро қудрат медиҳад, дар шинохти маҳбуб, аз ҳар ранг, аз ҳар тасвир маъниеро, розеро кашф мекунад:

*Ҷаннат маро бе рӯйи ӯ, ҳам дӯзахасту ҳам адӯ,*
*Ман сӯхтам з-ин рангу бӯ, ку фарри анвори бақо…*

****

*Он шакл бин, в-иншева бин, в-он қадду ҳадду дасту по*
*Он ранг бин, в-он оҳанг бин, в-он моҳи бадр андар қабо…*

[1]Санойӣ, Девон, саҳ.102-112

****

*Чандон бинолам нолаҳо, чандон барорам рангҳо,*
*То бар кунам аз оинайи ҳар мункаре ман зангҳо.*

****

*Гуфт маро: меҳри ту ку? Ранги ту ку? Фарри ту ку?*
*Ранг куҷо мондаву бӯ соати дидор маро?*

****

*Товуси мо дарояд, в-он рангҳо барояд,*
*Бо мурги ҷон сарояд: «бе болу пар ба рақс о».*

****

*Эй гули гулзорҳо! Кист гувоҳи шумо,*
*Бӯй, ки дар магзҳост, ранг, ки дар чашмҳост.*

****

*Хоки сияҳ бар сари ӯ,к-аз дами ту тоза нашуд*
*Ё ҳамагӣ ранг шавад, ё ҳама овоза шавад…*[1]

Дар сабки каломи Мавлоно мурод аз корбурди калимаи «ранг» қабл аз ҳар чӣ муҷаз ва зебоиву шевоии баёнаст ва низ ҳусни шеърият, балоғат ва бадеият додан аст каломро. Мавлоно бо ин нийят дар сабки сухани худ аз вожаи ранг ва низ аз дигар аркони ҳунар кор мегирад, рӯҳи шеърро дар ин равиш дар калимот медамад, дар ҳошияиин ҳунармандиҳо ва чирадастиҳост, ки Мавлоно сабки сухани худро навтар ва тозатар мекунад, ҳам аз назари маъно ва ҳам аз назари андеша:

*Навбати куҳнафурӯшон даргузашт,*
*Навфурӯшонему ин бозори мост.*

****

*Рӯзи наву шоми нав, боги наву доми нав,*
*Ҳар нафас андеша нав, нав хушиву нав ғиност.*[2]

Ниҳояти ҳарф ин аст, ки сабк, равишва услуби сухани шоири бузург, ҳанӯз ҳам ба тамом таҳқиқ ва пажӯҳиш нашудааст, ҷилваҳои пинҳон ва мастури сабки каломи Мавлоно аз ин назар ҳамвора диққати аҳли таҳқиқро ба худ ҷалб мекунад.

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 5, 7, 16, 14, 57, 110, 48
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 41, 78

Сабки каломи Мавлоно ҳамон тавр, ки гуфта шуд, розҳое дорад, ки таҳқиқ ва бозгушоии он бароиаҳли адаб ва махсусан барои муштоқони каломи бадеъ аз ҳар лиҳоз муфид хоҳад буд, сабке, ки ба қавли худи Мавлоно ҳаргиз куҳна намешавад ва дар ҳар нафас андешаҳоро нав мекунад. Дар кори сухан Ҳамеша нав дидан ва пайваста нав гуфтан кори сахт ва душвор аст. Ин камол ва ин ҷалолро ҳар суханваре орзуманд аст, аммо на ҳар касро он бошад. Фитрати комил ва чирадастии тамом ба Мавлоно даст додааст, ки дар ҳавзаи суханварӣ ба ин мақоми воло ва боло муваффақ шавад. Дар зимн набояд аз дониши густардаи Мавлоно фаромӯш кард, ӯ аз илмҳои замони худ огоҳии тамом дошт ва ҷилваҳои ин огоҳиҳоро метавон дар шеърҳо шоир худ мушоҳида кард. Ҳамчунин завқу шавқ, рӯҳи орифона ва сириштти тоҷиконаи Мавлоно низ ӯро дар кори сухан ёрӣ додааст. Муҳимтараз ҳар чӣ Мавлоно хуб медонист, ки чаро бигӯяд ва манзур аз ин гуфтанҳо чист ва ҳамин ангеза шоири орифро дар кори шеъру шоирӣ бетардид роҳнамо будааст. Ҷилваҳои сабки шеъри Мавлоно баргирифта аз андешаҳои ӯст, маҳз фазои андеша ва тафаккури шоири бузург аст, ки сабки шеъри ӯро бартарӣ додааст. Вагарна сабк бидуни ҷӯшу хурӯши андешаи шоир то ин ҳад рангин намебуд. Дар сухани Мавлоно маъност, ки ҳамеша тӯфон мекунад ва дар ин тӯфонҳо бисёр вақтҳо хонанда аз сабки каломи шоир фаромӯш мекунад, чунки ғарқ дар тӯфон ва амвоҷи маъноҳо мегардад. Бо ин ҳама сабки шеъри Мавлоно рангҳои равшани худро дорад, ки ҳанӯз бататамом шинохата нашудааст. Сабки шеър ва андешаи Мавлоно ҳанӯз ҳам дар худ розҳои маънавӣ ва рӯҳониро нуҳуфта медорад, ки он ҳам барои равоншиносон ва ҳам барои адибон ва ҳам барои аҳли завқ метавонад аз назари илми равоншиносӣ, ҳикмат ва андеша, суханварӣ ва суханшиносӣ хидмат кунад. Бар ин ҳамадалел мешавад гуфт, ки дар сабки сухани Мавлоно чизе пинҳон аст, ки ҳамеша таҳқиқи он роҳатбахш аст ва лаззате дорад махсус.

## СОХТОРИ ШЕЪРИ МАВЛОНО

Мавлоно бо ҷуръат мешавад гуфт, аз он шоирони баландмоя аст, ки ғазали ирфонӣ ва ҳатто ғазали ҳамосиро бо ҳунари воло вабаланди худ ба авҷ расонид, ва баъд аз ӯ хеҷ шоиридигар натавонистба ин мақому мартаба, дар кори ғазал муваффақ шавад. Мавлоно аз қабили он шоирон аст, ки сохтори шеъри ӯдилпазир, гарм, шево ва болиғ аст, ҳам дар ҳавзаи бадеиятушеърият ва ҳам дар ҳавзаи андеша ва тафаккури ирфонӣ. Бетардид он чи дар сохтори шеъри Мавлоно каломи ӯро арзиш додааст, ҳамин фазо, яъне ангезаҳои ирфонӣ, бадеият ва муҳтавои шеърҳои ӯст. Аммо бояд гуфт, ки дар ин ҳошия нукоти бисёре низ ҳаст, ки дар сохтори шеъри Мавлоно нақши боризе дорад, чун мусиқӣ, авзон, таносуб, ҳолатҳои андеша, нигариш, нигориш, шаклгирии маъно, баёни латифи маонии ирфонӣ,ин ҳама дар сохтори шеъри Мавлоно ҷойгоҳи вижае дорад. Ғазалҳои шоири ориф дар ҳамин ҳолу ҳаво эҷод шуда ва сохтори шеъри ӯро наметавон аз ин фазо ҷудо тасаввур кард. Мазмун, ҷилваҳои ирфонӣ, суратҳои бадеъ, ишқ, равонии забон, мусиқӣ, зарбва таносуби маънӣ, ҳар кадом барои он омадааст, ки дигареро комилтар бисозад, бо баёни дигар тамоми ин аркон ҳама лозим ва малзуми ҳамдигармебошанд.

Барҷастагии андеша, маърифат ва каломи Мавлоно ҳолати сохтории ғазалҳои ӯро шукӯҳ медиҳад ва ӯ дар сохтори шеърҳои худ аз авзон ҳам бисёр ҳунармандона истифода кардааст. Мавлоно дар кори ғазал бештар аз авзони зарбӣ, авзони дилнишин, дар шаш ва ҳафтрукнӣ истифода кардааст, мусиқии авзони ғазалҳои шоир дилнавозу дилнишин мебошад. Хонанда аз мусиқии ширини ғазалҳои Мавлоно ҳамеша ба ваҷд меояд, мафтуни оҳангҳои ӯ дар баён мешавад.

Шорири ориф чунон зебо ва болиғ аз калимаҳо кор мегирад, ки ҳар калима нохудогоҳ табдил ба як зарби мусиқӣ ва ё як садои хуш мешавад. Аз ин назар мавқеъ ва нақши авзон низ дар сохтор ва сабки шеъри ин шоири шӯридасар бисёр ҷолибу дилнавоз ва муҳим мебошад. «Хосияти ин авзон дар таъсири шӯрангезӣ ва ҳаяҷонии он аст ва бероҳ нест, ки сабки Мавлоно сабки шӯрангез муаррифӣ шавад. Авзони арӯзӣ дар шеъри ир-

фонии қабл аз ӯ умуман авзонест, ки орму навозишгар аст».[1] Воқеан чунинаст шоирони қабл аз Мавлоно, дар ғазал бештар забони нарм ва оромро ба кор гирифтаанд, аммо дар сохтори шеъри Мавлоно ин вазъ ба ҳам мерезад, забони шеъри Мавлоно пӯё, зарб дар зарб ва мусиқӣ мебошад. Ҳар он ки бо ғазалҳои Мавлоно ҳамнишин шудааст, ин набз ва ин ритмро,ин зарбкориро дар сохтори шеъри шоир бисёр равшан метавонад ташхис бидиҳад. Риволи мусиқии калом, мусиқии зарб, мусиқии маъно ва мазмун, мусиқии баён дар сохтори андеша ва шеъри Мавлоно гарм, тунд, аммо дилпазир аст, ки сухани ӯро таровати дигар додааст. Таъсири ин фазо дар ағлаби ғазалҳои Мавлоно мушоҳида мешавад, чунонки чандин ғазалро дар як матлаъ гуфтааст ва ин ангеза дар сохтори шеъри Мавлоно аз ҳамон фазои пӯё маншаъ мегирад.

Такрор дар мисраъ:

*Эй Юуфи хушноми мо, хуш меравӣ бар боми мо,*
*Эй даршикаста ҷоми мо,эй бардарида доми мо.*

****

*Эй Юсуфи хушноми мо, хуш меравӣ бар боми мо,*
*Инно фатаҳно ассало, боз о зи бом, аз дар даро…*

****

*Бегоҳ шуд, бегоҳ шуд, хуршед андар чоҳ шуд,*
*Хуршеди ҷони ошиқон дар хилвати Аллоҳ шуд.*

****

*Бегоҳ шуд, бегоҳ шуд, хуршед андар чоҳ шуд,*
*Хезед, эй хуштолеон, вақти тулӯъи моҳ шуд.*

Такрор дар байт:

*Мастесаломат мекунад, пинҳон паёмат мекунад,*
*Он к-у дилашро бурдаӣ, ҷон ҳам ғуломат мекунад.*
*Эй нест карда ҳастро, бишнав саломи мастро,*
*Масте, ки ҳарду дастро побанди доматмекунад.*

[1]Аҳмади Тамимдорӣ, «Таърихи адаби порсӣ», инт. Алҳудо, соли 1379, саҳ.212

****

*Масте саломат мекунад, пинҳон паёмат мекунад,*
*Онк-у дилашро бурдаӣ, ҷон ҳам ғуломат мекунад.*
*Бистон зи шоҳи соқиён, сармаст шав чун боқиён,*
*Гар ниммасти ноқисӣ, масти тамомат мекунад.*[1]

Дар ин хат мешавад арз дошт, ки дар сохтори шеъри Мавлоно истиқлоли бархе аз мисраъҳо ба чашм меояд, ки ҳар кадом аз назари маъно ва шеърият комил мебошанд. Ин равишва иншеваи баёнроӯ дар сохтори шеър маҷзуб ва бисёр муваффақ тавонистааст анҷом бидиҳад, мисраъҳое чунин дар сохтори шеъри Мавлоно ҳар кадом ба ҳукми як байт аст:

*Баҳор омад, баҳор омад, салом овард мастонро,*

****

*Чун рӯз равшандил шавад, ҳар к-ӯ зи шаб огоҳ шуд.*

****

*Боз омадӣ, каф мезанӣ, то хонаҳо вайрон кунӣ.*[2]

Авзон дар сохтори шеъри Мавлоно мухотабро дилгиру хаста намесозад, балки сукути дилгирифтагиро мешиканад ва мухотаб дар ин ҳолу ҳаво саршор аз ангезаи тараб ва нишот мешавад.

Чунин аст, ки дар сохтори шеъри Мавлоно гармӣ ва мусиқии авзон ҳаргиз тира нагардидааст ва фазои дилнавози мусиқии ғазалҳои Мавлоно ханандаро ҳамеша ба худ мафтун мекунад. Мавлоно бо интихоби қофияҳои пайдарпай, зарб, шиддат ва мусиқии авзонро гарм ва зинда нигоҳ медорад, шеваи корбурди қофияҳои пай дар пай маъмулан дар сохтори шеъри Мавлоно, ҳам дар аввал ва ҳам дар охири мисраъ мушоҳида мешавад.

*Ёр маро, ғор маро, ишқи ҷигархор маро*
*Ёр туӣ, ғор туӣ, хоҷа нигаҳ дор маро.*
*Нӯҳ туӣ, рӯҳ туӣ, фотиҳу мафтӯҳ туӣ,*
*Синаи машрӯҳ туйӣ, бар дари асрор маро.*
*Нур туӣ, сур туӣ давлати Мансур туӣ,*

---

[1]Девони Шамс, саҳ. 90, 50, 84
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 71,102, 114, 126

*Мурғи кухи Тур туӣ, хаста ба минқор маро.*
*Қатра туӣ, заҳр туӣ, лутф туӣ, қаҳр туӣ*
*Қанд туӣ, баҳр туӣ, беш маёзор маро.*
*Ҳаҷраи хуршед туӣ, хонаи Ноҳид туӣ,*
*Равзаи уммед туӣ, роҳ деҳ, эй ёр, маро.*
*Рӯз туӣ, рӯза туӣ, ҳосили дарюза туӣ*
*Об туӣ, кӯза туӣ, об деҳ ин бор маро.*
*Дона туӣ, дом туӣ, бода туӣ, ҷом туӣ,*
*Пухта туӣ, хом туӣ, хом бимагзор маро.*[1]

Дар сохтори шеъри Малоно ҳамон тавр ки мушоҳида шуд, истифода аз қофияи пайдарпай фаровон ба чашм мехӯрад ва ин шева ритм ва зарбҳои мусиқоиро дар кори ӯ ҳирфаӣ кардааст, ки ҳар касро дар амри он ин тавон набошад. Шоири ориф зарбҳоро чунон дар сохтори шеър канори ҳам мегузорад, ки дигар баргирифтани онҳо корест номумкин, зеро ҳар калима дар ҷои худ аз назари маъно, лафз ва баён он қадар дақиқ ва устувор ҷой гирифтааст, ки берун овардани он аз шеър латма ворид кардан аст ба сохтори шеър. Ҷилваи дигар, кидар ҳунари шеър ва равиши баён каломи Мавлоноро ранг ва ҳусн додааст, истифода бурданаст аз ҳар навъи вожаҳо, Мавлоно дар сохтори шеър ҳаргиз дар фикри интихоби вожаҳои махсус нест, балки ҳар вожа дар ҳавзаи кори ӯ махсус мешавад. Аз ин рӯ дар сохтори шеъри Мавлоно ҳар вожа ҷойгоҳ ва мақоми худро дорад ва дар кори Мавлоно ҳеҷ калима изофӣ, ба маънии дақиқтар,нолозим, беҳуда нест. Имрӯз ҳам бисёре аз вожаҳо ва таркибҳое, ки дар ғазалҳои Мавлоно аз ҳар нигоҳ истифода шудааст,дар забони мардум роиҷ аст. Ӯ дар сохтор ва рангу маънӣ додани андешада шеърҳои худ аз калимоте чун арабӣ, туркӣ ва ҳатто юнонӣ ҳам суд бардоштааст.

Арабӣ:

*Хомуш, ки бас мустаъҷилам, рафтам суи пои алам,*
*Когаз бинеҳ, бишкан қалам, соқӣ даромад, ассало…*

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 171

****

Туркӣ:

*Колӣ тишӣ, опоншу, эй афандӣ чалабӣ*
*Нимшаб дар боми моӣ, то киро металабӣ?*

****

Юнонӣ:

*Гар тег хоҳӣ ту зи хур, аз бадр гар созӣ сипар,*
*Гар қайсарӣ, андаргузар аз занги мо, аз занги мо.*[1]

Сохтори шеъри Мавлоно аз нигоҳи маъно, андеша, нигариш, бадеъ бетардид аз беҳтарин намунаҳои ҳунар ба шумор меояд. Дар ин ҳарф ҷоитардид нест, бахусус аз вусъати маъно, андешава ирфони Мавлоно ҳарф задан диққат, дониш, дарк, фаҳм вазавқи сухандониро аз ҳар кас мехоҳад ва маҳз ҳамин ҳолатҳо ва ҳамин фазоҳост, ки боз ҳам ба шеъри ӯ нумраи аввал ва бартарродар ҳавзаи шеъру шоирӣ медиҳад. Дар «Маснавии маънавӣ» ва дар «Девони Шамс» Мавлоно ба ҳар калима ва ҳар таркиб, ки истифода кардааст, ҳайсият ва камолу ҷалол додааст.

Аз ин ҷост, ки хонанда дар қаламрави андеша ва кори Мавлоно ба баҳри беканори калимаҳо ва таркибҳо рӯ дар рӯ меояд, ки ҳеҷ ҷои аҷобат надорад. Дар сохтори шеъри Мавлоно аз назари маъно, он чи беш аз ҳар чизи дигар сӯзандаву шуълавар ба назар меояд, ирфони ишқ аст, ишқе, ки сиришти башар ҳамеша ба он ниёзманд аст ва агар ин ишқ набуд, башар ба сӯи камол ҳидоят намеёфт. Мазмуни аслӣ ва муҳим дар сохтори шеъри Мавлоно тавсиф ва сифати ҳамин ишқ аст, ишқи маҳбуб, ишқи маҳбубе, ки инсонро арзиш медиҳад, иззат медиҳад, инсонро бузург мекунад, инсонро камол ва ҷалол мебахшад, ишқе, ки маънии зиндагии башар дар он ҳаст ва хоҳад буд. Бо ин нигоҳ сохти ғазалҳои Мавлоноро метавон интихобан ба ду қисмати аслӣ ҷудо кард, бахше, ки ӯ бо шеваи қаландарона, бисёр шӯрангез сурудааст ва ғазалҳое, ки дар сохтори онҳо мартабаи инсонӣ ва тазҳиби нафс тавзеҳ шудааст. Мавлоно ҳамчунин дар кори ғазал аз баёни маонии достонӣ ҳам бисёр устодона истифода кардааст, ки ин хат танҳо дар сохтори каломи

[1] Ҳамон ҷо, саҳ.131,140,163

Мавлоно дида мешавад ва он шеваи ғазалдостонро ба хотир меоварад. Яъне бо ин тарз ва шеваи баён Мавлоно дар сохтори ғазал навъи ғазалдостони ирфониро шакл додааст ва ин фазо каломи ӯро боз ҳам муассиртар кардааст:

*Рӯзе яке ҳамроҳ шуд бо Боязид андар раҳе,*
*Пас Боязидаш гуфт: Чӣ пеша гузидӣ, эй даго.*
*Гуфто, ки ман харбандаам. Пас Боязидаш гуфт: рав,*
*Ё раб, харашро марг деҳ, то ӯ шавад бандахудо.*

Ва арз бояд дошт, ки нуктаи бисёр муфид ва муҳим дар сохтори ғазалҳои Мавлоно бовар, эътимод ва сидқ аст, шоир он гуна сухан мегӯяд, кидар хонандаин ҳис бедор мешавад ва хонанда бо тамоми эътиқод, бидуни тардидҳарфи шоири ориф-ро қабулмекунад ва бо ҳамин бовар ба ҳарфи ӯ дил месупорад:

*Дар ишқ зинда бояд, к-аз мурда ҳеҷ н-ояд*
*Донӣ, ки кист зинда? Он к-ӯ зи ишқ зояд.*
*Дар роҳ раҳзанонанд, в-ин ҳамраҳон занонанд,*
*Пойи нигоркарда ин роҳро нашояд.*
*Табли газо баромад, в-аз ишқ лашкар омад*
*Ку Рустами саромад, то даст баргушояд?*
*Раъдаш бигуррад аз дил, ҷонаш зи абри қолаб*
*Чун барқ биҷҳад аз тан, як лаҳзае напояд.*
*Ҳаргиз чунин сареро теғи аҷал набуррад,*
*К-ин сар зи сарбаландӣ бар соқи арш сояд.*
*Ҳаргиз чунин дилеро ғусса фурӯ нагирад,*
*Ғамҳои олам ӯро шодии дил физояд.*
*Дарё бараш турушрӯ, ӯ абри навбаҳор аст*
*Олам бад-ӯст ширин, қосид туруш намояд.*
*Ширин нахоҳад оҳу, оҳуи ӯст «ё ҳу»,*
*Мункир дар ин чарохур бисёр жож хояд.*
*Дар ишқ ҷӯй моро, дар мо биҷӯй ӯро,*
*Гоҳе манаш ситоям, гаҳ ӯ маро ситояд.*
*То чун садаф зи дарё бигшояд ӯ даҳоне,*
*Дарёи мову манро чун қатра даррабояд…*[1]

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 435

Аз ҳолатҳои дигар дар сохтори шеъри Мавлоно дузабонӣ аст, шоири ориф дар ғазалҳои форсии худ гоҳе аз мисраъҳои арабӣ кор гирифтааст, санъати муламмаъ каломи ӯро ширу шакар кардааст. Бо ин равиш танҳо шоире, ки ба ду забон комилан мусаллат аст, метавонад шеър бигӯяд. Мавлоно ба забони арабӣ низ бисёр хуб ошно буд ва дар кори ғазал аз калимоти хос арабӣ низ тавъам бо забони модарӣ истифода кардааст. Ӯ дар ин фазо беш аз яксаду бист ғазал сурудааст, кимисраи матлаъ дар бархе аз ин ғазалҳо ба забони форсӣ ва дар бархе дигар ба забони арабӣ мебошад.

Ба форсӣ:

*Ҳон, ай табиби ошиқон, савдоие дидӣ чу ман,*
*Ё соҳибайи иннани мустаҳликун лав локумо.*
*В-эй Юсуфи сад анҷуман, Яқуб дидастӣ чу ман,*
*Ас фаррӣ ҳаддӣ мин ҷави вабязза айнӣ мин буко…*

Ба арабӣ:

*Салабал ишқу фуоди, ҳасалал явма муродӣ*
*Бизан, ай мутриби ориф, ки зиҳӣ давлату шодӣ.*
*Азанал ишқу таъолу литазуқу ва танолу,*
*Ҳала ай муждаи ширин, чӣ насимӣ, чӣ бодӣ.*
*Катабар рӯҳу суроҳи, самиал каъсу сиёҳи*
*Зи ту андар даваронам, ки раҳи давр кушодӣ.*[1]

Ва дигар аз хатҳои муҳим ва бисёр равшан дар сохтор ва ҳавзаи шеъри Мавлоно истифода аз санъатҳои бадеъ аст. Мавлоно дар сохтори шеъри худ аз ҳама гуна санъатҳои бадеӣ суд бардоштааст. Истифодаи салим аз санъатҳои бадеъ фазои баён, забон, сабк ва сохтори шеърҳои ӯро болиғтар, шевотару зеботар, латифтар ва саршору пурбор аз ангезаҳои сухан кардааст. Санъатҳои бадеӣ дар сохтори шеъри Мавлоно ҷилваҳои мутанаввеъ дошта, аз пурбортарин равишҳо дар кори шоири ориф аст, санъати талмеҳ, иқтибос, тасвир, ташбеҳ, рамз, истиора ва… дар сохтори шеъри Мавлоно фаровон ба кор рафтааст.

[1]Ҳамон ҷо саҳ. 261, 319

**САНЪАТИ ТАЛМЕҲ**

Мавлоно дар осори худ аз мисраъ то мисраъ, аз байт то байт, аз ғазал то ғазал ишқро таҷриба кардааст ва дар ин таҷрибаҳо аз зиндагии анбиё, авлиё ва орифон маърифатиишқ андӯхтааст. Дар ин фазо барои умқ ва бадеият додан дар ғазалҳои худ шоири ориф аз санъати талмеҳ бисёртар истифода кардааст. Талмеҳ аз он санъатҳои адабӣ аст, ки зимни баёни андеша ба достон, ҳадис, оёт ё шеъри машҳур ишора мешавад, ва дар луғат талмеҳ бар маънии ба гӯшаи чашм нигоҳ кардан бошад. «Талмеҳ аз санъатҳои маънавии бадеъ аст ва аз тариқи эҷоди тадоӣ таъсиришеърро бештар мекунад. Истифода аз талмеҳ нишонаи вусъати иттилоот ва ғанои фарҳанги шоир аст ва бар лафзу умқи шеър меафзояд».[1]Бояд арз кард, ки Мавлоно шоири ориф аст ва таҷрибаи ирфон, маърифат ва ишқро дар ҳаҷми калимаҳое, дар шеър ба кор мебарад, меоварад, маънӣ медиҳад, шарҳу тафсир мекунад ва санъати талмеҳ бисёртар мутобиқ ба ҳолу ҳаво, нигариш, андеша, ва завқу шавқи ӯст. Санъати талмеҳ дар ҳавзаи калом ва андешаи Мавлоно беш аз ҳар санъати дигар мушоҳида мешавад, зеро маърифати шеър ва ирфон, тафаккур, андеша, бадеияти шеър дар «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» дар ҳамин ҳолу ҳаво ва дар ҳамин фазо ба авҷи камол мерасад. Санъати талмеҳ, истифодаи мантиқии он фазои ғазалҳои Мавлонoро аз ҳар назар рангин кардааст вазебоии ботин ва зоҳирро низ дар сохтори шеъри Мавлоно ҳусни дигар бахшидааст ва инсон ҳамеша дар зиндагии худ, ҳам ба зебоии ботин ва ҳамчунин ба зебоии зоҳир ниёз дорад. «Ҳамчунон ки зебоиҳои моддӣва зоҳирӣ ҳаст, ки одамизода аз он бархӯрдор аст ва бархӯрдорӣ аз он аз ниёзмандиҳои мусалламу қатъӣ ва ногузир аст, зебоиҳои маънавӣ ва ботинӣ низ ҳамин ҳолро дорад, ҳамчунон ки тан аз зебоиҳои зоҳирӣ баҳра мебарад, ҷону равон низ бояд аз зебоиҳои ботинӣ ҳам баҳраҳо бибарад ва ҳам баҳраманд гардад».[2] Мавлоно дар сохтори шеърҳои худ бо истифода аз санъати талмеҳ ниёзҳои маънавӣ, рӯҳонии инсонро дар робита ба зебоии ботин баровarда месозад, дар ин ҳошия инсон зебоии зоҳирро низ ба

[1] Майманаи Мирсодиқӣ, «Вожаномаи ҳунари шоирӣ», инт, Мумтоз, Теҳрон, соли 1376, саҳ. 83

[2]Саид Нафисӣ, «Сарчашмаи тасаввуф дар ирфон», инт. Фурӯғ, Теҳрон, соли 1377, саҳ. 182

таҷриба мегирад ва медонад, ки инсон бояд ҳам дар зоҳир ва ҳам дар ботин зебо бошад.

Аз нигоҳи Мавлоно, агар инсон дар зиндагии хеш аз ин ду зебоӣ якеро инкор кунад ва ё аз он бехабар бошад, ҳанӯз ба ҳадди камол ӯро роҳ дур аст. Мавлоно ҳам ба зебоии зоҳир ва ҳам ба зебоии ботин эътимод дошт ва ин ду зебоиро дар шеърҳои худ тавсиф кардааст ва инсонро дар ин ду зебоӣ дидан мехоҳад:

*Эй фитнаи Руму Ҳабаш, ҳайрон шудам, к-ин бӯи хуш*
*Пироҳани Юсуф бувад, ё худ равони Мустафо.*

Ҳазрати Юсуф ва паёмбари гиромӣ ҳазрати Муҳаммад (с) дар ин байт сумбулизебоии ҳам рӯҳонӣ ва ҳам сумбули зебоии зоҳир аст. Калимаи «фитна» дар байт ишорат мекунад ба ҷамоли ҳазрати Юсуф, ки занҳои Миср барои тамошои ҷамоли ӯ саф меоростанд. Ва таркиби «бӯи хуш» сумбули зебоии маънавӣ, яъне зебоии рӯҳонӣ ва ботинии ҳазрати Юсуф ва паёмбари гиромӣ ҳазрати Муҳаммад (с) бошад. Санъати талмеҳ дар шакл додани бадеияти маъно ва лафз дар сохтори шеъри Мавлоно нақши бисёр муассире дорад. Ин санъат ҳамон тавр ки мушоҳида мешавад, дар байти ҳозир дар мисраи дувум истифода шудааст ва он дар таркиби «пироҳани Юсуф» маъно гирифтааст. Мавлоно бо истифода аз санъати талмеҳ ва дар зимн бо истифода аз таркиби «пироҳани Юсуф» ба достони пироҳани Юсуф низишорат мекунад. Ин достон дар адаби порсӣ бо ҷилваҳои гуногун тасвир шудааст, аммо Мавлоно аз он барои шакл додани маънии ирфонӣ истифода кардааст.

Шоири бузург дар расидан ба ин нийяти худ муваффақ гардидааст, ки сохтори байт аз ҳар лиҳоз устувортар ва бадеътар худро нишон медиҳад. Санъати талмеҳ дар сохтори шеъри Мавлоно ҳам ангезаи дарунӣ ва ҳам ангезаи берунӣ дорад ва ин ду ҳолат дар шакл, маъно, лафз ва бадеияти ғазалҳои ӯ таъсири лозимро бар пой медорад. «Ҳар муҳтавое ҳам шакли дарунӣ ва ҳам шакли берунии хоси худро дорад ва мо ба андозаи танаввуи муҳтаво метавонем таъаддуди шакл дошта бошем».[1]

---

[1]Муҳаммад Носир, «Таҳаввули мавзӯъ ва маъно дар шеъри муосир», инт. Нишона, Теҳрон, 1382ҳ.қ., саҳ. 52

*Ку яке бурҳон, ки аз он рӯйи ту равшантар аст,*
*Каф набуррад куфрҳо з-ин Юсуфи Канъон чаро?!*

Дар байти ҳозир мухтаво ҳам дар шакл бурунӣ ва ҳам дар шакли дарунӣ рух нишон медиҳад ва дар сохтори ин байт, ду ҳолат дар канори ҳам асли байтро маънӣ додаанд. Шакл бурунии мухтаво ҳамон корбурд аз санъати талмеҳ мебошад ва шакли дарунии мухтаво ҷилваҳоест, ки осон ба чашм намеояд ва он ҷилваҳои мастури маъно аст. Он тавр ки аз истифодаи номи ҳазрати Юсуф бармеояд, бори санъати талмеҳро дар ин байт таркиби «каф набуррад» ба дӯш дорад. Ин ишора ҳамон маънои аввал аст, ки Мавлоно бо истифода аз он манзурихудро ҳусни маънӣ додааст ва хонанда бо ҳузури санъати талмеҳ, яъне бо ишора ба достони Юсуф, онро дубора ба хотир меоварад ва бо ишорати андак аз лаззати фаровони маънавӣ ва рӯҳонӣ бархӯрдор мешавад. Асли маъно дар байт бо истифода аз санъати талмеҳ ҳадди камол, бузургӣ ва мақоми ишқ аст дар зиндагии маънавӣ ва рӯхонии башар. Мавлоно ин манзури хешро бо истифода аз санъати талмеҳ бисёр зебову шево, латиф ва бадеъ маънӣ кардааст. Ҳазрати Мавлоно зимни истифода аз санъати талмеҳва зимни ишорат ба достони Юсуф ва каф буридани занони Миср мехоҳад бигӯяд, ҷамоли ишқва камоли ишқ чун аст.

Мавлоно мегӯяд, касоне ки маро дар муомила ва шавқу завқ бо ишқ ба маломат мегирад, инкор мекунад, дар куфр ҳастанд, чун ишон ишқро мункир ҳастанд ва агар онон низ ба монанди ман ҷалол ва камоли ишқро медиданд ва медонистанд ихтиёр аз даст медоданд. Он гуна, ки занони Миср бо дидани ҳазрати Юсуф ихтиёр аз даст додандва кафҳо буриданд ва Юсуф аз нигоҳи Мавлоно ҷалол, ҷамол ва камоли ишқ мебошад… Манзури Мавлоно қабл аз ҳар чӣ дар байти ҳозир офтоби равшан, тобон ва гарми маъност, на сояе аз офтоб ва дар ин фазо аст, ки мефармояд, дар ман офтоби маъноро бубинед на сояҳое аз калимотро.

«Соя мақоми истиҷлоди мазҳарият аст ва офтоб мақомизуҳури кашфу шуҳуд аст».[1] Муҳимтарин ва равшантарин хат

---

[1]Ҷалолиддин Ҳумойӣ, «Мавлавинома», ҷ.1, инт, Ҳумо, Теҳрон, соли 1369, саҳ. 12

дар «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» худшиносӣ, бедорӣ, иззат ва икроми инсон буданҳост, ӯ худшиносии шеърро, балоғати каломро дар калимаҳо аз тариқи санъатҳои бадеъ шакл додааст. Як ҷилваи бисёр равшан ва маъмули ин шева, ҳолатҳоиистифода аз санъати талмеҳ мебошад ва Мавлоно дар ин ривол як шоири шӯрида, ориф ва мутафаккир аст. « Яке аз мавҷудоти муваффақияти як шоир худшиносии шеърӣ аст».[1]Чунин аст, ки Мавлонои бузург дар ин мактаб бетардид аз шоирони пешдаст ва пешсаф аст, ки доди суханро дар худшиносии шеърӣ додааст васадои ин мавзӯъ дар сохтори шеъри Мавлоноҳамеша баланд будааст:

*Дар чоҳи шаб ғофил машав, дар далви гардун даст зан,*
*Юсуф гирифт он далвро, аз чоҳ сӯи ҷоҳ рафт.*

Ҳамон тавр ки аз байт бармеояд ва маънои лозим худро нишон медиҳад, Мавлоно аввал ба андеша, тафаккур ва бадеият ҳақ медиҳад ва баъд он ҳамаро дар ҷилди калимаҳо ба шеър пайванд мезанад. Андеша, манзур, мақсуд, ва тафаккури шоири ориф дар ҳарири ҳафтранги бадеъ табдил ба шеър мешавад ва дар ин хат худшиносии шеъри шоир шакл мегирад ва ба шукӯҳи маъно мерасад. Санъати талмеҳ дар байти ҳозир дар корбурди калимаи «Юсуф» мушоҳида мешавад, Мавлоно зимни ишора ба достони Юсуф ва ба чоҳ афкандани ӯ аз тарафи бародарон, роҳи растагорӣ, роҳи шинохтаниҳақро аз ботил ба инсон нишон медиҳад. Достон он ҷост, ки бародарон Юсуфро бо худ ба гардиш ба саҳро мебаранд ва он ҷо қасди ҷони ӯ мекунанд. Аммо бо дахолати яке аз бародарон Юсуфро ба чоҳ меафкананд. Юсуф дар чоҳ ба маҳбуби якто роз ва муноҷот мекунад. Корвоне дар ин гузар таваққуф мекунад ва корвониён барои об далв бар чоҳ меандозанд. Юсуф он далвро мегирад ва аз чоҳ берун меояд. Ӯро аҳли корвон ба Миср мебаранд ва дар бозори он мулк Юсуфро Азизи Миср харидорӣ мекунад ва Юсуф бо лутф ва ҳидояти Худованди раҳим аз бардагӣ ба мартаба мерасад. Мавлоно дар зимни ин достон ишорат бар он мекунад, ки инсон бояд аз ғафлат ва гумроҳӣ, ки ба масал чун чоҳи торик аст, худро берун биёварад. Барои наҷот аз чоҳи гумроҳиву

ғафлат инсони огоҳ бояд ба далви маърифат, ба далви шинохти маҳбуб ва ирфони ишқ даст бизанад, он гуна ки Юсуф чунин кард ва аз чоҳ ба ҷоҳ расид.

Мусо:

*Олам чу кӯҳи Тур дон, мо ҳамчу Мӯсо толибон,*
*Ҳар дам таҷаллӣ мерасад, бармешикофад кӯҳро.*
*Як пора ахзар мешавад, як пора абҳар мешавад,*
*Як пора гавҳар мешавад, як пора лаълу каҳрабо.*[1]

Санъати талмеҳ дар абёти ҳозир ишорат аст ба достони Мӯсо паёмбар дар кӯҳи Тур, ки бо Худованд ҳарф зад. Дар Қуроъни маҷид омадааст: «Ва чун қавм тақозои дидани Худо карданд, Мӯсо бо ҳафтод нафар аз бузургони қавмаш, ки интихоб шуда буданд, вақти муайян ба ваъдагоҳи мо омад ва Худо бо вай сухан гуфт (бо тақозои ҷоҳилонаи қавми худ) арз кард, ки Худоё худро ба ман ошкор бинамо (беҳиҷоб) ҷамоли туро мушоҳида кунам. Худо дар посух фармуд, ки маро то абад нахоҳӣ дид, вале дар кӯҳ нигар, агар кӯҳи Тур (Бад-он салобат ҳангоми таҷаллӣ) бар ҷойи худ барқарор тавонад монд, ту низ маро хоҳӣ дид. Пас он гаҳ ки таҷаллии Худо бар кӯҳ афтод, кӯҳро андаку муталошӣ сохт. Ва Мӯсо беҳуш афтод сипас, ки ба ҳуш омад арз кард: Худоё, ту муназзаҳ ва бартарӣ, ба даргоҳи ту тавба кардам, ман (аз қавми худ) аввал касе ҳастам, ки (ба туву муназзаҳии зоти поки ту аз ҳар олоиши ҷисмонӣ имон дорам)».[2] Бояд тазаккур дод, ки хонанда фарзан аз Қуръон, ҳадис ва қиссаҳои асотир иттилоъ надошта бошад дар фаҳми сохтори шеъри Мавлоно аз назари муҳтаво оҷиз хоҳад монд, манзури Мавлоноро ба дурустӣ дарнамеёбад. Яъне барои дарки шеъри Мавлоно танҳо завқ кофӣ нест, балки илм ва дониш барои фаҳму дарки шеъри шоир аз шартҳои аввал аст дар кашфи маъно ва дарки матлаби ин шоири ориф. Сохтори шеърҳои ин шоири баландмоя ва жарфнигар сахт печида дар ирфони ишқ, маърифати ишқ, ҳикмат, мантиқ ва илм аст, Мавлоно ин ҳамаро дар қолаби калимот, дар либоси шеър арза кардааст:

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 87
[2]Қуръон, сураи Аъроф, ояти 143

*Ман хомӯш хастагулу, орифи гӯянда бигӯ,*
*З-он ки Довуддамӣ, ман чу кӯҳам рафта зи ҷо.*

Санъати талмеҳ дар ин байт ба ҳазрати Довуд ишорат мекунад, ки овози ширину нарм Худованд ӯро дода буд. Ҳар вақт чун овоз мехонд бо ӯ паранда ва кӯҳҳо ҳамасаройӣ мекарданд. Маънои ин байт низ дар Қуръони карим омадааст: «Эй кӯҳҳо, бо ӯ ҳамсаройӣ кунед». (сураи 15, ояти 34).

Мавлоно бо истифода аз санъати талмеҳ ба овози ширин доштани ҳазрати Довуд ишорат мекунад ва дар ин зимн матлаб ва манзури хешро баён медорад.

Манзури Мавлоно дар байти ҳозир Шамси Табрезӣ аст, ҳарчанд ин маъно ошкор ба назар намеояд, вале равиш ва нигоҳи Мавлоно бар онаст. Шамси Табрезӣ чун омад, фазои зиндагии ороми Мавлоно дигар шуд, ҳолати рӯҳонӣ ва ирфонии Мавлоно ба тамом тағйир ёфт. Баъд аз дидор бо Шамс, Мавлоно худро ба тамом фаромӯш кард ва бо омадани ӯ дар зиндагии ороми якранги Мавлоно ҳама чиз ранги худро дигар кард, Мавлоно зиндагии худро ҷилваи нав дод, баъд аз ин ҳама ҷуз ба Шамс ва садои ӯ ба чизи дигар таваҷҷуҳ ва рағбат надошт:

*Зоҳид будам, таронагӯям кардӣ,*
*Сарфитнаи базми бодахӯям кардӣ.*
*Саҷҷоданишини бовиқоре будам,*
*Бозичаи кӯдакони кӯям кардӣ.*

Он гуна, ки ҳазрати Довуд бо садои хуши худ парандаҳо ва кӯҳҳоро маст мекард, Шамси Табрезӣ низ ба ҳазрати Мавлоно ҳамин таъсирро дошт. Ва агар хонанда ин байтро бихонад ва ин ишорати Мавлоноро дарнаёбад, чӣ гуна метавонад ба умқи маъно дар байт бирасад, агар ҳам бархӯрдор аз завқи калом бошад, аммо аз илму дониш ӯро нақс бошад. Мавлоно дар сохтори шеъри худ аз ҳама гуна маънӣ метавонад чунон истифода кунад, ки он дар беҳтарин ваҷҳи шеър худро нишон бидиҳад, ӯ дар баёни матлаб ва андеша ҳеҷ мушкил ва садд намебинад, зеро дарёи калимотро дар ихтиёр дорад ва ҳар тавр бихоҳад, аз ин дарё истифода мекунад. Аз ин назар сохтори шеъри Мавлоно бисёр ғанӣ ва устувор аст, ҷилваҳои гуногуни аз назари маънову ҳунар ва шеърияту бадеияти сухан дар сохтори

шеърҳои ӯ дар ҳадди болиғ аст. Аз ин ҷост, ки калом ва шеъри Мавлоно ҳаргиз рӯҳро хаставу гирифта намесозад, балки ба рӯҳ нишоту шодобӣ мебахшад. «Андешидан бо калимот сурат мегирад, на бо тасовир… барои зиндагии шеър анбори луғот лозим аст».[1] Дар фазои ҳунар ва сохтори шеъри Мавлоно азамат ва бузургии андеша, дар гарави калимот аст. Боқӣ, санъатҳои бадеъ ва шеърияту бадеияти шеър ва ҳунари гуфтан, вобаста ба фитрати зотӣ ва завқи ӯ мебошад.

Сулаймон:

*Маъшуқа ба сомон шуд, то бод, чунин бодо,*
*Куфраш ҳама имон шуд, то бод, чунин бодо.*
*Мулке, ки парешон шуд, аз шумии шайтон шуд,*
*Боз они Сулаймон шуд, то бод, чунин бодо!*

Санъати талмеҳ дар абёти ҳозир бо истифода аз калимаи «Сулаймон» шакл гирифтааст. Талмеҳ дар ин абёт ишорат мекунад ба достони ҳазрати Сулаймон ва гум шудани ангуштари ӯ. Он ангуштарӣ ба дасти дев меафтад ва салтанату фармонравоиро аз ҳазрати Сулаймон ғасб мекунад ва саранҷом давлат ба ҳазрати Сулаймон боз мегардад. Он тавр ки мушоҳида мешавад, дар сохтори шеърҳои Мавлоно санъати талмеҳ нақши муассир дорад ва он дар сохтори шеърҳои шоири ориф бисёр созанда низ ҳаст. Созанда дар тафаккур, ирфони ишқ, худогоҳӣ, бедории рӯҳ, талаби камол ва пайвастан бо маҳбуб чунин аст, ки ин неруи каломи Мавлоно инсонҳоро ба ваҷд меоварад ва ба онҳо ҳамеша ҳаққи ифтихор медиҳад. Мурод ва мақсуд аз ҳунар, бахусус шеър ҷуз ин нест, агар ҳунар аз ин авотиф тиҳӣ бошад, инсонро ба сӯи худогоҳӣ ҳидоят накунад, ҳаргиз он мондагор нахоҳад буд. Мавлоно дар сохтори каломи худ қабл аз ҳар чӣ ҳамин авотифро андеша мекунад, ҳолати маънавӣ ва рӯҳонии каломро тавсиф мекунад, хонанда низ дар ин раъс аз каломимутафаккири бузург, чизе аз маърифат, маънӣ ва ирфон ба ҳадди зарфияти худҳатман метавонад бигирад.

Мавлоно ҳамин неруи бузурги маънавӣ ва ирфониро дар вуҷуди инсонҳо тарбият мекунад, ба онҳоропҳи озодагӣ, растагорӣ, бедорӣ, худогоҳиро нишон медиҳад. Инсони огоҳу бедор аз шеъри Мавлоно, дарси нигаристан ба худ, ба маърифат, ба

---

[1]Алӣ Бобочоҳӣ, «Ин бонги диловез», инт. Солис, Теҳрон, соли 1380, саҳ. 57

ҳастӣ, ба ирфон ва ишқро меомӯзад. Дар ин фазо ба ҷилваҳои тоза ва равишҳои тозаи ҷаҳонитафаккур, маъно ва рангбориҳои андешаи ин суханвари нотакрор ва бузург шинос мешавад. «Неруи маънавии шеър тавонистааст, мардуми афсурдаеро ба ҳаяҷон оварад ва талаби ҳақ ва ифтихорро дар онҳо барангезад. Ё хашму илтиҳоби мардуми хашмнокеро фурӯ нишонад ва ононро ба оромиш ва оштӣ водорад».[1] Мавлоно бо қудрати андеша ва қудрати сухан, қудрати ишқ, дар сохтори шеъри худ бузургии инсонро аз назари ирфониву рӯҳонӣ ва маънавӣ сифат мекунад ва барои азамат вабузургии андешаи худ аз ҳама санъатҳо дар сохтори шеър бисёр ҳунармандона истифода мекунад, ки ҳар касро ба шигифт меорад.

Як намунаи равшани инфазо дар корҳои шоири ориф, ҳамон тавр ки зикр шуд, санъати талмеҳ мебошад, ки каломи ӯро ҳусни маънӣ ва шукӯҳ додааст:

*Ё чун писари Адҳам, ронад ба суи оҳу*
*То сайд кунад оҳу, худ сайди дигар гардад.*

Мавлоно дар ин байт низ чун дар абёти қабл бо истифода аз санъати талмеҳ ба достони Иброҳим, писари Адҳам, ки молик буд ва кишвари бузург дар фармонравоӣ дошт, ишорат мекунад. Иброҳим бо сипоҳи худ ба шикор меравад ва аз сипоҳи худ дур мемонад. Дар ин ҳангом буд, ки аз ғайб садое мешунавад, ки «бедор шав» ва Иброҳим водошт, ки ин садо барои ӯ нест ва онро ношунида гирифт, Ҳамон овоз барои ӯ чандин бори дигар такрор гашт, аммо ӯ бар он авзоъ беэътиноӣ кард. Ин вақт буд, ки оҳуе пайдо бигардид, Иброҳим ба дунболи оҳу шуд… Иброҳим ҳар чӣ тир меандохт, бар оҳу намехӯрд, билохира оҳу ба сухан омад ва гуфт: Ман омадаам, ки туро шикор бикунам, на ту маро… ва ин ҳолати пайдо шудани кашф буд дар Иброҳим…

Сохтори шеъри Мавлоно ҳамон тавр ки арз гардид, мамлу аз суратҳои бадеъ аст ва шоир дар ин раъс барои қурбушукӯҳва шаҳоматдодани калом ва муассир сохтани андешаи худ, бофти сохтории шеъри худро дар беҳтарин шаклҳо тарҳ рехтааст. Аз

[1]Абдулҳусайни Зарринкӯб. «Ошноӣ бо накди адабӣ», инт. Маҳорат, Теҳрон, соли 1374, саҳ. 91

ин назар, бояд иқрор кард, ки сохтори шеъри Мавлоно ҳам аз назари маъно, ҳам аз назари ҳунари шоирӣ бисёр устувор ва маҳкам мебошад. Тағйири ҳолатҳои маънову андеша ва калима дар сохтори шеъри Мавлоно ғайримумкин аст, ин ҳолат аз он мегӯяд, ки сохтори шеърҳои Мавлоно аз тавонои адабӣ ва ҳунарии шеър аз бофти бисёр қавӣ бархӯрдор аст:

*Эй соқии ҷон, пур кун он согари пешинро,*
*Он роҳзани дилро, он роҳбари динро.*
*З-он май ки зи дил хезад, бо рӯҳ даромезад,*
*Махмур кунад ҷӯшаш мар чашми худойинро.*
*Он бодаи ангурӣ мар уммати Исоро*
*В-ин бодаи мансурӣ мар уммати «Ёсин»-ро.*[1]

Дар абёти фавқ се ҳолат аз талмеҳ истифода шудааст, ки дар сохтори шеъри Мавлоно ин равиш бисёр нодир аст, ҳам аз назари андеша ва ҳам аз назари ҳунар. Дар ҳолати аввал талмеҳ он аст, ки Мавлоно ба ҳазрати Исо ишорат мекунад, кибо муъҷиза хумҳоро пур аз шароб месозад. Ва ҳолати дувум он аст, ки Мавлоно ба достони Мансури Ҳаллоҷ ва аҳволи ӯ ишорат мекунад. Ҳол дар Мансури Ҳаллоҷ шароби шавқу ҷазб ва сукр аст, ки аз шароб,дар хумҳои ҳазрати Исо фарқ мекунад. Мансури Ҳаллоҷ аз орифони бузург дар тариқат мебошад. Ӯ дар ирфон бисёр овоза дорад. Мақоми ин ориф дар ирфон бар асари шайдоӣ ва ҷазб аз шароби ишқ ва шуҳуд буд, ки худро ба тамом аз ёд бурда буд ва ҷуз маҳбуб касеро намедид, аналҳақ мегуфт, Мансури Ҳаллоҷ дар адаби ирфон ба гунаи ишқи илоҳӣ аст. Ва ҳолати севум аз талмеҳ дар байт ишора аст, ба сураи муборакаи «Ёсин» ва манзури Мавлонодар байт аз корбурд ва истифодаи таркиби «уммати Ёсин» паёмбар ҳазрати Муҳаммад (с) аст. Хонанда дар сохтори шеъри Мавлоно аз ҳузури санъати талмеҳ чанд суд мегирад, аввал достонҳои қуроъниро ба хотир меоварад ва дар ҳаҷми он каломи шоирро дар равиши шеър кашф мекунад ва низ дубора маърифати ҳузурро дар ин олами бекарон таҷриба мекунад ва ниҳоят аз каломи Мавлоно ҳам лаззати ирфонӣ ва ҳам рӯҳонӣ аз шеър мегирад.

[1]Девони Шамс, саҳ. 231

*Хуррам он боғе, ки баҳри Марямон*
*Меваҳои нав зимистон мерасанд.*

Дар сохтори ин байт он чи дар хотир мурур мекунад, аввал достони Марям аст, ки дар зимистон меваҳои тобистонӣ аз ғайб бау̅ мерасид. Санъати талмеҳ дар сохтори шеър барои пурбортар ва ҷаззобтар нишон додани матлаб истифода шудааст ва дар ин хат санъати талмеҳ ҳам дар сохт ва ҳам дар бофти ин байт, ҳузури маъно, ҳузури тасвир ва ҳузури калимотро аз нигоҳи ҳунар зеботару шевотар кардааст. Дар сохт ва бофти ин байти бадеъ Мавлоно бо истифода аз вожаҳои боғ, Марямон, меваҳои нав ва хуррам ҳолати якмаъноиро тағйир медиҳад ва маъно дар чанд буъд шакл мегирад. Бояд тазаккур дод, ки дар ҷамъи суратҳои бадеъ санъати бадеъ, бахусус талмеҳ дар сохтор ва бофти шеърҳои ин суханвариҳакими доно, бахусус дар «Девони Шамс» ҷузъи бисёр муҳим аст ва ғазалҳои у̅ро ҷудо аз ин санъат мушкил аст тасаввур кард:

*Симурғи кӯҳи Қоф расидан гирифт боз,*
*Мурғи дилам зи сина паридан гирифт боз.*
*Сиддиқу Мустафо ба ҳарифӣ даруни ғор,*
*Бар ғор анкабуттанидан гирифт боз.*
*Дандони айшкунд шуд аз ҳаҷри туршрӯй*
*Имрӯз қанди васл газидан гирифт боз.*
*Пироҳани сиёҳ кӣ пӯшид рӯзи васл,*
*То ҷойгоҳи ноф даридан гирифт боз?!*
*Мастурагони Миср зи дидори Юсуфе*
*Ҳар як турунҷу даст буридан гирифт боз.*
*Наззораи Халил кун охир, ки шаҳду шир*
*Аз исбаъини хеш мазидан гирифт, боз.*
*Табрезро кароматӣ Шамс аст, ҳаққи у̅*
*Гӯши маро ба хеш кашидан гирифт боз…*

Ҳамон тавр ки аз мутолиаи ғазал бар меояд, санъати талмеҳ дар ҳар байт аз ғазал ҳузур дорад ва ин назарро, ки санъати талмеҳ дар сохтори ғазалҳои Мавлоно як рукни муҳим аст, собит месозад.

## САНЪАТИ ИҚТИБОС

Аз санъатҳои дигар, ки дар сохтори шеър ва андешаи Мавлоно бештар мушоҳида мешавад, санъати адабии иқтибос мебошад. Иқтибос дар луғот бар маънии партави нур бошад ва низ бар маънии фурӯғ гирифтан низ ҳаст, яъне як пора оташ бигиранд ва бо он пораи оташи дигарро равшан бикунанд. Санъати иқтибос ба санъати талмеҳ шабоҳате дорад, шоир дар зимни баёни фикр ва тафаккури худ аз оёт, ҳадис қисман ё ин ки ба таври комил истифода мекунад. Аз ин санъат шоирони тавоно зиёд баҳра бурдаанд, Саноӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Анварӣ, Аттор, Мавлоно, Бедил дар ин санъати адабӣ абёти фаровон сурудаанд.

Саъдӣ:

*Маро шикеб намебошад,эй мусалмонҳо,*
*Зи рӯйи хуб, лакум динукум, валӣ динӣ…*[1]

Дар байти фавқ шайх Саъдӣ барои нишон додани манзури хеш, оятро аз Қуръони карим иқтибос овардааст ва он тавр ки арз гардид, риволу равиш ва тариқи истифодаи санъати талмеҳ аз санъати адабии иктибос фарқ мекунад. Дар санъати талмеҳ шоир зимни баёни андеша ба ояте, ҳадисе, қиссаву достоне, ки хеле машҳур аст ишорати дарунӣ месозад ва хонанда аз тариқи ҳамин ишорат, мазмуни шеърро фаросат мекунад.Аммо дар-санъати иқтибос он гуна, кибармеояд, тамом ё қисмате аз оят ва ҳадис дар шеър истифода мешавад, Мавлоно дар «Девони Шамс» аз ин санъати бадеъ низ фаровонкор гирифтааст. Ва дар ин фазо ҳолати равонӣ, ирфонӣ, маънавӣ ва ирфониро Мавлоно дар сохтори шеърҳои худ дар ҷилваҳои гуногун ранг додааст. Ғанои маънавӣ, ирфонӣ ва рӯҳонӣ, нигоҳ, баён, ва тасвир дар кори шоир аз ҳузури ин санъати адабӣ низ моя гирифтааст ва сохтори каломи Мавлоноро боз ҳам шӯрангезтар кардааст. Ҳашру нашри забони Мавлоно бо истифода аз ин санъат болиғтар гардидааст ва ҳолати бадеият, балоғат ва шеъриятро дар ин фазо рангинтару пурбортар ҷилва додааст:

*Аз «раҳматул лилоламин» иқболи дарвешон бибин*
*Чун маҳ муназзаҳ хирқаҳо, чун гул муаттар шолҳо.*

---

[1]Саъдии Шерозӣ, Девон, саҳ.561

Дар байти ҳозир санъати иқтибос он ҷо аст, киМавлоно қисмате аз ояти муборакаро аз Қуръони карим истифода кардааст ва манзур дар ин байт, азкорбурди бахши ояти «раҳматул лилоламин» ҳазрати Муҳаммад (с) аст, ки Худованд дар бораи паёмбари гиромӣ мефармояд: «Ва нафиристодем туро магарбахшише ҷаҳониёнро».[1] Бо истифода аз санъати иқтибос Мавлоно дар сохтори шеъри худ ҷилваҳои ирфонӣ, маънавӣ, рӯҳонӣ ва маънавии сухани худро ба тасвир мегирад ва аз санъати иқтибос чун санад ва ҳуҷҷат дар сохтори шеърҳои худ истифода мекунад. Асли матлаб аз истифодаи иқтибос дар сохтори шеър, муассир кардани калом мебошад, чи мусбат ва чи манфӣ, яъне шоир дар зимни истифода аз ин санъат ҳарфи худро ҳуҷҷат медиҳад ва бар мабнои ҳуҷҷат ва далел сухани худро шеърият мебахшад:

*Аз ин иқболгоҳи хуш машав як дам, дило, танҳо,*
*Даме менӯш бодай ҷону як лаҳза шакар мехо.*
*Ба ботин ҳамчу ақли кул, ба зоҳир ҳамчу тунги гул,*
*Дами илҳом амри «Қул», дами ташриф «Аътайно».*
*Малоҳатҳои ҳар чеҳра аз он дарёст як қатра*
*Ба қатра сер кай гардад, касе к-аш ҳаст истисқо?!*
*Дило, з-ин танг зиндонҳо раҳе дорӣ ба майдонҳо…*
*Магар хуфтаст пойи ту, ту пиндорӣ надорӣ по.*[2]

Дар сохтори ғазали фавқ санъати иқтибос дар чанд мисраъ ба чашм мехӯрад ва ғазал аз ҳавои ин санъат нафаси маъно мекашад ва танзими шеърияту бадеият низ дар сохти ғазал аз ин ҷост. Дар ғазали ҳозир, байти дувум аз он ифодаи «Қул» дар нақши санъати талмеҳ ба кор рафтааст, ин калима оғози чандин сура аз Қурони карим аст, «Қул» яъне бигӯ, сухан бигӯ, гап бизан. Дар ҳамин байт ҳамчунин қисмате аз ояти «Аътайно» иқтибос шудааст ва дар Қуръон карим омадааст: «Мо ба ту бахшидем Кавсарро», (сураи 108, ояти 1). Дар байти баъд Мавлоно аз ояти 74 сураи 25 иқтибос кардааст: «Ӯ медонад, он чи ниҳон ва ниҳонтари ниҳон».

[1]Қурони карим, сураи 21, ояти 107
[2]Девони Шамс, саҳ 31- 32

*Чунк ба Табрез чашм Шамси ҳақамро бидид,*
*Гуфт ҳақаш: «пур шудӣ» гуфт, ки «ҳал мин мазид».*

Иқтибос дар байти ҳозир ифодаи «ҳал мин мазид аст» ва ин ифода бахше аз ояти сӣ, сураи панҷоҳ аст, ки дар Қуръони карим омадааст: «Он рӯз, ки дӯзахро гӯем пур шудӣ? Ва дӯзах гӯяд боз дорӣ?».

*«Ло илоҳ» андар пайи «иллаллаҳ» аст,*
*Ҳамчу «ло» мо ҳам ба «илло» меравем.*
*«Қултаъоло» оятест аз ҷазби Ҳақ*
*Мо ба ҷазбай Ҳақтаоло меравем.*
*Хондаӣ «Инно илайҳи роҷиун»,*
*То бидонӣ, ки куҷоҳо меравем…*

Бо ин намунаҳо мешавад иқрор кард, ки санъати адабии иқтибос дар сохтори шеъри Мавлоно, чун санъати талмеҳ мавқеъ ва мартабии диданӣ дорад, ки каломи Мавлонороаз назари ҳам ҳунар ва ҳам аз назари маъно навтару зеботар кардааст.

**САНЪАТИ НИМОД**

Маъно, нигариш, ирфон,ҷилваҳои маъно ва андеша дар сохтори шеъри Мавлоно ҳам дар «Маснаии маънавӣ» ваҳам дар «Девони Шамс» ҳамеша дар ботини абёт хулоса мешавад, на дар қаволиб ва ҷилди калимот. Асолати маънавӣ, ҳақиқати андеша ва балоғати каломи Мавлоно дар сохтори ғазалҳои «Девони Шамс» дар ҳамин фазо таъбир мешавад.Дар сохтори шеърҳои Мавлоно чизе изофӣ ва беҳуда нест, ҳама чиз дар ҷои худ омадааст ва каломи ӯ оканда ва пурбор аст аз маърифати андеша, ирфон, розҳои мастур аз ишқ, худшиносӣ, муҳтавои шеър ва рози сухани шоир дар ҷилди калимаҳо пинҳон аст. Басират ва фитрат мебояд, то садои розҳову ниёзҳои пинҳони шоири ворастаро аз батни калимот тавоншунид,дар ин ҳавза аз санъатҳои дагар, ки дар сохтори шеъри Мавлоно мақом дорад, санъати адабии нимод аст. Маҳз шеваи дуруст ва ҳунармандонаи Мавлоно аз ин санъати бадеъ сохтори шеъри ӯро ҳусни эъҷоз додааст.

Санъати нимод дар сохтори шеърҳои Мавлоно бештар дар ду самт ё ду равиш ва ё ду бахш накши амиқ дорад, дар бахши

маъногарой вадар бахши тасвирсозӣ. «Яке аз абзорҳое, ки нависанда ба ҳангоми навиштан ва ё шоир барои дастёбӣ ба эъҷоз ба хидмат мегирад нимод-сумбул аст… Нимод иборат аз як шайъ, як шахс, як мавқеият, як амал, ё чизи дигаре, ки дорои маънои луғавӣ аст, аммо илова бар он маънои дигареро низ дар бар дорад».[1] Як ҷиҳати бисёр бартар дар истифодаи санъати нимод он аст, ки шоирро аз вартаи шиорзадагӣ, лухтгӯйӣ, беҳудагӯйӣ, қофиябозии бемантиқ, наҷот медиҳад. Агар шоир ҳунарманд, тавоно, қодир бошад ва битавонад аз санъати адабии нимод бо нигариш ва ҳунари шоирона истифода кунад, шеъри шоире чунин бешак ба эъҷоз мерасад. Ҳамон тавр ки Мавлоно дар сохтори ғазалҳои худ,дар бофти сухани худ аз ин санъати адабӣ мумтозу шоистаистифода кардааст ва фазои бадеият ва шеърияти каломи худро он гуна ки мебояд, булуғ ва авҷ додааст. Ҳамин шева ва тарзи баён ва корбурд аз санъати бадеъ аст, ки калом ва сухани шоирро аз ҳолати наср ба ҳолати шеър табдил медиҳад. Дар сохтори шеърҳои Мавлоно корбурди нимодҳои динӣ, дар қиболи нимодҳои асотирӣ, ҳамосӣ, дар ҳис ва зеҳни хонанда нақши амиқ бар ҷой мегузорад ва ҳисси хобро бедор мекунад, дар хотир ва рӯҳ шавқу ангезаро ба бор меоварад.

Ҳамдастӣ ва ҳамканории нимодҳои динӣ, адабӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва маъмулӣ, шукӯҳу шаҳомат ва бадеияту шеъриятро, зебоӣ ва шевоиро дар сохтори ғазалҳои Мавлоно шаҳомати дигар додааст. Санъати нимод аз тарафи аҳли таҳқиқ ба се бахш ҷудо шудааст, нимодҳои ибдоӣ ё шахсӣ, нимодҳои воқеӣ ё ногоҳона, ки дар фарҳанги як миллат, ҳатто башарӣ маъруф мебошанд. Ба монанди «тулӯи офтоб», «ғуруби офтоб», ки аввал нишонаи таваллуд ва дувум нишонаи марг аст, ки тақрибан ҷанбаи ҷаҳонӣ дорад.

Бояд арз дошт, ки сарчашмаи бисёре аз нимодҳоишинохта шуда аз асотир ва эътиқоди миллатҳост. Монанди зинда бурун омадани Сиёвуш аз оташ, ки нимоди озодагӣ, покӣ ва бегуноҳист ва ҳазрати Иброҳим, ки Намруд он ҳазратро дар оташ меафканад, оташ бар ӯ гулзор мешавад ва ҳазрати Иброҳим дар адаби порсӣ нимоди бовар ва эътиқод аст. Навъи дигар аз ни-

[1]Баҳром Мирсодиқӣ, «Фарҳанги истилоҳоти нақди адабӣ», инт. Фикри рӯз, Теҳрон, соли 1378, саҳ. 581-582

модҳо ибдоӣ бошад, ки маъниҳои аз қабл шинохташуда надоранд, яъне нимодҳое, ки аз қабл корбурди онҳо сурат нагирифтааст. Ин нимодҳоро худи шоирон абдоъ мекунанд ва бо такрори онҳо дар шеъри худ боиси ташхиси онҳо мешаванд. Такрор ва корбурди як вожа дар сохтори муҳтаво ва баёни андеша дар шеърҳои шоир боис мешавад, ки он вожа дар сурати нимод дар кори шеър дарояд. Чунончиин фазо, дар рубоиёти Хайём дар коркарди истилоҳи кӯза, кӯзагарӣ, коргаҳи кӯзагарӣ, нимодҳои такрорӣ ҳастанд ва дар рубоиёти ӯ сурати нимодӣ (сумбулӣ) гирифтаанд:

*Ин кӯза чу ман ошиқи зоре будаст,*
*Дар банди сари зулфи нигоре будаст.*
*В-ин даста, ки бар гардани ӯ мебинӣ,*
*Дастест, ки бар гардани ёре будаст.*

****

*Майлам ба шароби ноб бошад доим,*
*Гӯшам ба наю рубоб бошад доим.*
*Гар хоки маро кӯзагарон кӯза кунанд,*
*Он кӯза пур аз шароб бошад доим.*

****

*Бар коргаҳи кӯзагаре рафтам дӯш,*
*Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш.*
*Ногоҳ баровард яке кӯза хурӯш:*
*Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?*[1]

Бояд арз дошт, ки нимодҳои абдоъӣ низ дар сохтори бадеияту балоғат, шеърият, фасоҳату нафосат,шевоӣ ва зебоии калом саҳми бисёр ҷиддӣ ва муҳим доранд. Дигар аз навъи нимодҳо нимодҳои воқеӣ аст, ки маҳсули таҷрибаи зеҳнии махсуси шоир аст, ки аз қабл набуда, баён ва корбурди онҳо дар фазоиандеша ва сабки шоир тоза мебошанд. Чун сифатбандӣ, сурат, шигарди нимодҳои воқеӣ марбут аст ба фитрат, зеҳн ва балоғати нигариши шоир, дар халқи ҳар навъ шеър, азамати андеша ва тафаккури шоир низ дар ин хатмақоми лозимро касб

[1] Умари Хайём, «Рубоиёт», инт, Ирфон, Душанбе, 2004, саҳ.40

мекунад. Дар ин раъс корбурди дақиқ ва солими нимод гувоҳи ҳунари баланди суханвар мебошад.

Ҷилваи дигар дар кори нимодҳо кашфи муассири муҳтаво, танзими дурустишеърияту бадеият дар ҳамдастии нимодҳо мебошад, ки шеъри шоир, каломи шоир аз он рангу бӯи дигартар ва тозатар мегирад: «Дар ин навъи осор ҳар калима аз вазифаи аслии худ, ки эҷоди иртибот аст, боз мемонад ва василаи ихтисосӣ дар ихтиёри шоир ва ё худ нависанда мешавад, то онро бино бар майли худ (ва ё ин ки ғайри майли худ) ба кор гирад».[1] Ин шакли истифода аз санъати бадеӣ имрӯз ҳам дар шеъри муосир вусъат ва умқи фаровон гирифтааст, дар шеъри муосир нимодгароӣ як равиши маъмул дар кори шоирон гардидааст. Чунончи калимаи «ранг» дар шеъри Суҳроби Сипеҳрӣ нимоди зиндагӣ, марг ва ташхиси ҳастӣ аст.Бесабаб нест, ки ин шоирро дар шеъри муосир, аҳли таҳқиқ ва пажӯҳиш, шоири рангҳо ном мебаранд, ки бар ӯ ва шеъри ӯ бисёр мувофиқ мебошад. Ин шоир ҳатто яке аз китобҳои худро «Марги ранг» номгузорӣ кардааст:

*Ранге канори шаб*
*Беҳарф мурдааст.*
*Мурги сиёҳ омада аз роҳҳои дур,*
*Мехонд аз балндии боми шабшикаст.*
*Сармасти фатҳ омада аз роҳ,*
*Ин мурги гампараст.*
*Дар ин шикасти ранг*
*Аз ҳам гусаста риштаи ҳар оҳанг.*
*Танҳо садои мургаки бебок гӯши сукути сода меорояд*
*Бо гӯшвори пажвок.*
*Мурги сиёҳ омад аз роҳҳои дур,*
*Биншаста рӯйи боми баланди шабшикаст*
*Чун санг, бетакон.*
*Лагзанда чашмро*
*Бар шаклҳои дарҳами пиндораш:*
*Гулҳои ранг сар зада аз хокҳои шаб.*
*Дар ҷодаҳои атр*

---

[1]Майманаи Мирсодиқӣ, «Вожаномаи ҳунари шоирӣ», Теҳрон, соли 1383, саҳ. 282-283

*Пои насим монда зи рафтор.*
*Ҳар дам паи фиребе ин мурги ғампараст*
*Нақше кашад ба ёрии минқор.*
*Банде гусастааст,*
*Хобе шикастааст.*
*Руъёи сарзамин*
*Афсонаи шукуфтани гулҳои рангро*
*Аз ёд бурдааст.*
*Беҳарф бояд аз хами ин раҳ убур кард:*
*Ранге канори ин шаби бемарз мурдааст*[1].

Ин равиш дар шеъри Доро Наҷот ҳам равшан ба чашм меояд, дар шеърҳои ӯ вожаҳои гул, нилуфар, равшанӣ, осмон, ранг ва… равиши нимодӣ гирифтаанд:

*Шукуфтан,*
*дар саҳнаҳои рӯйишу коҳиш*
*ба анбӯҳи сабзи тамошо биёғуст.*
*Ва бозиҳои андомии рӯҳро*
*ба оғӯши музҳику*
*фоҷиаи барбод*
*Ровие,*
*Садо зад аз паси пардаҳои барг,*
*ки ин шукуфт,*
*тобише*
*дар имтизоҷи наботии рангу пӯст*
*ва намое хокӣ*
*аз таҷаллии афранги ӯст.*
*Саҳна чархид,*
*Сояравшани лаҳзаҳоро*
*ва шукуфтан одурахшид,*
*Ойинаро аз ҷавҳариҳузур,*
*ва луълуи дилбариро аз комабарги нур…*[2]

Дар санъати нимод, мафҳуми номаҳдуд ба аносири маҳдуд меомезад, то қобили дарк, фаҳм ва дастёфтан шавад, вале аҳамияти аслӣ ва бисёр муҳим дар санъати нимод, дар арзиши

[1]Суҳроби Сипеҳрӣ, «Ҳашт китоб», инт. «Гулшан», Теҳрон, соли 1377, саҳ. 54.
[2] Доро Наҷот, «Маҳтобе хамида дар рукӯъ», инт. Адиб. Соли 2006, саҳ.79.

маънавӣ ва ирфонии ӯ бошад. Агар ин таъсир ва ин ранг аз санъати нимод ҳазф шавад, ҳеҷ чизи шоиста ва лозим дигар дар ӯ бар ҷой намемонад, зеро санъати нимод низ чун санъатҳои адабии дигарҷозибаву таъсир ва бадеияти каломро, бадеияти маъниро дар сохтори шеър балоғат медиҳад. Шеърҳои нимодин, агар аз навъи дувум ва савум бошанд, ниёз ба шарҳу тафсир доранд ва санъати нимод дар ғазалҳои Мавлоно аз навъи дувум ва севум мебошанд. Танҳо суханвари мумтоз қодир аст, ки аз санъати нимод ба д-ин гуна истифода кунад. Бинобар ин ҳар куҷое ки Мавлоно аз ин санъат кор гирифтааст,он шарҳва маънӣ мехоҳад:

*Эй хушо рӯзе, ки мо маъшуқро пинҳон кунем,*
*Дида аз рӯи нигоринаш нигористон кунем.*
*Гар зи доғи ҳаҷри ӯ дардест дар дилҳои мо*
*З-офтоби рӯйи ӯ он дардро дармон кунем,*
*Чун ба дасти мо супорад зулфи мушкафшони хеш,*
*Пеши мушкафшони ӯ шояд, ки ҷон қурбон кунем.*
*Ӯ ба озори дили мо ҳар чӣ хоҳад, он кунад,*
*Мо ба фармони дили ӯ, ҳар чӣ гӯяд, он кунем.*
*Ин кунему сад чунину миннаташ бар ҷони мост,*
*Ҷону дил хидмат диҳему хидмати султон кунем.*
*Офтоби раҳматаш дар хоки мо дартофтаст,*
*Зарраҳои хоки худро пеши ӯ рақсон кунем.*
*Зарраҳои тираро дар нури ӯ равшан кунем,*
*Чашмҳои хираро дар рӯйи ӯ тобон кунем.*
*Чӯби хушки ҷисми моро, к-ӯ ба монанди асост,*
*Дар кафи Мӯсои ишқаш муъҷизи Нуъмон кунем.*
*Гар аҷабҳои ҷаҳон ҳайрон шавад дар мо, равост,*
*К-инчунин Фиръавнро мо Мӯсии Имрон кунем.*
*Нимае гуфтему боқӣ нимкорон бӯ баранд,*
*Ё барои рӯзи пинҳон нимаропинҳон кунем.*[1]

Ғазали фавқ аз матлаъ то мақтаъ, яъне ба тамом дар фазои нимодгарой суруда шудааст, дар кори ғазал вожаҳое амсоли маъшуқ, нигористон, офтоб, мушкафшон, чӯби хушк, Мӯсои ишқ, ва… намунаҳое аз санъати нимод аст. Аз назари корбурд

[1]Гузидаи Шамс, саҳ. 305-306

ва ҷойгоҳи санъати нимод агар бар ин ғазал бингарем, ин ғазал аз навъи дувум ва севуми санъати нимод мебошад, шарҳ ва тафисири ғазал ҳам бар ин мабновоҷиб аст. «Дар давраи нахустини шеъри форсию дарӣ ба нимод ва тасвирҳои нимодӣ камтар бармехӯрдем, аммо бо зуҳури суфия (тасаввуф) ва рушди шеъри ирфонӣ нимод вориди шеъри форсӣ мешавад ва шеъри форсӣ умқ ва буъди дигаре пайдо мекунад. Дар шеъри шоирони ғайримутасаввиф, он чи метавонад нимод номида шавад, ағлаб нимодҳои асотирист, ки бештар ба сурати талмеҳ ба кор меравад».[1] Оре, бо вуруди тасаввуф ва ирфон ба қаламрави шеъри форсӣ-тоҷикӣ корбурди нимод ва нимодгароӣ дар шеъри шоирони ориф, чун Саноӣ, Аттор, Мавлоно, Саъдӣ ва Ҳофиз рушду камол ва нумуи тозаеро касб кард.

Он тавр ки пайдост, рӯй овардани шоирон ба ирфон нигоҳи ононро ба асли шеър, мавзӯъ, шайъ тағйир дод ва рӯҳи шеър низ дар кори онҳо ба тамом дигар гардид. Дар ин замина буд, ки санъати нимод ҳам дар шеъри шоирони ориф вориди марҳалаи ҷадид шуд ва шеваи истифода аз ин санъат ҳам дар шеъри шоирон беш аз беш вусъатҳои тозае касб кард. Нимодгароии ирфонӣ дар шеъри шоирони ориф ба авҷи хеш даст ёфт ва он як рукни муҳим дар сохтори шеъри шоирони ориф, мин ҷумла осори Мавлоно гардид. Шоири хушҳолу хушназар дар ҳавзаи корҳои худ аз ин санъат бисёр зебову дақиқ ва жарф истифода кардааст. Дар ҳошияи ин хат арз метавон дошт, заруратти дигар, ки Мавлоно дар ғазалҳои хеш аз санъати нимод истифодаи фаровон карда, ҷанбаи рӯҳонии шеъри ӯст, чаро ки шеъри ирфонӣ дар қолаби шиор ва камрангии хаёл наметавонад шакл бигирад, наметавонад ба авҷи ҳунар бирасад, зеро масоили ирфонӣ ва нигариши рӯҳонии шоир дар сохтори шеър барои шаклгирии санъати нимод нохудогоҳ заминаҳои лозимро омода месозад. Дар ин равиш истифодаи дурусту дақиқ аз санъати нимод андеша ва тафаккури шоирроба самти уфуқҳои тозаи хаёл ва кашфи маъниҳои бикр ташвиқ месозад. Нимодҳо дар доираи истифодаи худ чизе фаротар аз як калима нестанд, аммо дар корхонаи тафаккури шоир ба маъноҳои чандбуъдӣ табдил мешаванд, яъне чизе мешаванд фаротар аз як калима,

---

[1]Майманаи Мирсодиқӣ, «Вожаномаи ҳунари шоирӣ», Теҳрон, соли 1389, саҳ. 282

асрори санъати нимод низ дар ин бошад. Забони шеър ва ҷилваҳои маънои дар сухани Мавлоно ва сохтори шеъри ӯ саршор аст аз санъати нимод, яъне «зебоии рӯҳи Ҷалолуддин Муҳаммад дар он аст, ки алоқаи маънавии вай бо шакли ишқ дармеояд ва забоне, ки аз ин алоиқ,зебо дам бизанад, он забони ғазал аст ва аз шӯру савдо лабрез».[1] Мавлоно бо ихлоси тамом ошиқона инсони рашидро бо каломи нимодин ба тасвир мегирад ва дар ин фазо инсонро ба сӯи бедорӣ даъват мекунад, чунончи вожаи «хок» дар шеъри Мавлоно нимоди инсон аст ва хок дар таълифоти ирфонӣ ҳам ҷойгоҳу мақоми воло дорад ва дар аносири чаҳоргона меояд:

*Агар ки ту нашавӣ дар мақоми хок муқим,*
*Мақоми хеш бар авҷи уло тавонӣ кард…*

Хатти нимодгарои дар шеърҳои Мавлоно гуногун буда,кори он дар чанд вожаи маъмул хулоса намешавад. Корбурди нимодҳо дар ғазалҳои Мавлоно фароху густарда мебошад ва нимоди табиат дар ин хат як ҷилва аз ҳолу ҳавои нимодҳои шоири ориф аст. Нимодҳо аз табиат дар сохтори шеъри Мавлоно худро бештар дар ду хат нишон медиҳанд.

Аввал дар хатти мушоҳида ва дигар ҳолати шеърияти каломи Мавлоност, ки калимаҳо дар сурати нимодҳои ирфонӣ худро намоиш медиҳанд.

Юсуф: Нимоди ростӣ, сидқ, растагорӣ, зебоӣ, ҷалол ва камол, эътимод ва бовар.

*Эй Юсуфи хушноми мо, хуш меравӣ бар боми мо,*
*Эй даршикаста ҷоми май, эй бардарида ҷоми мо.*

****

Соқӣ: Нимоди пир, раҳнамо, равшанзамир, иршод, ҳазрати Ҳақ (ч), ҳазрати Муҳаммад (с) .

*Ку бом ғайри боми ту? Ку ном ғайри номи ту?*
*Ку ҷом ғайри ҷоми ту, соқии ширин маро…*

[1]Алии Даштӣ, «Сайре дар Девони Шамси Табрезӣ», рӯзномаи «Паёми Душанбе», 5.3. соли 1999

****

*Ин бод андар ҳар саре савдои дигар мезанад,*
*Савдои ин соқӣмаро, боқӣ ҳама они шумо.*

****

Май, бода, шароб: нимоди маърифат, камол, шавқ, талаб, висол.

*З-он май, ки зи дил хезад, бо рӯҳ даромезад,*
*Махмур кунад чашмаш, мар чашми худойинро…*

****

Бода: ваҷд ва маърифат.

*Он бодаи ангурӣ мар уммати Исоро,*
*В-ин бодаи мансурӣ мар уммати «Ёсин»-ро.*

****

Шароб: нимоди ҳол ва мушоҳида аст.

*Хилватиёни осмон то чӣ шароб мехуранд,*
*Рӯҳ харобу маст шуд, ақли хумор мерасад.*

****

Гул: нимоди зебоӣ, маъшуқ, шукуфоӣ, хушҳолӣ, шодобӣ, пайғом, маҳбуб, нигор, сарсабзӣ, мақоми маърифат.

*Раъд ҳамезанад дуҳул, зинда шудаст ҷузву кул,*
*Дар дили шоху магзи гул бӯйи баҳор мерасад.*

****

Дил: нимоди огоҳӣ, бедорӣ, шинохт, шуҳуд, махзани асрори Ҳақ, ҳарами ишқ, мадрасаи маърифат ва Каъбаи маънӣ.

*Чарог аст ин дили бедор, ба зери доманаш магзор,*
*Аз ин боду ҳаво бигзар, ҳавояш шӯру шар дорад.*

****

Фиръавн: нимоди такаббур, ғурур, саркашӣ, нафс, гумроҳӣ…

*Бибур, эйишқи чу Мӯсо сари Фиръавни такаббур,*
*Ҳала Фиръавн, ба пеш о, ки гирифтам дару бомат.*

****

Маънӣ: нимоди нийят, мурод, хоҳиш, асл, ҷавҳар, мақсуд, ва рӯҳ…

*Маънӣ ба саҷда ояд, чун сурати ту бинад,*
*Ҳар ҳарф рақс орад, чун бишнавад каломат…*

****

Киштӣ: нимоди тан, қолаб, пайкари хокӣ, инсон, сурати зоҳир.

*Омад мавҷи аласт, киштии қолаб шикаст,*
*Боз чу киштӣ шикаст, навбати васлу лиқост…*

****

Шамс: Таҷаллӣ ва мазҳари ҷамоли ҳазрати Ҳақ, нимоди ишқ ва камоли ҳақиқӣ.

*Гавҳари Одам ба олам, Шамси Табрезӣ, туӣ,*
*Эй зи ту ҳайрон шуда баҳри маонӣ, шод бош…*

****

*То падид омад шуои Шамси Табрезӣ зи Шарқ,*
*Ҷони мутлақ шуд замину осмон, эй ошиқон.*[1]

Он тавр ки мушоҳида шуд, нимодгароӣ дар ғазалҳои Мавлоно дар як ҳолати маҳдуд шакл намегирад, балки дар ҳазаи адабиёт милоки ҷаҳонӣ ба худ касб мекунад. Ин ҷилваҳост, ки каломи шоири шӯридаҳолро ҳусну арзиши бениҳоят додааст. Мавлоно бо истифода аз санъати нимод ҳолатҳои равонӣ, ирфонӣ, рӯҳонӣ ва маъниро дар калимот зуб мекунад ва ин ҷилва дар ғазалҳои шоир аз равшантарин ва гармтарин таҷаллӣ бархӯрдор аст. Мавлоно меъмори ҳунарманди андеша аст дар шеър ва меъмори шеър аст дар андеша, маъно, нигариш, нигориш, баёну забон, ки ин ҳама дар хатти нимодҳо ба асолат ва балогати шеър пайванд мехӯрад. Санъати нимод дар ғазалҳои Мавлоно ҳамон тавр ки мушоҳида шуд, дами калом ва фазои

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамси Табрезӣ, инт Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ. 6-10- 13- 36- 42- 112- 116- 121- 133- 139- 143- 387

муҳтаворо дар корҳои ӯ равнақ додааст, умқи хаёл ва нигоҳи ӯро дар халқи шеър комилтар кардааст.

*Пеш аз он к-андар ҷаҳон богу майу ангур буд,*
*Аз шароби лоязолӣ ҷони мо махмур буд.*
*Мо ба Багдоди ҷаҳони ҷон «Аналҳақ» мезадем,*
*Пеш аз он к-ин доругиру нуктаи Мансурбуд…*
*Пеш аз он к-ин нафси кул дар обу гил меъмор буд,*
*Дар хароботи ҳақоиқ айши мо маъмур буд.*
*Ҷонимо ҳамчун ҷаҳон буд, ҷоми ҷон чун офтоб,*
*Аз шароби ҷон ҷаҳон то гардан андар нур буд.*
*Соқиё, ин муъҷибони обу гилро маст кун,*
*То бидонад ҳар яке, к-ӯ аз чӣ давлат дур буд.*
*Ҷон фидои соқие, к-аз роҳи ҷон дармерасад,*
*То барандозад ниқоб, аз ҳар чӣ он мастур буд.*
*Мо даҳанҳо боз монда пеши он соқӣ, к-аз ӯ*
*Хамрҳои бехумору шаҳди безанбур буд.*
*Шаҳри Табрез! Ар хабар дорӣ, бигӯ он аҳдро*
*Он замон, ки Шамси дин бе Шамси дин машҳур буд.*[1]

Дар сохтори шеъри Мавлоно истифода аз нимод барои як саргармӣ нест, балки он ангеза аст, ки каломи Мавлоноро аз ҳолати назм ба шеъри баланди саршор аз бадеият табдил медиҳад вабо истифода аз санъати нимод, маърифат инсонгароӣ ва ирфону маърифатро сурат мебахшад.

**САНЪАТИ ТАСВИР**

Дар истилоҳи адабӣ ҳамеша тасвир ва хаёл бо ҳам омадааст ва аҳли назар ин дуро як санъат гуфтаанд. Мавлоно дар сохтори шеъри худ аз ин санъат ҳам мутобиқ ба ҳолу ҳавои андаша, завқ ва фазои хаёл истифода кардааст. Аз қабл дар бораи тасвири хаёл назар бар ин будааст, ки ин санъати бадеъ, яъне тасвири хаёл, танҳо аз тариқи ҳисси нигариш қобили дарёфт бошад. Аммо бо гузашти замон ин назар аз тарафи аҳли таҳқиқ тағйир хӯрд ва имрӯз гӯянд, тасвири хаёл, ҳам бо ҳисси биноӣ ва ҳам шунавоӣ ва ломиса низ сари кор метавонад дошта бошад. Дар кори аҳли сухан хаёл ва тасвир «аз қадимтарин адворишеъри форсӣ аст. Луғати хаёл ба маънии тасвиру мушобеҳ

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 150-151

ва наздик ба ин маъно ба кор рафтааст. Дар истилоҳоти шеъру шоирӣ баҳс аз саноеи маънавии он хаёл ба маҷмӯаи тасаррруфоти баёнӣ ва маҷозӣ итлоқ мешавад ва он чи дар ҳавзаи илми баён қарор дорад, азҷумлаи хаёл ба шумор меояд. Тахайюл ва тасвиргароӣ кӯшишест, ки зеҳни халлоқи шоирон мабзул медорад, то миёни аъзои табиат пайванде нав ва бадеъ биёваринад».[1] Мавлоно дар сохтори шеъри худ бо истифода аз санъати тасвир ва хаёл калимоти маъмулро нашъати тоза медиҳад ва ин нашъатро дар колбади шеър ва санъатҳои бадеӣ зинда месозад, рӯҳи шеърро дар калимот медамад. Ҳамчунон ки бо ҳисси биноӣ мешавад як тасвирро тамошо кард ва аз рангҳову муҳтавои он лаззат бурд, аз калимот дар шеър низ метавон ин лаззат ва шавқро дарёфт. Каломи Мавлоно аз ин ҷилва саршор аст, аз санъати хаёл ва тасвир, дар ҳавзаи шеъри ӯ бар калимот рӯҳ ва равони бадеият додааст, ин муомила каломи ӯро матлубтар аз шеъри шоирони дигар кардааст.

*Эй навбаҳори ошиқон! Дорӣ хабар аз ёри мо,*
*Эй аз ту обастан чаман, в-эй аз ту хандон богҳо.*
*Эй бодҳои хушнафас, ушшоқро фарёдрас,*
*Эй поктар аз ҷону ҷо, охир, куҷо будӣ, куҷо?*
*Эй фитнаи Руму Ҳабаш, ҳайрон шудам, к-ин бӯи хуш*
*Пироҳани Юсуф бувад ё худ равони Мустафо?*
*Эй ҷӯйбори ростӣ, аз ҷӯйи ёри мостӣ,*
*Бар ҷонҳо Синостӣ, бар ҷонҳои ҷонфизо..!*

****

*Чандон бинолам нолаҳо, чандон барорам рангҳо,*
*То барканам аз оинай, ҳар мункире ман зангҳо…*[2]

Дар сохтори абёти фавқ нигариши тасвир ва фурӯғи хаёли шоир аст, ки ҳолати маъмулиикалимаҳоро аз ҳар назаре тағйир медиҳад ва онҳоро ба ҳолати бадеъ ва шеър меоварад. Дар корҳои Мавлоно тасвир ва хаёл дар вуҷуди калимоти абёт нарм ҷорист ва мисраъ дар мисраъ ба маъно ва шеър пайванд мехӯрад, Тасвирҳои таркибӣ ва суботи маъно дар абёти ҳозир,

---

[1]Симо Дод, «Фарҳанги истилоҳоти адабӣ», инт. Марворид, соли 1375, саҳ.122
[2]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 12-16

ҳамон тавр ки метавон мушоҳида кард, қабл аз ҳар чӣ дар фитрат, зеҳн ва хаёли шоир реша доранд ва маҷмӯи шеър аз он шакл мегирад, ниҳоли хаёл кам-кам қад баланд мекунад ва ба ранги тасвир мерасад ва дар сурати маъно зоҳир мешавад. Агар шоир чун Мавлоно чирадаст аст, аз калимоти маъмул, беҳтарин тасвир, тамошотарин ранг ва нобтарин маъноро дар ин замина метавонад тарҳ бирезад. Дар шеър низ чун дар наққошӣ тавир ва ранги хаёлро метавон дид, ҳис кард ва лаззати маънавӣ аз он бардошт, чунинаст, ки аҳли таҳқиқ ва аҳли назар бар онанд, ки санъати тасвир ва хаёл ҷавҳар, асолат ва балоғати шеър аст. Бо ин вуҷуд, ки санъати тасвир дар ҳусни шеър накши болиғва муҳим дорад, ин нуктаро ҳатман бояд тазаккур дод, он чи дар тасвирбандии хаёл нақши фаъол ва лозимтар дорад ва тасвирро, хаёлро дар шеър мартаба медиҳад, азамати тафаккур ва андеша аст. Тасвир, хаёл дар ин ду фазост, ки болиғ мешавад, ранг мегирад ва ба шукуфти шеър мерасад:

*Ҳаст тӯмори дили ман ба дарозои абад,*
*Барнавишта, зи сараш то суи поён ту марав.*

****

*Ҳама дар бахт шукуфта, ҳама бо лутфи ту хуфта,*
*Ҳама дар васл бигуфта, ки «Худоё, ту куҷоӣ?»*

****

*Андар о дар боғ, то номуси гулшан бишканад,*
*З-он ки аз сад боғу гулшан гулшантарӣ.*

****

*Эй бод, шохаҳоро дар рақс андаровар,*
*Бар ёди он, ки рӯзе бар васл мевазидӣ.*[1]

Бо он ки тафаккури шигард, ва андешаи бадеъ,нигоҳи баланд дар халқи шеър зарурати аввалро дорад, нақши санъати тасвир ва хаёлро дар кори шеър наметавон нодида гирифт. Дар тӯли таърих санъати тасвир ва хаёл, он тавр ки зикр гашт, дар шеъри форсӣ роиҷ буда ва дар фарозу фурӯдҳои худ таҳаввулоти бисёре доштааст. «Бешак ба навгароӣ, ки иқтизои асри мост, тавассути ошноӣ бо пешинаи худ, боз кардани дари хазоини

[1]Ҳамон ҷо саҳ. 447-503- 528- 550

накушудаи адабу тамаддуни хештан метавон даст ёфт».[1] Санъатҳои бадеӣ дар сохтори шеъри Мавлоно,ба таври масал ҳамон «хазоини накушуда»-и адаб ва маърифат ва ирфони ишқ аст. Дар оғози шеъри форсӣ-тоҷикӣсанъати тасвир ва хаёл баргирифта аз табиат аст ва бисёр тозаву сода, ҳамин тозагӣва содагиҳо дар қарнҳои баъд дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ суннат гардид ва як тасвир ва як хаёл дар шеъри шоирон ба тадриҷ такрор мегардид ва онҳоро тасвир ва хаёли такрорӣ ном ниҳоданд.

Бо ҳузури шоирони ориф ва ирфонгаро санъатҳои бадеӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ навтар шуд ва санъати тасвир ва хаёл ҳам ба таҳавввулоти тоза рӯ дар рӯ гардид. Ирфон ва тасаввуф шева ва равиши истифода аз ин санъатро дар шеър ба тамом дигар кард, санъати тасвир ва хаёл чун дигар саноеи бадеӣ, дар шеъри шоирони ориф таҷаллӣ ва рӯҳи тоза касб кард, ҳамон тавр ки як наққош рангҳои гуногунро ба ҳам омезиш медиҳад ва дар нақшу нигор рангҳои ҷадид ба вуҷуд меоварад ва бо ин равиш ранг ва рӯҳи тасвири худро дигар месозад. Вуруди ирфон дар шеъри форсӣ ва тоҷикӣ санъати тасвир ва хаёлро дар ҳавзаи андеша ва кори шоирон тағйир дод ва навтар кард. «Нақши алфоз дар илқои ҳар чӣ бештари эҳсосу маъно қобили таауқ аст. Ороиши сухан ба ҳар навъ аз василаи саноеи бадеӣ нозир ба ҳамин маъност».[2] Нигариши шоирони ориф аз шоирони моқабл, ҳамон тавр ки арз шуд, ба тамом тафовут дошт ва ниёз ба корбурди орояҳои бадеӣ, ба сурати нав ва ба тарзи нав амри заруре буд, дар шеъри шоирони ориф, ки бояд ба вуқӯъ меомад.

Шеъри шоирони ориф ҳам азназари алфоз ва ҳам аз назари сурат ва ҳам аз назари бадаеият барҷаста гардид. Дар ин фазоитозатар ва нав мушкил аст, ки миёни саноеи бадеӣ ва низ миёни сурат ва маъно хатти мушаххас кашид, зеро ин ду дар шеъри шоирони ориф, сахт ба ҳам гиреҳ хӯрдааст. Таҳқиқ ва риволи ин кор аз пажӯҳишгарон бисёр диқат мехоҳад. Дар ин кор лағжиши андак кофӣ аст, ки муҳаққиқ сарриштаи воковиро аз даст раҳо кунад. Дар кори шоирон, бахусус шоире амсоли

[1]Ҷамолиддин Сайидзода, «Мо ва Носири Хусрав», Душанбе, соли 2004, саҳ. 4
[2]Алӣ Наҷафӣ, «Рӯдаки саромади шоирони форсӣ», ч. 2, инт. Хонаи китоб, соли, 1388, саҳ. 443

Мавлоно «маънӣ тобеи сурат аст ё сурат тобеи маънӣ? Ба назар мерасад, дар осори барҷаста натавон марзи дақиқ миёни ин ду кашид».[1] Санъати тасвир ва хаёл дар сохтори андеша ва шеъри Мавлоно дар ҳоли таодули забон, маънӣ, баён ва нигоҳ, ба мавзӯъ бисёр дақиқ аст, калимот, тасвир, таркибот, мафҳум дар «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс»,ҳама дар либоси санъатҳои бадеӣ худро аз ҳар лиҳоз ҳусн додаанд, худро дар ин фазо батамом оростаанд, ки як намуна аз он санъти тасвир ва хаёл аст:

*Имшаб, эй дилдор, меҳмони туем,*
*Шаб чӣ бошад? Рӯзу шаб они туем.*
*Нақшҳои санъати дасти туем,*
*Парваридай неъмату нони туем.*
*Чункабутар зодаи бурҷи туем,*
*Дар сафар таввофи айвони туем…*
*Ҳар сафар нақше кунӣ дар магзи мо,*
*Мо саҳифай хатту унвони туем.*
*Гӯйи заррини фалак рақсони мост,*
*Чун набошад? Чунки чавгони туем.*
*Хоҳ чавгон соз моро, хоҳ гӯй,*
*Давлат ин бас, ки ба майдони туем.*
*Соясози мост, нури соясӯз*
*З-он ки ҳамчун маҳ ба мизони туем.*[2]

Мавлоно дақиқ ба ҳар калима дар ин ғазал ҷойи махсуседодааст ва ин ҷой доштан аст, ки ҳар калима ҳусни шеър гирифтааст. Ҳамин нигариш ва нигориши Мавлоно бо калом аст, кидар ғазалҳои худ маърифати достониро дар қолаби ғазал, табдил ба шеър кардааст, дар ин ривол ҷилваҳои санъатҳои бадеист, ки балоғат, тароват ва малоҳати аҷиб бар сухани Мавлоно зам кардааст. Мавлоно бо шигарди наҷиб ва аҷибва нигоҳи бадеъ аз санъатҳои бадеӣ, дар сохтори шеърҳои худ наҷиб кор гирифтааст. Чунин тасаввур метавон дошт, ки Мавлоно дар халқи ғазал садои ранг, тасвир, хаёл ва калимотро мешуна-

[1]Алиризо Фӯлодӣ, «Сабзҳо ва қирмизҳо», инт. Ҳамсоя, Теҳрон, соли 1388, саҳ. 86
[2]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 330

вад, ин ҳамаробо гӯши ҷон мешунавад, эҳсос мекунад ва ҳолатҳоро дар халқи шеър хубу дақиқ ташхис медиҳад.

*Орифонро шамъу шоҳид нест аз беруни хеш,*
*Хуни ангурӣ нахӯрда, бодашон ҳамхуни хеш.*
*Соате мизони онӣ, соате мавзуни ин,*
*Баъд аз ин мизони худ шав, то шавӣ мавзуни хеш.*
*Гар ту Фиръавни манӣ, аз Мисри тан берун кунӣ,*
*Дар дарун ҳолӣ бибинӣ Мӯсиву Ҳоруни хеш.*
*Лангаре аз ганҷи модун бастаӣ бар ҷони хеш,*
*То фурӯтар меравӣ ҳар рӯз бар Қоруни хеш.*
*Юнусе дидам нишаста бар лаби дарёи ишқ,*
*Гуфтамаш: Чунӣ? Ҷавобам дод: Бар қонуни хеш.*
*Гуфт: Будам андар ин дарё ғизои моҳие,*
*Пас чу ҳарфи нун хамидам, то шудам Зуннуни хеш…*[1]

Бо ин ҳама ҳуҷҷат мешавад иддао кард, ки санъати тасвир ва хаёл дар сохтори шеъри Мавлоно нақши боризе дорад ва каломи шоири ориф аз баракати он авҷи бештарро дар худ гирифтааст.

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 230

## ҶАҲОНИ МАЗМУН ВА МАЪНАВИИ АНДЕШАИ МАВЛОНО

«Девони Шамс», «Маснавии маънавӣ» ва осори дигари Мавлоно барои ҳидоят, иршод, тарбият ва наҷоти башар аз ҷаҳл, парешонӣ, ғафлат, саргардониҳо ва сардаргумиҳо мебошад. Яъне осори ин шоири бузург ҳаргиз барои тафреҳ ва лаззати як лаҳза аз калом нест, балки унс доштан бо осори Мавлоно рӯй овардан аст ба сӯи камол, ба сӯи равшанӣ, ба сӯи маърифат, ба сӯи ирфон ва ба сӯи ҷалолу камоли ишқ.

Девони Шамс:

*Умр, ки бе ишқ рафт, ҳеч ҳисобаш магир,*
*Оби ҳаёт аст ишқ, дар дилу ҷонаш пазир.*
*Ҳар кӣ ҷуззи ошиқон, моҳии беоб дон,*
*Мурдаву пажмурда аст, гарчи бувад ӯ вазир.*
*Ишқ чу бикшод рахт, сабз шавад ҳар дарахт,*
*Барги ҷавон бардамад ҳар нафас аз шохи пир.*
*Ҳар кӣ шавад сайди ишқ, кай шавад ӯ сайди марг,*
*Чун сипараш маҳ бувад, кай расадаш захми тир.*
*Сар зи Худо тофтӣ, ҳеч раҳе ёфтӣ?*
*Ҷониби раҳ бозгард, ёва марав хир-хир.*
*Тунги шакар хар ба лош, в-ар нахарӣ, сирка бош,*
*Ошиқи ин мир шав, в-ар нашавӣ, рав, бимир.*
*Ҷумлаи ҷонҳои пок гашта асирони хок,*
*Ишқ фурӯ рехт зар, то бираҳонад асир.*
*Чуст шаву мард бош, Ҳақ диҳадат сад қумош,*
*Хоки сияҳ гашт зар, хуни сияҳ гашт шир.*
*Мафхари табрезиён, Шамси ҳақу дин, биё,*
*То бираҳад пои дил, з-обу гили ҳамчу қир.*[1]

«Маснавии маънавӣ»:

Ваҳй кардани Ҳақ таоло ба Мӯсо паёмбар, ки чароба аёдати ман наёмадӣ:

*Омад аз Ҳақ сӯи Мӯсо ин итеб,*
*К-эй тулӯи моҳ ту дида зи ҷеб.*

---

[1]Куллиёти Шамси Табрезӣ, ҷилди 1, инт. Нақши Эрон, Теҳрон, соли 1386, ғазали 1129 саҳ. 411

*Мушрикат кардам зи нури эзадӣ,*
*Ман Ҳақам, ранҷур гаштам н-омадӣ.*
*Гуфт: Субҳоно, ту покӣ аз зиён,*
*Ин чӣ рамз аст, ин бикун, ё раб, баён.*
*Ёр фармудаш, ки дар ранҷуриям*
*Чун напурсидӣ ту аз рӯйи карам?*
*Гуфт: Ё раб, нест нуқсоне туро,*
*Ақл гум гашт, ин гираҳро баргушо.*
*Гуфт: Оре, бандаи хосе гузин*
*Гашт ранҷур ӯ, манам неку, бибин.*
*Ҳаст маъзуриш маъзурии ман,*
*Ҳаст ранҷуриш ранҷурии ман.*
*Ҳар кӣ хоҳад ҳамнишинӣ бо Худо,*
*Ӯ нишинад дар ҳар ҳузури авлиё.*
*Аз ҳузури авлиё гар бигсалӣ,*
*Ту ҳалокӣ з-онки ҷузвӣ, на кулӣ.*
*Ҳаркиро дев аз каримон вобурад,*
*Бекасаш ёбад, сарашро вохӯрад.*[1]

Ҳамон тавр ки аз ин ду навишатаи шоири ориф бар меояд, инсон дар зиндагии маънавии худ рисолати махсус дорад ва он рисолат шинохтани ишқ, шинохтани асли худ, шинохтани маҳбуби худ ва наҷот аст аз ҷаҳл, барои расидан ба он дӯст. Ҳамчунин омӯхтани дарси ишқ ҳам ҳаст ва ҳар инсон, ки дар мадрасаи ишқ тарбият мегирад, ба камол мерасад, ҳаргиз дар ӯ ҷаҳл набошад. Инсоне чунин дар нур зиндагӣ мекунад ва ҳаргиз даст бар кори ношоиста ва ҳаром намебарад, зеро дар мадрасаи ишқ тарбият ёфтааст ва дар мадрасаи ишқ ба камол расидааст. Инсони озода ва растагор ба маҳбуб васл мешавад ва ҳар кӣ аз ишқ дур аст, аз асл ва асолати хеш дураст. Мавлонои бузург дар ин хат мефармояд, ки агар умр бидуни ишқ бигзарад, он умрро ба ҳеҷ ваҷҳ дар шумори умр мадон, умри бидуни ишқ умр нест ва ишқ дар осори Мавлоно нимоди худогоҳӣ, бедорӣ, маърифат ва ирфон аст. Мавлоно бар он аст, ки танҳо ишқ ба инсон ҳаёти ҷовидон медиҳад, яъне ишқ ҳамон оби ҳаёт

[1]Маснавии Маънавӣ, инт. Тулӯъ, соли 1369, дафтари дуввум, нашри шашум, саҳ. 301

аст, бояд инсон ҳамеша дар ҷустуҷӯи он бошад, чун бар он даст ёфт, онро ба ҷон бипазирад.

*Умр, ки бе ишқ рафт, ҳеч ҳисобаш магир,*
*Оби ҳаёт аст ишқ, дар дилу ҷонаш пазир.*

Дар ҳамин маънӣ шайхи аҷал Саъдии Шерозӣ низ фармудааст:

*Бурун аз хӯрдану хуфтан ҳаёте ҳаст мардумро,*
*Ба ҷонон зиндагонӣ кун, баҳоим низ ҷон дорад.*[1]

Мавлоно дар хатти ин маъно мехоҳад бигӯяд, инсон бояд дар ҳисоби ишқ зиндагии худро ҳисоб кунад, яъне умри асосии инсон аз он вақт шурӯъ мешавад, ки дар ӯ ишқ милод биёбад, боқиро Мавлоно аз ҳисоби зиндагӣ берун медонад. Ишқ дар инсон бар манзилати оби ҳаёт аст ва инсони огоҳ ин оби ҳаётро ба дилу ҷон пазиро бошад ва ҳарфи муҳим дар ин нукта он аст, ки шоир мақоми ишқро бартар аз зиндагии ҷисм медонад ва дар ин раъс ҷойи ишқро ҳам нишон медиҳад, яъне ишқ ҷуз дар дил ва ҷон дар ҷойи дигар мақом надорад. ҷони огоҳ ва дили огоҳ бояд, то ишқро фаросат ва фаҳм кунад. Инсон вақте битавонад, ки бо ишқ канор биёяд, дар маърифат зиндагӣ мекунад ва аз ӯ ҳаргиз бадӣ, бухл, ҳасад, кина барнахезад.

Бо ин назар метавон гуфт, ки ишқ зиндагии маънавӣ ва ҷовид аст дар ҷаҳони ирфони Мавлоно. Хоҷаи Шероз ҳамин маъниро чунин сифат кардааст:

*Ҳаргиз намирад, он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.*[2]

Ишқ чун оби ҳаёт инсонро ҳамеша зинда нигоҳ медорад ва инсон аз файзи он ҳақиқати зиндагиро маърифат мекунад ва инсони бидуни ишқ аз ин маърифат бебаҳра мебошад. Ва ҳар кӣ намешиносад, ишқро маърифат намекунад, ишқро дарнамеёбад ва фаҳм намекунад ва ошиқ нест, дар зиндагӣ танҳо дар сурати зоҳир вуҷуд дорад.Афроде аз ин даст аз ҳузури ирфонии ишқ бӯе набурдаанд, ки ҳамон маънии байти Саъдиро ба ёд меоваранд, ки вуҳушро низ ҷоне бошад, аммо он ҷони ишқ

---

[1]Саъдии Шерозӣ, девон, саҳ. 321
[2]Ҳофизи Шерозӣ, Девон, саҳ. 215

нест. Мавлоно дар ҳамин ҳолу ҳаво мефармояд, ки ҳар кӣ ҷуз ишқ ба ҳолу ҳавои дигар гирифтор аст, зиндагие дорад беҳуда ва дарахти зиндагии инсоне чунин ҳам бебарг аст ва ҳам бебар. Инсоне чунин гӯиё дар хазон ба сар мебарад ва дар хазон нишастааст, чунки аз баҳори ишқ чизеро намедонад. Аз нигоҳи Мавлоно ғайри ошиқамосли моҳиест, ки аз об ҷудо афтодааст ва шахси бидуни ишқ афсурдаву пажмурда аст, агарчи дар мақому мартабаи дунё бузург аст.

*Ҳар кӣ ҷуззи ошиқон, моҳии бе об дон,*
*Мурдаву пажмурда аст, гарчи бувад ӯ вазир.*

Мавлоно ишқро эъҷоз медонад, ки хушкҳоро сабз мекунад, пирҳоро ҷавонӣ мебахшад, мурдагони хокро умри дубора медиҳад ва ҳамин эъҷози ишқро шоири ориф дар осори худ тавсиф мекунад ва инсонро мехоҳад ба эъҷози ишқ ошно бисозад:

*Ишқ чу бигшод рахт, сабз шавад ҳар дарахт,*
*Барги ҷавон бардамад ҳар нафас аз шохи пир.*

Мавлоно мегӯяд, аз эъҷози ишқ аст, ҳар дарахти мурда дубора сабз мешавадва аз дарахти пир, ҳар замон барги сабз бармедамад, ҳар нафас аз дами эъҷози ишқ шохаи пир дубора зинда мегардад ва сарсабз, ҷуз ишқин қудратро кӣ дорад? Мавлоно ба ҳастӣ, ба зиндагӣ, ба офариниш ва ба ҳар он чи дар олами сағир ҳаққи ҳузур дорад,ба он аз зовияи ишқ менигарад, инсонро ҷудо аз ишқ тасаввур намекунад.

Мавлоно ишқро бузургтарин мақом, иззат ва арзиш дар қаламрави ҳастӣ медонад, ки танҳо инсон ба он сазовор гардидааст. Шоири ориф муътақид аст, ки агар башар дар қадамрави вуҷуди худҳар гоҳ ба мақоми саодат расидааст, он аз баракат ва файзи ишқ будааст ва ҳар гоҳ аз масири ишқ, аз воҳаи ишқ хориҷ шудааст, дубора саодати худро аз даст додааст. Дар ирфони Мавлоно ишқ инсонро аз ҳама гирифториҳои бебор ва беҳуда наҷот медиҳад ва ҳатто марг, дигар оҷиз аст аз инсон ишқро бигирад ва шоири ориф мегӯяд, ҳар кӣ сайди ишқ мешавад, марг ҳам ӯро дигар сайд намекунад, зеро инсоне чунин аз кимиёи ишқ хоки вуҷуди хешро марҳала ба марҳала, батадриҷ тавонистааст зар бикунад.

*Ҳар кӣ шавад сайди ишқ, кай шавад ӯ сайди марг*
*Чун сипараш маҳ буд, кай расадаш захми тир!*

Аз ҳар нигоҳ агар ба осори Мавлоно рӯй биёварем, дар ниҳояти кор он моро ба хатти ишқ хоҳад бурдва он тавр ки арз шуд, ишқ дар осори Мавлоно ҳама чиз аст, саодат, хушбахтӣ, иззат, икром, мақом, камолу ҷалол, ҷони бедор ва огоҳ. Ишқ дар қаламрави осори Мавлоно садои ҳидоят аст ва аз нигоҳи ин шоири бузург ҳар кӣ ҷони огоҳ ва бедор дар худ дорад, садои ишқро метавонад бишнавад ва ҳар киро ҷони огоҳ ва дили бедор нест, наметавонад садои ишқро бишнавад. Инсоне чунин ҳидоят намеёбад ва намедонад, роҳи растагорӣ ва озодагӣ дар кадом самт аст ва манзур аз зиндагӣ чист? Ва дар ниҳоят инсони бидуни ишқ дар зиндагӣ саргашта ва гумроҳ аст ва ҳақро аз ботил наметавонад ҳаргиз ташхис кунад ва ба ҳар роҳе ҷуз роҳи ишқ меравад, ниҳояти он гумроҳӣ ва ҷаҳолат аст ва ба тадриҷ аз худованди якто низ сар бипечад:

*Сар зи Худо тофтӣ, ҳеч раҳе ёфтӣ?*
*Ҷониби раҳ бозгард, ёва марав хир-хир!*

Мавлоно башарро аз гумроҳӣ мехоҳад наҷот бидиҳад ва бо ин нийят ӯро ба сӯи ишқ даъват мекунад ва қабл аз баёни манзур саргаштагӣ ва гумроҳии ӯро ба хотирибашар меоварад ва арз мекунад, ки чун аз ишқ фосила гирифтӣ, соҳиби ишқро ҳам аз хотир фаромӯш кардӣ. Соҳиби ишқ аз назари Мавлоно ҳамон ҳазарати дӯст аст ва ишқе, ки ғайри ӯст, он ишқ набошад ва гумроҳии инсон аз маърифат накардани ҳамин ишқ аст. Дар ин байт Мавлоно ба инсон мегӯяд, эй он ки сар аз Худованди якто тофтӣ ва ин баён бар маънии мункир шудан бошад аз Худованди карим, яъне итоат накардан аст Худои худро. Мавлоно баён мекунад, ки аз Худои худ мункир гардидӣ ва роҳи хушбахтву саодатро бидуни ишқ ихтиёр кардӣ, туро бовар бар худ буд, на бар ишқ.

Бар он будӣ, ки бидуни ҳидоят ва ишқ ба камоли хушбахтӣ даст хоҳӣ ёфт, аммо ҳар роҳ, ки бар он рафтӣ, ниҳояти он ҷаҳл ва бадбахтӣ буд. Ва Мавлоно ҳамин ҳолатро аз инсон суол мекунад ва мегӯяд: сар зи Худо тофтӣ, ҳеч раҳе ёфтӣ? Худ бар ин суол посух медиҳад, ки ҳарроҳ,агарон роҳи ишқ нест, ба инсон саодат намеовард ва инсонро аз беҳтарин дӯст, яъне маҳбуб дур

месозад. Дар ин хат шоири ориф ба инсони гумроҳ ва гумкардароҳ роҳи наҷотро нишон медиҳад ва мефармояд: ҷониби раҳбозгард ва ёва марав хир-хир! Мавлоно ба инсонҳое чунин роҳи худро тавсия медиҳад, ки он роҳи ишқ аст ва дар байти ҳозир Мавлоно вақте изҳор медорад, ки «ҷониби раҳ бозгард», манзури шоири бузург, ҷуз роҳи ишқ нест ва ин роҳ барои башарва ҳар инсоне беҳтарин роҳ аст, барои расидан ба саодати ухравӣ ва дунявӣ. Мавлоно инсонро ба сӯи ишқи ҳақиқӣ мехонад ва аз назари Мавлоно ҳар кӣ ҷуз роҳи ишқ ба ҳар роҳ, ки қадам бармедорад, он беҳуда аст ва инсон бояд бидуни диранг ва дудил будан аз он роҳи беҳуда бозгардад, ба он роҳ, ки номи он роҳи ишқ аст. Ҳамон тавр ки арз шуд, ишқ асл ва маънии зиндагии башар бошад ва танҳо ишқ инсонро аз ҳама гирифториҳо наҷот медиҳад ва ба инсон умри ҷовид ҳадя мекунад.

*Тунги шакархор бош, в-ар нахӯрӣ сирка бош*
*Ошиқи ин мир шав, в-ар нашавӣ, рав бимир.*

Қабл аз ҳар чӣ бояд арз дошт, ки «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ»-инсонро ба мақомва мартабаи инсон будан ошно месозад ва инсонро дар ин масир ба сӯи камолу ҷалол ва бузургӣ ҳидоят мекунад ва як дарси Мавлоно дар ин мадраса ҳамон дарси ишқ аст. Мавлоно ҳақиқат ва асли зиндагии инсонро танҳо дар ҳакиқати ишқ мебинад, ҷудоӣ аз ишқро барои инсонҳо фоҷиаи сахт ва ваҳшат медонад. Ҳар кӣ аз назари Мавлоно аз ишқ фосила мегирад, худро намешиносад ва дар вартаи гумроҳӣ ва ҷаҳл сарнигун меравад. Инсон бидуни шинохти ишқ худро наметавонад бисозад, худро дарёбад ва ба камоли маънавӣ ва инсонӣ бирасад, танҳо инсон аз дами ишқ комил мешавад:

****

*Ишқ аст бар осмон паридан,*
*Сад парда ба ҳар нафас даридан.*
*Аввалнафас аз нафас гусастан,*
*Аввалқадам аз қадам буридан.*

****

*Ҷаннате кард ҷаҳонро зи шакар хандидан,*
*Он ки омӯхт маро ҳамчу шарар хандидан.*
*Гарчи ман худ зи адам дилхушу шодон зодам,*
*Ишқ омӯхт маро шакли дигар хандидан.*

****

*Ба хоки пои ту, бо худ набудам,*
*Зи мастиву шаробу саргаронӣ.*
*Шароби ишқ, ҷӯшонтар шаробест,*
*Ки он як дам бувад, ин ҷовидонӣ.*[1]

Барои Мавлоно ишқ, шинохти ишқ беҳтарин андеша аст, фаротар аз он андешаи зеборо мепазирад, инсон дар партаи ишқ зебо мешавад ва ҳар кӣ зебо андеша мекунад аз ҳар гуна риё, бухл ва кинатӯзиҳо дур аст, зеро танҳо ишқ аст, ки инсонро, башарро, ба сӯи зебоӣ ва ҳусн роҳнамоӣ мекунад ва андешаи зебо хоси мардони озода ва ошиқ мебошад, ки ишқро ва зебоиии ишқро дарёфтаанд. Мавлоно инсонро ба тарафи ҳамин зебоӣ, яъне ишқ фаро мехонад ва мефармояд, ки ҷуз андешаи зебо накунад:

*Яхро агар бинад касе, в-он кас надонад асли ях,*
*Чун дид, к-охир об шуд, дар асли ях безан шуда.*
*Андеша ҷуз зебо макун, к-у тору пуди сурат аст,*
*З-андешаи аҳсан танад, ҳар сурате аҳсан шуда.*[2]

Аз назари шоири ориф, агар инсон аз ишқ фосила бигирад, ҳувияти худро фаромӯш мекунад ва ин ҳолат бузургтарин фоҷиа барои инсон ва башар аст, ишқ дар қаламрави мазмун, андеша ва маънофаринии шоир саҳми аввал дорад. Бар ин мабно обишхӯри андеша, ирфон ва ҷаҳони маънавии Мавлоно ҷуз ишқ нест, Мавлоно дар осори худ ҳар чӣ мегӯяд ва аз ҳар чӣ мегӯяд, бар асоси Қуръон, аҳодис ва ишқ мегӯяд ва ин мақому мартабаи бузург дар осори Мавлоно аст, ки аз тарафи аҳли таҳқиқ низ, ин амр собит шудааст.

---

[1]Гузидаи ғазалиёти Мавлоно, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ. 384-392-522
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 460

Дар зимн мешавад, гуфт, ки ин назар ба осори Мавлоно марбут ба имрӯз нест, балки он қадим аст ва сароғозу шурӯъи онзамони зиндагии худи Мавлоно аст. Чунончи дар китоби ноёби «Латоиф-ул-маънавӣ мин ҳакоиқ-ил-Маснавӣ», таснифи Абдуллатиф Абдуллоҳи Аббосӣ, Конпур, соли 1292 ҳиҷрӣ дар ибтидои ин нусха дар васфи «Маснавии маънавӣ» навишта шудааст: «Бунёни асрор ва маъонии «Маснавии маънавӣ», ки баъд аз китоби Аллоҳ ва китоби расулуллоҳ билошак ашрафи кутуб аст ва бо мурури синину шуҳури аъвом ва дуҳури билкул, мундарис ва мунҳадим шуда буд, дар ин ҷузву замон эҳё ёфт, агарчи «Маснавӣ» монанди Қуръони маҷид, ки иннал Қуръони заҳран ва батнан ва лабнат батни сабал батн дорад, бифазлиллоҳи таоло як батни ӯ лутфан ва маънан бишшаку райб ба сиҳат расид».[1] Дар ин навишта асли манзур тафсил шудааast, ки сарчашма ва ҷавҳари шеъри осори Мавлоно аз куҷост ва муқарриз «Маснавии маънавӣ»-и Малоноро баъд аз китоби осмонии Қуръон ва аҳодиси паёмбари гиромӣ ашрафи китобҳои дигар медонад. Дарматлаб ва навиштаи Абуллатиф Абдуллоҳи Аббосӣ бар он аст, ки аз баракати «Маснавии манавӣ», як батни Қуръони карим ба сиҳат расид, янъне маънӣ шуд ва аз назари муфассирин Қуръони каримро ҳафт батн бошад ва ҳар кас онро маърифат накунад, магар аҳли ишқ ва аҳли хос. Пас, бар ин мабно, бори дигар метавон арз дошт, ки сарчашмаи илҳом ва ирфони Мавлоно қабл аз ҳар чӣ дар халқи шеър, ҷуз Қуръону аҳодис ва ишқ ҳеч чизи дигар нест, зеро тамоми масоили ирфонӣ, рӯҳонӣ, маънавӣ, равонӣ иҷтимоӣ ва инсонӣ дар Қуръони карим ва аҳодиси расули гиромӣ дарҷ шудааст.

Мавлонои бузург дар ҳавзаи андеша ва тафаккури шеър ҳаргиз сухани худро, ирфон ва андешаҳои адабии худро, фалсафаи худро дур аз Қуръон, аҳодис ва ишқ иброз надоштааст. Ҷаҳони мазмун вамаънавии андешаи Мавлоно баргирифта аз ҷаҳони маърифат ва ирфони миллӣаст, тамоми хатти андешаи ин шоири ориф аз ин қаламрав мегузарад.Бар ин мабно аст, ки

[1]Доктор Султоналтофи Алӣ, «Дар бораи Мавлавӣ, ин байт сурудаи кист?», маҷ. Дониш, баҳор, соли
1389, саҳ. 257.

дар мавриди «Маснавии маънавӣ»дар миёни аҳли завқ ин байт дар забонҳо ҷорӣ аст:

*Маснавии маънавии Мавлавӣ*
*Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.*

«Девони Шамс» низ ҳамчун «Маснавии маънавӣ» оканда аст аз оёти қуръонӣ ва аҳодис, Мавлоно зимни истифода аз оёту ҳадис ҷаҳони маънавӣ, андеша ва маърифати шеъри худро рангинтару пурбортаркардааст ва сухани ӯ аз ин ҷо балоғату малоҳат гирифтааст.

Аммо бояд ҳам донист, ки асл ва манзури Мавлоно дар халқи шеър чист. Хонанда дар ҷаҳони андеша ва маънои каломи Мавлоно бояд, ки ба дунболи чӣ бошад?. Агар ҳам манзур ошноӣ ба оёт ва аҳодис аст, он ҳамаро хонанда метавонад аз Қуръон ва аҳодис бихонад. Пас, Мавлоно дар халқи шеър чӣ зарурат дидааст ва чаро андеша ва ирфони худро дар шеър зуб кардааст ва ба хонандаи худ, ба инсон аз тариқи шеър чӣ меҳоҳад бигӯяд, паём ва башорати ӯ дар сухан чист? Мавлоно қабл аз ҳар чӣ дар осори худ ба инсон дарси растагориро меомӯзонад ва ба инсон роҳи расидан ба асли худро нишон медиҳад. Ба инсон ҳушдор медиҳад, ки аз куҷо будааст ва ба ин хокдон аз куҷо фуруд омадааст ва бояд боз ба ватани ҳамешагии худ баргардад. Манзури аслии ва воқеии Мавлоно аз истифодаи оёт ва аҳодис чизи дигар низ ҳаст, аввал мехоҳад бигӯяд, ки ҳар он чи ман гуфтаам, беҳуда нест ва он асос дорад ва асоси он каломи ҲазратиДӯст мебошад. Дигар ин ки Мавлоно бо истифода аз оёт ва аҳодис сухани худро муҳр мезанад, ки ба дурустии он касеро ҷои шак набошад. Дар ин раъс Мавлоно манзури дигар низ дорад, ки маҳбуби меҳрубон ва якто имконоти бекаронеро дар ихтиёри инсонҳо додааст, ки агар аз он ҳар касе шоиста кор бигирад, ба мақоми бузурге хоҳад расид. Агар ғайри он кор бигирад, дар торикӣ ва ҷаҳл гирифтор хоҳад шуд, ки ҳаргиз аз он наҷот нахоҳад ёфт.

Инсони гумроҳ дар гумроҳӣ ба сар мебарад ва аз афроде чунин ҷуз бадӣ ва шар ҷизи дигар намеояд. Барои он ки сухани худро ҳусн ва ҷалол бидиҳад, аз оёт ва аҳодис кор мегирад ва аз нигоҳи дигар каломи худро бо истифода аз оёт ва аҳодис ҳамон тавр ки арз гардид, муҳри ростӣва ҳам дурустӣ мезанад ва бо

ин равиш ба хонанда нишон медиҳад, ки яъне каломи ӯ каломи ростин аст. Бетардид рашантарин ва ҷаззобтарин хат дар осори Мавлоно ҳамон дарди ишқ ва дарси ишқ, яъне таҳаммули фироқи ҳазрати дӯст ва таҳаммули ҷудоӣ аз ватани аслии худ аст ва ишқ дар ин хат барои инсон партав ва таҷаллии умед аст. Инсон бояд ин ҷудоиро таҳаммул кунад ва аз тариқи ишқ дубора ба асли худ ва ба он ватани ҳамешагии худ боз бирасад ва он кадом ҷудоӣ аст, ки Мавлоно ва шоирони ориф ҳамеша аз он гуфтаанд? Он ҷудоӣ ҷудоии ҷони инсон аст, аз асл ва ҷавҳари худ ва оғози «Маснавии маънавӣ» ҳам ба ҳамин манзур ишорат мекунад:

*Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад,*
*В - аз ҷудоиҳо шикоят мекунад,*
*К-аз найистон то маро бибридаанд,*
*Аз нафирам марду зан нолидаанд.*
*Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,*
*То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.*
*Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгоре васли хеш…*
*Ман ба ҳар ҷамъийяте нолон шудам,*
*Ҷуфти бадҳолону хушҳолон шудам.*
*Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,*
*Аз даруни ман наҷуст асрори ман.*
*Сирри ман аз нолаи ман дур нест*
*Лек чашму гӯшро он нур нест…*[1]

Дар оғози «Маснавии маънавӣ» Мавлоно инсонро вомедорад, ки дар худ андеша кунад ва ин мазмунро дар дебочаи «Маснавии маънавӣ» муфассал тавсиф месозад ва дар ин тавсиф аз вожаи най кор мегирад, ки най дар маънои аввал ҳамон инсони аз ватан дур афтода мебошад. Дар фироқи асолати худ нола мекунад, нолаи пур аз фироқ ва ҷудоӣ. Нолаи най ҷудоии инсонро тафсир мекунад, инсоне, ки худро дар фарозу фурудҳои замон гум кардааст ва аз ватани маънавии худ,ки замоне он ҷо сукунад дошт, ҷудо гардидааст. Мавлоно мегӯяд; сирри ман аз нолаи ман ҷудо нест ва рози ман дар нолаи ман

[1]Маснавии Маънавӣ, Теҳрон, соли 1369, саҳ 24

пинҳон аст, сирри Мавлоно ишқ аст ва дар ин фазо бар он ишорат мекунад, ҳар он ки дар зиндагии худ ба шуҳуди ишқ, ба шинохти ишқ ва кашфи мерасад, ба ишқ ошно мешавад, фироқ дар ӯ тамом мешавад ва дубора ба он мақоми баланд, ки дошт мушарраф мегардад. Мазмуни дигар аз най бар маънии аз миён рафтани дуӣ мебошад, вақте най бар лаб нест, ҳолати дӯӣ аст ва чун най бар лаб ҷой мегирад, дуӣ аз миён меравад, мавҳ мешавад. Най ҳамчунин бар маънии ростӣ ва ҳақ низ метавонад, ки бошад ва фикр мекунам Мавлоно дар сурати най мазмунҳои дигар низ дар назар доштааст, ки аз тарафи аҳли таҳқиқ сабт шудааст. Бо ин вуҷуд маъниҳои дигари мастурҳам дар калимаи най ниҳон аст, ки он аз назари муҳаққин дур мондааст. Барои дарки маънии дигар бояд, ки аз Сури Исрофил ёд кард.

Садои он дар рӯзи ҳашр дамида мешавад ва ҳамаро аз хоби марг сар бармедорад, яъне инсонҳо бо ин садо дубора ҳашр мешаванд. Мавлоно ҳам бо истифода аз най ва бо садои он мехоҳад эҳсосҳои мурда ва ҳисси мурдаи инсонҳоро дар ботини инсонҳо зинда ва бедор кунад. Шоири ориф ҳисси инсон будан ва эҳсоси шинохатани худро, дар вуҷуди инсонҳо мехоҳад зинда нигоҳ бидорад. Яъне Мавлоно бо корбурди ин калима ва бо ҳикоят аз най мехоҳад инсонро ба асли худ баргардонад, зеро инсон ҳамеша дар ғафлат аст, ғофил аст. Ба таври фишурда мазмун ва андешаи Мавлоноро дар корбурд аз най ба ин шакл метавон хулоса кард:

1-Инсон ва ростии инсон дар зиндагӣ:

*Ба даруни туст мутриб, чӣ диҳӣ камар ба мутриб,*
*На кам аст тан зи нойе, на кам аст ҷон зи нойӣ*

2-Ҷон ва рӯҳ:

*Мо чу нойему наво дар мо зи туст,*
*Мо чу кӯҳему садо дар мо зи туст.*

****

*Бо лаби дамсози худ гар ҷуфтаме,*
*Ҳамчу най ман гуфтаниҳо гуфтаме.*

3-Дар аксар мавридҳо манзури Мавлоно аз най ишқ бошад:

*Даҳони ишқ механдад, ки номаш турк мо гуфтем,*
*Ки худ ӯ медамад дар мо, ки мо нойему ӯ нойӣ.*

****

*З-ин рӯ ҳамебинам, касон нолон чу най в-аз худ тиҳӣ,*
*З-ин рӯ дусад сарви равон, хам шуд зи ғам чун чангҳо.*

****

*Ҳарифи он лабӣ, эй най, шабу рӯз,*
*Яке бӯса пайи мо иқтидо кун…*

****

*Ишқи туву ҷони ман, ҷуз оташу ҷуз най не…*

4-Даъват ба сӯи маърифат ва ирфони ишқ, ки ин ду рукн дар осори Мавлоно аз муҳимтарин ҷилваҳо ба шумор меояд:

****

*Барҷаҳ, тарабро соз кун, айшу самоъ огоз кун.*
*Хуш нест, он даф сарнигун, най бенаво овехта,*
*Даф дил гушояд бастаро, най ҷон физояд хастаро,*
*Ин дилгушо чун баста шуд в-он ҷонфизо овехта?*

5-Солик дар тариқат ва талаби камол:

*Оташ аст ин бонги ною нест бод,*
*Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод!*

6-Вуҷуди худи Мавлоност, ки ин назар ҳам эҳтимол дорад ва ин назар аз тарафи бисёре аз муосирин тайиид шудааст:

*Кист най? он кас, ки гӯяд дам ба дам,*
*Ман наям ҷуз мавҷи дарёи қидам.*

*Аз вуҷуди худ чу най гаштам тиҳӣ,*
*Нест аз ғайри худиам огаҳӣ.*

*****

*Аз дарун най он манам гӯён, ки бар «дар кист он?»,*
*Ҳам манам бар дар, ки ҳалқа мезанам «инна-л-фирор».*

7-Алиф, лом, мим ҳарфҳое ҳастанд, ки дар оғози чандин сура аз Қуръони карим ба омадааст ва танҳо Худованд аз асли маънии он огоҳ мебошад. Мавлоно ҳам шояд ҳамин равишро, бо истифода аз най дар «Маснавии маънавӣ»-и худ кор гирифтааст. Ин калима бо ҳама он тафсирҳо боз ҳам мастур ва ношинохта боқӣ хоҳад монд ва он рамзе аз аз андешаи Мавлоност:

*Ин ҷо касест пинҳон монанди қанд дар най,*
*Ширин шакарфурӯше дуккони ман гирифта.*

8-Иртиботи най бо сури Исрофил ҳам аз маъниҳоест, ки онро метавон пазируфт. Мавлоно бо садои най, бо ҳикояти «най» зинда кардани асли инсон дар инсонро ташвиқ мекунад. Расолати «най»-и Мавлоно зинда намудани асолати инсонӣ дар инсонҳост. Бедор ва ҳушёр намудани ҳисси мурда, ҳисси худшиносӣ, ҳисси инсон буданро дар башар аз тариқи най талқин месозад:

*Боз шавад дукони гул, ноз кунанд ҷузву кул,*
*Нойи Ироқ бо дуҳул шарҳ диҳад санои ман…*

9-Най, ошиқ аст ва сӯзи най аз ишқ аст:

*Ту ба гӯши дил чӣ гуфтӣ, ки ба хандааш шукуфтӣ,*
*Ба даҳони най чӣ додӣ, ки гирифт қандхойи?…*

****

*Даффи манӣ, ҳин, махӯр силии ҳар нокасе,*
*Нойи манӣ, ҳин, макун аз дами ҳар кас фиғон!*

10-Мавлоно бо инстифода аз най мехоҳад бигӯяд, ки ошиқ бояд ҳамеша бо ёди маҳбуб бошад, ин ҳис, ин ёд аз маҳбуб, табдил ба ишқ мешавад ва ишқ ба инсон дарси зиндагӣ медиҳад. Инсон танҳо дар ҳамин тараққӣ ба ишқ, ба висол мерасад:

*Агар холӣ шавӣ аз хеш чун най,*
*Чу най пур аз шакар оканда гардӣ.*

****

*Омадаам, ки сар ниҳам, ишқи туро ба сар барам,*
*Гар ту бигӯиям, ки не, най шиканам, шакар барам.*

****

*Бишунав зи най самое ба забони безабонӣ,*
*Шуда беҳуруф гӯё ба лисони арғавонӣ.*

*Зи най аст мастии мо,на зи май бизан замоне,*
*Ки ҳарифи хушнафас беҳ зи шароби арғавонӣ.*

*Нафасе зи най равон шуд, мадади ҳаёти ҷон шуд,*
*Асаре намуд, он беҳ аз оби зиндагонӣ.*

*Зи самои най касеро хабаре бувад, ки ёбад*
*Назаре зи меҳрубонон, асаре ба меҳрубонӣ?!*

*Бигузор найшакарро, ки ба завқ менамоӣ,*
*Найи бенавоӣ шаккар ба наво шакарфишонӣ.*

*Чу шуданд гармбозон, бинишин, ки оташ аз най,*
*Ки чунон гирифт дар мо, ки нишонданат тавонӣ.*

Мавлоно ҳамин маъниро дар ҳама осори худ тафсил мекунад ва ба инсонҳо дарси ишқ медиҳад ва ин дарсро Мавлоно ғизои маънавии рӯҳ ва ҷон меномад, ки инсон ҳар чӣ бештар аз он истифода кунад, он қадар ба ҳазрати дӯст наздик мешавад ва бештар растагор ва бедор мешавад, дар қаламрави ҳастӣ. Ҷаҳони мазмун ва андешаи Мавлоно дар расидан ба маърифат аз ишқ нашъат ва сармоя мегирад ва ҳамин нашъат ва ҳамин сармояро шоири ориф ба инсон тақдим медорад, то ин ки инсон шукӯҳу шаҳомат ва аслихешро фаромӯш накунад ва ҳамеша дар ёд дошта бошад, ки аз куҷо омадааст ва ба куҷо бояд бозгардад ва чӣ гуна бояд зиндагии худро бисозад. Мавзӯи бозгаштан ба асли худ, дар осори шоири ориф бар маънии талаби камол мебошад. Мавлоно ҳам дар «Маснавии маънавӣ» ва ҳам дар «Девони Шамс» ин мавзӯъро ҳамвора пай мегирад ва ҳамвора аз он сифат мекунад ва дар ҳар мавриде ҳамеша ишқро беҳтарин иршод медонад, дар роҳи расидан ба мақому мартабаи азалӣ, барои башар:

*Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост,*
*Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост?*
*Мо ба фалак будаем, ёри малак будаем,*
*Боз ҳамон ҷо равем, ҷумла, ки он шаҳри мост.*
*Худ зи фалак бартарем, в-аз малак афзунтарем,*
*З- ин ду чаро нагзарем? Манзили мо кибриёст.*
*Гавҳари пок аз куҷо! Олами хок аз куҷо!*
*Бар чӣ фуруд омадет? Бор кунед, ин чӣ ҷост?*
*Бахти ҷавон ёри мо, додани ҷон кори мо,*
*Қофиласолори мо фахри ҷаҳон Мустафост.*
*Аз маҳи ӯ маҳ шикофт, дидани ӯ барнатофт,*

*Моҳ чунон бахт ёфт, ӯ ки камина гадост.*
*Бӯи хуши ин насим аз шикани зулфи ӯст,*
*Шаъшааи ин хаёл з-он рухи чун «ваззуҳост».*
*Дар дили мо дарнигар ҳар даме шаққи қамар,*
*К-аз назари он назар чашми ту он сӯ чарост?*
*Халқ чу мургобиён, зода зи дарёи ҷон,*
*Кай кунад ин ҷо мақом, мург к-аз он баҳр хост?*
*Балки ба дарё-дарем, ҷумла дар ӯ ҳозирем,*
*Варна зи дарёи дил мавҷи паёпай чарост?*
*Омад мавҷи аласт, киштии қолаб шикаст*
*Боз чу киштӣ шикаст, навбати васлу лиқост…*[1]

Дар ғазали ҳозир низ Мавлоно бар он аст, ки инсон ба хато бар ин хокдон афтодааст ва бояддигарбора аз ин хокдон пар бигирад ва дар ин сафар ишқ беҳтарин раҳнамо барои инсон аст, танҳо ишқ аст, ки дар ин сафар, инсонро аз ҳама қайдҳо озод мекунад ва инсон бояд симурғи ишқро дар вуҷуди худ овоз бидиҳад, вале аввал худ бояд киовози ишқро бишнавад, бишносад ва бидонад, ки ишқ ӯро ба куҷо мехонад. Мавлоно мегӯяд, инсон бояд, ки ҷони бедор, озода, вораста ва огоҳ дошта бошад, он гаҳ метавонад, садои ишқро бо гӯши ҷон бишнавад, агар ҷуз ин аст ҳаргиз ба сӯи ишқ даъват намешавад, яъне ҳаргиз садои ишқро нахоҳад шунид, аз назари Мавлоно тамоми ҳастӣ саршор ва оканда аз овози ишқ аст ва ҳастӣ бесадои ишқ беранг у бемъно ва холӣ аст.

*Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост*
*Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост?*

Ҳамон тавр ки аз мазмуни ин байти бадеъ бармеояд, қаламрави ҳастӣ ҳатто барои як нафас бидуни овози ишқ нест, Мавлоно овози ишқро, ин садои ҷонбахшро аз ҳар тараф мешунавад, баёни «чапу рост» бар ин маънӣ ишорат мекунад ва ҳар инсон, ки овози ишқро мешунавад, ӯ ба мақоми ишқ ҳам расидааст, ки дар тариқати орифони ҳақбину дилбин ва ошиқони ҷонсӯхта мартабаи ишқ болотарин мартаба мебошад. Ҷаҳони мазмун ва андешаи Мавлоноро бидуни маърифати ишқ

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, чопи дувоздаҳум, соли 1377, саҳ 86-87

ва бидуни талаби камол ва бидуни огоҳӣ аз дӯст ҳаргиз наметавон тасаввур кард ва ҳар кӣ дар осори Мавлоно ин хатро ба мушоҳида намегирад, ба он монад, ки ба чашми пӯшида ва баста дар ҷаҳони андешаи шоир роҳ меравад, ба он нигоҳ мекунад. Он ҷавҳар ва гавҳари маърифатро, ки он рӯҳи сухани шоири ориф аст, дарнамеёбад. Ҳақиқатеро, ки дар ҷаҳони мазмунҳо ва андешаи Мавлоно аст, онро намебинад, яъне барои унс ва ҳамдилӣ бо шеъри Мавлоно хонанда ба ночор бояд бедордил ва огоҳ бошад, танҳо дар ин сурат метавонад аз сухани Мавлоно файзи маънавӣ бибарад.

*Мо ба фалак будаем, ёри малак будаем,*
*Боз ҳамон ҷо равем ҷумла, ки он шаҳри мост.*

Мавлоно дар ин байт мегӯяд, ки манзили аслии инсон на ин хокдон аст ва инсон дар қабл дар ватани аслии хеш ёри малак буд, балки бартар аз малак, яъне ҳамнишин ва ҳамканор буд бо малоик. Чун ватани аслӣ он ҷост, боз ҳамон ҷо хоҳем рафт, ки он ҷо шаҳри мо аст ва шаҳр дар байт бар маънии тамаддун, фарҳанг ва огоҳӣ аст. Дар байти дигар Мавлоно бар он ишорат мекунад, ки мақому мартабаи инсон, ҳам аз фалак ва ҳам аз малак бартар аст, пас, чаро аз ин ду нагзарад? Инсони вораста ва огоҳ аз ин ҳама садҳо мегузарад, то ба ҳазрати дӯст наздиктар шавад, инсони ошиқ дар ниҳоят ба висоли маҳбуб хоҳад расид ва инсон бидуни ишқ дар қаламрави зиндагӣ ҳамеша саргаштаву ҳайрон мебошад.

*Худ зи фалак бартарем, в-аз малак афзунтарем*
*З-ин ду чаро нагзарем? Манзили мо кибриёст.*

Он мақом ва он мартабаро, ки Худованд ба инсон додааст, ба ҳеҷ махлуқи дигар аз худ нададааст ва аз ин ҷост, ки инсон ашрафи махлуқот аст ва танҳо инсонро Худованд халифаи худ дар замин қарор додааст ва инсони огоҳ медонад, дар қаламрави офариниш чӣ мақом ва чӣ ҷойгоҳ дорад.

*Гавҳари пок аз куҷо! Олами хок аз куҷо!*
*Бар чӣ фуруд омадет? Бор кунед, ин чӣ ҷост?*

Бедили бузург низ дар мақом ва мартабаи инсон фармудааст:

*Аз ҳузури маънияш бепарда шуд асрори зот,*
*В-аз ҳузури ҷисми ӯ оинаи ҷон рехтанд.*
*Номи ӯ бурданд, асмои қидам омад ба арз,*
*Аз лаби ӯ дам заданд, оёти Қуръон рехтанд.*
*Аз ҷамолаш сурати илми азал бастанд нақш,*
*В-аз камолаш маънии таҳқиқи инсон рехтанд.*[1]

Мавлонои бузург ҳамин мақому мартаба ва иззату икромро ба инсон ёдрас мекунад, ки дар ҳавои ҳавасҳои беҳуда ва пуч нашавад.

Ҳавасҳои пучу беҳуда сазовор ва шоистаи инсон нест, инсоне, ки дар мақоми иззат аз малоик бартарӣ дорад. Мавлоно халқро мисли мурғобиёне медонад, ки аз дарёи ҷон милод ёфтанд ва ҳар кӣ аз дарёи ҷон милод ёфтааст, кай дар хокдон хӯ кунад, хумори бозгашт бар он баҳрро ҳамеша дар сар хоҳад дошт.

*Халқ чу мургобиён, зода зи дарёи ҷон*
*Кай кунад ин ҷо мақом мург к-аз он баҳр хост?*

Мавлоно ба дидори дӯст ва расидан ба васл дар ишқро ба тамоми ҳастӣбовар дорад ва ҳамин боварро чун паёми хуш ба ҳама мерасонад ва мегӯяд:

*Балки ба дарё-дарем, ҷумла дар ӯ ҳозирем,*
*Варна зи дарёи дил мавҷи паёпай чарост?*
*Омад мавҷи аласт, киштии қолаб шикаст,*
*Боз чу киштӣ шикаст, навбати васлу лиқост?*

Мавлоно мегӯяд, ҳама дар дарёи бекарони ҳастӣ гирифторем ва ҳеҷ кас аз ин дарё ҷудо нест ва дар ин дарёи бекарон, инсони огоҳ ҳамеша дил ба дидори ҳазрати дӯст супоридааст. Ва манзур аз дил биспуридан таваккул доштан аст ба дӯст. Мурод аз истилоҳи «дарёи бекарон», тараққӣ аст дар мақоми ишқ ва ҳамин ишқ аст, ки дубора соликро, орифро ба висол ва дидори дӯст мебарад вамавҷи ин хоҳиш, дар дарёи дили ошиқ ҳамеша дар таппиш аст ва ҳаргиз ором намегирад. Мавлоно манзури худро дар мисраъ ба ин гуна сифат кардааст; варна зи дарёи дил мавҷи паёпай чарост? Ва дар байт таркиби «мавҷи паёпай»

[1]Абдулқодири Бедил, Осор, ҷилди дуввум, инт. Адиб, соли 1991, саҳ. 130

ҳамон хоҳиш ва орзуи ҳамешаи инсонҳои огоҳ мебошад, инсонҳое, ки дар тариқати ишқ ва дар сулуки ишқ ба шуҳуд ва висол мушарраф шудаанд. Дар ҳамин раъс Мавлоно натиҷа ва ҳосили маърифат ва боварҳои ошиқони огоҳ ва бедордилро, чи зебо ва шево, тафсил мекунад; агар ҳам сараввал мавҷи аласт омад ва киштии қолабҳо бишкаст ва инсон аз васл ба фироқ афтод, аммо бори дигар мавҷи ишқ омад ва қолабҳои танро ба ҳам рехт ва навбати васлу дидор бо дӯст аз дигар муяссар гардид. Дар байти ҳозир манзур ва маънӣ аз баёни «аласт» оғози офариниш аст, дар он рӯз, ки Худованд аз бандагонихуд аҳду паймон гирифта буд, ки оё ман парвардгори шумо нестам? Ва бандагон ҳама дар посух гуфтанд: «бале» (сураи 7 ояти 172). Мавлоно ҳамон тавр ки арз шуд, дар байт ба ду ҳолати шикастан ишоратҳо дорад, аввал оғози офариниш ва дувум растани инсон аст аз қафаси тан.

Мавлоно дар ин ғазал маънии мастурро дар таркиби «боз чу киштӣ шикаст» баён кардааст ва маҳз бо шикастани киштии тан инсон дубора растагор мешавад, ба камоли маънавӣ мерасад, асл ва ҳақиқати худро он гуна, ки мебояд, мешиносад. Билохира аз ҳирс, аз бухл ва аз кинатӯзиҳо озод мешавад. Ҳамон гуна ки арз гардид, манзури Мавлоно аз сухан қабл аз ҳар чӣ умед додан аст ба инсони гирифтор ва ҳидояту тарбияти инсон аст дар фарозу фурӯдҳои зиндагӣ. Дар хиттаи ҳунар ва суханварӣ, бархе аз осори ҳунарӣ ва адабӣ аввал гарм истиқбол мешавад, вале бо гузашти рӯзгор аз ёдҳову хотирҳо мераванд. Асарҳое аз ин даст танҳо дар вақти таҳқиқ ва пажӯҳиши таърихӣ ба ёдҳо меоянд ва он ҳам на ҳамеша. Аммо осори Мавлонои бузург аз ин ҳолат истисност, қарнҳо сипарӣ мешавад, ҳарфи Мавлоно ҳамчунон дилҳои муштоқонро гарм медорад ва тасхир мекунад ва ин роз аз куҷост ва чаро ҳарфи Мавлоно фаромӯш намешавад? Қабл аз ҳар чӣ бояд гуфт, ки бузургии Мавлоно дар ҷаҳони маъно, ширини калом, корбурди дурусти санатҳои бадеъ, мазмунофаринии баланд ва маърифтати андеша аст, дар каломи ӯ, ки хонандаро ба худ ҷазб мекунад, ҳамин ҳолати андеша, тафаккур ва маъно аст, ки каломи шоири орифро шукӯҳ бахшидааст ва ин каломи Мавлоно ба фитрати инсонҳо ҳамеша созгор аст. Рози дигар он аст, ки каломи Мавлоно барои ҳидоят аст ва ба инсонҳои гирифтор аз озодагӣ ва

мақому мартаба башорат медиҳад ва низ сухани ин шоири ориф хат дар хат реша дар Қуръон ва ишқ дорад ва каломи ӯ баргирифта аз ҳадисҳои набавист. Бетардид шукӯҳ, шаҳомат, бузургӣ, азамати андеша ва маърифати шеъри Мавлоно аз ин ҷо аст, ҳам «Девони Шамс» ва ҳам «Маснавии маънавӣ» саршор аз муҳаббат, ишқ ва озодагист.

*Аз «раҳматунлилоламин» иқболи дарвешон бибин,*
*Чун маҳ мунаввар хирқаҳо, чун гул муаттар шолҳо.*

Манзури Мавлоно дар байти ҳозир расули акрам (с) аст, дар сураи «Анбиё» ояти 107 омадааст: «Ва, эй расул мо туро нафиристодем, магарон ки раҳмат барои аҳли олам бошӣ».

*Нӯҳ туӣ, рӯҳ туӣ, қотиу мафтуҳ тӯӣ*
*Синаи машрӯҳ туӣ, бар дари асрор маро.*

Ин маъно дар Қуръони карим, сураи Тоҳо, ояти 25 омадааст, ки чунин аст: «Павардгоро, пас, шарҳи садрам ато фармо, ки аз ҷафову озори мардум тангдил нашавам».

*Ба ботин ҳамчу ақли кул, ба зоҳир ҳамчу тунги гул,*
*Даме илҳоми амри «қул», даме ташрифи «аътайно».*

«Қул» оғози бисёре аз оёт ва низ чанд сураast аз Қуръони карим ва бар маънии бигӯ, бошад ва «аътайно» баргирифта аз сураи «Кавсар» аст, «мо ба ту бахшидем Кавсарро».

*Намо, эй Шамси Табрезӣ, камоле,*
*Ки то нақсе набошад, Кофу Нунро.*

Кофу Нун, дар байти фавқ ишора аст ба сураи «Ёсин» ояти 82, ки ддар он Худованд мефармояд: «Фармони нофизи Худо, чун иродаи хилқати чизе кунад ба маҳзи ин ки гӯяд, мавҷуд бош, билфосила мавҷуд хоҳад шуд».

*Кӯру карони олам дид аз Масеҳ марҳам,*
*Гуфто Масеҳи Марям, «к-эй кӯру кар ба рақс о».*

Манзури Мавлоно дар байти мавриди назар муъҷизаи паёмбар Масеҳ аст,ин маъно дар Қуръони карим чунин омадааст: «Ва ӯро ба расолат ба сӯи банӣ Исроил фиристодем, ки ба онон гӯяд, ман аз тарафи Худо муъҷиза овардам ва он муъҷизаин аст, ки аз гил муҷассамаи мурғе сохта ва бар он на-

фаси қудсӣ бидамам, то ба амри Худо мурғе бигардад ва кӯри модарзоду мубтало ба песро ба амри Худо шифо диҳам ва низ мурдагонро ба амри Худо зинда кунам». (Сураи Оли Имрон, ояти 49). Бо ин асос мешавад гуфт, сухани Мавлоно, ҷаҳони-андеша, мазмун ва маърифату ирфони шеъри ӯ пурбор ва сар-шор аз маърифати илоҳист ва аз ин манзар оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ дар корҳои ӯ фавқулода фаровон ба кор рафта-аст. Ҳамчунин Мавлонои бузург дар фазои маъно ва андеша мавзӯи эътиқод, бовар ва маргро ҷиддӣ сифат кардааст,шеъри ӯ аз дарун меҷӯшад ва ин ҷӯш заданҳо, бетобиҳо, қиёмҳо, та-копӯйҳо ва бехудиҳо дарунмоя ва асолату балоғат ва ҷалолу камоли андешаҳои ӯст. Андеша, маъно, ҳаракат, ангеза ва шавқу завқ дар шеъри Мавлоно гарм аст ва ҳамвора мавҷ меза-над, амвоҷи андешаи шоири ориф дар соҳилҳои маъно сар мегузорад, барои эҳёи дубора дар тӯфони калимаҳо. Дар шеъри Мавлоно тамоми аносири адабӣ ва ҳунарии сухан дар ботини шеър нафас мекашад ва дар ҳамин фазо шеърият ва бадеият касб мекунад:

*Бори дигар он дилбари айёр маро ёфт,*
*Сармаст ҳамегашт, ба бозор маро ёфт.*
*Пинҳон шудам аз наргиси махмур, маро дид,*
*Бигрехтам, аз хонаи хаммор маро ёфт.*
*Бигрехтанам чист? К-аз ӯ ҷон набарад кас,*
*Пинҳон шуданам чист? Чу сад бор маро ёфт.*
*Гуфтам, ки «дар анбӯҳии шаҳрам кӣ биёбад»,*
*Он кас, ки дар анбӯҳи асрор маро ёфт.*
*Эй мужда! Ки он ғамзаи ғаммоз маро ҷуст,*
*В-эй бахт! Ки он турраи таррор маро ёфт.*
*Аз хуни ман осор ба ҳар роҳ чакидаст,*
*Андар паи ман буд, ба осор маро ёфт.*
*Чун оҳу аз он шер рамидам ба биёбон,*
*Он шер гаҳи сайд ба кӯҳсор маро ёфт.*
*Имрӯз на ҳуш асту на гӯш асту на гуфтор,*
*К-он асли ҳар андешаву гуфтор маро ёфт.*[1]

[1]Гузидаи ғазалиёти Мавлоно, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ.68

Ҳамон таврки мушоҳида гардид, дар саросари каломи Мавлоно андешаҳои маънавӣ, ирфонӣ, инсонгароӣ, ҳикмат, ҳувият, талаби ишқ ва камол, бедорӣ ва худшиносӣ ҳама ба ҳам гиреҳ хӯрдаанд. Маълум аст, ки бархӯрд ва муносибати Мавлоно дар ҳавзаи андеша, маъно, муҳтаво танҳо барои тарбияти ва ҳидояти инсонмебошад. Мавлоно инсонро дар хатти ишқ ва зиндагӣ мехоҳад вораста ва комил бубинад, отифа ва ҷавҳари инсониродар зиндагии ҳар инсон, дар сиришти ҳар инсон бисёр муҳим ва зарур медонад. Садои шеъри ин шоири ориф, садои эътиқод, бовар ва ишқ аст, ки дар сурати калимаҳо, таркибҳо, тасвирҳо, рангҳои тасвир ва бадеияти шеър худро зоҳир месозад. Ҳамин боварҳост, ҳамин эътиқод аст, ки онба сухани Мавлоно дар ҳама замонҳонумраи бартар додааст ва дар ин хат мешавад такрор кард, ки сухани Мавлоно, сухани яъс, сухани ҳузн ва шикастадилӣ нест, балки суханест, ки инсонро аз ҳар гирифторӣ мераҳонад, сангинтарин сукут ва буҳтро аз зеҳнҳо дур месозад, рӯҳи хобро дар инсонҳо бедор мекунад ва сухани пурбор ва пурмаънии шоири бодордил мубориза аст, барои шинохтани асли худ ва шинохтани ҳастӣ, яъне шеъри Мавлоно ва ҷаҳони шигифти андешаи ӯ ҳамеша башарро ба худогоҳӣ ва худшиносӣ фаро мехонад.

*Хонаи дил боз кабӯтар гирифт,*
*Машғалаву бақрабақу дар гирифт.*
*Ғулғули мастон чу ба гардун расид,*
*Каргаси заррини фалак бар гирифт.*
*Холиқи арвоҳ зи обу зи гил*
*Оинае карду баробар гирифт.*
*З-оина сад нақш шуду ҳар яке*
*Он чи мар ӯрост, муяссар гирифт.*
*Ҳар кӣ диле дошт, ба пояш фитод,*
*Ҳар кӣ саре, ӯ сари минбар гирифт.*[1]

Шеъри Мавлоно башорат ва паёми муҳаббат, ишқ, ирфон, боварҳо, эътиқод ва рафтан ба сӯи хушбахтӣ ва саодат аст. Аз ҳамин фазо сухани ӯ, ҷаҳони андешаҳои ӯ, маъно ва мазмуни шеърҳои ӯ рангу бори ҳунар гирифтааст. Он чи дар шеърҳои

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 94

Мавлоно ҳамеша устувор аст, он аст, ки шоир заъф, афсурдагӣ, пажмурдадилӣ ва ғамхӯрдагиро ба инсон шоиста намедонад. Зикри ин нукта воҷиб аст, ки дар осори Мавлоно мафҳуми марг дар маънои асл вуҷуд надорад ва марг дар шеъри Мавлоно барои инсон таваллуди дигар аст ва ин мафҳум дар осори Мавлоно ҷилвае ҳаст дигар аз зиндагии башар. Яъне ҳама чиз дар осори Мавлоно дар зиндагӣ маъно мешавад, ҳама чиз дар зиндагӣ хулоса мешавад ва шоири ориф, ирфон ва ҳақиқати ҳамин ҳикматро дар калимаҳо сурати шеър додааст. Ҳастӣ, ишқ, эътиқод, бовар, маърифат, марг дар ҷаҳони андеша, шеър ва маърифати Мавлоно барои бозгашти дубора аст ба сӯи зиндагии дигар, ки инсон дар он худро аз дигар кашф мекунад.Мавлоно дар корҳои худ маргро дӯст медорад ва онро васф мекунад ва аз он ҳамеша истиқболи гарм дорад, марг барои Мавлоно рӯйидани дубора аст аз худ, аз хоки зиндагӣ барои шурӯи зиндагии дигар.

*Чун дар адам оему сар аз ёр барорем,*
*Аз санги сияҳ наъраи иқрор барорем.*
*Бар коргаҳи дӯст чу бар кор нишинем,*
*Мар ҷумла ҷаҳонро ҳама аз кор барорем.*
*Гулзори рухи дӯст чу бепарда бибинем,*
*Сад шуъла зи ишқ аз гулу гулзор барорем.*
*Бар Дулдули дил чун фиканад давлати мо зин,*
*Бас гард, ки мо аз раҳи асрор барорем.*
*Чун аз майи Шамсулҳақи Табрез бинӯшем,*
*Сад ҷӯши аҷаб аз хуму хаммор барорем.*

****

*Кадом дона фурӯ рафт дар замин, ки наруст,*
*Чаро ба донаи инсонат ин гумон бошад?*[1]

Мавлоно ҷисми инсонро шабеҳи донае медонад, ки он дар хок кишт мешавад ва баъд аз кишт, он дубора аз хок сар мекашад, ҳамчунон ки дона баъд аз кишт дар хок сабз мешавад. Мавлонои бузург ин масалро баон хотирмеовард, ки инсонҳо дар зиндагӣ ҳамеша бедор ва хушбин бояд бошанд. Мавлоно дар осори худ ҳамеша ба инсон ҳаққи зиндагӣ медиҳад ва ин

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 123, 387

панҷараро ба рӯйи инсон ҳаргиз набастааст ва худ низ дар ҳамин шавқу завқ зиндагӣ кардааст. Аз нигоҳи шоир ва марди андешаҳо ҳар дона, ки дар хок фурӯ меравад, он дубора сар бар мекунад, он сабз мешавад, қад мекашад, нумӯ мекунад, яъне донаи хушк боз ба зиндагӣ бармегардад. Чунонки ҳар донаи хушк, ки дар хок рафтааст, аммо боз шукуфо мешавад, он аз хок боз мерӯяд, аз хок сар дар меоварад, пас, чаро инсон дубора ба зиндагии дигар бар нагардад? Пас, чаро ба донаи инсон, ки он ҳам дар хок кишт мешавад машкук бояд буд, бовар надошт ва рӯйидани дубораи инсонро аз хоки зиндагӣ мункир шуд? Дар байти ҳозир калимаи «гумон» бар маънии хаёл, пиндор ва шак кардан аст ва дар ин ҳолу ҳаво Мавлоно мегӯяд, мункир шудан бар зиндагии дубора ғалат аст, вақте донаи хушк аз хок месабзад инсон хам чун ҳамон дона аст ва дар рӯйиши дубораи он гумон (шак) макун ва ин дона (инсон) ҳам бо изни парвардигор ба вақти худ аз хок боз хоҳад сабзид. Аз назари Мавлоно рӯйидани ҳар дона, ки дар хок меравад, амрест, ки он ба вуқӯъ меояд ва аз ин лиҳоз аз мункирон мепурсад, кион кадом дона аст, ки дар хок фурӯ рафтааст ва он аз хок сар бар наовардааст, сабз нашудааст, яъне ҳар он дона, ки дар хок рафт, он аз хок сар бар кардааст, агар чунин аст, пас, инсон набояд, ки ишқи зистанро, муҳаббатро, кайфияти дидор бо ишқро аз дил бизудояд.

Инсон бояд зиндагии худро аз муҳаббат ва ишқи маҳбуб ороста ва озода бисозад, зеро ҳақиқати зиндагӣ дар ин хат маъно мешавад. Яъне инсон ҳам, ба ҳамон дона шабоҳат дорад, ки он баъд аз марг дар хок фурӯ меравад, яъне кишт мешавад ва дубора барангехта мешавад. Дар осори Мавлоно марг ва зиндагӣ лозим ва малзуми ҳам мебошанд ва ҳарду ба ҳамдигар ҳамреша ҳастанд, яъне марг дар ирфони Мавлоно нестӣ нест, балки таваллуди дигар аст, ки инсон дар ҳашр дубора аз хоки худ сар бар мекунад. Мавлоно шоирест, ки ишқро ситоиш мекунад ва ишқро зиндагии ҷовид медонад, ки ҳаргиз марг надорад. Ишқ барои Мавлоно оинаи вуҷуд аст, ки дар софии он софии ишқ, ҳақиқати зиндагӣ, маърифат, мақому мартабаи инсон ва ранг-ранг зебо шукуфтани зиндагии инсонро ба тамошо менишинад. Мавлоно дар мафҳуми ишқ ҳама чизро мебинад, камолу ҷалол ва дафтари аъмоли ҳар инсонро. Мавлоно бар он

аст, киинсон вақте ишқро дармеёбад, дар зиндагии ӯ таҳаввуллоти дигар шурӯъ мешавад. Яъне дар зиндагии инсоне, ки дар ишқ худро меёбад, амсоли ғурбат, ранҷ, интизорӣ, фироқ, шак, гирифторӣ, фироқ ва… тамом мешавад, аммо марҳалае дигаредар ин хатбарои инсон шурӯъ мешавад, ки Мавлоно онро расидан ба висол дар ишқ гуфтааст. Ҳамин оғози дигар барои Мавлоно шурӯъи як рӯйдоди тоза аст, ки онро шоири ориф зиндагии дигар ном мегузорад, аммо бо ин вуҷуд Мавлоно зиндагии инсонро, дар ин хокдон арҷмегузорад ваонро дӯст медорад, ҳаққи зиндагиро барои башар пос медорад ва башарро талқин мекунад, кинабояд азфайз ва неъматҳои зиндагӣ худро дур бигирад ва аз ҳақиқати зиндагӣ ғафлат биварзад…

*Шамсу қамарам омад, самъу басарам омад*
*В-он симбарам омад, в-он кони зарам омад.*
*Мастии сарам омад, нури назарам омад,*
*Чизи дигар ар хоҳӣ, чизи дигарам омад.*
*Он роҳзанам омад, тавбашиканам омад,*
*В-он Юсуфи симинбар ногаҳ ба барам омад.*
*Имрӯз беҳ аз дина, эй муниси дерина,*
*Дӣ маст ба д-он будам, к-аз вай хабарам омад.*
*Он кас, ки ҳамеҷустам дӣ ман ба чароғ ӯро,*
*Имрӯз чу тунги гул бар раҳгузарам омад.*
*Ду даст камар кард ӯ, бигрифт маро дар бар,*
*З- он тоҷи накурӯённодиркамарам омад.*
*Он боғу баҳораш бин, в-он хамру хумораш бин,*
*В-он ҳазму гувораш бин, чун гулшакарам омад.*
*Аз марг чаро тарсам, к-ӯ оби ҳаёт омад,*
*В-аз таъна чаро тарсам, чун ӯ сипарам омад.*
*Имрӯз Сулаймонам, к-ангуштариям додӣ,*
*В-он тоҷи мулукона бар фарқи сарам омад.*
*Аз ҳад чу бишуд дардам, дар ишқ сафар кардам*
*Ё раб, чӣ саодатҳо, ки з-ин сафарамомад.*
*Вақт аст, ки май нӯшам, то барқ занад ҳушам,*
*Вақтаст, ки барпаррам, чун болу парам омад.*
*Вақтаст, кидартобам, чун субҳ дар ин олам,*
*Вақтаст, ки барғуррам, чун шери нарам омад.*

*Байте ду бимонд, аммо бурданд маро, ҷоно,*
*Ҷое, ки ҷаҳон он ҷо бас мухтасарам омад.*[1]

Ҷаҳони маъно ва андешаи шеъри Мавлоно оканда аз шӯру шавқ, киин ҳама дар рангҳои зиндагӣ тасвир мешавад,дар рангҳои зиндагӣ маъно мешавад. Мавлоно ин гуна зиндагиро дӯст медорад ва ҳамин шавқи дӯст доштанро барои дигарон талқин месозад. Аз ин лиҳоз рангҳои зиндагиро дар осори худ ҳамеша орифона ва шоирона тавсифмекунад. Аз назари Мавлоно зиндагӣ ҳаққи ҳалоли инсон аст ва ин неъматро Худованд барои инсон шоиста донистааст ва касе ҳақ надорад, ҷуз Худованд, ҳаққи зистан ва ҳаққи ишқ варзиданро аз инсон бигирад. Бо ин назар мешавад гуфт, ки Мавлоно шоирест саршор аз нашъати зиндагӣ, меҳру муҳаббат, ишқ ва моломол аз самимият ва сидқ дар муноҷот бо дӯст ва муҳаббатро низ, чун ишқ дар тараққии инсон ва ҳастии башар аз рукнҳои бисёр муҳим ва лозим медонад.

*Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,*
*Аз муҳаббат миссҳо заррин шавад.*
*Аз муҳаббат хорҳо гул мешавад,*
*Аз муҳаббат сиркаҳо мул мешавад.*
*Аз муҳаббат нор нуре мешавад,*
*Аз муҳаббат дев ҳуре мешавад.*[2]

****

*Биҷӯшед, биҷӯшед, ки мо баҳри шиорем,*
*Ба ҷуз ишқ, ба ҷуз ишқ дигар кор надорем.*
*Дар ин хок, дар ин хок дар ин мазрааи пок*
*Ба ҷуз меҳр, ба ҷуз ишқ дигар тухм накорем…*[3]

Бояд арз дошт, ки дар чаҳони андеша ва маъномилоки шеъри ӯ ҳамсанг бо мизони ҳамин эътиқод ва ҳамин боварҳост, яъне ӯ худро асир ва пойбасти замони мушаххас намедонад, сулуки маъно ва андешаи шоири ориф бурун аз як маҳдуда ва кайди замонҳост. Шеъри Мавлоно агар ҳам саршор аз ҳиссу ҳисангезӣ аст, вале ишқу марг, бедорӣ, сулуки ирфон, маърифа-

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 136-137
[2]Маснавии маънавӣ, Теҳрон, соли 1389, саҳ.674
[3]Гузидаи ғазалиёти Шамс, Теҳрон, соли 1376, саҳ. 277

ти муҳаббат ва худшиносии ботин ҷавҳар, рӯҳ, асл ва дарунмояи каломи ӯст. Ҷаҳони мазмун, маъно ва андешаи ирфонии Мавлоно дар ҳамин ҳолу ҳаво ва дар ҳамин фазо бояд, кисурат бигирад, хонанда дар ҷаҳони мазмунҳои шеъри Мавлоно ба воқеият, ҳақиқат, арзишҳои маънавии башар ва эътиқод, маорифи ишқ, ирфон ва бедории рӯҳ ошно мегардад. Дар ин хат бояд тазаккур дод, ки шеъри Мавлоно меъёри нигариш ва қавонини дигари фаҳм ва даркро аз хонанда интизор аст, зеро сухани Мавлоно фаротар аз суннатҳои роиҷ аст ва равиши ботингароӣ ва ботинандеширо аз хонанда мехоҳад. Ошкортар агар, ки арз шавад, манзур ин аст, ки шеъри шоири ориф барои завқу шавқ ва кайфияти зоҳир нест, балки ҳарфи ӯ садои дарун аст, ки дар калимаҳо ҷорист ва ҳар гӯше қодир нест он садоро бишнавад. Шеъри Мавлоно башорат ва паём аст барои башар дар ҳар замон, то ин ки инсон худро ба ҳақ бишносад, паёми Мавлоно дар ин зовия, ҳамон тавр ки ишорате мухтасар доштем, аз ишқ шурӯъ мешавад ва дар ниҳоят низ пайванди он боз ҳам ишқ аст. Аз ин ҷост, ки зиндагӣ барои Мавлоно ҳаргиз беранг, холӣ, афсурда ва пажмурда нест, он ҳамеша зебост ва саршор аз сару садои зиндагӣ.

Аз нигоҳи Мавлоно бо поён омадани зиндагии як инсон ҳама чиз ба поён намерасад, ҳама чиз хатм намешавад, барои ин марди бузург, марг хулосаи зиндагӣ нест. Хулосаи инсонро, зиндагии инсони соҳибдилро ӯ дар ишқ мебинад ва танҳо ишқро асли зиндагии медонад. Ишқ меояд ва бо омадани ӯ, аз назари Мавлоно ҳама чиз аз дигар шурӯъ мешавад. Ҳамин амр боис шуда, ки Мавлоно ишқро иттифоқе зарур ва ногузир медонад, барои шурӯи як иттифоқи дигар:

*Рӯзе, ки маро зи ман ситонӣ,*
*Зоеъ макун аз манн, он чи донӣ.*
*То бо ту чу хоси нур гардам,*
*Он нури латифу ҷовидонӣ.*
*То чанд кунам зи марг фарёд*
*Бо ҳамчу ту оби зиндагонӣ?!*
*Гар маргам аз ӯст, марги ман бод,*
*Он марг беҳ аз дами ҷавонӣ.*
*Аз хирмани хеш деҳ закотам*
*З-он хирмани гавҳари ниҳонӣ.*

*Манвис бар ину он баротам,*
*Бигзор тариқи имтиҳонӣ.*
*Хомӯш, вале ба дасти ту чист*
*Борон омад, ту новдонӣ.*[1]

Ҳам чиз дар «Маснавии маънавӣ» ва дар «Девони Шамс» ба номи ҳазрати маҳбуб, инсон, ҳастӣва ишқ пайванд мехӯрад ва дар ҳамин фазо аст, ки мазмун, андеша ва шеърияти ӯ ба авҷ мерасад, ба авҷи ҳунар. Дар ин ҳама авҷи ҳунар ва авҷи шеър дар корҳои ӯ, чун ҳамеша боз ҳам садои инсони шефтаву шайдо,вораста ва озода аст, ки ба гӯш мерасад, садои ҳузури инсон дар воҳаи ҳастӣ, ки худро мехоҳад бишносад ва дарёбад ва низ ҳақиқати зуҳури худро:

*Маро ақиқи ту бояд, шакар чӣ суд кунад?*
*Маро ҷамоли ту бояд, қамар чӣ суд кунад?*
*Чу масти чашми ту набвад, шаробро чӣ тараб*
*Чу ҳамраҳам ту набошӣ, сафар чӣ суд кунад?*
*Чу офтоби ту набвад, зи офтоб чӣ нур?*
*Чу манзарам ту набошӣ, назар чӣ суд кунад?*
*Лиқои ту чу набошад, бақои умр чӣ суд?*
*Паноҳи ту чу набошад, сипар чӣ суд кунад?*
*Шабам чу рӯзи қиёмат дароз гашт, вале*
*Дилам суҳури ту хоҳад, саҳар чӣ суд кунад?*
*Шабе, ки моҳ набошад, ситорагон чӣ зананд?*
*Чу мургро набувад сар, ду пар чӣ суд кунад?*
*Чу зӯру заҳра набошад, силоҳу асб чӣ суд?*
*Чу дил дилӣ нанамояд, ҷигар чӣ суд кунад?*
*Чу рӯҳи ман ту набошӣ, зи рӯҳи риҳ чӣ суд?*
*Басиратам чу набахшӣ, басар чӣ суд кунад?*
*Маро ба ҷуз назари ту набуду нест ҳунар,*
*Иноятат чу набошад, ҳунар чӣ суд кунад?*
*Ҷаҳон мисоли дарахт аст, баргу мева зи туст,*
*Чу баргу мева набошад, шаҷар чӣ суд кунад?*
*Гузар кун аз башарият, фаришта бош, дило!*
*Фариштагӣ чу набошад, башар чӣ суд кунад?*
*Хабар чу маҳрами ӯ нест, бехабар шаву маст,*
*Чу мухбираш ту набошӣ, хабар чӣ суд кунад?*

[1] Девони Шамс, Теҳрон, соли 1389, саҳ. 1005

*Зи Шамси мафхари Табрез он ки нур наёфт,*
*Вуҷуди тираи ӯро дигар чӣ суд кунад?*[1]

Дар ин ғазал он чи инсонро мафтун ба он месозад, шавқу шӯр ва қиёми зиндагӣ дар ишқ аст, агар ин шавқу шӯр ва қиём набуд, инсон ҳаргиз лаззати чӣ гуна зистанро дарнамеёфт, ба ишқ дил намебаст. Мавлоно дар ғазали ҳозир ба инсон нишот медиҳад ва мегӯяд, он нишот ҷуз дар ишқ нест. Ишқ вуҷуди тира ва тори инсони хокиро равшан ва мунаввар месозад, пас аз назари Мавлоно инсон маъние дар ишқ аст. Ҳақиқати вуҷуди инсон, ҷудо аз ишқ ҳаргиз наметавонад тафсир шавад, зеро инсон гавҳарест дар вуҷуди ишқ ва ишқ гавҳарест дар вуҷуди инсон. Чун як инсони вораста Мавлоно зебоиро ба тамом дӯст медорад ва дар рангҳои ин манзар танҳо ишқро ҷустуҷӯ мекунад ва мегӯяд, ин ҳама манзар бо ҳузури ишқ зебост. Агар дар ин ҳама манзар ҳузури ишқ набошад аз ин ҳама рангҳо, аз ин ҳама тасовир ҳеч суде ҳам нест. Манзури Мавлоно он аст, ки инсон зиндагии худро маърифат бахшад ва ин маърифат барои инсон ҷуз ишқ нест.

Садои инсони вораста аз кайдҳои беҳудаи дунё, ҳавасҳои бебор ва пуч, ҳамеша аз воҳаи ишқ бармехезад. Садои ишқ, яъне инсони озод, инсони маъмур, инсони ошиқ, ки талаби камол, маънӣ, асли ҳастии ӯст. Дар ин хат Мавлоно даросори худ инсонро дар ҳаҷлаи бовару эътиқод ва сидқу ростӣ менишинонад ва ба сӯи дӯст, ба сӯи камол ва ба сӯи ишқ ҳидоят месозад. Аз нигоҳи Мавлоно маҳбуби якто ҳама чизро барои инсон аз арш то фарш офарид, хуршедро, осмонро, ситорагонро, солу моҳро, рӯзу шабро, заминро, дарахтонро ва зиндагиро, дигар бар инсон аст, ки маърифат, ирфон, ҳикмат ва рози офариниширо биомӯзад, бишносад, фаҳм кунад ва бовар дошта бошад, ки дар бекарон дӯсте, ҳабибе, кариме дорад, ки ҳамеша аз ӯ муроқибат мекунад. Пас, инсон ҳам ба тарафи дӯст бояд, ки гом бардорад ва худро барои дидори ҳазрати дӯст ва ишқ омода бисозад ва ин мазмун ва ин маъно дар осори Мавлоно бисёр чашмгир аст:

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1337, саҳ.195-196

*Омадаам, ки сар ниҳам, ишқи туро ба сар барам,*
*В-ар ту бигӯиям, ки не, най шиканам, шакар барам.*
*Омадаам чу ақлу ҷон, аз ҳама дидаҳо ниҳон,*
*То суи ҷону дидагон машъалаи назар барам.*
*Омадаам, ки раҳ занам, бар сари ганҷи шаҳ занам*
*Омадаам, ки зар барам, зар набарам хабар барам.*
*Гар шиканад дили маро, ҷон бидиҳам ба дилшикан,*
*Гар зи сарам кулаҳ барад, ман зи миён камар барам.*
*Ӯст нишаста дар назар, ман ба куҷо назар кунам?*
*Ӯст гирифта шаҳри дил ман ба куҷо сафар барам?*
*Он ки зи захми тири ӯ кӯҳ шикоф мекунад,*
*Пеши гушоди тири ӯ, вой, агар сипар барам.*
*Дар ҳаваси хаёли ӯ ҳамчу хаёл гаштаам,*
*В-аз сари рашки номи ӯ номи рухи қамар барам.*
*Ин ғазалам ҷавоби он бода, ки дошт пеши ман,*
*Гуфт: Бихӯр, намехӯрӣ, пеши каси дигар барам.*[1]

Ҷаҳони мазмун, андеша ва маъно дар осори Мавлоно саршор аз ин отифа, аз ин башорат ва паёмҳост ва дар ин фазо мешавад аз мақом ва мартабаи инсон дар осори Мавлона ҳарф зад. Ҳамон тавр ки фишурда ишорат доштем, Мавлоно инсони хокиро дар осори худ дар беҳтарин ваҷҳ тавсиф ва сифат кардааст, маншаи илҳом ва андешаи шоири ориф ишқ ба ҳастӣ ва инсон аст ва Мавлоно бар ин мабно аст, ки инсонро дар ин бекарон ашрафи махлуқот медонад ва ишқро сармояи маънавии ӯ. «Ба ёд ор, ки парвардгор фариштагонро фармуд, ман дар замин халифае (аз башар) гумоштам», «Мо инсонро дар (мақоми) аҳсани тақвим (накутарин сурат дар маротиби вуҷуд)» биёфаридем».[2] Ин ҳикмати пургавҳар ва пурбор аз назари Мавлоно, сутуданӣ аст. Аммо агар инсон дар зиндони тан хешро асир кунад ва дар кайди ҳавасҳои беҳуда ба сар барад, дар банди нафс гирифтор шавад, аз мақому иззат ва мартабаи худ фаромӯш кунад, гумроҳтар ва беқадртар аз ҳар махлуқи дигар аст. Ин ҳушдор дар осори Мавлоно кам нест, ҳам дар «Маснавии маънавӣ» ва ҳам дар «Девони Шамс» инсонро пайваста ҳушдор медиҳад, кииззат ва икрому мартабаи худро ҳамеша дар ёд до-

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ.261-262
[2]Қуръон, сураи Бақара ва Тин, оятҳои 30- 4

шта бошанд. Худро арзон дар бозори ҳавасҳо савдо накунад, зеро қадри инсон бисёр баланд аст. Ва ин қадру иззатро, ки маҳбуб ӯро дода, ҳифз кунад ва арзон дар гарави дунё худро нафурӯшад. Мавлоно мегӯяд, маҳбуб барои инсон пару боли завқ, талош, ғайрат ва ҷустуҷӯ додааст барои парвози рӯҳонӣ ва ирфонӣ ба сӯи ишқ, инсон дар парвозҳои ирфонӣ ва рӯҳонӣ мақому иззати худро ҳифз бояд бинмояд, танҳо дар ҳамин сурат бо ишқ ва маҳбуб ҳамнишин мешавад ва қурб пайдо мекунад:

*Чунон мастам, чунон мастам ман имрӯз,*
*Ки аз чанбар бурун ҷастам ман имрӯз.*
*Чунон чизе, ки дар хотир наёяд,*
*Чунонастам, чунонастам ман имрӯз.*
*Ба ҷон бо осмони ишқ рафтам,*
*Ба сурат гар дарин пастам ман имрӯз.*
*Гирифтам гӯши ақлу гуфтам: «Эй ақл*
*Бурун рав, к-аз ту ворастам ман имрӯз.*
*Бишӯй, эй ақл, дасти хешаз ман,*
*Ки дар Маҷнун бипайвастам ман имрӯз».*
*Намедонам куҷоям, лек фаррух,*
*Мақоме, к-андар ӯ ҳастам ман имрӯз!*
*Биёмад бар дарам иқбол нозон,*
*Зи мастӣ дар бар ӯ бастам ман имрӯз.*
*Чу во гашт ӯ, пайи ӯ медавидам,*
*Даме аз пой наншастам ман имрӯз.*
*Чу «наҳну ақрабу» маълум омад,*
*Дигар худро бинапрастам ман имрӯз.*
*Мабанд он зулф, Шамсиддини Табрез*
*Ки чун моҳӣ дар ин шастам ман имрӯз.*[1]

Мавлоно дар ғазали ҳозир аз ҳол сухбат мекунад ва он ҳамон мақоми мукошифа, мақоми шуҳуд ва сукр аст, дар ирфони аҳли ишқ ва мастии Мавлоно аз шароби ҳол аст, аз шароби мушоҳида аст, аз шароби ваҷд аст. Мавлоно барои нишон додани ҳадди мастии худ аз баёни «чунон» кор мегирад ва бо ин шева арз мекунад, ки мастии маро ҳадду канор нест ва ин ма-

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, Теҳрон, соли1377, саҳ. 221- 222

стии ман аз шароби ангур нест, зеро ҳар кӣ аз шароби ангур маст аст, аз чанбар (бар маънии тан ва дунё) наметавонад берун шавад ва Мавлоно ишорат мекунад, ки ман ончунон мастам, ки аз гардун берун омадаам, яъне ба сукр ва мушоҳида расидаам:

*Чунон мастам, чунон мастам ман имрӯз*
*Ки аз чанбар бурун ҷастам ман имрӯз.*

Ҳар он ки аз шароби ангур маст аст, ӯ ҳадду ҳудудронамедонад ва наметавонад эҳсос кунад, ки дар куҷост ва бар ӯ чӣ мегузарад, аммо ҳар кӣ аз шароби ишқ ва ҳол маст аст, чашми ӯ чизе дигар мебинад, ки мо намебинем ва он ҳамон кашфи шуҳуд, мукошифа аст. Хоҷаи Шероз ҳам мегӯяд:

*Мастии ишқ нест дар сари ту,*
*Рав, ки ту масти оби ангурӣ.*

Мавлоно дар абёти дигар аз парвози ирфонӣ ва рӯҳонии худ хабар медиҳад ва мегӯяд, ба ҷон то осмони ишқ расидам, агарчи ба сурат дар ин замин қарор дорам. Калимаи «паст» дар байти ҳозир метавонад ба ду маъно бошад, аввал бар маънии пойин дар қиёс ба боло ва дувум бар маънии пастгоҳ, яъне бар маънии бемақомӣ аст.

*Чунон чизе, ки дар хотир наёяд,*
*Чунонастам, чунонастам ман имрӯз.*
*Ба ҷон бо осмони ишқ рафтам,*
*Ба сурат гар дар ин пастам ман имрӯз.*

Ҷаҳони маъно ва мазмуни шеъри Мавлоноро бидуни ин дағдаҳои пур аз отифа наметавон тасаввур кард ва аммо ҳарф ин ҷост, ки Мавлоно дар осори худ равиш ва сулук дар ишқро танҳо тавсия намедиҳад, балки худ авввал он ҳамаро таҷриба мекунад, эҳсос мекунад, дар ишқ бо ишқ аҷин мешавад ва баъд он ҳама мароҳилро, ки худ дида ва дар ишқ таҷриба кардааст, ба инсонҳо тавсия медиҳад:

*Гирифтам гӯши ақлу гуфтам: «Эй ақл,*
*Бурун рав, к-аз ту ворастам ман имрӯз,*
*Бишӯй, эй ақл, дастихеш аз ман,*
*Ки дар Маҷнун бипайвастам ман имрӯз».*

Дар ин қаламравМавлоно ҳамон тавр ки арз гардид,ба қавли доктор Суруш, аввал худ дар оташи ишқ меравад ва баъд аз он аз оби ишқ сар бар меоварад ва сипасмегӯяд:

*Маънии Қуръон зи Қуръон пурсу бас*
*В-аз касе оташ задаст андар ҳавас.*

Мазмунва маъно дар ин байт ишорат мекунад, ки асли Қуръон дар зоҳири он нест, яъне он китоби зоҳирпарастӣ нест, балки он барои раҳнамоӣ ва ҳидоят аст. Ҳар кас ки даъво мекунад, бо ин китоб ошност, аввал бояд, ки худро пок кунад, аз ҳавасҳо беҳуда ва нафс бибуррад, он гоҳ бояд даъво кунад, ки ман аз асрори ин китоби осмонӣ огоҳ ҳастам. Манзури Мавлоно он аст, ки ҳар кӣ ин даъворо мекунад, бояд росткор, покиза, содиқ ва дар зиндагӣ якрӯ бошад.

Мавлоно мегӯяд, маънии Қуръонро аз Қуръон бояд ҷустуҷӯ кард ва низ аз он кас, ки дар худ ҳавасҳои беҳударо оташ задааст. Ва аз назари Мавлоно ҳар он ки дар худ ҳавасҳои беҳудава беборро оташ мезанад, метавонад ишқи маҳбубро ба дурустӣ тафсир кунад, яъне фарде чунин худҳамчун Қуръон бошад. Манзури Мавлоно он аст, ки ҳар он ки дар талаби камол ва дар ирфон худро биполояд, ба масалчун Қуръон аст, яънеҳар инсон як Қуръони зинда аст, аммо шарт он аст, ки дар ин масир худро биполояд, ҳавасҳои бебор ва беҳударо дар худ оташ бизанад. Ҳавас дар ин байт бар маънии нафс ҳам бошад, ва оташ задан бар нафс кори сахт аст ва ҳар касро ин ғайрат набошад ва Мавлоно аввал ин ҳолатро дар худ таҷриба мекунад ва сипас афродро ба он даъват мекунад ва раҳ нишон медиҳад, ки ҳар инсон бо анҷом додани кадом марҳалаҳо метавонад чун Қуръон муназзаҳ бишавад.

Дар ҷаҳони маъно ва мазмуни шеърҳои пур аз маънии худ Мавлоно ба хонанда роҳи расидан ба мақом ва мартабаи лозимро меомӯзад. Инсон дар ин дарс, ишқ ва иршодро маърифат мекунад ва ҳар инсон, ки ба он мақом мерасад, ба маҳбубихеш бештар наздик мешавад ва ҳам дар мақоми ишқ ба ҳақиқати офариниш ва зистан бештар ошно мешавад. Яъне инсон даст бар дасти ишқ медиҳад ва дар ин мақом ошиқ, он чиро мебинад, ки дигарон аз дидани он оҷиз ҳастанд:

*Намедонам куҷоям, лек фаррух*
*Мақоме к-андар ӯ ҳастам ман имрӯз!*

Аз Хоҷаи Шероз ҳамин матлабро бихонем, ки мефармояд:

*Дарди ишқе кашидаам, ки мапурс,*
*Заҳри ҳаҷре чашидаам, ки мапурс.*
*Гаштаам дар ҷаҳону охири кор,*
*Дилбаре баргузидаам, ки мапурс.*
*Он чунон дар ҳавои хоки дараш*
*Меравад оби дидаам, ки мапурс.*
*Ҳамчу Ҳофиз ғариб дар раҳи ишқ*
*Ба мақоме расидаам, ки мапурс.*[1]

Талоши инсон аз нигоҳи Мавлоно ва дигар шоирони орифба манзури расидан аст ба ҳамин мақом, ки Мавлоно дар ғазали худ бад-он ишорат кардааст вадар ҳавои ин ваҷд намедонад дар куҷост, аммо медонад, ки ба мақоме расидааст, ки онро ҳар инсони огоҳ аз дӯст мехоҳад. Баёни «намедонам» дар ин ғазал бар маънии ҳайрат ва таҳайюр низ ҳаст, солик чун дар тариқат ба мақоми шуҳуд мерасад, аз таҳайюр ва мушоҳида мастмешавад, дар ин маънӣ ҳаким Низомӣ фармудааст:

*Дар ин манзил касе, к-ӯ пештар рафт,*
*Ба ҳар гомаш таҳайюр бештар шуд.*

Ва Хоҷаи Шероз низ ҳамин ҳолати ҳолро тавсиф мекунад ва мегӯяд, ба он мақоме расидаам, ки аз шарҳи он оҷиз мебошам ва маро аз он мақом мапурс, зеро наметавонам онро шарҳ бидиҳам.

Мурод аз мақом, дар мактаи ғазали Хоҷа Ҳофиз мақоми ишқ ва ҳайрат аст, солик дар сулук ҳар қадар пештар меравад, ҳайрат дар ӯ ба ҳамон ҳад афзунтар мешавад. Ҳамчунин соликони тариқат чун дар ишқ ба мушоҳида бирсанд, бояд ки роз пинҳон бидоранд,аммо роз пинҳон доштан на корест осон, дар ин маънӣ Бедил фармудааст:

*Роздориҳои ишқ осон намебояд шумурд,*
*Кӯҳҳо дар сурма гум шуд, то садо пӯшидаанд.*[2]

[1] Ҳофизи Шерозӣ, Девон, Теҳрон, соли 1389, саҳ. 74
[2]Мирзо Абдулқодири Бедил, Осор, инт. Адиб, соли 1991, 128

****

Ҳофиз:

*Гуфт он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд*
*Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард.*[1]

Мавлоно дар масири ишқ ба инсон шеваи расидан ба ишқро нишон медиҳад,ишқро беҳтарин рафиқ ва шафиқ барои инсон медонад ва ҳар кӣ дар зиндагӣ даст бар дасти ишқ медиҳад, аз ҳама тӯфонҳо мегузарад ва ҳаргиз дар фарозу фуруди зиндагӣ гирифтор намемонад ва ишқ ниҳонтарин розҳоро ба солик ошкор мекунад. Солик аз зовияи ишқ ба зиндагӣ, ба ҳастӣ ва офариниш бо чашми ишқ нигоҳ мекунад ва ҳаргиз дигар дар ин замин эҳсоси ғурбат намекунад, зеро ишқ анис ва ҳамдиле мебошад, ки соликро ба он мақоми баланд ҳидоят мекунад ва дар ин мақом, ошиқ дар ишқ фано мешавад,чун қатра дар баҳри бекарон, яъне ба висол мерасад:

*Чу «наҳну ақрабу» маълум омад,*
*Дигар худро бинапрастам ман имрӯз.*

Мавлоно дар ин байт барои ифодаи манзури худ, барои қадр ва иззати маъно ва манзури худ аз ояти Қуръон истифода кардааст, дар китоби осмонӣ, Қуръон омадааст; «мо инсонро офаридем ва васвасаҳои нафси ӯро медонем ва мо ба ӯ аз раги қалбаш наздиктарем», (сураи Қоф, ояти 16). Мавлоно мефармояд, инсони огоҳ медонад,дӯсте дорад, ки ӯро дар ҳама ҳолат ҳифз мекунад ва ҳамеша аз ӯ муроқибат мекунад, аммо инсон аввал ин дӯстро бояд, ки бишносад ва ба он мақом, ки номаш ишқи дӯст аст, мушарраф бигардад, он гоҳ ба иззат, мақом ва қадрдонӣ, аз тарафи дӯст сазор мегардад. Мавлоно ба инсон ҳамеша фурсате медиҳад, ки худро дар қаламрави маърифат аз дигар бисозад.

Аммо дар зимн боз ҳам таъкид медорад, ки фурсатҳое чунин ҳамеша дар ихтиёри инсон нест. Агар инсон аз фурсатҳо, ки дар ихтиёр дорад, дуруст истифода кунад, метавонад ба бузургатарин, болтарин раҳмати парвардгор, яъне ишқу муҳаббат мушарраф шавад ва ҳар инсон дар ин масир бояд худро бисозад. Ин равиш ва ин нигоҳ дар осори шоироне ориф ҳамеша

---

[1]Ҳофизи Шерозӣ, Девон, саҳ 201

дар мадди аввал будааства аз муҳимтарин масоил аст дар осори онон. Саноии Ғазнавӣ фармудаст:

*Кард бояд, ки бар диҳад дидор,*
*Оина каж мадору равшан дор.*

«Кард бояд: бар ҷой овард ва анҷом дод. Манзур аз «Бар» самар, мева ва дидорбошад. «Равшан» ба маънии ошкор ва қарор додан аст, оинародар ҷойи мувофиқ, ки бар он нур тобад. Манзур он аст, ки инсон бояд коре анҷом диҳад, ки ба дидори маҳбуб ноил шавад».[1] Дар «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» Мавлонои бузург ин мавзӯъро аз ҳар лиҳоз таҳқиқ ва баррасӣ мекунад, дар зимн шоири ориф бар он аст, ки агар инсон дар зиндагии худ ва дар сулуки ирфониву рӯҳонӣ амал, шавқ, талаб, сабр ва таваккулро аз ёд бибарад, бегумон дар мақом ва мартабаи худ халал ворид кардааст. Мавлоно инсонро огоҳ медорад, ки аз аъмоле чунин фосила бигирад ва инсон бояд ҳақиқати вуҷуди худро дар зиндагӣ, дар ин бекарон ба дурустӣ бишносад ва дар мақоми худ, ки ҳақиқати инсон ва башар дар онмебошад, устувор бимонад.

Амал:

*Ишқ аст бар осмон паридан,*
*Сад пора ба ҳар нафас даридан.*
*Аввалнафас аз нафас гусастан,*
*Аввалқадам аз қадам буридан.*
*Нодида гирифтан ин ҷаҳонро,*
*Мар дидаи хешро бидидан.*

Мавлоно дарин абёт ба инсон аз расму оини ишқ мегӯяд, яъне инсон агар ҳавои ишқи маҳбубро бар сар дорад, бояд барои расидан ба ишқ чӣ кор бикунад. Инсон дармасири ишқ аввал бояд, ки парвозро таҷриба кунад ва дар ин машқ, парвози маънавии ишқ муваффақ бигардад.

Ин маънӣ дар осори Мавлоно, парвоз ба осмони ишқ, сӯи ишқ ҳамеша сифат шудааст ва бар маънии парвози рӯҳонӣ аст ва низ озод шудан аст аз кайд ва ҳавасҳои беранг, ки инсонро ҳамеша, ба ҳар тариқ он афсун мекунад. Калимаи дигар дар ин

[1]Аҳмади Ранҷбар, «Гузидаи ашъори Ҳадиқаи Саноии Ғазнавӣ, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1369, саҳ.18.

абёт «осмон» аст. Ин калима бар маънии мақому мартаби низ ҳаст ва инсони соҳибдил бояд пару боли ишқро дар худ бипарварад, то ин ки парвоз ба осмони ишқро битавонад, ки ёд бигирад. Дар ҳамин маънӣ боз ҳам фармудааст:

*Раҳи осмон дарун аст, пари ишқро биҷунбон,*
*Пари ишқ чун кавӣ шуд, ғами нардбон намонад.*

Дар расм ва оини аҳли тариқат парвоз бар маънии тараққӣ ва камол аст, агар солик дар ин мароҳил битавонад комил шавад, метавонад озод парвоз кунад, манзур дастёфтан аст ба маърифати ишқ ва ваҷди ҳол ва низ парвоз буридан аст аз гирифториҳои бебор варасидан аст ба камоли ирфонӣ. Манзур аз парвоз дар осори Мавлоно огоҳӣ аз ҳақиқати ишқ мебошад ва низ бар маънии бедордил будан, огоҳ будан аст равиши роҳ дар тариқати ишқ. Мавлоно дар осори худ ба ин маънӣ фаровон ишорат кардааст:

*Ба ҷон бо осмони ишқ рафтам,*
*Ба сурат гар дар ин пастам ман имрӯз.*

****

*Ҳар дам, эй дил, сӯи ҷонон меравӣ,*
*В-аз назарҳо сахт пинҳон меравӣ.*
*Ҷомаҳоро чок кардӣ ҳамчу моҳ,*
*Дар пайи хуршеди тобон меравӣ.*
*Эй нишаста бо ҳарифон бар замин*
*В-аз дарун бар ҳафт кайвон меравӣ.*
*Пеши меҳмонон ба сурат ҳозирӣ,*
*Сӯи суратгар ба меҳмон меравӣ.*

****

Шавқ:

*Бода бинӯш, мот шав, ҷумлаитан ҳаёт шав,*
*Бодаи чун ақиқ бин, ёди ақиқи кон макун.*
*Бодаи ом аз бурун, бодаи ориф аз дарун,*
*Бӯи даҳон баён кунад, ту ба забон баён макун.*
*Аз Табрез Шамсиддин мерасадам, чу моҳи нав,*
*Чашм суи чароғ кун, сӯи чароғдон макун.*

Маърифат, мазмун ва андеша дар осори Мавлоно инсонро ба сӯи ишқ, огоҳӣ ва бедорӣ таблиғ мекунад ва дар талаби ишқ шартҳои худро низ изҳор медорад, шартҳое, ки бо анҷоми онҳо ҳар инсон дар тараққӣ метавонад худро камоли маънавӣ бахшад, тарбият кунад. Агар инсон дар маърифат ва талаби камол муваффақ шавад, ба эъҷози ишқ хоҳад расид. Дар ин мақом солик бо ҳама вуҷуд ҳаёт мешавад ва ҳама вуҷуди ӯдар зиндагӣ маъно бар худ мегирад ва ӯ танҳо ҳақиқати зиндагиро мушоҳида мекунад ва чашми ӯ ҷуз аслро набинад.

Талаб:

*Андар ҳаявон бингар, сар сӯи замин дорад,*
*Гар одамийӣ, охир, сар ҷониби боло кун.*
*Дар мадрасаи Одам бо Ҳақ чу шудӣ маҳрам,*
*Бар садри малак биншин, тадрис зи асмо кун…*
*…Гар азми сафар дорӣ, бар маркаби маънӣ рав,*
*Вар з-он ки кунӣ маскан, бар торуми хазро кун.*
*Ҳар рӯҳ, ки сар дорад, ӯ рӯй ба дар дорад,*
*Дорӣ сари ин савдо, сар дар сари савдо кун.*[1]

Аз назари Мавлоно таваккул, сабр, ишроқ муҳимтарин ва лозимтарин рукнаст дар аркони зиндагии маънавӣ ва рӯҳонии башар, инсони огоҳ ва бедордил дар талоши расидан ба мақоми мурод, дар сахтҳову ранҷҳои роҳ таваккул ва сабр бояд дошта бошад. Аммо таваккул ҳаргиз бар маънии даст бардоштан аз талош ва ғайрат дар роҳи ишқ нест. Дар осори Мавлоно талошу ғайрат, кӯшиш низ аз рукнҳои бисёр муҳим аст ва ҳар инсоне, ки аз талошу ғайрат дар роҳи ишқ, дар роҳи расидан ба ишқ даст бардоштааст, ӯро шоиста нест аз ишқ ва дӯст сухан бигӯяд.

Бар ин маънист, ки Мавлоно мефармояд, ҳатто кӯшиш, агар ҳамон беҳуда бошад, беҳтар аз оромӣ ва дар хоби ғафлат будан аст, таваккул муфарриҳест, ки дили инсонро дар фарозу фуруд ва шикасту рехти зиндагӣ таскин медиҳад ва муҳимтар аз ҳама дар инсон умедро зинда медорад. Дар осори шоирони ориф ин матлаб ҳамеша мавриди баҳс қарор доштааст ва таваккул ва сабрро дар зиндагӣ раҳмат ва неъматибузург хондаанд, аз тарафи ҳазрати Дӯст ва ин имтиёзи таваккул барои ин-

[1]Гузидаи ғазалийти Шамс, Теҳрон, соли 1377, саҳ.368, 376, 385

сон ҳама чиз аст, яъне лутф, карам, меҳрубонӣ ва иззату икром. Ҳаким Саноӣ дар ҳамин маънӣ гуфтааст:

*Гар таваккул туро бар ӯст ҳаме,*
*Худ бидонӣ, ки ризқ аз ӯст ҳаме.*[1]

Агар инсон аз аркони зиндагии худ ин рукни бисёр муҳим ва лозимро ҳазф бисозад, зиндагии афроде чунин аз асл ва маъно тиҳӣ мешавад ва ранги ҳақиқатро дар чамани ҳастӣ фаромӯш мекунанд. Ба қавли Хоҷаи Шероз ҳар қадар роҳрав, яъне солик дар роҳи тараққӣ ҳунарманд аст, вале агар ӯро бар маҳбуб таваккул набошад, он ҳама ҳунар ва роҳравиҳои ӯ ҳеҷ маънӣ, арзиш надорад ва бебор бошад.

*Такя бар тақвову дониш, дар тариқат кофарист,*
*Роҳрав гар сад ҳунар дорад, таваккул боядаш.*[2]

Мавлоно бар он аст, ки агар инсон чароғи таваккул бар маҳбубро дар дил равшан бидорад, ҳеч тӯфон ва тагарге наметавонад онро хомӯш ва нобуд кунад, чароғи таваккал, инсонро дар шабҳои тори зиндагӣ нур мебахшад, дар шабҳои сард гарм мекунад ва дар ниҳоят инсоне чунинро растагор месозад. Мавлоно инсони ҷоҳил ва танбалро инсони бемор ва зиндагии ӯро беҳуда медонад, аммо инсоне, ки худро месозад ва дар мадрасаи таваккул ва сабр дарси ишқ ва зиндагӣ меомӯзад, ӯро инсони бедор ва пӯё мехонад,инсонҳои аз ин дастро мавриди ситоиши худ қарор медиҳад.

*Дар миёни пардаи хун ишқро гулзорҳо,*
*Ошиқонро бо ҷамоли ишқи бечун корҳо.*
*Ақл гӯяд: шаш ҷиҳат саддасту берун роҳ нест,*
*Ишқ гӯяд: роҳ ҳасту рафтаам ман борҳо.*
*Ақл бозоре бидиду тоҷирӣ огоз кард,*
*Ишқ дида з-он суи бозори ӯ бозорҳо.*
*Эй басо Мансури пинҳон, з-эътимоди ҷони ишқ*
*Тарки минбарҳо бигуфта, бар шуда бар дорҳо.*
*Ошиқони дурдкашро дар дарун неҳ завқҳо,*
*Оқилони тирадилро дар дарун инкорҳо.*

---

[1]Ҳақиқатулҳақиқат ва шариатуттариқа, саҳ.117
[2] Девони Ҳофиз, соли 1389, саҳ. 373

*Ақл гӯяд: по манеҳ, к- андар фано ҷуз хор нест*
*Ишқ гӯяд ақлро, к-андар ту аст он хорҳо.*
*Ҳин, хамуш кун, хори ҳастиро зи пойи дил бикан,*
*Ту бибинӣ дар даруни хештан гулзорҳо.*

Мавлоно дар ҳама осори худ мартаба, мақом, иззат ва шукӯҳи инсонро ба инсон муборак мегӯяд, ҳамон гуна, ки дар рӯзҳои ид ва шодӣ инсонҳо ҳамдигарро муборак мегӯянд ва Мавлоно он мақому мартабаеро, ки маҳбубба инсон додааст, беҳтарин ид медонад. Мавлоно бар он аст, ки месазад инсон ҳамвора ин мартабаро ҷашн бигирад, ҷашн гирифтан, яъне инсондар мадрасаи ишқ, ирфон, ростӣ, сидқу садоқат дарси камол бигирад ва шоистаи ин мақоми шоиста бигардад:

*Боз омамадам чун иди нав, то қуфли зиндон бишканам*
*В-ин чархи мардумхорро чанголу дандон бишканам.*

****

*Ба боғ булбул аз ин пас ҳадиси мо гӯяд,*
*Ҳадиси хубии он ёри дилрабо гӯяд.*

****

*Имрӯз Каъба бин, ки равон шуд ба сӯи ҳоҷ,*
*К-аз вай ҳазор қофила фархунда мешавад.*

****

*Шод омадӣ, эй маҳрӯ, эй шодии ҷон, шод о!*
*То буд, чунин будӣ, то бод, чунин бодо.*

*Эй сурати ҳар шодӣ, андар дили мо ёдӣ,*
*Эй сурати ишқи кулл андар дили мо ёд, о!*[1]

Ҷаҳони маънӣ ва мазмуни осори Мавлоно аз ҳар назар дар тавсиф ва сифати инсон аст ва инсонасолати ҳузур ва маънии вуҷуди худро дар осори Мавлоно метавонад ташхис диҳад ва дар ин ташхис худро аз дигар бисозад. Мазмун ва маънои асл дар осори Мавлоно он аст, ки инсон таҷаллии ошкор аст, аз ҷамоли ҳазрати ишқаст ва дарфаросӯи ин назар, Мавлоно бар

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, соли 1377, саҳ. 37, 39, 180, 193

он аст, ки инсон бар ҳасби зоҳир олами асғар аст, вале бар ҳасби ботин олами акбар бошад:

*Пас, ба суратолами асғар туӣ,*
*Пас, ба маънӣ олами акбар туӣ.*
*Зоҳири ин шох асли мева аст,*
*Ботинан баҳри самар шуд шох ҳаст.*[1]

Аз ин абёт бармеояд, ки инсондар сурати зоҳир, дар аҳсани тақвим халқ шудааст ва сурати инсон мазҳари илоҳист ва аммо иззат, икром ва мақоми инсон дар сурати зоҳир набошад, балки маънии инсон дар тараққии ӯст ва маънии инсон ҳам дар ҳамин тараққӣ бошад. Малоик то қабл аз офариниши инсон ҳама ақл ва рӯҳ будаанд ва дар ҳастӣ вақте инсон ҷони нав халқ шуд, малоик ҳама аз баракати вуҷуди инсон ба манзилати ҷисм даромаданд ва дар хидмати инсон саф оростанд. Саф кашидани малоик бар омодагии хидмат ба инсон нишони эҳтиром ба мартаба, мақом, иззат, икром ва бузургии инсон аст. Мавлоно аз ҳамин назар инсонро олами акбар донистааст ва инсон дар ин ҷаҳон розҳои нуҳуфта дар худ фаровон дорад, барои он ки худро хубтар ва беҳтар бишиносад, бояд ба ин олами акбар сафари рӯҳонӣ ва маънавӣ дошта бошад ва дар ин сафар танҳо аз масири ишқ ба манзили мурод мерасад. Мавлоно шокир аз ишқ аст ва дар офариниши инсон бо тамоми ифтихор аз мақому мартабаи инсон мегӯяд:

*Қолаб аз мо ҳаст шуд, не мо аз ӯ,*
*Бода аз мо маст шуд, не мо аз ӯ.*

****

*Мо оташи ишқем, ки дар мум расидем,*
*Чун шамъ ба парвонаи мазлум расидем.*
*Як ҳамлаи мастонаи мардона бикардем,*
*То илм бидодему ба маълум расидем.*
*Дар манзили аввал ба дуфарсангии ҳастӣ*
*Дар қофилаи уммати марҳум расидем.*
*Он маҳ, ки на болост, на паст аст, битобид,*
*В-он ҷо ки на маҳмуд, на мазмум расидем*

[1]Маснавии Маънавӣ, дафтари чаҳор, саҳ. 521-522

*То ҳазрати он лаъл, ки дар кавн нагунҷад.*
*Бар кӯрии ҳар сангдили шум расидем.*
*Бо ояти курсӣ ба суи арш паридем,*
*То ҳайй бидидему ба қайюм расидем.*
*Имрӯз аз он боғ чи бобаргунавойем,*
*То зан набарӣ, Хоҷа, ки маҳрум расидем.*
*Вайрона ба бумон бигузорем чу бозон,*
*Мо бум наем, аз чӣ дар ин бум расидем.*[1]

Дар қаламрави андеша ва мазмуни осори Мавлоно, мартаба ва мақому иззати инсон бартар аз малак аст, аммо инсон гоҳе аз он ғафлат меварзад ва дигар наметавонад сазовори он мақому иззат бошад. Ва ин ҳолат Мавлоноро ҳамеша нигарон медорад, мабод инсон аз он мақоми воло ва боло фаромӯш кунадва пой дар гил бимонад, аз ин рӯ пайваста дар осори худ мақоми инсонро ба инсон ёдрас мекунад ва дар ин таблиғ ҳеҷ таваққуф надоштааст:

*Мо зи болоему боло меравем,*
*Мо зи дарёему дарё меравем.*
*Мо аз он ҷову аз ин ҷо нестем,*
*Мо зи беҷоему беҷо меравем.*
*Лоилаҳ андар пайи иллаллаҳ аст,*
*Ҳамчу ло мо ҳам ба илло меравем.*
*Қултаоло оятест аз ҷазби Ҳақ,*
*Мо ба ҷазби Ҳақтаоло меравем.*
*Киштии Нӯҳем дар тӯфони Нӯҳ,*
*Лоҷарам бедасту бепо меравем.*
*Ҳамчу мавҷ аз худ баровардем сар,*
*Боз ҳам худро тамошо меравем.*
*Роҳи ҳақ танг аст, чун суммилхиёт,*
*Мо мисоли ришта якто меравем.*
*Ҳин, зи ҳамроҳони манзил ёд кун,*
*Пас бидон, ки ҳар даме мо меравем.*
*Хондаӣ«инно илайҳи роҷиун»,*
*То бидонӣ, ки куҷоҳо меравем.*

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ. 282

*Эй сухан, хомӯш кун, бо мо маё*
*Бин, ки мо аз рашк бе мо меравем.*
*Эй кухи ҳастии мо, раҳро мабанд*
*Мо ба кӯҳи Қофу анқо меравем.*[1]

Мавлоно дар ин абёт ба асолат ва мақоми инсон ишорат мекунад ва мегӯяд, панҷаи ин ҳасрат бояд ҳамвора дилро бихарошад ва чун муҳаррике инсонро ба сӯи бедорӣ ва мақоми азалӣ таҳрик кунад, зеро «инсон, то аз ҳастии мутлақ, то ба сурати инсонӣ дарояд аз мароҳиле мегузарад ва дар ҳар марҳала аз оламе, ки пушти сар мегузорад, танҳо ба пазируфтани сифоти илоҳӣ ба сурати ҷомеи сифати борӣ дармеояд, ки мухтасси мақоми инсонӣ аст. Шакке нест, ки ин камол аст. Вале ин сайр дар айни ҳол сукут ба мақоми пуртақайюд низ шумурда мешавад, зеро ки инсон, бо қуюди сифот ба банд кашида мешавад, дар ҳоле ки ҳастии мутлақ мақоми лоқайдӣ аст. Барои он ки инсон асли худро бозёбад, ҳамаи ин тақайюдотро раҳо кунадва аз ҳар оламе, ки ба ҳангоми сайри моддии худ аз ҳастии мутлақ ба мақоми инсонӣ гузаштааст, ин бор бояд ба сафари маънавӣ аз мақоми инсоние таолӣ пайдо кунад, ва аз ҳамаи қуюд бигзарад, сулук ин аст. Касоне, ки ин сайри маънавиро надошта бошанд, дар олами табиият боқӣ мемонанд».[2]

Бар ҳамин мабност, ки орифи бузург дар осри худ инсонро ҳушдор медиҳад; аз башарийят гузар бинмо ва ба фариштагӣ даст биёб. Агар ин мурод ва манзил, яъне фариштагӣ набошад, аз башар будан ҳеч суде нест. Ва низ мегӯяд; аз ҳадди хок то башар чандин ҳазор манзил мебошад ва башар дар ҳамин мароҳил худро кашф мекунад, худро мешиносад ва аз фаришта бартар мешавад. Манзури Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» ва дар «Девони Шамс» ҳамин ҳарф аст, яъне сайри маънавӣ ва рӯҳонии инсон, то дар сурати табаият боқӣ намонад, аммо барои расидан ба он мақом ва он иззат инсон бояд аз мароҳиле бигзарад, ки аз солик ишқ ва ирода мехоҳад.

*Чун дар адам оему сар аз ёр барорем,*
*Аз санги сияҳ наъраи иқрор барорем.*

---

[1]Куллиёти Шамс, саҳ. 654
[2]Абдулқодирӣ Гулпинорлӣ, «Мавлоно Ҷалолиддин, зиндагонӣ ва фалсафа», Теҳрон, соли 1384, инт. Фадшева, чопи чаҳрум, саҳ.256

*Бар коргаҳи дӯст чу бар кор нишинем,*
*Мар ҷумла ҷаҳонро ҳама аз кор барорем.*
*Гулзори рухи дӯст чу бепарда бибинем,*
*Сад шуъла зи ишқ аз гулу гулзор барорем.*
*Бар дулдули дил чун фиканад давлати мо зин,*
*Бас гард, ки мо аз раҳи асрор барорем.*
*Чун аз майи Шамсулҳақи Табрез бинӯшем,*
*Сад ҷӯши аҷаб аз хуму хаммор барорем.*[1]

Мавлоно дар осори худ, инсонро бо нигоҳи гуногун тавсиф мекунад ва ба ӯ ҷаҳонеро нишон медиҳад, ки саршор аз ранги ишқ аст ва инсони озодаву вораста бо ҷони дил ба дунболи ишқ мешавад ва дар олами вуҷуд сиришти худро, фитрати худро дар талаби ишқ дар беҳтарин ваҷҳ метавонад ислоҳ кунад. Ҳамон тавр ки дар Қуръони Худованд омадааст, ҳама чиз барои вуҷуди инсон аст, дар «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» ҳам ҳама чиз барои вуҷуди инсон аст.

Хонандаи закӣ, оқил, фозил, доно, нуктасанҷ ва ҳушёрдил ҳар гоҳ бо шеъри Мавлоно маҳшур мешавад, бетардид ба ин бовар мерасад, ки аз файз ва раҳматиишқ ба маъшуқи худ наздиктар мешавад. Дар ҳамин фазост, ки бузургии инсон, мақому мартаба, ишқ, муҳаббат, эътимод ва бовар дар банд-банди сухани Мавлоно мушоҳида мешавад ва мушоҳида дар ниҳоят хонандаро ба рози ишқ ва розҳои жарф ва мастури каломи ӯ ошно месозад. Мавзӯъҳое ҳамчун ишқ, муҳаббат, ҳастӣ, эътиқод, огоҳӣ ва инсон дар «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» аз пурбортарин, пуршукӯҳтарин ва равшантарин мавзӯъҳост, ки таҷаллии он дар саросари осори Мавлоно рух нишон медиҳад. Андеша ва мазмуниосори Мавлоно дар фарозу фуруди ҳамин чанд меҳвар мечархад ва баъдан дар мавзӯъҳои дигар тақсимбандӣ мешавад. Ошиқи калом ва андеша дар осори Мавлоно дунболи ташхиси зебоӣ, шевоӣ, балоғати ҳунар, тасвир, бадеияти мазмун ва ҷилваҳои шеърият намеравад, зеро хонанда мафтуниҷилваҳои ҳастӣ, маъно, инсон ва ишқ мешавад. Мавлоно ба инсон ишқ меварзад, ба он хотир, ки инсон маҳсули муҳаббати маҳбуб ва таҷаллии ҷамоли парвардигори якто ва ишқ аст. Намунаи рашодат ва бузургии муҳаббати

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ.383

Мавлоно ба инсон, ба ишқ дар сурати Шамси Табрезӣ худро нишон медиҳад ва Мавлоно ба ин хотир дафтари ғазалҳои худро ба номи Шамси Табрезӣ муҳр мезанад ва ин муҳри ишқи Мавлоно ба инсон ва маҳбуб аст, муҳре, ки гувоҳи бузургӣ, ишқ, муҳаббат ва рашодати як инсон ба инсони дигар аст.

*Бидеҳ он бодаи ҷонӣ, ки чунонем ҳама,*
*Ки май аз ҷому сар аз рой надонем ҳама.*
*Ҳама сарзабзтар аз савсану аз шохи гулем,*
*Рӯҳи мутлақ шудаву тобиши ҷонем ҳама.*
*Ҳама дар банди ҳавоянду ҳаво бандаи мост,*
*Ки бурун рафта аз ин даври замонем ҳама.*
*Мусҳаф орему ба соқӣ ҳама савганд хӯрем,*
*Ки ҷуз аз дасту кафат май наситонем ҳама.*
*Ҳар кӣ ҷон дорад, аз гулшани ҷон бӯе бурд,*
*Ҳар кӣ он дорад, дарёфт, ки онем ҳама.*
*Дили мо чун дили мург аст зи андеша бурун,*
*Ки сабукдил шуда з-он ратли гаронем ҳама.*
*Ҷони моро ба сафи аввали пайкор талаб,*
*З-он ки дар пешравӣ тиру камонем ҳама.*
*Дар паси пардаи зулмоти башар наншинем,*
*З-он ки чун нури саҳар пардадаронем ҳама.*
*Шом будем, зи хуршеди ҷаҳон субҳ шудем,*
*Гург будем, кунун шуҳра шубонем ҳама.*
*Шамси Табрез чу бинмуд рухи ҷонорой,*
*Сӯи ӯ бо дилу ҷон ҳамчу равонем ҳама.*[1]

Дар ин ҳамоиш Мавлоно дар осори худ инсонро танҳо дар калимот наққошӣ намекунад, балки онро маънӣ медиҳад ва ҳамин маъниро дар осори худ ранг медиҳад ва дар ин раъс мафҳуми ҳастӣ, ишқ ва муҳаббатро шарҳ медиҳад, воковӣ мекунад. Мавлоно дар ин фазо ва қаламрав инсонро бо ҷиддияти тамом дар масири худшиносӣ ва худогоҳӣ тарбият мекунад ва инсонро ба сӯи нур гусел менамояд. Вожаи «нур» дар осори Мавлоно пеш аз ҳар чӣ таҷаллиест аз ҷамоли маҳбуб ва ишқ бар ӯ. Ин таҷаллӣ дар осори шоири ориф нимоде аз ҷамоли ишқ, аз ҷамоли маърифат, камоли ирфон, яъне шукӯҳи инсони

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 476-477

комил аст. Инсон дар осори Мавлоно дар ибтидо як инсони маъмулӣ аст, инсоне, ки дар сурат маънӣ мешавад ва аз лаззати ишқу муҳаббат бехабар аст ва дар ин самт Мавлоно ӯро ба воҳаи ишқ меоварад ва инсон дар ин воҳа вуҷуди хокии худро дар кимёи ишқ зар мекунад. Дар воҳаи ишқ инсон аз сурат ба маъно мерасад ва дар ин хат ба ҳастии худ ва ҳастии офариниш ошно мешавад. Инсони хокӣ дар сулуки ишқ ва маърифати ишқ андак-андак худро камол мебахшад, даст ба дасти ишқ медиҳад, нур мешавад ва дар ин тараққӣ дубора таҷассуми малакутии худро касб мекунад. Дар осори Мавлоно инсони хокӣ пурранг тасвир ва тавсиф мешавад ва ин вуҷуди хокӣ имтиёзе чунон бузуг дорад, ки онро ҳеҷ махлуқи дигар надорад ва он имтиёз ишқ аст ва расидан ба ишқ. Агар инсони хокӣ аз ин имтиёз, ки ӯрост, битавонад ба дурустӣ истифода кунад, ба бузургтарин мақом, ба мақоми ишқ хоҳад расид. Тамомии осори Мавлоно шарҳи инсонест, ки дар бекарон зиндагӣ мекунад, ишқро таҷриба мекунад, ғам мехӯрад, орзуҳо дорад, инсоне, ки дар синаи танги хеш ҳазор-ҳазор ғурбат, андӯҳ ва ҳасратҳои ношикаста дорад…Инсоне, ки пой дар гил дорад, вале дар сина арше дорад ба номи дил, ки хонаи маҳбуб аст.

Худованд амонати худро бар ӯ бовар кард ва инсонро халифаи худ дар замин хонд. Инсон наздиктарин ва азизтарин махлуқ аст ба ҳазрати дӯст дар олами ҳастӣ ва ишқ:

*Ба камол буд ишқам зи азал, ки офаридӣ,*
*На замин буду на гардун, ки дуои ман шунидӣ.*
*На хуре буду на моҳе, на саре буду кулоҳе,*
*Ки маро барои ишқат зи гузидагон гузидӣ.*
*Ту маро аҷаб чӣ ёрӣ, ту бигӯ ба ман, чӣ дорӣ,*
*Ки маро на баъди пастӣ ба баландиё кашидӣ.*
*Будаам қадим бо ту, будаам надим бо ту,*
*Чу манам туву туӣ ман, зи чӣ рӯй нопадид?*[1]

Инсон дар сулуки шеъри Мавлоно маснад, мартаба ва мақоми худро дар олами офариниш беҳтару хубтар мешиносад ва медонад, ки дар ин бекарон чӣ арзиш дорад, бахусус дар дунёи муосир, ки инсон дар гирифториҳои бемаънӣ, дар

[1]Куллиёти Шамси Табрезӣ, ҷилди 2, Теҳрон, соли 1389, ғазал: 3238, саҳ. 1187

ҳавасҳои беранг арзиши худро, қадри худро аз ёд мебарад, осори Мавлоно ба ӯ ёрӣ мекунад, ки дар мақоми худ боқӣ бимонад ва роҳи саодатро, ки роҳи ишқ ба сӯи дӯст аст, фаромӯш накунад.

*Даро, то хирқаи қолаб дарандозам ҳамин соат,*
*Даро, то хонаи ҳастӣ бипардозам ҳамин соат.*
*Сало зан покбозиро, раҳо кун хокбозиро,*
*Ки як ҷон дораму хоҳам, ки дарбозам ҳамин соат.*
*Камон зеҳ кун, Худоё, на ки тири қоби қавсайнӣ*
*Ки вақт омад, ки ман ҷонро сипар созам ҳамин соат.*
*Чу бар меояд ин оташ, фиғон мехезад аз олам,*
*Амонам деҳ, амонам деҳ, ки бигдозам ҳамин соат.*
*Ҷаҳон аз тарс медаррад ва ҷон аз ишқ мепаррад,*
*Ки мурғонро ба рашк орам зи парвозам ҳамин соат.*[1]

Инсон дар оинаи шеъри Мавлоно зиндагии рӯҳонӣ ва маънавии худро ба тамошо менишинад ва дар ин тамошои рӯҳонӣ дармеёбад, ки худ ҳамон оинаи қаднамои ишқу меҳрубонист, дар ин бекарон ва дар ин ҳастӣ. Бетардид инсони имрӯз ва инсони фардо низ аз шеъри шоири ориф садои зиндагӣ, садои ишқ, садои меҳру муҳаббат, садои ирфон ва садои худро хоҳад шунид. Дар ҳошияи ин назар мешавад гуфт, ки шеъри Мавлоно воқеитарин вазиндатарин шеър аст дар ҳама замонҳо. «Шеър афсун аст, аммо афсуни хайрхоҳона, бояд аз ҳайси калимот, шакл, вазъи таъбир, ҷумлабандӣ, ва хусусиёти забону ҳама чиз бо мардум бояд, ки канор биёем».[2] Мавлоно дар миёни мардум зиндагӣ кард, аз зиндагии мардум гуфт ва барои мардум гуфт, инсон дар осори Мавлоно нимод ва мазҳари ишқ аст ва ин вожа барои Мавлоно бисёр азиз аст. Мавлоно дар вожаи инсон бузургиву рашодат ва мақомиӯро тавсиф ва васф мекунад ва бузургии инсонро ба инсон мехоҳад бозгардонад.Дар ин хат шоири ориф бо истифода аз ин вожа хостаҳо, хоҳишҳо, армонҳо, маърифат ва ирфони инсонро сутуд ва ба ӯ тариқиба ишқ расиданро мужда дод:

---

[1]Ҳамон ҷо, ҷ. 1, ғазали 324, саҳ. 324

[2]Нимо Юшич, инт. Қалам,Теҳрон, соли 1380, саҳ.3-5

*Он раҳ, ки биёмадам, кадом аст,*
*То боз равам, ки кор хом аст.*
*Як лаҳза зи кӯи ёр дурӣ*
*Дар мазҳаби ошиқон ҳаром аст.*
*Андар ҳама деҳ, агар касе ҳаст,*
*Валлаҳ, ки ишорати тамом аст.*
*Саъва зи куҷо раҳад, ки симург*
*Побастаи ин шигарф дом аст!*
*Овора дило, маё ба д-ин сӯ*
*Он ҷо бинишин, ки хуш мақом аст.*
*Он нуқл гузин, ки ҷонфизояст,*
*В-он бода талаб, ки бо қавомаст.*
*Боқӣ ҳама бӯвунақшу ранг аст,*
*Боқӣ ҳама ҷангу нангу ном аст.*[1]

Инсон аз нигоҳи Мавлоно дар ин дунё танҳо барои хӯрдан, орамидан ва ошомидан халқ нашудааст, балки дар олами офариниш то ҳаст, то зиндагӣ мекунад, рисолати худро дорад, агар инсон дар ин рисолат ғафлат биварзад, ҳақиқати ҳузури худро наметавонад фаҳм кунадва ин ҳолат маънии инсон буданро, дар инсон маҳв месозад. Бояд арз кард, ки инсони Мавлоно инсони бедор, ҳушёр ва пӯёст, инсоне, ки ҳамеша дар роҳи расидан ба ишқи гумшудаи худ дар талош аст аз инрӯ мешавад гуфт, ки осори ин шоири орифпеша аз як назар аҳамияти адабӣ дорад, аммо аз назари дигар аҳамияти ирфонӣ, рӯҳонӣ ва маънавӣ дорад. Дар ин раъс Мавлоно дар осори худ ба инсон тарзи дигар нигаристанро таълим медиҳад ва ба инсон мегӯяд, ки аз куҷо ин дарсро гирифтааст ва аз кӣ тарзи дигар нигаристанро омӯхтааст ва дар ин дарс аз ишқ тарзи дигар хандиданро низ омӯхтааст:

*Ҷаннате кард ҷаҳонро зи шакар хандидан,*
*Он ки омӯхт маро ҳамчу шарар хандидан.*
*Гарчи ман худзи адам дилхушу хандон зодам,*
*Ишқ омӯхт маро шакли дигар хандидан.*
*Ба садаф монам, хандам, чу маро даршикананд,*
*Кори хомон бувад аз фатҳу зафар хандидан.*

---

[1]Куллиёти Шамси Табрезӣ, инт. «Сояи Нимо», ҷ. 1, Теҳрон, соли 1381, ғазали 381, саҳ.122

*Як шаб омад ба височи мани омӯхт маро,*
*Ҷони ҳар субҳу саҳар ҳамчу саҳар хандидан.*
*Гар турушрӯй чу абрам, зи дарун хандонам,*
*Одати барқ бувад вақти матар хандидан…*
*Зар дар оташ чу бихандид, туро мегӯяд:*
*«Гар на қалбӣ, бинамо вақти зарар хандидан».*
*Гар ту мири аҷалӣ, аз аҷал омӯз кунун,*
*Бар шаҳи орияту тоҷу камар хандидан.*
*В-ар ту Исосифатӣ, хоҷа, даромӯз аз ӯ*
*Бар ғами шаҳвату бар модаву нар хандидан.*
*В-ар дами мадрасаи Аҳмади уммӣ дидӣ,*
*Рав, ҳалолластат бар фазлу ҳунар хандидан.*
*Эй мунаҷҷим, агарат шаққи қамар бовар шуд,*
*Боядат бар худу бар шамсу қамар хандидан.*
*Ҳамчу ғунча ту ниҳон ханда макун ҳамчу набот,*
*Вақти ишкуфа ба болои шаҷар хандидан.*[1]

Шавқ, талош, ғайрат, такопӯ ва ангезаи расидан ба ишқ, ба маҳбуб, рӯҳи каломи Мавлоност дар ҷисми калимот, таркибҳо ва тасвирҳо. Ҳунариҳайратовари Мавлоно он аст, ки ӯ метавонад оташ, шавқ, завқ, ангезаи бедорӣ, эътиқоду садоқат ва боварҳоро дар ҷони инсон равшан кунадва инсон озода дар ин зулумот ба чароғи бовари ишқ роҳи саодати худро биёбад.

*Маро ошиқ чунон бояд, ки ҳар боре, ки бархезад,*
*Қиёматҳои пуроташ зи ҳар сӯе барангезад.*
*Диле хоҳем чун дӯзах, ки дӯзахро фурӯ созад,*
*Дусад дарро бипӯшонад, зи мавҷи баҳр нагрезад.*
*Малакҳоро чу қандиле ба дасти хеш дарпечад,*
*Чароғи лоязолиро чу қандиле даровезад.*
*Чу шере сӯи ҷанг ояд, дили ӯ чун наҳанг ояд,*
*Ба ҷуз худ ҳеҷ нагзорад ва бо худ низ бистезад.*
*Чу ҳафсад пардаи дилро ба нури худ бидарронад,*
*Зи аршаш ин нидо ояд, баномезад, баномезад.*
*Чу ӯ аз ҳафтумин дарё ба кӯҳи Қоф рӯ овард,*
*Аз ин дарё чӣ гавҳарҳо канори хок даррезад.*[2]

[1]Ҳамон ҷо, саҳ.345
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 374

Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» ва дар «Девони Шамс»дар осори худ, ҳар чӣ мегӯд, барои хушбахтӣ ва наҷоти инсон мегӯяд, барои наҷоти инсон аз гумроҳӣ, аз ҷаҳл, аз фироқ, саргардонӣ ва парешонӣ, зеро инсон дар ҳар лаҳза метавонад аз масири дурусти зиндагӣ берун шавад. Мавлоно ба нудрат бо ин равишу нигоҳ ҳолатҳои гуногун, розҳои нуҳуфта, ҷилваҳои равонии инсонро ба тасвир мегирад, дар вуҷуди инсон ҳис, ангеза, ишқ, огоҳӣ ва муҳаббатро ба авҷ мерасонад. Аз назари шоири ориф инсон ҳамеша ниёз ба такомулу тараққӣ дорад ва инсони огоҳу бедор ҳаргиз дар ин масир худро таваққуф намекунад, зеро таваққуф инсонро коҳил месозад, оташи шавқу ангезаро дар инсон хомӯш мекунад, инсоне чунин ба тадриҷ аз ишқ ва маҳбуб дур мегардад. Дар осори Мавлоно инсон садои зиндагии худро мешунавад ва тасвири зиндагонии худро бисёр равшан ва гарм дар ҷилди калимаҳо тамошо мекунад ва инсон аз шеъри Мавлоно равиш ва роҳи наҷотро аз бунбастҳои маънавӣ пайдо мекунад ва дар имтиҳони ишқ метавонад худро сарбаланд нигоҳ бидорад.

*Ҷон омада дар ҷаҳони сода*
*В-аз маркаби тан шуда пиёда.*
*Сел омаду даррабуд ҷонро,*
*Он сели зи баҳрҳо зиёда.*
*Ҷон оби латиф дида худро,*
*Дар хеш ду чашмаро гушода.*
*Аз худ ширин чунон-к шаккар*
*В-аз хеш ба ҷӯш ҳамчу бода.*
*Халқон биниҳода чашм дар ҷон,*
*Ҷон чашм ба хеш дарниҳода.*
*Худро ҳам хеш саҷда карда*
*Бе соҷиду масҷиду саҷода.*
*Ҳам бар лаби хеш бӯса дода,*
*К-эй шодии ҷону ҷони шода.*
*Ҳар чиз зи ҳамдигар бизоянд*
*Эй ҷон, ту зи ҳеҷ кас назода.*[1]

Шеъри Мавлоно аз он даст шеърҳое ҳаст, ки саршор аз ҷинси замонҳо, аз отифа,ишқ ва ситоиши инсон аст, инсоне, ки

[1]Ҳамон ҷо, саҳ.855-856

дар ҳарами дӯст номаҳрам нест ва дари хонаи ишқ ҳамеша барои ӯ боз аст.

*Ҳамчу гул хандазанон аз сари шох афтодем,*
*Ҳам бад-он шох, ки ҷон бахшад, ҷонро додем.*
*Одамӣ аз раҳими сунъ дубора зояд,*
*Ин ду дарбуд, ки аз модари гетӣ зодем.*
*Ту ҳанӯз эй, ки ҷанинӣ, на бидонӣ моро,*
*Он ки зодаст, бидонад, ки куҷо афтодем…*
*… Ёди мо гар накунӣ ҳам ба хаёле нигарӣ,*
*На хаёлем, на сурат, на забуни ёдем.*
*Лек моро чу биҷӯйӣ, суи шодиҳо ҷӯ,*
*Ки муқимони хушободи ҷаҳони шодем.*
*Пешаву варзиши шодӣ зи Ҳақ омӯхтаем,*
*К-андар он нодира афсун чу Масеҳ истодем.*
*Мурдану зинда шудан ҳарду висоқи хуши мост,*
*Аҷамивор натарсем, хушу мунқодем.*
*Ҳар хаёле, ки тарошӣ зи яке то ба ҳазор,*
*Ҳам адад бошаду медон-к бурун з-аъдодем.*

Ангезаи бедорӣ, талош ва ангезаи худшиносӣ ҳамон тавр ки арз шуд, дар тамоми осори Мавлоно мавҷмезанад ва хонанда наметавонад аз ин ду мафҳум дар осори ӯ чашм бипӯшад. Шеъри Мавлоно раҳнамо ва раҳгушои инсон аст дар сулук ва тараққии камол ва бешак сухани ӯ инсонро аз гирдоб ва тӯфони ғафлатҳо раҳоӣ мебахшад. Садо ва овои инсон дар осори шоири ориф аз дарахт, боғ, гул, осмон, кӯҳ ва… аз ҳама чиз ба гӯш мерасад.

*Ояд ҳар дам, расул аз тарафи шаҳри ёр*
*Бо фараҳи васли дӯст, бо қадаҳи шаҳрёр.*
*Дастзанон аҳли кул, рақскунон ҷузву кул,*
*Саҷдакунон сарву гул бар тарафи сабзазор.*
*Баҳр аз ин дам ба ҷӯш, кӯҳ аз ин лаълпӯш,*
*Нӯҳ аз ин дар хурӯш, рӯҳ аз ин шармсор.*
*Эй хиради дурбин, соқии чун ҳур бин,*
*Бодаи Мансур бин, ҷону диле беқарор.*

*Бишнав аз чаппу рост, мужда, саодат турост,*
*Бахт сафо дар сафост, то ту туӣ ихтиёр.*

*Пардаи гардун бидар, неъмати ҷаннат бих(в)ар,*
*Об бизан бар ҷигар, ҳур бикаш дар канор.*
*Ҳар чӣ ба асҳоби ҳол бошад авал хаёл,*
*Гардад охир висол, чунки дароянд нигор.*[1]

Мавлоно бо нигоҳи жарф ва амиқ бар инсон андеша мекунад ва маърифату ирфони инсонро таҳқиқ мекунад, милок ва равиши огоҳиву бедориро ба инсон нишон медиҳад. Милоки растагорӣ, бедорӣ, саодат ва иззат дар осори Мавлоно дар се рукн таъриф мешавад, аввал он ки инсон маърифати имонро бидонад, бишиносад ва бар он эътимод кунад, дувум имон доштани инсон ба ҷовидонагии рӯҳ ва милоки савум, ки дар осори Мавлоно таҷаллии бисёр равшане дорад, амали хайр, солеҳ ва сиришти фитрати пок аст. Мавлоно дар осори худ дар воҳаиин се милок инсонро ба худии инсон, ирфони зиндагӣ, ба ҳастӣ, ба ишқ ва ба маънии чӣ гуна зистан ошно месозад. Мавлоно бо истифода аз ин се милок ба рӯйи инсон панҷарае боз мекунад ба сӯи уфуқҳои тоза ва равшан, фазои оканда аз сидқу сафо, фазое пур аз муҳаббату боварҳо, фазое пур аз шавқу меҳру эътимод, ки печида дар ангезаҳо ва атри малакутист. Шоири ориф барои тавсифи бузургии инсон, мақоми инсон, дар ин фазо аз калимоте чун нур, дарё, сел, осмон, дарахт, мурғ, ишқ, имон, дӯст, май, маърифат, нур, оина, шукӯҳ, ғайрат ва… кор мегирад ва бузургии инсонро дар ҳаҷми калимоте чунин баён мекунад. Дар зимн Мавлоно инсонро дар ҳаво ва фазои ин калимаҳо, ба ҷавҳар ва сириштии аслие, ки дар ҳар инсон, он вуҷуд дорад, мехоҳад ошно бисозад.

Нур:

*Нур гирад ҷумла олам,бар мисоли кӯҳи Тур,*
*Гар бигӯям беҳиҷоб аз ҳоли дил афсонае.*

****

Дарё:

*Ҷонҳо чу селобе равон то соҳили дарёи ҷон,*
*Аз ошноён мунқатиъ, бо баҳр гаштам ошно.*

****

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 275- 411

Хонаи Каъба:

*Ин сурати бут чист, агар хонаи Каъбаст*
*В-ин нури Худо чист, агар дайри мугон аст.*

****

Осмон:

*Ҷумла ёрони ту сангандуту марҷон чаро,*
*Осмон бо ҷумлагон ҷисмасту бо ту ҷон чаро?*

****

Рӯҳ:

*Нур гирифта аз бараш курсиву арши акбараш,*
*Рӯҳ нишаста бар дараш, менигарад ба боми дил.*

****

Дарахт:

*Раққостар дарахт дар ин боғҳо манам,*
*Зеро дарахти бахтаму андар сарам сабост.*

****

Мурғ:

*Халқ чу мургобиён, зода зи дарёи ҷон,*
*Кай кунад ин ҷо мақом, мург к-аз ин баҳр хост?*

****

Ишқ:

*Раҳи осмон дарун аст, пари ишқро биҷунбон*
*Пари ишқ чун қавӣ шуд, гами нарбон намонад…*

****

Имон:

*Мурдагони чаман аз даъвати Ҳақ зинда шуданд,*
*Куфрҳошон ҳама аз раҳмати Ҳақ имон шуд.*

****

Май:

*Дар инчунин қадаҳ омехтан ҳаром бувад,*
*Ба ошиқони Худо ҷуз майи Худо мадиҳед.*

****

Маърифат:

*Дод майи маърифаташ, бо ту бигӯям сифаташ,*
*Талху гуворандаву х(в)аш, ҳамчу вароцаи дили ман.*

****

Оина:

*Чарху замин оинае в-аз акси моҳи рӯйи ту*
*Он оина зинда шуда в-андар тамошо омада.*

****

Шукӯҳу шаҳомат:

*Сад чарх тавоф орад бар гирди замини ту,*
*Сад бадр суҷуд орад дар пеши ҳилоли ту…*

Ғайрат:

*Маънӣ ба саҷда ояд, чун сурати ту бинад,*
*Ҳар ҳарф рақс орад, чун бишнавад каломат.*[1]

Баҳра бурдан аз ин вожаҳо барои шоири ориф ба хотири боз ҳам амиқтар ва беҳтаршинохтани розҳои мастури инсон аст. Шоири ориф талош ба харҷ медиҳад, ки инсонро ба каъбаи ишқ наздиктар бисозад ва дар ин тараққӣ инсонро ҳам каъбае медонад аз ишқ. Мавлоно дар таъриф ва сифати инсон аз беҳтарин шакли баён дар ғазал истифода кардааст ва инсонро дар баландтарин сурат мадҳ кардааст ва дар ҳамин хат бо нигоҳи амиқу дақиқ масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ, ирфонӣ ва рӯҳонии инсонро воковӣ кардааст. Дар осори Мавлоно дуомил аст, ки каломи ӯро қувват медиҳад, аввал ҳузури ҳамешагии маҳбуби якто дар зиндагии инсон ва дувум ҳузури рӯҳонии инсон дар ҷустуҷӯи каъбаи ишқ ва маҳбуби ҳамешагӣ. Ҳамин ду омил мебошад, ки осори Мавлоноро шукӯҳ ва шаҳомат додааст. Аз розҳои дигар, ки ҳам дар «Маснавии маънавӣ» ва ҳам дар «Девони Шамс» бисёр болиғ ва рашид ба чашм меояд, он бошад, ки ӯ ҳаргиз дар инсонҳо эҳсоси ҳузн ва ғамро ба бор намеоварад. Дар осори Мавлоно панҷараи шодӣ, тараб, умед ва нишот ба рӯйи инсон ҳаргиз баста намешавад.

[1] Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, чопи дувоздаҳум, Теҳрон, соли 1377, саҳ. 10, 46, 69, 128, 241, 82, 87, 129, 165, 191, 260, 658, 441, 78

*Айшҳотон нӯш бодо ҳар замон, эй ошиқон!*
*В-аз шумо кони шакар бод ин ҷаҳон, эй ошикон!*
*Нӯшу ҷӯши ошиқон то аршу то курсӣ расид,*
*Баргузашт аз аршу фарш ин корвон, эй ошиқон!*
*Аз лаби дарё чӣ гӯям? Лаб надорад баҳри ҷон,*
*Барфузудаст аз макону ломакон, эй ошиқон!*
*Мо мисоли мавҷҳо андар қиёму дар суҷуд,*
*То падид ояд, нишон аз бенишон, эй ошиқон!*
*Гар касе пурсад, киёнед, эй сарондозон шумо,*
*Ҳин бигӯедаш, ки ҷони ҷони ҷон, эй ошиқон.*
*Хуррамо он дам, ки аз мастии ҷонон ҷони мо*
*Менадонад осмон аз ресмон, эй ошиқон!*
*Турфа дарёи муаллақ омад ин дарёи ишқ,*
*Не ба зеру не ба боло, не миён, эй ошиқон!*
*То падид омад шуои Шамси Табрезӣ зи Шарқ,*
*Ҷони мутлақ шуд замину осмон, эй ошиқон!*[1]

Каломи Мавлоно чӣ роз ва чӣ сир дар калимот дорад, ки ҳамеша тоза ва муаттар аст, аҳли дил ва аҳли завқ пайваста ба осори ӯ рӯй меоваранд, дар дарёи каломи ӯ мехоҳанд ғарқ бишаванд. Дар як калом рози нуҳуфтаи Мавлоно дар сулуки маънавӣ ва рӯҳонии ӯст, ки он ҳамаро дар калимаҳо зебо, шево, болиғ, тамошоӣ ва хонданӣ мунташир кардааст. Мавлоно дар ин сулук мартаба ва мақоми дилро дар зиндагии маънавии инсон бисёр муҳим ва лозим медонад. Талқин ва талаби камол дар осори ӯ барои хонанда дастур нест, балки таҷриба аст, ки онро худ шоири ориф дар равиши сулук андӯхтааст ва дар ин равиш саҳми дилро дар талаби камол бисёр муҳим медонад. Мавлоно бар он бовар аст, ки ҷисм, яъне ин хилқати хокӣ барои инсон бегона ва муваққат аст, аммо дил барои инсон бегона нест ва ҳамеша ҳамдаму ҳамрози инсон аст ва инсон муваззаф аст, ки-дар давоми зиндагии худ чароғи дилро аз нури маърифат ва ирфон равшан бисозад. Аз нигоҳи Мавлоно шинохтан ва шуҳуд инсонро бузург месозад ва аз зулумоти ҷаҳолат ва ғафлат наҷот медиҳад ва моҳияти зистан ва ҳастиро маъно мекунад:

[1]Ҳамон ҷо, саҳ.339-340

*Ҳалқаи дил задам шабе дар ҳаваси каломи дил,*
*Бонг расид, кист он, гуфтам, ман ғуломи дил.*
*Шуълаи нури он қамар мерасад аз шикофи дар*
*Бар дилу чашми раҳгузар, аз бари некноми дил.*
*Мавҷ зи нури рӯйи дил, пур шуда буд кӯи дил,*
*Кӯзаи офтобу моҳ гашта камина ҷоми дил.*
*Ақли кул ар сарӣ кунад, бо дил чокарӣ кунад,*
*Гардани ақлу сад чу ӯ баста ба банди доми дил,*
*Рафта ба чарх валвала, кавн гирифта машъала,*
*Халқ гусаста силсила аз тарафи паёми дил.*
*Нур гирифта аз бараш курсию арши акбараш,*
*Рӯҳ нишаста бар дараш менигарад ба боми дил.*
*Нест қаландар аз башар, нак, ба ту гуфт мухтасар…*
*Ҷумла назар бувад, назар, дар хамушӣ каломи дил.*
*Ҷумлаи кавн масти дил, гаштазабун ба дасти дил,*
*Марҳалаҳои нуҳ фалак ҳаст яқин ду гоми дил.*[1]

Дар маърифат ва ирфони Мавлоно, вақте дил ба шуҳуд мерасад аз ҳама қайдҳо озод мешавад, илло аз қайди ишқ, дили дар қайди ишқ ба ҳавасҳои беҳуда ва беборӣ даст меафшонад вараѓбат зоҳир намекунад. Маърифат ва шинохтиҳақиқати инсон дар роҳи тараққӣ ва камол барои солик аз тазкияи дил оғоз мешавад. Он тавр ки дар манобеъ омадааст, маҳбуб дили инсонро хона ва маъвои худ хондааст ва инсон бояд ҳамеша ин ҳарамро поку тамиз нигоҳ бидорад, то шоистаи молики хеш бошад. Мавлоно ҳам дар «Девони Шамс» ва ҳам дар «Маснавии маънавӣ» аз ин маънӣ бисёр ёд кардааст:

*Гуфт пайғамбар, ки Ҳақ фармудааст,*
*Ман нагунҷам ҳеч дар болову паст.*
*Дар замину осмону арш низ,*
*Ман нагунҷам, ин яқин дон, эй азиз.*
*Дар дили муъмин бигунҷам, эй аҷаб,*
*Гар маро ҷӯӣ, дар он дилҳо талаб.*

[1]Куллиёти Шамси Табрезӣ, ҷилди 1, инт. Тулӯъ, Теҳрон, соли 1386, саҳ 287, ғазали 1336

****

*Гуфт Ҳақ моро, назармон бар дил аст,*
*Нест бар зоҳир, ки он обу гил аст.*[1]

****

*Чӣ користон, ки дорӣ андар ин дил,*
*Чӣ бутҳо менигорӣ андар ин дил?*
*Баҳор омад, замони гашт омад,*
*Кӣ донад, то чӣ корӣ андар ин дил.*
*Ҳиҷоби иззат ар бастӣ зи берун,*
*Бағоят ошкорӣ андар ин дил.*
*Дар обу гил фурӯ шуд пойи толиб,*
*Сарашро мебихорӣ андар ин дил.*
*Дил аз афлок агар афзун набудӣ*
*Накардӣ маҳсаворӣ андар ин дил.*
*Аҷоиб бешае омад, дил, эй ҷон,*
*Ки ту мири шикорӣ, андар ин дил.*
*Зи баҳри дил ҳазорон мавҷ хезад,*
*Чу ҷавҳарҳо биёрӣ андар ин дил.*
*Хамуш кардам, ки дар фикрат нагунҷад,*
*Чу васфи дил шуморӣ андар ин дил.*[2]

Сулуки маърифат ва ирфони дил, он тавр ки арз шуд, аз полоиши дил шурӯъ мешавад ва дар мақоми қурб, ҳузур, ирфон, шинохт, ишқ, талаб, тариқату ҳақиқат маънӣ мегирад:

Марифат:

*Олами ин хоку ҳаво гавҳари куфр асту фано,*
*Дар дили куфр омадаам, то ки ба имон бирасам.*

****

Ҳузур:

*Дар хонаи обу гил бе туст хароб ин дил,*
*Ё хона даро, ҷоно, ё хона бипардозам…*

---

[1]Маснавии Маънавӣ, саҳ 652- 741
[2]Куллиёти Шамс. Саҳ.489, ғазали 1432

****

Қурб:

*Дил, ки харид ҷавҳаре, аз таги ҳавзи Кавсаре,*
*Хуфту баҳо намедиҳад, баҳри баҳош мезанам.*

****

Ирфон:

*Кашид ин дил гиребонам ба сӯи кӯи он ёрам,*
*Дар он кӯе, ки май хӯрдам, гарав шуд кафшу досторам.*

****

Ишқ:

*Дило, муштоқи дидорам, ғарибу ошиқу мастам,*
*Кунун азми лиқо дорам, ман инак рахт барбандам.*

****

*Бигуфтам ҳоли дил гӯям, аз он навъе, ки донистам,*
*Баромад мавҷи оби чашму хуни дил, натонистам.*
*Шикастабаста мегуфтам парер аз шарҳи дил чизе,*
*Тунук шуд ҷоми фикру ман чу шиша хурд бишкастам.*

****

Сулук:

*Ба гирди дил ҳамегардӣ чӣ хоҳӣ кард, медонам,*
*Чӣ хоҳӣ кард дилро хуну рухро зард, медонам.*

****

Талаб:

*Дило, гар толиби моӣ, баро бар чархи хизроӣ,*
*Чунон қасрест ҳусни ман, ки амнуломанин дорам.*

****

Тариқат:

*Донад дили ҳар покдил овози дил з-овози гил,*
*Ғурридани шер аст ин, дар сурати оҳуӣ ӯ.*

****

Ҳақиқат:

*Гар дар дили тобутам, меҳри ту бувад қутам,*
*Қути малакӣ дорам, гар шакли башар дорам.*

****

Фано:
*Ман чанд гуфтам ҳойи дил, хомӯш аз ин савдои дил,*
*Судаш надорад ҳойи ман, чун бишнавад дил ҳуи Ӯ.*

Дил дар осори Мавлоно каъбаи маънист ва ҳар касро бар он роҳ нест, магар он ки ишқродар дили худ даъват карда бошад ва ишқ дар дил ватан гирифта бошад. Аз назари Мавлоно дили инсон аст, ки ишқро истиқбол мегирад ва даст бар дасти ишқ медиҳад ва ба ҳақиқат мерасад.

*Зи худ шудам зи ҷамолипур аз сафо, эй дил,*
*Бигуфтамаш, ки зиҳӣ, хубии Худо, эй дил.*
*Ғуломи туст ҳазор офтобу чашму чароғ,*
*Зи партави ту зулол аст, ҷонҳо, эй дил.*
*Ниҳоятест, ки хубӣ аз он гузар накунад,*
*Гузашт ҳусни ту аз ҳадду мунтаҳо, эй дил.*
*Парию дев ба пеши ту бастаанд камар,*
*Малак суҷуд кунад в-ахтару само, эй дил.*
*Кадом дил, ки бар ӯ доғи бандагии ту нест,*
*Кадом доғи ғаме, к-аш наӣ даво, эй дил.*
*Ба ҳукми туст ҳама ганҷҳои ламязалӣ,*
*Чӣ ганҷҳо, ки надорӣ ту дар фано, эй дил…*[1]

Дар ирфон дили ориф ва солик аз эҳсоси шукӯҳу ҷалоли маҳбуб ором мегирад. Дили инсон дар истилоҳи ирфон иборат аз нафси нотиқа аст ва маҳалли тафсили маонист ва низ бар маънии асрори ишқи маъшуқ бошад.

*Дил чӣ бошад? Махзани асрори Ҳақ*
*Хилвати ҷон бар сари асрори Ҳақ.*
*Дил амини боргоҳи маҳрам аст,*
*Дил асоси коргоҳи Одам аст.*[2]

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 495
[2]Ҳамон ҷо саҳ. 495

Дил ватани идроки ҳақиқатҳо ва асрори маориф бошад ва ҳар он дил, ки ба дарки ҳақиқат ва кашфи асрори маориф даст меёбад, пеши соҳиби худ қадри махсус дорад. Инсон дар сулуки дил ба мартаби камолу ҷалол мерасад,то он ҷо ки «ҳазор офтобу чашму чароғ ғуломи дил мешавад» ва аз партави дил ҳама ҷонҳо ба таҷаллӣ мерасанд, дар ин сулук дари чӣ ганҷои маонӣ ва маърифат, ки бар рӯйи дил боз мешавад ва ҷаҳони дил дар қаламрави ҳастӣ бекарон аст ва аҳли сулук дар ин бекарон розҳои мастури худро дорад.

*Ба кӯи дил фурӯ рафтам замоне,*
*Ҳамеҷустам зи ҳоли дил нишоне.*
*Ки то чун аст аҳволи дили ман,*
*Ки аз вай дар фиғон дидам ҷаҳоне.*
*Зи гуфтори ҳакимон бозҷустам*
*Ба ҳар водию шаҳре достоне.*
*Ҳама аз дасти дил фарёд карданд,*
*Фитодам з-ин ҳадис андар гумоне.*
*Зи ақли худ сафар кардам суи дил,*
*Надидам ҳеч холӣ з-ӯ маконе.*
*Миёни орифу маъруф ин дил*
*Ҳамегардад ба сони тарҷумоне.*
*Худовандони дил донанд, дил чист,*
*Чӣ донад қадри дил ҳар беравоне!*
*Зи даргоҳи Худо ёбӣ дилу бас,*
*Наёбӣ аз фалоне, аз фалоне.*
*Наёбӣ дил ҷуз аз ҷаббори олам*
*Шаҳиди ҳар нишону бенишоне.*[1]

Мавлоно дар ғазали ҳозир аз сулуки дил суҳбат дорад ва дар ин сулук ва тараққӣ аз ҳолатҳои ирфонии дил ҳикоят мекунад, дар худии худ ба ҷустуҷӯи дил меравад, то аз ҳоли дил нишоне дарёбад. Дар ин сулук ва дар ин сафар дармеёбад, ки ҷаҳоне гирифтори дил аст ва ҷаҳоне аз дил дар фарёду фиғон аст. Мавлоно аз ҳар инсон ҳоле аз дил мепурсад ва ҳама дар ин пурсумон фарёд аз дасти дил мекунад, то он ҷой ки қариб шак бар ҳадиси дил шавад. Аммо солик ба таҳқиқ, вақте ки дар сулуки ҳол идома медиҳад, маконеро аз ҳузури дил холӣ дарнаме-

[1]Ҳамон ҷо, саҳ.992-993

ёбад ва дар ин маърифат бар он мерасад, ки танҳо аҳли дил бидонад, ки дил чист, на ҳар ғофилу беравоне. Мавлоно бар он ишорат мекунад, ки соҳиби дил Ҷаббори олам аст ва солик барои он ки ба рози дил ошно шавад, бояд ки бо маҳбуб унс ва қурб пайдо кунад. Ҳамон тавр ки аз мазмуни ғазал пайдост, Мавлоно бар он ишорат мекунад, ки танҳо аз файз ва раҳмати унс ва қурб бо маҳбуб ба ҳақиқати дил ошно шудам. Манзури шоир аз баёни «сафар кардам» сулуки рӯҳонӣ ва ирфонист дар тариқати ишқ ва Мавлоно мефармояд, ки ин сафар чӣ қадар тӯлонӣ ва печида аст, бекарон дар бекарон ва ҳеҷ маконе аз ҳузури дил холӣ нест. Ҳар он дил, ки дар ҳама ҳолат аз маъшуқ ёд мекунад, ҳамеша метавонад ҳузури маҳбубродар худ эҳсос кунад. Мавлоно дар ин ғазал башорат аз он медиҳад, ҳар он ки дар сулук, худованди дил мешавад, ӯ медонад, ки ҳақиқати дил чист, худованди дил ҳақиқат, асрор, роз ва маорифи дилро фаҳм мекунад ва он ки аз ин маориф дур аст, ҳаргиз ҳакиқати воқеии дилро намедонад ва аз фаҳми он дур аст. Ва таркиби «беравон» дар мақтаи ғазал ба маънии бемаърифат, ғофил, ҷоҳил ва бехабар аз ҷаҳони дил аст. Афроде чунин аз ирфони дил огоҳ нестанд ва аз тараққии дил ҳеҷ надонанд ва «худовандон»-и дил дар ғазали фавқ бар маънии соҳибдилон ва огоҳон омадааст, моликони дил, онон, киаъмоли солеҳ доранд.

«Ҳар гоҳ ки инсон донаеаз саҷда ва ё рукӯъ дар замини қалб ва рӯҳи худ бикорад, дар ҷаҳони дигар ҳар саҷдаву рукӯи ӯ ба биҳиште мубаддал мегардад».[1] Мавлоно дар осори худ ҳамеша ҳамин масъала, таҷассуми малакутии аъмоли инсонро, ки оғози он аз дил аст, матраҳ мекунад ва шоири ориф дили инсонро каъбаи маънӣ медонад, яъне инсон танҳо дар соҳати дил маънӣ мешавад ва ба маънии ишқ мерасад.

[1]Карим Замонӣ, «Шарҳи ҷомеи Маснавии маънавӣ», инт. Иттиолот, соли 1387, дафтари 4, саҳ. 231

*Тавофи каъбаи дил кун, агар диле дорӣ,*
*Дил аст каъбаи маънӣ, ту гил чӣ пиндорӣ?*
*Тавофи каъбаи сурат Ҳақат бад-он фармуд,*
*Ки то ба воситаи он диле ба даст орӣ.*
*Ҳазор бор пиёда тавофи Каъба кунӣ,*
*Қабули Ҳақ нашавад, гар диле биёзорӣ.*
*Бидеҳ ту мулкату молу диле ба даст овар,*
*Ки дил зиё диҳадат дар лаҳад шаби торӣ.*
*Ҳазор бадраи зар гар барӣ ба Ҳазрати Ҳақ,*
*Ҳақат бигӯяд: дил ор, агар ба мо дорӣ,*
*Ки симу зар бари мо лошаест бемиқдор*
*Дил аст матлаби мо, гар маро талаб дорӣ.*
*Зи аршу курсию лавҳу қалам фузун бошад,*
*Дили хароб, ки онро каҳе бинашморӣ.*
*Мадор хор дилеро, агарчи хор бувад,*
*Ки бас азизи азиз аст дил дар он хорӣ.*[1]

[1]Куллиёти Шамс, саҳ.1259, ғазали 3112

# ҶАҲОНБИНӢ ВА НАЗАРИ МАЗҲАБӢ, ИРФОНӢ ВА ҲИКМАТ ДАР ОСОРИ МАВЛОНО

Осори Мавлоно моломол ва саршор аз ирфон ва тасаввуф аст, равиши андеша ва тафаккури ӯро, танҳо дар ҳамин фазо мешавад таҳқиқ ва баррасӣ кард. Ирфон ва тасаввуф тариқ ва равиши маърифатӣ аст,аҳли ирфон ва тасаввуф кашфи ҳақиқатро бар мабнои шавқу завқ ва ишроқ муяссар медонанд. Яъне ирфон он равиши маърифат аст, ки бар асоси ҳолати дарунӣ ба солик муяссар мегардад. Ориф, солик дар роҳи кашфи ҳақиқат гироишҳои фаровон дорад ба олами дарун ва ҳамеша бар он бовар аст, киинсон метавонад, дар роҳи тараққии ботин ба кашфи ҳақиқат даст ёбад. Ирфон аз назари аҳли тасаввуф ҷаҳонест зинда ва ҳамеша дар такопӯ ва ҳама аносир дар олами вуҷуд ҷондор ва бошуур ҳастанд ва ҳама дар ҳоли тасбеҳи маҳбуб ҳастанд. «Дар чунин ҷаҳоне ҳаргиз сукути мутлақ вуҷуд надорад ва ҳамвора замзамаҳои ниёиш ҷорист».[1] Осори Мавлоно ҳам «Маснавии маънавӣ» ва ҳам «Девони Шамс» аз ин ҳис саршор аст, ҳама чиз дар шеъри ӯ дар зикр ва ниёиш аст, ин таҷаллиро дар ҳар таркиб, ҳар тасвир ва ҳар калима дар осори ӯ мешавад мушоҳида кард. Аз ин назар бояд гуфт, ки сухани гуҳарбору пурнишоти Мавлоно, дар таърих ва шинохти ирфон аҳамияти вижа дорад ва ирфони Мавлоно ирфони зиндагӣ ва боварҳост ӯ дар қаламрави осори худ, пайваста ба инсон, он тавр ки иброз шуд, умед ва бовар ва шавқи зистан медиҳад, яъс ва ноумедӣ дар осори ӯ ҳеҷ мақом надорад.

*З-ин ду ҳазорон ману мо, эй аҷабо, ман чӣ манам!*
*Гӯш бинеҳ арбадаро, даст манеҳ бар даҳанам.*
*Чунки ман аз даст шудам, дар раҳи ман шиша манеҳ,*
*В-ар бинихӣ, по биниҳам, ҳар чӣ биёбам, шиканам.*
*З-он ки дилам ҳар нафасе данги хаёли ту бувад,*
*Гар тарабӣ, дар тарабам, гар ҳазанӣ, дар ҳазанам.*
*Талх кунӣ, талх шавам, лутф кунӣ, лутф шавам,*
*Бо ту хуш аст, эй санами лабшакарӣ, хуш зақанам.*
*Асл туӣ, ман чӣ касам? – Ойинае дар кафи ту,*

---

[1] Баҳмани Номвари Мутлақ, «Забони ирфонӣ назди Мавлоно», инт, Сурайё, Теҳрон, соли 1380, саҳ. 94

*Ҳар чӣ намоӣ, бишавам, ойинаи мумтаҳанам.*
*Ту ба сифат сарву чаман, ман ба сифат сояи гул,*
*Чунки шудам сояи гул, паҳлуи гул хайма занам.*
*Бе ту агар гул шиканам, хор шавад дар кафи ман,*
*В-ар ҳама хорам, зи ту ман ҷумла гулу ёсуманам.*
*Дам ба дам аз хуни ҷигар соғари хуноба кашам,*
*Ҳар нафасе кӯзаи худ бар дари соқӣ шиканам.*
*Даст барам ҳар нафасе сӯи гиребони буте,*
*То бихарошад рухи ман, то бидарад пираҳанам.*
*Лутфи Салоҳи дилу дин тофт миёни дили ман,*
*Шамъи дил аст ӯ ба ҷаҳон, ман киям? Ӯро лаганам.*[1]

Мавлоно дар ин ғазал, он тавр ки арз шуд, ба ҳастӣ, ба Ҳазрати Дӯст ва маънии офариниш аз зовияи ирфон ва тасаввуф назар мекунад ва аз матлаъ, то мақтаъи ғазал, ҳузури умедва боварро замзама менамояд. Дар матлаи ғазал бар он ишорат мекунад, ки ҳарфҳое дорам, даҳони маро мабанд ва гӯш ба ҳарфҳоям бидеҳ.

*З-ин ду ҳазорон ману мо, эй аҷабо, ман чӣ манам,*
*Гӯш бинеҳ арбадаро, даст манеҳ бар даҳанам.*

Мавлоно аз маҳбуби худ мепурсад, ки дар ин ҷаҳони моломол аз ману мо ҳар мавҷуд ҳаққе дорад барои ҳузури худ дар он. Аҷаб он аст, ки ҳузури ман дар ин бекарон чӣ ҳузур аст ва дар ин ҳама бигӯву магӯҳо ба ман ҳам гӯш бидеҳ ва даст бар даҳанам манеҳ, яъне иҷозат бидеҳ ҳарф бизанам. Дар қадим одат будааст, ҳарфи ҳар кӣ хуш наояд ва ё нахоҳанд ӯро бишнаванд, ангушт ба даҳон мениҳоданд, яъне сокит бош ва лаб аз гуфтан бибанд ва имрӯз ҳам дар ҳолати суҳбат гоҳе шунаванда ангушт бар лаби худ мениҳад ва ин ишорат бар он аст, ки хомӯш бош. Мавлоно аз ин одати мардум, дар ин байт бисёр зебо кор гирифтааст ва маъниро дар байт ҳусни шеър додааст. Дар байти дигар Мавлоно ба ҳолат ва маънии офариниши Одам ишорат мекунад ва мегӯяд, ки вуҷуди练 мародасти Дӯст халқ кардааст ва ман ҳаққи бештар дорам ва дар роҳи ман, ки ба тарафи Дӯст аст, шиша менеҳ ва агар ҳам биниҳӣ, ман бар онхоҳам рафт, яъне бар шишаҳои ниҳода по мегузорам ва аз азми худ

---

[1] Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 258- 259

ҳаргиз намегардам ва дар масири худ ҳар он чи садди роҳ бар ман мешавад, онро ман хоҳам шикаст.

*Чунки ман аз даст шудам, дар раҳи ман шиша манеҳ*
*В-ар биниҳӣ, по биниҳам, ҳар чӣ биёбам, шиканам.*

Мавлоно ҳолати ирфонии худро аз маҳбубмедонад ва мегӯяд, ҳолати зиндагии ман дар дасти ту аст, ман аз нишоти ту дар нишотам, аз талхи ту талх мешавам ва аз лутфи ту лутф.

*З-онки дилам ҳар нафаси танги хаёли ту буд,*
*Гар тарабӣ, дар тарабам, гар ҳазанӣ, дар ҳазанам.*
*Талх кунӣ, талх шавам, лутф кунӣ, лутф шавам.*
*Бо ту хуш аст, эй санами лабшакарӣ, хуш зақанам.*

Дар байти дигар Мавлоно вуҷуди худро аз раҳмати маҳбуб медонад ва мегӯяд бе лутфи ту ман нестам ва асли ҳастӣ ва асли вуҷудаз туст, ман чун оинае ҳастам дар дасти ту ва ҳар чӣ дар он нишон бидиҳӣ, ман он ҳастам ва ман чун оинаи имтиҳонва озмуда ҳастам ва ҳамвора дар имтиҳони ту қарор дорам.

*Асл тӯӣ, ман чӣ касам? – Оинае дар кафи ту,*
*Ҳар чӣ намоӣ, бишавам, оинаи мумтаҳанам.*

Дар ҳамин маънӣ Мирзо Абдулқодири Бедил низ мегӯяд:

*Сайри зону низ мумкин нест бе фармони ишқ,*
*Пеши мо оинаест, аммо ба дасти дигарест.*
*Нестам навмеди раҳмат, гар дутоям кард чарх,*
*Ҳалқаам, аммо ҳамон дар пеши чашми ман дарест.*[1]

Мавлоно дар ғазали ҳозир, он тавр ки мушоҳида мешавад, ҳатто барои як нафас миёни худ ва Холиқ ҷудоиро матраҳ намекунад ва ин аст, ки вуҷуди худро дар ин бекарон азлутфва раҳмати Ҳазрати Дӯст медонад ва сифати Дӯстро чун чаман шукуфтаву зебо мебинад ва худро сояи ин зебоиҳо медонад. Агар зебост, аз файзи ҳамин зебоӣ шукуфта ва зебост ва дар Қуръон омадааст, ки инсон дар беҳтарин сурат халқ шудааст. Мавлоно дар зимн мегӯяд, агар беишқи ту ва беёди ту аз чамани зиндагӣ гуле бичинам, он гул бишканад ва дар кафи ман

[1] Абдулқодири Бедил, ғазалиёт, ҷилди 2, инт. Адиб, соли 1991, саҳ. 148

табдил ба хор шавад. Ва агар ҳама хор бошам, аз лутфи ту ҳама гулу ёсуманам, гулу ёсуман дар ин абёт нимоди унс аст ва низ маърифат ва шинохти маъшуқ.

*Ту ба сифат сарву чаман, ман ба сифат сояи ту,*
*Чунки шудам сояи гул, паҳлуи гул хайма занам.*
*Бе ту агар гул шиканам, хор шавад дар кафи ман,*
*В-ар ҳама хорам, зи ту ман ҷумла гулу ёсуманам.*

Дар ин ғазал ҳарчанд Мавлоно аз калимаи ишқ истифода накардааст, аммо ин ғазал ба тамом замзамаи ишқ аст, ишқи ориф ва солик дар роҳи тараққӣ ва камол, ишқ аст, ки солик ба даргоҳи ишқ ноз мекунад ва дар ишқимаҳбуб ҳаргиз «даст аз талаб бар намедорад», то ин ки дар ниҳоят ба муроди дил бирасад, ҳазор-ҳазор соғари ранҷу хориро мешиканад, барои як соғар, ки он соғари умед, висол ва ишқ аст ва маҳбуб.

*Дам ба дам аз хуни ҷигар соғари хуноба кашам,*
*Ҳар нафасе кӯзаи худ бар дари соқӣ шиканам.*
*Даст барам ҳар нафасе сӯи гиребони буте,*
*То бихарошад рухи ман, то бидарад пираҳанам.*
*Лутфи салоҳи дилу дин тофт миёни дили ман,*
*Шамъи дил аст ӯ ба ҷаҳон, ман киям? Ӯро лаганам.*

Дар ғазали фавқ Мавлоно аз ирфон мегӯяд ва дар зимни он тараққӣ ва роҳу равиш, расм ва шеваи сулук ва натиҷаи онро ҳам нишон медиҳад, сифат мекунад. Ба солик аз расму оини ишқ ва ирфон паём медиҳад ва «шикастани кӯза» дар абёт бар маънии тай кардани мароҳили тараққӣ аст ва дар ин талаб худро ба лаган монанд мекунад. Дар он шамъи ишқ фурӯзон аст ва «лаган» бар маънии аҷз ва хоксорӣ аст дар ишқи Дӯст, агар шамъи ишқ набуд, ин лаганро ҳам иззат набуд. Дар қадим, дар маҳфилҳои унс, вақте шамъ равшан мекарданд, онро дар лагане устувор мекарданд, шамъ чун месӯхт, қатраҳои сӯзандаи он бар лаган мерехт. Мавлоно ин ҳолатро хуб дарёфтааст ва ба он ишорат мекунад, ки бар синаи ман қатраҳои сӯзандаи шамъ ишқ фурӯ мечакад ва ман хуш ҳастам, ки пеши шамъи ишқ манзалате дорам. Аз назаре низ Мавлоно ишорат мекунад, ки ба висоли ишқ расидан сахту душвор аст ва солик дар ин роҳ бояд аз ҳама имтиҳонҳо бигзарад, чун ишқ бисёр сӯзанда аст.Солик

бояд битавонад, ки онро таҳаммул кунад, ҳамчун лаган, ки бар синааш шамъ месӯзад ва қатраҳои сӯзандаи шамъ бар он менишинад. Мавлоно дар ирфони худ масоили ваҳдати вуҷуд, шинохти ҳастӣ, мақоми камол, маърифати ишқ, шариат, тариқат, ҳақиқат ва фано дар маҳбубро тавсиф мекунад ва назари Мавлоно дар ирфон рӯйи дил ва шуҳуд аст. Дар тамоми осори Мавлоно ирфониэътиқод, бовар, ишқ ва унс бо маҳбуб мавҷ мезанад. Мавлоно орифи Ҳанафӣ мазҳаб буда,дар осори худ бар он борҳо ишоратҳо кардааст ва ирфонро ҳам дар шариати ҳамин мазҳаб шурӯъ кардааст ва дар осори худ ба паёмбари гиромӣ, аҳли байт ва низ хулафои рошидин, асҳоби паёмбар ишоратҳои фаровон дорад.

*Бибандам чашму гӯям шуд, гушоям, гӯям ӯ омад,*
*Ва ӯ дар хобу бедорӣ қарини ёри ғор омад.*

Манзур аз таркиби «ёри ғор» дар ин байт Абӯбакри Сиддиқ (р), дӯсти бисёр наздик ва аз ёрони паёмбари гиромӣ ҳазрати Муҳаммад (с) аст. Ва маънӣ он аст,дар он ҳангом, ки расули гиромӣ аз Макка ҳиҷрат кард ва дар ғор аз таъқиби куффор пинҳон шуд, Абӯбакри Сиддиқ бо расули Худо (с) ҳамроҳ буд ва ин лақаб, «ёри ғор» бар ӯ сифат шуд. Ҳазрати Мавлоно дар ҳамаи осори худ дар робита ба ин рухдод, яъне воқеаи ғор бисёр гуфтааст:

*Гар содиқи Сиддиқӣ, дар ғори саодат рав,*
*Чун марди мусалмонӣ, бар мулки мусаллам зан…*

Дар ин байт низ ишорат аст ба Абӯбакри Сиддиқ, аз таъқиби куффор, ки ҳамроҳи паёмбари гиромӣ ба ғор паноҳ мебаранд.

*Сиддиқу Мустафо бо ҳарифи даруни ғор*
*Бар ғор анкабут танидан гирифт боз.*

Дар ҳидояти ҳазрати Умар ба ислом Мавлоно мегӯяд:

*Шамшер ба каф Уммар, дар қасди расул ояд,*
*Дар доми Худо афтад в-аз бахт назар ёбад.*

Мавлоно дар байт ҳолатеро сифат мекунад, ки он ислом овардани ҳазрати Умар аст. Тибқи ривоёт ҳазрати Умар бо

шамшери кашида бар қасди расули акрам (с) меояд, аммо таслими паёмбари гиромӣ мешавад ва ислом меоварад.

*То ки фитодам чу садо ногаҳ дар чанги ғамат,*
*Аз ҳаваси захмаи ту кам зи яке тор шудам.*
*Дуздад ғам гардани худро, аз ҳазри силии ман*
*З-он ки ман аз решаи ҷон Ҳайдари Каррор шудам.*

Мавлоно дар ин байт ба ҳазарти Алӣ ишорат мекунад ва Ҳайдари Каррор лақаби ӯст ва каррор бар маънии ҳамлаоваранда аст.

Дар ғазали дигар ҳазрати Алиро ин гуна сифат кардааст:

*Валлаҳ, ки шаҳр бе ту маро ҳабс мешавад,*
*Шери Худову Рустами Дастонам орзуст.*

Шери Худо (Асадуллоҳ) аз лақабҳои ҳазрати Алӣ аст.Бо ин вуҷуд дар осори Мавлоно ҷавҳари ирфон, сулук, талаби ишқ, кашфи шуҳуд ва мақоми инсон аст, ки хонандаро ба худ ҷазб, шайдо ва шефта месозад. «Мавлоно бо тавоноии камназираш дар баёни сухани шӯрангез, ҳамаи шеъраш, таъбири дарёфтҳои рӯҳи ноороми ӯ ишқи илоҳист, ки дар ҳар мавриде навъе рамзу нимоди ирфонӣ дар шеъри Мавлоност, ки дар чорчӯби истилоҳоту нимодҳои муайяни ирфонӣ маҳсур ва дар қайди банд намемонанд».[1] Дар ин ҳама варои гарми мадду ҷазри андешаҳоишакарбори Мавлоно он чи шоири ориф онро болиғ ва самимона сифат мекунад, ирфон ва ҳикмати инсон аст.

Ин тафсир ва ин тафсил ҳамвора дар осори ӯ аз ҳузури худ хабар медиҳад, ки дар ин хат каломи ӯ аз ҳар нигоҳ ғанитар гардидааст. Яъне ҷавҳар, асл ва мояирфони Мавлоно инсон аст, кидар мадрасаи ишқ тарбият мегирад ва дар мадрасаи ишқ аз ишқ иршод мегирад, то худро он гуна, ки шоистаи як инсони комил ва огоҳ аст, бишносад. Маърифати инсон ва ирфони ишқро Мавлоно дар осори худ тафсил мекунад ва дар ин фазо ӯ инсонро талқин мекунад, ки ба маърифат рӯй биёварад ва дар водии ирфон қадам бигзорад, осори шоир инсонро аз воҳаи фаслҳо ба мадрасаи васлҳо даъват мекунад ва инсонро таълим-

---

[1]Сайид Ҳусейни Фотимӣ, «Баст ва тусиаи нимодҳои ирфонӣ дар шеъри Мавлоно», инт. Сурайё, Теҳрон, соли 1386, саҳ. 191

медиҳад, ки даришкҷтафаккур кунад. «Инсон, махсусан барои амал фикр мекунад ва ҳам барои амал аст, ки ҳарф мезанад. Қабл аз ҳар чиз бояд фикри инсонро аз гарави тартиботе, ки инсон ба лиҳози амал ва забон дар он воридҳо кардааст, берун оварда ва ақлро аз ин одат, ки дар ҳар чиз аз он нафъе меҷӯяд, озод кард. Ин амр вусул ба шуҳудро, ки иборат аз маърифати мустақим ва биловосита воқеъ аст, мумкин месозад».[1] Осори Мавлоно оканда аз ин нигоҳ, аз ин равиш ва аз ин ангезаҳост:

*Дод майи маърифаташ, бо ту бигӯям сифаташ,*
*Талху гуворандаву х(в)аш, ҳамчу вафои дили ман.*

****

*Бодаи ом аз бурун, бодаи ориф аз дарун,*
*Бӯи даҳон баёнкунад, ту ба забон баён макун.*

****

*Дар рӯҳ даррасӣ, чу гузаштӣ зи нақшҳо,*
*В-аз чарх бигзарӣ, чу гузаштӣ зи маҳвашон.*

****

*Кӯҳ аст ҷон дар маърифат, тан барги коҳе дар сифат,*
*Бар барг кай дидаст кас як кӯҳро овехта?!*

****

*Бисёр маркаб куштаӣ, гирди ҷаҳон баргаштаӣ,*
*Дар ҷон сафар кун, дарнигар, қавме саросар ҷон шуда.*[2]

Мавлоно дар байти нахуст маърифатро дар тараққӣ ба шароби талх ташбеҳ мекунад ва мегӯяд, ҳар кӣ аз майи маърифат бинӯшад, ба кашфи шуҳуд даст меёбад, ҳамчун ман, ки аз ин май нӯшидаам ва метавонам аз сифати он бигӯям. Майи маърифатро ҳар касе натавонад, ки бинӯшад, зеро сифати он талх аст ва агар битавонад, шароби талхи маърифатро бинӯшад, он гаҳ дармеёбад, ки ин шароби талх гуворанда ва хуш аст, ҳамчунон дили ман, ки аз он сархуш аст. Ҳамин маъниро хоҷаи Шероз ҳазрати Ҳофиз ҳам тавсиф кардааст:

---

[1]Абдулҳусайни Зарринкӯб, «Бо корвони андеша», инт. Амир Кабир, Теҳрон, соли 1377, нашри 3, саҳ.93
[2]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 360, 388, 409, 455, 456

*Шароби талх мехоҳам, ки мардафкан бувад зӯраш,*
*Ки то як дам биосоям зи дунёву шару шӯраш.*[1]

Дар ин байт низ манзури Ҳофиз шароби маърифат аст, ки бар ҳақ ҳар кас қудрати нӯшидани онро надорад ва аз назари бархе, ки манзури Ҳофиз шароби ангур аст, ба куллӣ ғалат бошад, зеро Ҳофизи Шерозӣ ҳамеша дар талаби шароби ирфон будааст, вагарна шаробиангур чун майи маърифат ҳаргиз созанда нест. Мавлоно дар осори худ ҳамеша бар он бовар аст, ки инсони хокӣ метавонад дар хеш растохези дубора эҳё кунадва ин марҳала аз нигоҳи аҳли ирфон таваллуди маънавӣ номида мешавад. Таваллуди маънавӣ дар ихтиёри инсон аст ва агар инсон дар талаби он қатъӣ бошад, устувор бошад ва дар мадрасаи маърифат ва ишқ, талошу ғайрат кунад ва барзи бовари таваллуди дигарро дар худ сабз бисозад, бар он муссар хоҳад шуд. Инсон дар таваллуди дубора ба ҷаҳони дигар гом бармедорад, ки номи он ҷаҳони шукуфтан, шинохтан дар маърифат, ишқ ва ирфон аст. Ва бетардид худ «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» мадрасаи олии маърифат ва ирфон аст ва асотиди ин мадрасаи олӣ ишқ, муҳаббат, сидқ, садоқат, растагорӣ ва озодагӣ аст.

*Дигарбора бишӯридам, бад-он сонам ба ҷони ту,*
*Ки ҳар банде, ки барбандӣ,бидарронам ба ҷони ту.*
*Ман он девонаи бандам, ки девонро ҳамебандам,*
*Забони мург медонам, Сулаймонам ба ҷони ту.*
*Нахоҳам умри фониро, туӣ умри азизи ман,*
*Нахоҳам ҷони пургамро, туӣ ҷонам ба ҷони ту…*
*…Даруни савмаа-в масҷид туӣ мақсудам, эй муршид,*
*Ба ҳар сӯ рӯ бигардонӣ, бигардонам ба ҷони ту.*[2]

Бо ин ҳуҷҷати Мавлоно мешавад гуфт, инсон вақте дар сулук ва дар талаби ирфони рӯҳонӣ мароҳили лозимро тай мекунад, метавонад ба растохези маънавӣ, ки номи он ҳамон сафар дар ҷон мебошад, мушарраф гардад. Ва дар ин растахез метавонад ҳар бандеро бигсалад ва ҳар укдаеро бигшояд, ва девонро чун Сулаймон дар банд бигирад. Дигар аз рукнҳои бисёр

[1]Девони Ҳофиз, саҳ 263
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 215

муҳим ва лозим дар осори Мавлоно, ки аз он сифат шудааст, ҷидол ва пайкор бо нафс аст ва Мавлоно бар он аст, ки инсони вораста, душмани дин ва душмани ҷону рӯҳи худро набояд бипарварад. Инсони вораста дар зиндагӣ худро ғуломи нафс намесозад ва хидмати ғуломона бар ӯ шоиста нест ва агар инсон ходими нафс шавад, аз мақому мартабаи худ маҳрум мегардад. Аз назари Мавлоно инсони огоҳ лагоми ин деви саркашро ҳамеша дар даст бояд ки муҳкам нигаҳ бидорад, вагарна дар набарди нафсу рӯҳ шикаст хоҳад хӯрд, зеро нафс барои инсон душмани заиф ва андак нест, нафс хонумони инсонро месӯзад, ва ҷуз хокистари пушаймонӣ, дар инсон чизе дигар намемонад. «Мо агар метавонем, коре анҷом бидиҳем, бо қудратест, ки Ӯ (Худованд) ба мо додааст ва лаҳза ба лаҳза идома медиҳад, ҳатто озодӣ ва ихтиёри мо низ аз ноҳияи ӯст. Яъне ӯ хостааст, ки мо озод бошем ва бо истифода аз ин муҳаббати бузурги илоҳӣ роҳи такомулро бипӯем». [1] Манзур аз зиндагӣ барои инсони огоҳ ва соҳибдил роҳи такомул ва тараққист, роҳе, ки инсон бо рафтан дар он пурбор, бедор, ҳушёр, огоҳ ва саршор аз раҳмати маҳбуб мешавад ва ин имтиёзро маъшуқтанҳо барои инсон додааст. Мавлоно дар осори худ бар ин маънӣ бисёр ишорат доштааст, то он ҷо ки сайри такомул ва тараққиро дар ирфон барои инсон фарз медонад. Мавлоно дар робита бар ин мавзӯъдар «Маснавии Маънавӣ» мегӯяд:

*Маънии Қуръон зи Қуръон пурсу бас*
*В-аз касе оташ задаст андар ҳавас.*

Ҳама донишмандон эътимод доранд, ки Қуръони карим бузургтарин муъҷизаи паёмбари акрам (с) аст, ин китоби осмонӣ, дар зиндагии маънавии башар беш аз чордаҳ қарн аст, ки эълом медорад: «Агар мегӯед, ин китоби осмонӣ аз сӯи Худо нест, ҳамонанди онро биёваред». Қуръон чун Таврот ва Инҷил китобест аз тарафи Худованд, ки танҳо бо андеша ва рӯҳи инсонҳо сару кор дорад.

Мавлоно ҳамин эъҷози Қуръонро дар ирфони худ барои инсонҳо матраҳ месозад, ки намунае аз он ҳамон байти боло аст, Мавлоно дар ин байт натиҷаи тараққиро дар ирфон нишон

[1]Носир Макорими Шерозӣ, «Усули ақоид», инт. Матбуоти ҳадаф, Қум, соли 1377, саҳ.132

медиҳад, ки як инсони маъмулметавонад дар роҳи такомул, чун Қуръон муназзаҳ ва пок шавад. Онро ба тамоми маънӣ шарҳ бидиҳад, зеро инсон худ, як Қуръони зинда хоҳад шуд дар масири тараққӣ. Маънии муъҷиза будани Қуръони карим дар сураи Исро ояти 88 бад-ин маънӣ омадааст: «Ҷаҳониён ҳама иҷтимоъ бикунанд ва монанди Қуръонро биёваранд, наметавонанд, агарчанде бо якдигар ниҳояти ҳамкорӣ ва ҳамфикриро дошта бошанд». Мавлоно бар ҳамин мабно дар байт ҷилваҳои ирфонӣ медиҳад ва манзури вай инсон аст ва ин инсон чӣ инсон аст, ки Мавлоно мегӯяд, аз ӯ мешавад маънии Қуръонро пурсид. Манзури шоир, он тавр ки арз шуд, инсонест, ки бар нафс пирӯз шудааст, инсоне ки найистони ҳавову ҳавасро оташ дардода, дар ин такомул аз оташи Намруди ҳавасҳо, чун Иброҳим берун омадааст.Дар ҳамин маънӣ Бедили бузург мегӯяд:

*Нафси кофарро мусалмон кун, камол ин асту бас,*
*Сеҳр чун ботил шавад, эъҷоз пайдо мекунад.*

Мавлоно дар осори худ инсонро ташвиқ ва талқин мекунад, ки сеҳри нафсро дар худ ботил бисозад, ҳавасҳои фиребандаи нафсро дар оташи такомул бисӯзонад. Он гоҳ ба лаззати камол хоҳад расид ва эъҷоз дар ӯ пайдо хоҳад шуд. Аз назари Мавлоно инсон дар зиндагии худ бояд, ки такомули ботин (сафар дар ҷон)-ро сармашқи худ қарор бидиҳад ва дар ин сафар ва ин такомул бояд аз одоти бад чун ҳирс, ҳасад, бухл, кинатӯзӣ, зоҳирбозӣ худро биполояд, зеро ин аъмоли номатлуб сабаб мешавад, ки инсон дар такомул заиф бошадва дар сурати табиат боқӣ бимонад.

*Тез давам, тез давам, то ба саворон бирасам,*
*Нест шавам, нест шавам, то бари ҷонон бирасам.*
*Хуш шудаам, хуш шудаам, пораи оташ шудаам,*
*Хона бисӯзам, биравам то ба биёбон бирасам.*
*Хок шавам, хок шавам, то зи ту сарсабз шавам,*
*Об шавам, саҷдакунон то ба гулистон бирасам,*
*Чунки фитодам зи фалак, заррасифат ларзонам.*
*Эмину беларз шавам, чунки ба поён бирасам.*
*Олами ин хоку ҳаво, гавҳари куфр асту фано,*
*Дар дили куфр омадаам, то ки ба имон бирасам.*
*Он шаҳи мавзуни ҷаҳон, ошиқи мавзун биталаб,*

*Шуд рухи ман сиккаи зар, то ки ба мизон бирасам.*
*Раҳмати Ҳақ об бувад, ҷуз ки ба пастӣ наравад,*
*Хокию марҳум шавам, то бари Раҳмон бирасам.*
*Ҳеч табибе надиҳад бе маразе ҳаббу даво,*
*Ман ҳамагӣ дард шавам, то ки ба дармон бирасам.*[1]

Ғазали фавқ печида аст дар ҷилваҳои ирфон, дар роҳи такомул ва тараққӣ, ки як инсони соҳибдил бояд аз он бигзарад ва солик мехоҳад аз ҳама садҳо бигзарад ва ба пешгомон дар ин роҳ васл бишавад. Расидан ба саворон ишорат аст бар онон, ки дар мароҳили тараққӣ ва такомул бар асби сайр зини мурод задаанд, яъне ба мақому мартабаи камол ва ҷалол расидаанд. Дар мисраи дувуми ин ғазал Мавлоно ҳолати фано шудан дар маҳбубро баён мекунад ва таркиби «нест шавам, нест шавам» ин манзурро маънӣ мекунад ва такрори таркибиштиёқи орифро барои фано шудандар ҷононро нишон медиҳад. Ҷонон маъшуқ аст ва фано шудан дар сайри тариқат аз нигоҳи ирфон расидан аст ба маҳбуб ва дар ин хат манзури шоири ориф дар байт аз калимаи «табиб» маҳбуб бошад ва ҳаббу даворо ба солик ӯ медиҳад. Мавлоно мегӯяд, ҳеҷ табибе бидуни дард ҳаббу даво ба касе намедиҳад, солик бояд, ки дар ишқи маҳбуби худ бемор бишавад ва он гаҳ аст, ки маҳбуб чун табиби ҳозиқ ба ӯ ҳаббу даво бидиҳад.

Манзури Мавлоно аз дард ҳамон набард аст, бо деви нафс дар роҳи такомул, дар роҳи тараққӣ, ки инсон дар он аввал бояд бисӯзад ва баъд худро аз дигар бисозад. Бар ин мабност, ки Мавлоно мегӯяд, такомул ва тараққӣ ба масал шабеҳи оташ аст ва табиати оташ сӯхтан аст ва дар роҳи сайри такомул дар ирфон ҳам чунин бошад. Сӯхтан дар оташ ҳама медонад, ки сахт азобест, азобе алим, агар инсони ориф мехоҳад худро бисозад, бояд, ки бар ин оташ биравад, ҳамчун Халил, ки дар оташи Намруд рафт ва аммо оташ бар ӯ гулзор шуд. Инсони растагор агар роҳи тараққиро тай кунадва дар оташи ин роҳ чун Халил биравад аз он ҳамчунон берун ояд. Намруди нафс ҳар оташеро ки афрӯзад, Халили ошиқ роҳи тариқатро бигирад вадар оташи ирфон гули мурод бичинад.

---

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 259-260

*Эй растахези ногаҳон, в-эй раҳмати бемунтаҳо,*
*Эй оташи афрӯхта дар бешаи андешаҳо…*
*Имрӯз хандон омадӣ, мифтоҳи зиндон омадӣ,*
*Бар мустамандон омадӣ, чун бахшиши фазли Худо…*[1]

Мавлоно дар саросари осори худ ирфони дурустро тавсиф мекунад, ки як равиши он полиши нафс мебошад, ва ҳам роҳи воқеии онро ба инсон нишон медиҳад, ӯ бар ин эътимод аст, ки агар инсонро қубҳе ҳаст, он аз худи ӯст ва илоҷи онро бояд дар худ биҷӯяд. Инсон аввал худро бояд, ки биполояд, занги накс ва қубҳро аз оинаи тинати худ тоза бисозад, бизудояд, то равшаниро хубтар бибинад, он гоҳ аст, ки инсон мисли нур зебо мешавад ва ҳар ҷой биравад, зебоӣ, шукуфтан ва нурро бо худ мебарад. Маърифати зебоӣ ва нур ҷилваи дигар аст дар ирфони Мавлоно. Шоири ориф зебоиро дӯст медорад ва онро дар мароҳили тараққӣ ва такомул барои инсон зарур медонад ва инсон боядҳамеша зебоии ботинро дар худ камол бибахшад. Таҷаллии зебоӣ ва зебогароӣ дар ирфони Мавлоно танҳо дар тасвир ва сифати он маҳдуд намешавад, балки инсонро вомедорад, ки бар ин мафҳум биандешад ва жарфтар маҳуми зебоиро дарк кунад, зероирфони Мавлоно ҳаргиз дар сурат маънӣ намешавад, зебоии асл барои ӯ зебоии ботин аст. Аз ин ҷост, ки дар осори шоир тавсифи табиати зебо дар рангҳо ва зебоии сиришти инсон, зебоии дарун бисёр мушоҳида мешавад, бахусус ранги баҳор дар шеъри ӯ шукуфтатарин ранг аст ва ин тавсиф, аз ҳисс ва шавқи зебогароии шоир мегӯяд:

*Баҳор омад, баҳор омад, баҳори хушузор омад,*
*Хушу сарсабз шуд олам, замони лолазор омад.*
*Зи савсан бишнав, эй райҳон, ки савсан сад забон дорад,*
*Ба дашти обу гул бингар, ки пурнақшу нигор омад.*
*Гул аз насрин ҳамепурсад, ки «чун будӣ дар ин ғурбат?»*
*Ҳамегӯяд: «Хушам, зеро хушиҳо з-он диёр омад».*
*Суман бо сарв мегӯяд, ки «мастона ҳамерақсӣ?!»,*
*Ба гӯшаш сарв мегӯяд, ки «ёри бурдбор омад».*
*Бунафша пеши нилуфар даромад, ки«муборак бод!*
*Ки зардӣ рафту хушкӣ рафту умри пойдор омад».*

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 1

*Ҳамезад чашмак он наргис ба сӯи гул, ки «хандонӣ?!»*
*Бад-ӯ гуфто, ки «хандонам, ки ёр андар канор омад».*
*Санавбар гуфт: «Роҳи сахт осон шуд ба фазли Ҳақ»,*
*Ки ҳар барге ба раҳбуррӣ чу теғи обдор омад».*
*Зи Туркистони он дунё бунай туркони зеборӯ*
*Ба Ҳиндустони обу гул ба амри шаҳрёр омад…*[1]

Дар ғазали фавқ Мавлоно аз омадани баҳор хабар медиҳад ва баҳоррамзи шукуфтан ва зебоӣ мебошад, хушҳолии шоир аз омадани зебоӣ аст ва ин омаданро ба мардум муборак мегӯяд. Мавлоно арз мекунад, ки бо омадани баҳор, шодӣ ва тараб омад ва олам аз нафаси мушкбори баҳор «хушу сарсабзшуд» ва он кист, ки намехоҳад хушу сарсабз бошад?! Ва ҳама чиз дар шукуфтану ранг ғарқ аст, ғарқ дар зебоӣ ва дар таровват ва ҳар чӣ аз хоку дарахт медамад зебоӣ ва шукуфтанро замзама мекунад.

*Баҳор омад, баҳор омад, баҳори хушузор омад,*
*Хушу сарсабз шуд олам, замони лолазор омад.*
*Зи савсан бишнав, эй райҳон, ки савсан сад забон дорад,*
*Ба дашти обу гул бингар, ки пурнақшу нигор омад.*

Аз назари Мавлоно зебоӣ эъҷоз аст ва ҳар кӣ онро дарк мекунад, маърифат мекунад, агар зард аст, сарсабз мешавад ва агар ҳам хушк аст, шукуфо мешавад ва зебоӣ дар ирфони Мавлоно умри ҷовид аст ва хуш ба ҳоли он ки ба он мерасад ва дар зебоӣ ҷовид мешавад.

*Бунафша пеши нилуфар даромад, ки «муборак бод!*
*Ки зардӣ рафту хушкӣ рафту умри пойдор омад».*
*Ҳамезад чашмак он наргис ба сӯи гул, ки«хандонӣ?!»*
*Бад-ӯ гуфто, ки «хандонам, ки ёр андар канор омад».*

Дар ин хат Мавлоно инсонро ҳушдор медиҳад, ки аз худхоҳӣ ва худбинӣ ба дур бошад, барои шинохтани зебоӣ инсонро чашми басар ва зоҳир басанда нест, балки чашми басир ҳам мебояд.

Ҳар инсоне, ки танҳо суратро мебинад, мафтун ва шефтаи зоҳир аст, ҳақиқати зебоиро дарнамеёбад. Инсоне чунин ниго-

[1] Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 120

риши ботин ва зебоии ботинро дар худ гум мекунад ва аз фаҳми ҳақиқат ва асли зебоӣ ғофил аст. Андеша ва нигоҳи афроде чунин амиқ нест ва амали онҳо дар сурат хулоса мешавад аз такомули рӯҳонӣ бебаҳра мебошанд. Афроде аз ин даст зебоиро дар сурат эҳсос мекунанд ва аз тамошои зоҳир лаззат мегиранд. Аммо асл ва ҳақиқати зебоӣ танҳо дар сурат хулоса намешавад, танҳо зебоии ботин аст, ки нури ирфонро,ҳақиқати ирфонро дар инсон рушд медиҳад ва инсон аз маърифати ҳамин ирфон ба камол мерасад:

*Нурҳо гарчи ҳама нури ҳақанд,*
*Ту махон ҳар нурро нури Самад.*
*Нури боқияст, к-он нури Худост,*
*Нури фонӣ бошад аз ҷисму ҷасад.*[1]

Мавлоно бо қотеият мегӯяд, инсон бояд фирефта ва мафтун ба нурҳои зоҳир нашавад ва бояд нигоҳи бедор ва ҳушёр дошта бошад, то миёни ин ҳама нурҳо фарқбигзорад ва дар фиреби зебоии зоҳир худро гирифтор насозад. Ӯ бовар дарад, ки такомул ва тараққӣ дар роҳи ирфон ва дар асли ирфон, чашми ботинро дар солик бино мекунад ва метавонад ҳақро аз ботил фарқ кунад, ташхис бидиҳад. Дар ҷилваҳои гарми сухани Мавлоно масъалаҳои боризи ирфонгустарда, амиқ ва жарф баррасӣ ва таҳқиқ шудааст. Дар ирфони Мавлоно ҳама чиз барои камол ёфтан аст ва ҷуз камол чизи дигар нест, «аз назари ирфон инсони комил ғояти офариниш аст, яъне агар инсон комил набуд, ҷаҳон ва ҳастӣ, ҳаргиз офарида намешуд».[2] Дар осори шоирони ориф нимоди инсони комил ҳазрати Муҳаммад (с) мебошад ва Мавлоно низ дар осори худ дар сифати инсони комил ҳазрати Муҳаммадро намуна овардааст:

*Ғарра машав бо ақли худ, бас устоди муътамад,*
*К-устуни олам буд ӯ, ҳаннона шав, ҳаннона шав.*

Ин байт ишораба достонисутуне мебошад, ки паёмбари гиромӣ бар он ҳангоми сухан гуфтан такя мекард ва чун масчид сохта шуд ва барои паёмбар минбар ниҳоданд он ҳазрат бар

---

[1]Девони Шамс, саҳ 453
[2]Қодир Фозилӣ, «Шарҳу тафсир ва мавзӯъбандӣ дар девони Имом Хумайнӣ», инт. Фазилати илм, Теҳрон, соли 1388, саҳ.338

минбар боло рафт, гӯянд дар он лаҳза он дарахт аз ишқи паём-бар гиря кард. Мавлоно ин маъниро дар «Маснавии маънавӣ» низ овардааст:

*Устуни ҳаннона дар ҳаҷри Расул*
*Нола мезад ҳамчу арбоби уқул.*

****

*Хомӯш куну ҳар ҷо асрор макун пайдо,*
*Дар ҷамъи сабурӯҳон ҳам Бӯлаҳабе бошад.*[1]

Мавлоно дар осори худ инсонро ҳушдор медиҳад, ки аввал худро бишносад ва агар худро нашиносад, рафтан дар ирфон барои ӯ ҳеҷмаънӣ надорад. Аз назари шоир, агар инсоне чунин дар шинохти худ коҳил бошад, ҷоҳил бошад, бо ҳама улуме, ки ӯро ҳаст, боз ҳам ӯ дар нисбати худ нодон ва ҳатто золим аст.

*Сад ҳазорон фасл донад аз улум,*
*Ҷони худро менадонадон залум.*
*Донад ӯ хосийяти ҳар ҷавҳаре,*
*Дар баёни ҷавҳари худ чун харе.*
*Ин раво в-он нораво донӣ, валек*
*Ин раво ё норавоӣ бин ту нек.*
*Қимати ҳар кола медонӣ, ки чист,*
*Қимати худро надонӣ, аҳмақист.*[2]

Ин абёт дар робита ба ашхосест, ки фаслҳои бешумор аз улумро аз бар кардаанд ва аммо аз улуми ҷони худ огоҳ нес-танд, дар нисбати худ зулм мекунанд. Манзури Мавлоно аз ин вожа бехабарӣ аз маърифати Ҳақ бошад ва мункир шудан аст аз ин маърифат. Аз назари шоир, агар инсон мехоҳад худро дар кайҳони вуҷуд кашф кунад, худро бишносад, худро дарёбад, бояд ки сууди рӯҳонӣ кунад, бояд чашми ботинро бо сурмаи ирфон равшан кунад ва танҳо бо гӯши ҷон садои ҳотифи ҳасти-ро бишнавад. Инсон дар ин ривол боядаз тараққӣ ва такомул фаромӯш накунад ва инсонро шоиста нест дар нисбати худ зо-лим ва ҷоҳил бошад ва ба афроде, ки аз такомул ва тараққӣ фо-сила гирифтаанд, мегӯяд:

---

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 98-126
[2]Маснавии Маънавӣ, дафтари 4, саҳ. 3329

*Ту аз ҷонӣ, вале ҷонро надонӣ,*
*Зи ҷононию ҷононро надонӣ.*
*Агар ҷонро надонӣ, бас аҷаб нест,*
*Аҷаб ин аст, к-ононро надонӣ.*
*Ту аъёнию аъёнро набинӣ,*
*Ту аквонию аквонро надонӣ,*
*Сарири мулки имконро ту дорӣ,*
*Агарчи мулки имконро надонӣ.*
*Туро ҳар лаҳза меҳмон мерасад дӯст,*
*Чӣ савдое, ки меҳмонро надонӣ.*
*Ба ҷон дар кӯи ҷонон гоҳу бегоҳ*
*Ба ҷавлонию ҷавлонро надонӣ.*
*Ту дорӣчун бадарди хеш дармон,*
*Чӣ дармоне, ки дармонро надонӣ.*[1]

Бо ин равиш Мавлоно дар сулуки ирфон инсонро ба қиёс мегирад ва инсонро тавсия медиҳад, ки чун фурсат дар ихтиёр ӯро ҳаст, худро аз зиндони ҷаҳл озод кунад. Аз назари Мавлоно инсон бояд, ки барзи огоҳӣ ва бедориро дар вуҷуди худ сабз бисозад, инсоне, ки коҳил аст дар худ хуфтааст ва инсоне чунин лаззати маърифат ва огоҳиро наметавонад ҳис кунад. Дар ирфони Мавлоно саодат ва некбахтии воқеӣ, дар тараққӣ ва такомул бошад ва касе, ки дар ин воҳа меравад, ба саодат ва хушбахтии ростин мушарраф мегардад.

*Эй он ки ҷумла олам аз туст як нишоне,*
*Заҳмат бар ин нишона омад, кунун ту донӣ.*
*Захме бизан дигар ту,марҳам нахоҳам аз ту,*
*Гар як ҷаҳон намонад, чӣ ғам, ту сад ҷаҳонӣ.*
*Моем чун дарахтон, сунъи ту боди гардон,*
*Худ кор бод дорад, ҳарчанд шуд ниҳонӣ.*
*З-он бод сабз гардем, з-он бод зард гардем,*
*Гар баргро бирезӣ, аз меваат ситонӣ.*
*Дар нақш боғ пеш аст, дар асл мева пеш аст,*
*Ту аввалин гуҳарро, охир, ки мерасонӣ.*
*Хоҳам, ки аз ту гӯям, в-аз ҷуз ту даст шӯям,*
*Пинҳон шудию моро дар сар ҳамекашонӣ.*[1]

[1]Куллиёти Шамси Табрезӣ, ҷ.2, инт. Сояи Нимо, соли 1386, саҳ. 1160

Дар ғазали фавқ калимаи «нишона» бар маънии инсон бошад, яъне Худованд барои инсон ин ҳама ҳастиро халқ кард ва дар инсон аз рӯҳи худ дамид. Ва калимаи «захм» дар ин ғазал бар маънии муҳаббату меҳр, иродат ва дӯстӣ аст, миёни инсон ва маҳбуб, Мавлоно мегӯяд: Эй дӯст, ин захмро дар вуҷуди мо бештар бинмой! Дар абёти баъд ӯ инсонро дар сурати дарахт мебинад. Ин дарахт (инсон) аз сунъи Худованд сабз мешавад ва низ зард, калимаи «сабз»-ро дар ин ғазал метавон дар чанд маъно таъбир кард, аввал ҳидоят валутфу карами маҳбуб. Дигар бар маънии сулуки ирфонӣ ва рӯҳонии солик дар сайри такомул, ки ба мақом расидааст. Манзур аз калимаи «зард» имтиҳон аст, соликро дар сайру такомул ва низ ин вожа бар маънии дард, ранҷ, фироқ, низ ҳаст, дар роҳи такомул ва тараққӣ. Аз нигоҳи дигар ин вожаро бар маънии қиёмати суғро (марг) ҳам мешавад маъно кард. Мавлоно дар воҳаи ирфонин се нуктаро барои инсон созанда ва муҳим медонад, таваккул бар Ҳақ, эътиқоди комил, соф будан (зикри бериё) ва севум дар роҳи расидан ба мақсуд ва мақом талошу ғайрат доштан. Бидуни риояти ин се нуктаи маҳим солик наметавонад дар роҳи тараққӣ қадам бигзорад. Соф будан, яъне инсон бояд аз вуҷуди худ бо сӯзани сидқ ва бовар, хорҳои ғуруру худхоҳиро берун биёварад ва ба ҳастӣ, ба мардум, ба чашми соф ва муҳаббат бингарад. Муҳаббат дар ирфони Мавлоно мисли оби ҷонбахш аст, ки он зангорҳои ботинро аз тинати инсон мезудояд ва аз нигоҳи равонӣ инсонро солим месозад. Мавлоно дар «Маснвии маънавӣ» дар ин маънӣ мегӯяд:

*Ҷуз иноят кай кушояд чашмро,*
*Ҷуз муҳаббат, кай нишонад хашмро.*[2]

Мавлоно бар он аст, ки инсони огоҳ аз ирфон, аз маърифат дар дунё абас ба сар набурдааст ва инсони огоҳ маънии шукуфтанро дарк мекунад ва медонад чаро баяд зист ва чӣ гуна бояд зиндагӣ кард. Аммо дар ин хат инсони ғофил аз маърифат, аз ишқ, чизе намедонад ва низ намедонад чаро дар ин ҳастӣ вуҷуд дорад ва чаро бояд, ки зиндагонӣ бикунад ва Мавлоно дар зимн ба афроде аз ин даст сахт ҳушдор медиҳад, ки умр дар

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 1034
[2]Маснавии маънавӣ, дафтари 3, саҳ. 47

ҳар нафас мегузарад, мабод он дар ғафлат бигзарад ва умр, ки бо ҳар нафас ҷузъе он меравад, барои ҳамеша меравад ва он ҳаргиз дубора, ба хатти аввал барнамегардад.

*Умр бар умеди фардо меравад,*
*Ғофилона сӯи гавго меравад.*
*Рӯзгори хешро имрӯз дон,*
*Бингараш, то дар чӣ савдо меравад.*
*Гаҳ ба киса, гаҳ ба коса умр рафт,*
*Ҳар нафас аз кисаи мо меравад.*
*Марг як-як мебарад в-аз ҳайбаташ*
*Оқилонро рангу симо меравад.*
*Марг дар роҳ истода мунтазир,*
*Хоҷа бар азми тамошо меравад.*
*Марг аз хотир ба мо наздиктар*
*Хотири гофил куҷоҳо меравад?!*
*Тан мапарвар, з-он ки қурбонист тан,*
*Дил бипарвар, дил ба боло меравад.*
*Чарбу ширин кам диҳ ин мурдорро,*
*Он ки тан парвард, расво меравад.*
*Чарбу ширин деҳ зи ҳикмат рӯҳро,*
*То қавӣ гардад, ки он ҷо меравад.*
*Ҳикматат аз шаҳ Салоҳиддин расад,*
*Он ки чун хуршеди якто меравад.*[1]

Андешаҳои ирфонӣ дар вуҷуди инсон зеҳн ва хотирро мепололояд, ошиқро, толибро, соликро неруманд месозад.

Ин арзишҳо дар тинати инсон ҳисси муҳаббат, накукорӣ, озодагӣ, растагорӣ ва боварҳоро бедор месозад, рушд медиҳад ва инсон худро дар ин ҳолу ҳаво беҳтар дармеёбад. Дар осори Мавлоно наметавон аз ирфон суҳбат кард ва аз шавқу самои сӯфиён ёде накард, «самоъ танҳо барои аҳли сафо аст ва ҳар кӣ аз аҳли сафо нест, ӯро дар маҷлиси самоъ ҷой нест».[2] Дар истилоҳи орифон самоъ ҳолатест, ки ҳоли шунавандаро тағйир диҳад.

---

[1]Куллиёти Шамс, ҷ.1, саҳ.297-298

[2]Гулбобо Саъидӣ, «Фарҳанги ҷомеи истилоҳоти ирфонии Ибни Арабӣ», инт. Ширкати қалам, Теҳрон, соли 1387, саҳ. 446

Саъдӣ:

*Аз ҳазорон дар яке гирад самоъ,*
*З-он ки ҳар кас маҳрами пайғом нест.*[1]

Аҳли сӯфия самоъро тақвият барои рӯҳ ва ботин гуфтаанд дар сулуки солик дар тариқат.

Ҳофиз:

*Ёри ман чун созад оҳанги самоъ,*
*Қудсиён дар арш даст афшон кунанд.*[2]

Мавлоно ба расми самоъ муҳаббат ва дилбастагӣ дошт ва ҳамеша дар маҷлиси самоъ ҳузур меовард, агарчи бархе аз мухолифон ин амали Мавлоноро хилофи шариат медонистанд. Бо ин вуҷуд Мавлоно ба фарҳанги самоъ ҳамеша аз назари эътимоду шавқ муомила мекард, «ӯ чунон шефтаи самоъ буд, ки ҳатто фатвоҳои хешро дар ҳини чарх задан содир мекард».[3] Аз назари Мавлоно инсони ростин дар ҳоли самоъ ба масоили дунё сару кор намегирад, ҷуз ба масоили унс ва зикр, инсон дар ҳоли самоъ якрӯ ва соф аст ва низ дур аз ҳама гуна кизбу дурӯғ, зеро дар ҳоли самоъ солик муносибат ва муомила бо дунёро фаромӯш месозад, илло маҳбуб. Ағлаби ғазалҳои Мавлоно дар «Девони Шамс» зарб ва мусиқии самоъро ба хотир меоварад.

*Бори дигар он маст ба бозор даромад,*
*В-он сардиҳи махмур ба хуммор даромад.*
*Сарҳои дарахтон ҳама пурбор чаро шуд,*
*К-он булбули хушлаҳн ба такрор даромад.*
*Як ҳамлаи дигар ҳама дар рақс дароем,*
*Мастонаву ёрона, ки ин ёр даромад.*
*Як ҳамлаи дигар ҳама доман бигушоем,*
*К- аз баҳри нисор он шаҳи дарбор даромад.*[4]

Ҳамон тавр ки мушоҳида мешавад, дар ин ғазал фазо самоӣ аст, зарб, мусиқӣ, забон ва баён ҳама дар ҳолати самоӣ аст ва оҳангу тараби ғазалҳое аз ин даст дар инсон ҳолати самоъро

---

[1]Саъдии Шерозӣ, Девон, саҳ.324
[2]Ҳофизи Шерозӣ, Девон, саҳ.241
[3]Онмори Шимел, «Шукӯҳи Шамс», инт. Нигоҳ, Теҳрон, соли 1378, саҳ.49
[4]Куллиёти Шамс,ч.1 саҳ.234

ба вуҷуд меоварад. «Рақс ҳам дар паи самоъ сурате аз вуҷуди ҳаяҷони сӯфиёнаро нишон медиҳад, назди Мавлоно нав-ъе раҳидагӣ аз ҷисм ва хурсандӣ аз ҳавои ишқи маҳбуб аст. Азин рӯ дастафшонӣ ва дасткӯбии сӯфия иҳтизороти баргҳоро дар ҳавои баҳорон ба хотир меоварад ва пайдост, ки чун аз таъсири ҳаяҷону қудрат вориди ғайбӣ ҳосил меояд ба раҳидагӣ аз худ мунҷар мешавад. Ва аз ин ҷост, ки мардони роҳ гӯиё дар хуни худ рақс мекунанд ва то худи худро лагадкӯб насозанд аз дастафшонӣ ва пойкӯбӣ боз намеистанд».[1]Бар ин мабно мешавад иддао дошт, ки дастафшонӣ ва пойкӯбӣ дар рақси сӯфиён, танҳо ҳолати бехудӣ ва ваҷд нест, балки дастафшонӣ ва пойкӯбӣ, роз ва рамзҳои нуҳуфтае дорад, ки ҳанӯз аз он ба тамом гиреҳи маъно накшудаанд. Бар ин мабност, ки Мавлоно дар кори худ ва ғазалҳои худ аз калимаи «рақс» бисёр истифода кардааст ва маънии рақс дар осори шоири орифаз ҳамин гӯяд, Мавлоно ба самоъ ҳамеша дили гарм доштааст:

*Рақс он ҷо кун, ки худро бишканӣ,*
*Панбаро аз риши шаҳват барканӣ.*
*Рақсу ҷавлон бар сари майдон кунанд,*
*Рақс андар хуни худ мардон кунанд.*
*Чун раҳанд аз дасти худ, дасте зананд,*
*Чун раҳанд аз нақси худ, рақсе зананд.*
*Мутрибоншон аз дарун даф мезананд,*
*Баҳрҳо дар шӯрашон каф мезананд,*
*Ту набинӣ лек баҳри гӯшашон,*
*Баргҳо бар шохаҳо ҳам кафзанон.*
*Ту набинӣ баргҳоро каф задан,*
*Гӯши дил бояд, на ин гӯши бадан.*
*Гӯши сар барбанд аз ҳазлу дурӯг,*
*То бибинӣ шаҳри ҷонро пурфурӯг.*[2]

Он гуна ки аз ин абёт бар меояд, муҳимтарин шарту шурут дар рақси ошиқонаи самоъ раҳо ёфтан аст аз худ, аз мани ботин, ки дар вуҷуди ҳар инсон он камин гирифтааст. Сӯфӣ дар вақти рақси самоъ билкул вориди фазои дигар мешавад ва аз

---

[1]Абдулҳусайни Зарринкӯб, «Баҳр дар кӯза», инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1367, саҳ. 34
[2]Маснавии маънавӣ, дафтари 3, саҳ 95.

даричаи дил ба ҳастӣ назар мекунад, дар ин ҳолат ӯ чарх мезанад ва ин чархзаданҳо дар як чанбар ба ҳам меояд, ки онро хатти ваҳдат, ҳоли сукр дар сӯфия гӯянд. Мавлонобар он аст, ки солик дар рақси самоъ гардҳои гирифтории дунёро аз худ метакад ва дар ин такиданҳо дар ниҳоят соф мешавад. Инсони дилогоҳ дар самоъ манҳои ботинро дар вуҷуди худ саркӯб мекунад, аз ин ҳама манҳои кибр раҳо меёбад ва дар ҳоли ваҷд фаротар меравад, мерасад, то он ҷо ки ҳама чиз фаромӯш аст ва ҷуз таҷаллии ҷамоли дӯст он ҷо чизе дигар нест.

*Дар ҷунбиш андаровар зулфи анбарфишонро,*
*Дар рақс андаровар ҷонҳои суфиёнро.*
*Хуршеду моҳу ахтар рақсон ба гирди чанбар,*
*Мо дар миёни рақсем, рақсон кун он миёнро.*
*Лутфи ту мутрибона аз камтарин тарона*
*Дар чарх андарорад сӯфии осмонро.*
*Боди баҳор пӯён,ояд таронагӯён,*
*Хандон кунад ҷаҳонро, хезон кунад хазонро.*
*Ҳар дам зи боғ бӯе ояд чу пайк сӯе,*
*Яъне, ки ассало зан, имрӯз дӯстонро…*
*Дар сирри худ равон шуд бустону бо ту гӯяд*
*Дар сирри худ равон шав, то ҷон расад равонро.*
*То ғунча пар гушояд бо сарв сирри савсан,*
*Лола башорат орад мар беду арғавонро.*
*То сирри ҳар ниҳоле аз қаър бар сар ояд,*
*Меърочиён ниҳода дар боғ нардбонро…*[1]

Ғазали ҳозир аз ҳамон оғоз, аз матлаъ ҳолати самоъ, тараб ва ваҷдро ба хотир меоварад. Дар шурӯъ, самоъ дар ин ғазал нарм оғоз мешавад ва дар ниҳоят он ба авҷ мерасад, таркиби «дар ҷунбиш андаровар» ба маънии даъват аст ба майдон бароисамоъ. Дар мисраи дувуми ғазал матлаб он аст, ки самоъро шурӯъ кун, зеро дар рақси ту атри ишқ меҷӯшад, чун зулфи ту ба ҷунбиш дарояд, маҷлиси ошиқон аз атр оканда шавад. Мавлоно ин ҳолатро дар таркиби «дар рақс андаровар» нишон медиҳад ва дар мисраи севум ишорат мешавад ба зинда кардани ҷонҳои хоб ва Мавлоно мегӯяд, зулфи хешро ба ҷунбиш

[1]Куллиёти Шамс, ч. 1, саҳ.76

овар, то атри ҷонбахши он ҷонҳои мурдаро дубора зинда кунад. Мавлоно дар зимн таъкид мекунад, ки аз иштиёқи маҳбуб, танҳо мо сӯфиён самоъ намеравем, балки ҳама ҳастӣ дар ин бекарон аз ишқи маҳбуб дар ҳоли самоъ аст. Дар ин ғазал манзур аз калимаи «чанбар» дунёст, маҳу хуршед ва ситорагон ҳама дар ҳавои дӯст дар самоъ ҳастанд ва мо сӯфиён ҳам барои маҳбуб чаро самоъ наравем! Ифодаи «рақсон кунон миёнро» бар маънии даъват кардан аст ба майдон, барои рақси самоъ, яъне дар маҷлиси сӯфиён шоиста нест дар канор будан, вақте дар гирди чанбар, меҳру моҳ ҳама чиз самои ишқ мераванд, шоиста нест, кимосокит бошем, пас ба рақси ишқ бархез! Аз назари Мавлоно осмон ҳам як сӯфӣ аст ва агар маҳбуб камтарин тарона ба осмон лутф кунад, осмон мисли сӯфиён аз шавқи дӯст сармаст шавад ва дар самоъ ояд. Калимаи «тарона» дар ғазали ҳозир бар маънии ғазал бошадва сӯфиён дар ҳоли самоъ ғазал мехонданд ва манзури Мавлоно дар ғазал он аст, ки аз таронаи муҳаббат ва лутфи маҳбуб ҳама ҳастӣ дар самоъ мебошад. Мавлоно дар абёти баъд самои сӯфиён ва маҷлиси ононро ба бод ва насими фараҳбахши баҳор ташбеҳ мекунад. Дар аввали баҳор насим ва боди фарвардин нарму гуворо мевазад, аз раҳмат ва дами исоии баҳор ҳастӣ ва боғу роғ ҳама шукуфо мешавад, ҳар чӣ хазон аст, барои шукуфтан бармехезад, бедор мешавад. Мавлоно арз медорад, ки самои сӯфиён ҳам бешак ин чунин бошад,самоъ хазонҳоро дар ниҳоди сӯфӣ баҳор мекунад, он тавр ки хазон аз нафаси ҷонбахши баҳор сабз мешавад ва зебоиву шукуфтанро самоъ меравад.

Рақси самоъ аз назари Мавлоно инсонро озода ва растагор месозад ва дар мароҳили такомул соликро ба маҳбуб наздиктар мекунад ва шоир самоъро навъе аз зикр ва вирд медонад ва ҳар он ки дар самоъ аст аз ҳар чизи дигар фориғ аст, илло маҳбуб. Самоъ барои инсони озода башорат аст аз шукуфтан дар боғи маърифат ва ирфон ва унс гирифтан аст бо маҳбуб, Мавлоно дар ғазалҳои худ самоъро бо нигоҳи гуногун, ҷазб ва саршор аз мусиқии шод, тарабовар ва рӯҳангез ба тасвир гирифтааст ва бетардид ғазалҳои самоии шоири ориф ҷаҳонест пур аз розу асрор, ки ҳар касро тавон нест, бар он ворид шавад. «Мавлоно низ гарчи ба Қуръон ва суннат такя дорад, чун дар андешаи халқи ҷаҳоне нав ва ношинохта аст ва саялони фикрии ӯ низ он

чунон пуршиддат аст, ки пойбандии ҳеч як аз қавоиди шинохташуда ва роиҷро намеписандад. Ба ҷойи он ки дар зарфи замон ва макон ва таҳти қоидае муайян сухан гӯяд, инонгусаста пеш метозад. Ва доғи ҳасрат бар дили касоне мениҳад, ки гумон мебаранд, метавонанд бо ин шаҳсувори арсаи лафз ва маънӣ ҳаминоӣ кунанд».[1] Бояд арз кард, ки ҳар ғазал «дар Девони Шамс» як ҳолате аз самоъ мебошад ва ҳар ҳолат ба куллӣ аз назари маъно ва ҳунари адабӣ аз ҳам фарқҳо дорад.

««Девони Кабир» ё «Ғазалиёти Шамс» яке аз барҷастатарин осори ирфонӣ дар қаламрави фарҳанги ирфону ислом ва адаби порсӣ ба шумор меравад. Ин китоб ҳам аз лиҳози вусъати доманаи тахайюли гӯянда дар заминаҳои мухталифи фикр ва ҳам аз назари иштимол бар маънии ирфонӣ ва низ аз ҷиҳати касрати абёти он (ҳудуди 40,000 байт) аҳамияти басазое дорад. Ҳамин тавр аз ҷиҳати хасоиси адабӣ ва фаннӣ ва ҳам аз назари мусиқии шеър низ дар миёни осори адаби форсӣ комилан мумтоз аст».[2] Мавлоно дар сохтори ғазал рӯҳи самоъро гарм фурӯ борид ва ғазали самоиро дар қаламрави ғазал мақом ва мартабае чунон баланд бидод, ки то ҳанӯз ҳам ҳеҷ каси дигар натаванистааст бар он баландиҳо бирасад. Мавлоно барои беҳтар ва ҷаззоб тасвир кардани ҳолати ирфонӣ ва рӯҳонӣ дар ғазал аз вожаҳое чун «ё ҳу», «дил», «ҳу», «ҳало» ва... фаровон истифода кардааст.

Ё ҳу:

*Ширин нахоҳад оҳу, оҳуи ӯст «ё ҳу»*
*Мангар дар ин чаро худ, бисёр жож хояд.*

****

Ҳу:

*Зи ҳар ғубор, ки овози ҳою ҳу шунавӣ*
*Бидон, ки зарраи ман андар он ғубор бувад.*

---

[1]Сайидалӣ Муҳаммади Саҷҷодӣ, «Маснавии маънавӣ аз нигоҳи дигар», инт. Сурайё, Шероз, соли 1386, саҳ. 3-4
[2]Алиасғари Ҳалабӣ, «Шарҳи маснавӣ», инт. Чопхонаи илмии Фарҳанг, Теҳрон, соли 1383, саҳ. 16

****

*Миёни боғ гули сурх ҳою ҳу дорад,*
*Ки бӯ кунед даҳони маро, чӣ бӯ дорад.*

****

Дил:

*Гуфтам, ки, дило, муборак бод*
*Дар ҳалқаи ошиқон расидан.*

****

Ҳало:

*Ҳало, бас кун, ҳало бас кун, манеҳ ҳезум бар ин оташ,*
*Ки метарсам, ки ин оташ бигирад роҳи болоӣ.*[1]

Самоъ дар ирфони Мавлоно ба масал табаре ҳаст, ки сӯфӣ бо он дар худ бутҳои ҳирс, нафс ва худхоҳиро мешиканад ва аз каъбаи дил ҷуз муҳаббат ва ишқи маҳбуб, боқиро берун меандозад. Мавлоно бар он аст, ки худхоҳӣ, ғурур, бухл, кина, ҳирс ва манхоҳӣ хирад ва ҳикматро дар сиришти инсон маҳв мекунад ва дар ниҳоят инсонро дар партгоҳи ғафлат фурӯ меафканад. Аз назари ӯ самоъ сӯфиро дар мароҳили тараққӣ ба маҳбуб ошиқтар мекунад ва сӯфӣ дар ҳоли самоъ аз худ ҷудо мешавад ва дар маҳбуб фано ва ин ҳолатро шоири ориф беҳтарин ҳолат медонад, барои солик дар мароҳили такомул ва тараққӣ.

*Омад баҳори ҷонҳо, эй шохи тар, ба рақс о,*
*Чун Юсуф андаромад, Мисру шакар, ба рақс о.*
*Чавгони зулф дидӣ, чун гӯй даррасидӣ,*
*Аз пову сар буридӣ, бепову сарба рақс о.*
*Эй масти ҳастгашта, бар ту фано нишаста,*
*Руқъай фано расида, баҳри фано ба рақс о.*
*Поёни ҷанг омад, овози чанг омад,*
*Юсуф зи чоҳ омад, эй беҳунар, ба рақс о.*
*То чанд ваъда бошад, в-ин сар ба саҷда бошад?*
*Ҳаҷрам бибурда бошад рангу асар, ба рақс о.*
*Кай бошад он замоне, гӯяд маро фалоне,*
*К-эй бехабар, фано шав, эй бехабар, ба рақс о.*
*Товуси мо дарояд, в-он рангҳо барояд,*

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 175, 193, 194, 304, 507

*Бо мурғи ҷон сарояд, «бе болу пар ба рақс о».*
*Кӯру карони олам дид аз Масеҳ марҳам,*
*Гуфто Масеҳи Марям: «Эй кӯру кар, ба рақс о».*
*Махдум Шамси дин аст, Табрез рашки Чин аст,*
*Андар баҳори ҳуснаш, шоху шаҷар, ба рақс о.*[1]

Самоъ дар маҷлиси сӯфиён соатҳо давом мекард вамутобиқ ба ҳамин ҳолу ҳаво Мавлоно ғазал мегуфт ва ин навъи ғазалҳои шоир берун аз қолаби маъмулист ва абёт дар ин даст аз ғазалҳои шоир то 40 байт ва беш аз он низ ҳаст. «Бо он ки шеваи баёни ин ғазалҳо дар баъзе маворид дарду шӯри Атторy Саноиро ба хотир меоварад, рӯйиҳамрафта аз рӯйи ин ашъор Мавлоно Ҷалолуддинро бояд як «ислоҳгар»-и ойини ғазал талаққӣ кард, чаро ки дар суннатҳои ҷории роиҷ дар назди ғазалсароён вай порае дигаргуниҳо падид овардааст, ки онро ҳатто аз шеваи баёни латифи амсоли Саъдӣ ва Ҳофиз ҳам мумтоз медорад».[2] Ислоҳот ва тағйири сохтори ғазал дар «Девони Шамс» баҳақ корест, мумтоз ва нотакрор, ки баъд аз Мавлоно касе натавонист онро такрор кунад. Бархе аз ғазалҳои самоии Мавлоно аз 50 то 100 байт уруҷ мекунад ва жанри қасидаро ба хотир меоварад, вале дар асли худ ин сурудаҳо ҳамон ғазалҳои самоӣ мебошанд. Дар кори аҳли таҳқиқ ба ин даст ғазалҳои Мавлоно дақиқ номгузорӣ нашудааст ва шояд ба он зарурат ҳам нест. Дар ҳар сурат истилоҳи «ғазалқасида» ба ғазалҳое аз ин даст мувофиқ аст. «Баъд аз Аттор шеъри сӯфия ба авҷи ношинохтанӣ даст ёфт, ки Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣонро тасхир кард.

Ва баъд аз вай низ ҳамчунон барои тамоми қарну наслҳои инсонӣ як қуллаи тасхирнопазир ва хоси ӯ монд».[3] Осори Мавлонои бузург то он гоҳ, ки зиндагӣ ҳаст, ба инсон хат-хат, калима-калима, байт-байт оини шукуфтан, шинохтан ва камол ёфтанро таълим медиҳад ва рӯҳро дар ҷисми хокӣ самоӣ мекунад. Дарёи ирфон аз ҳамон оғоз ҷорӣ буд, ҳаким Саноӣ ин дарёи ороми ирфонро ба ҷӯш овард, Мавлоно дар он тӯфон кард,

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 56-57
[2]Абдулҳусайни Зарринкӯб, «Ҷустуҷӯ дар тасаввуф», инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1376, саҳ. 279
[3]Ҳамон ҷо, саҳ. 275

Муҳаммад Икбол даст бар дасти ин тӯфон дод, ки ҳикояти он батамом дигар аст. Тардиде нест, инсони имрӯз ва ҳам фардо азшеъри Мавлоно садои маърифат, садои ирфон, садои ишқ ва садои ҳикмати кӣ буданро хоҳад шунид ва мақому мартабаи худро ҳифз хоҳад кард ва ин талош бузургтарин хидмати шоири ориф барои башар аст.

## БОБИ ДУВУМ

## МАВҚЕИ МАВЛОНО ДАР ҲАЁТИ АДАБИИ ТОҶИКИСТОН

### МУНОСИБАТ БО МАВЛОНО ВА ЭҶОДИЁТИ Ӯ ДАР ЗАМОНИ ШӮРАВӢ

Дар замони шӯравӣ ҳар ҳунарманд, дар зимн ҳар адиб, дар иҷтимоъ рисолату мавқеи худро дошт ва муносибати ҳукумати вақт аз рӯйи ҳамин ҷадвал бо аҳли қалам ва ҳунар сурат мегирфт ва шоирони классик низ аз ин ҷадвалбандӣ дар канор набудаанд. Ҳукумати вақт, ҳокимон дар ҳар адиби классик ба навъе рақиби идеологии худро тасаввур мекард, аз ин лиҳоз барои ҳифзи ҳукумат ва идеалогияи худ аз осори шоирони классик бисёр бо эҳтиёт истифода мекард. Ноширон дар ҳини ба чоп омада кардани осори шоирони классик, суханҳо ва осори онҳоро бисёр ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор медоданд ва шеърҳову байтҳои аз назари идеологӣ номақбул ҳатман ҳазф мешуд ва ё худ калимаҳо тағйир дода мешуд. Дар замони шӯравӣ осори адибони классик аз нигоҳи мавзӯъ ва авзону жанр пажӯҳиш мегардид ва аз нигоҳи балоғати ҳунар ва маъно камтар мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор мегирифт. Аз ин рӯ, агар ба мақолоти таҳқиқӣ ва пажӯҳишии он вақт назар шавад, корҳои таҳқиқотӣ ва пажӯҳиширо дар ин самтбисёр кам метавон суроғ гирифт. Дар ҳавзаи накд ва таҳқиқ дар замони шӯравӣ аҳли таҳқиқ мутобиқ ба ҳамон ҷадвали аз қабл тайидгардида ба осори шоирони бузурги классик рӯй меоварданд ва мутобиқи майлу мароми ҳукумати вақт осори шоирон таҳқиқ ва накд мешуд. Дар ин хат осори шоирони классик ба хонанда бештар дар сурати таърихнигорӣ пешкаш мешуд, аз ин ҷост, ки бахши таърихнигорӣ ва таърихи адабӣ дар соатҳои тадрисии донишомӯзон зиёд ба назар мерасид.

Аммо ҷилваҳои завқ ва балоғати маъно дарҳавзаҳои тадрис бисёр кам мушоҳида мешуд ва бештар худи донишомӯзон ба тариқи худомӯзӣ ҷилваҳои ҳунари шоирони классикро аз бар мекарданд. Мутаасифона, ҳамин равиш ва ҳамин ҳолат имрӯз ҳам дар бештари ҳавзаҳои адабиётомӯзӣ мушоҳида мешавад ва донишомӯзон ин равиши тадрисро қабул надоранд, зеро ин тарзи тадрис дилгиркунанда мебошад ва зеҳни донишҷӯ

аз он кунд мешавад ва завқу ҳисро дар фитрати хонандамаҳв месозад. Аз ин рӯ хонандаи огоҳ дар ҳавзваи нақд ва таҳқиқи адабӣ ҳамеша дунболи навиштаи муҳаққиқони эронӣ мебошад, зеро дар кори муҳаққиқони ҳамзабон шеваи таҳқиқ аз шеваи кори муҳаққиқони тоҷик тафовут дорад. Дар корҳои таҳқиқотии бародарони ҳамзабон асолату балоғат ҳамеша нигоҳ дошта мешавад ва хонанда дар кори онҳо ҳолати завқ ва балоғату малоҳати сухани шоири классикро метавонад ҳис кунад ва кори онҳо адабиётро танҳо дар шумораи абёти осор, солҳои таваллуд ва марг ва унвони асарҳои адиб фаро намегирад. Ҳамон тавр ки арз гардид, дар замони шӯравӣ осори адибон мутобиқ ба сиёсати ҳукумати вақт, барои хонанда интишор мешуд ва бар он буданд, ки сухани ин шоирон бояд ба идеологияи вақт халал ворид насозад. Ҳукумати вақт аз осори шоироне, ки ба идеалогияи он хидмат мекард фаровон истифода мебурд, аммо ба он шоиронва андешамандон, киосори онҳо ба сиёсати ҳокимони вақт созгор набуд, зиёд алоқа нишон намедод. Барои ҳукумати вақт ҳаргиз муҳим набуд, шеъри шоирони миллӣ дар кадом сатҳ ва дар кадом поя қарор дорад ва дар ин равиш шеъри шоирони классикро мутобиқ ба сиёсатилозими хешва вақтқабул менамуд.

Аз тарафи ҳукумати вақт дар омӯзиши осори шоирони классик ҳамеша як хатти муайян риоят мешуд ва убур аз ин хатро бар ҳеҷ кас иҷозат намедод. Бар ин мабно, ҳамон тавр ки арз шуд, фазо ва ҷилваҳои ҳунари шоирони классик батамом таҳқиқ ва пажӯҳиш намешуд ва агар ҳам гоҳе он сурат мегирифт, нашру ҳашри он мушкил буд. Мутобиқ ба сиёсати вақт, муҳаққиқ бояд дар таҳқиқи худ, ҳамаи он талабҳо вахоҳишҳои аҳли сиёсати замонро бояд, ки ба назар мегирифт ва аз ҳадди он талабот дур намегашт. Асли талаб он буд, ки дар кори аҳлитаҳқиқ бояд ҳар навишта ба хостаҳои сиёсати ҳизби коммунист посухгӯ мебуд ва агар посух нагӯяд, он кори муҳаққиқ бо ҳар баҳона рад карда мешуд ва итоат аз ин хостаҳои ҳизби коммунист барои аҳли таҳқиқ ва пажӯҳиш ба ҳукми қонун буд. Дар доираи як ҷадвали муайян табиист, ки муҳақиқ ва пажӯҳишгар наметавонист аз осори як шоири классик аз диди балоғати маъно ва ирфон сухан бигӯяд ва агар чизе ҳам бигӯяд, он бояд фаротар аз хатти лозим набошад. Гузаштан аз ин хатти сурх

барои ҳар муҳаққиқ ва ҳар пажӯҳишгар гарон тамом мешуд. Аз ин лиҳоз интихоби осори адибони бузурги классик барои-таҳқиқ ва пажӯҳиш, мутобиқ ба сиёсати ҳизби ҳоким ҳамеша сурат мегирифт. Дар ин ҳолат равшан аст, ки ҷилваҳои ҷолиби осори бисёре аз адибони классик таҳқиқ намешуд, аз ин рӯ фазои кори аҳли таҳқиқ, дар замони шӯравӣ, бештар якранг буд ва аз ҳам чандон тафовути ҷиддӣ надошт.

Бар ин мабно мешавад гуфт, ба осори шоироне чун устод Рӯдакӣ, ҳаким Фирдавсӣ, Саноӣ, Низомӣ, Шайх Аттор, Мавлоно, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил ва… хонанда он тавр ки мебояд, ошно набуд. Фазои маҳдуди таҳқиқ ва хатти сиёсати зимомдорони вақт қариб фазои осориҳамаи онҳоро дар як хат нишон медод. Ошноӣ ба осори шоирони орифмашраб ва ирфонгаро мутобиқ ба равиши сиёсати вақт сурат мегирифт ва аҳли пажӯҳиш ва таҳқиқ низ дар ҳамин хат ба осори ин шоирони номвар ва бузург муносибати худро муайян мекард. Дар миёни ин ҳама шоирон ва адибон бояд иқрор кард, ки ба шоири ориф, пири ирфон ва иршод, солик дар роҳи ишқ ва ҳабиби ишқ Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ бештар аз дигар шоирон ҷавр ва зулм шудааст. Шоири ориф ва озодандешу ишқошно, ки садои каломаш ҷуз ишқ, ҷуз муҳаббат, ҷуз меҳр, ҷуз зиндагӣ, ҷуз бовар ба арзишҳои инсонӣ набуд, ҳамеша дар ҳошияи илми адабиётштносӣ қарор дошт. Аз ин шоири бузурги қарнҳо ва ин марди андешаҳодар адабиётшиносии замони шӯравӣ аз ҳама камтар суҳбат шудааст ва агар ҳам суҳбатҳое шудааст, қатъан хатти равшан ва пурбори андешаи шоир, он тавр ки лозим аст, таҳқиқ намешуд.

Дар мактабҳои миёна номи ӯ аз ҷадвалҳои тадрис ҳамеша ҳазф мешуд, тардиде набуд, ки ҳукумати вақт аз ангеза ва муҳтавои баланди шеъри Мавлоно, ки рӯҳи он озодиву озодагӣ буд, метарсид ва намехост ин ҳолу ҳавои шеъри ӯ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо омӯхта шавад. Суол пеш меояд, ки чаро осори ин шоири бузург аз тарафаи ҳукумати замон мавриди таваҷҷуҳ қарор намегирифт? Посух ин аст, ки Мавлоно шоири озодӣ ва озодагӣ буд ва дар инсон ҳисси бедорӣ ва худогоҳиву ҳушёриро бедор мекард ва муҳимтар аз ҳама шеъри Мавлоно ба инсонҳо ғайрат мебахшид ва коҳилиро аз вуҷуди инсонҳо дур мекард. Табиист, ки ин ҳама бар хилофи сиёсати вақт буд. Осори Мав-

лоно, ҳамон тавр ки арз шуд, инсонро бедор, ҳушёр, закӣ, шуҷоъ, сарбаланд, баномус ва озод аз қайди дунё месозад,сиёсати ҳизби коммунист аз ангезаҳои ирфонӣ истиқбол намекард, зеро ба ин мафоҳим ҳукумати фақт сиёсат ва назари махсуси худро дошт ва ин фазо аз дидгоҳ ва ирфони Мавлоно ба куллӣ фарқ мекард. Дар як калом осори Мавлоно ба идеологияи ҳукумати вақт созгор набуд, рӯҳи бедори каломи ин марди андеша бо рӯҳи ҳукумати вақт ва замон бегона буд. Мавлоно дар осори худ ба инсон ишқу муҳаббати ҳақиқиро таълим медод ва инсонҳоро ба худшиносӣ даъват мекард.

Аммо дар ин фазо як нуктаи бисёр муҳим, ки ҳукумати вақт ҳеҷ хоҳиш надошт, ки Мавлоно дар мактаб ва донишгоҳҳо дақиқ ва амиқ омӯхта шавад, ҳувияти миллии ин марди хирад ва андеша мебошад. Ҳарчанд ин нукта ошкор баён намегардид, аммо ин назар ҳам ҳақиқатҳое дар худ дорад.

Мавлоно мегӯяд:

*Банд бигсил, бош озод, эй писар,*
*Чанд бошӣ банди симу банди зар?*

Ин фазои нигоҳи Мавлоно оташи ғайрат, шуҷоат, эътиқод, имон ва қиёмро дар сиришти инсон тарбият мекунад ва дар инсон ҳисси озодӣ ва озодагиро фурӯзон месозад ва инсон ба ҳастӣ ва ба худ ба чашми ишқ менигарад. Оташ дар каломи ин шоири ориф нимоди зиндагии рӯҳонӣ ва маънавии инсон аст ва инсон дар ин оташ ҳар чӣ бештар фурӯ биравад, он қадар ҳисси шуҷоатро дар вуҷуди хеш камол мебахшад. Дигар аз ҷилваҳои муҳим дар осори Мавлоно эътиқод ба маҳбуб вабовар доштан аст ба зиндагии баъд аз марг ва дингароӣ мебошад ва маҳз ҳамин чанд ҷилва сабаб бар он шуда буд, ки ҳукумати вақт аз шеъри ӯ ҷилавгирӣ менамуд. Агарчи дар шеъри шоирони дигар ҳазф аз ин ҷилваҳо, ки арз гардид, вуҷуд дошт, аммо авҷ, қиём ва ангезаи шеъри Мавлоно дар онҳо набуд. Аз ин рӯ ҳукумати вақт аз осори он шоирон мутобиқ ба хостаҳо ваназарҳои сиёсии худ истифода мекард, яъне бо шеъри онҳо ба навъе метавонист канор биёяд.

Аммо чун фазои шеъри Мавлоноро мушкил буд бозсозӣ кард, аз шеъри ин шоири бузург сарфи назар мешуд, муҳаққиқ, Ҷӯрабек Назрӣ дар ин робита нигоштаи ҷолиб дорад, ки манзури моро ба дурустӣ дар ин мавзӯъ баён медорад. «Ёдам ҳаст

тобистони соли 1976 дар бӯстонрои Академияи илмҳои Тоҷикистон шарқшиноси маъруф И.С. Брагинский дар ҳузури зумрае аз донишмандон қиссаи аҷибе карданд аз рӯзгори солҳои 30-юми асри 20. Ишон (И.С. Брагинский) он замон масъулияти роҳбарии шуъбаи сиёсии таблиғоти Кумитаи марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистонро ба уҳда доштанд. Гуфтанд, супориш шуд, ки шуъбаи мо асомии бузургтарин шоирони тоҷикро муайян кунанд. Тибқи супориши ишон мо асомиичанде аз адибон, аз Рӯдакӣ то Аҳмади Донишро дар қатори дигар бузургон ном бурдем. Чун навбатба Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ расид, банда номи поку мубораки ин бузургмардро ҳамчун як шоири мутаассибу ифротӣ аз рӯйи хат (лист) берун кардам, ҳарчанд дар боло касе ба ман ин супоришро надода буд.

Баъдар фаҳмидам, ки чӣ ғалате буд. Акнун то имрӯз аз рӯҳи ӯ пӯзиш металабам, дар ҳама ҷо зикри хайрашро мекунам, бошад, ки рӯҳи поки ин бузургмард иштибоҳи бузург ва он ғалати содиркардаи маро бар ман бибахшад».[1] Бо ин ҳама ҷои хушҳолист, ки донишмандони тоҷик мутобиқи хоҳиш ва ишқи худ ба осори ин мутафаккири бузург ҳамеша рӯй меоварданд ва дар робита ба осори шоир мақолоти таҳқиқӣ ва пажӯҳишӣ анҷом медоданд. Донишмандони тоҷик дар мақолоти худ дар шинохти ин чеҳраи бузурги сухан ба қадри ҳиммат ва зарфияти худ саҳм гузоштаанд, ин ҳаракат ва таҳқиқи осори Мавлоно бахусус аз солҳои панҷоҳуми қарни 20 ба баъд гармтар гардид. Донишмандони тоҷик бо он ҳама хат кашиданҳо, боз ҳам мутобиқ ба вазъи сиёсати вақт кӯшиш ва талош кардаанд, кидар таҳқиқи осори Мавлоно корҳои хуберо анҷом бидиҳанд, донишмандони шинохта чун Расул Ҳодизода, Нодир Одилов, Хуршед Зиёев дар таҳқиқ ва пажӯҳиши осори Мавлоно дар он рӯзгор мешавад гуфт, аз аввалинҳо будаанд. «Қобили қайд аст, ки дар мавзӯи шарҳи ҳол ва осори Ҷалолуддини Рӯмӣ аз солҳои 50-уми қарни 20 милодӣ то ба имрӯз дар Тоҷикистон зиёда аз 350 мақола дар рӯзномаву маҷаллот ва сездаҳ китоби хурди илмӣ ба забони форсӣ ва русӣ ба нашр расидааст.

[1]Ҷӯрабек Назрӣ, «Мавлонопажӯҳишӣ дар Тоҷикистон», Маҷмуи мақолот, Душанбе, 2007, саҳ.61

Тадқиқоти аввалине, ки хонандагони Тоҷикистонро ба рӯзгор ва осори Мавлоно ошно сохт, асари «Ҷаҳонбинии Ҷалолуддини Рӯмӣ»-и Нодир Одилов (Душанбе, соли 1964, 107, саҳ.) буд. Муаллиф дар қисмати тадқиқотии асари хеш, ки аз 86 саҳ. иборат аст, кӯшиш ба харҷ додааст, ки хонандагонро ба ҳаёт ва фаолияти эҷодии Мавлоно Ҷалолуддини Рӯмӣ, дараҷаи омӯхта шудани Мавлоно ва осори ӯ, шухрати Мавлоно дар ғарб, сабки эҷодии Мавлоно, ақоиди Мавлоно дар мазҳаб, озодии ифода дар илоҳиёти Ҷалолуддини Рӯмӣ, назарияи Мавлоно дар бораи ахлоқ, афкори фалсафии Мавлоно ошно месозад. Инчунин дар қисмати мулҳақот 15-ғазал ва 126 байти «Маснавӣ»-ро намуна меоварад».[1] Ҳамчунин донишманди дигари тоҷик Расул Ҳодизола барои хонандаи тоҷик аз достонҳои «Маснавии маънавӣ» китоби худро таҳия мекунад, ки он аз тарафи умум хуш пазируфта мешавад. Китоб баргирифта аз ҳикоёти «Маснавии маънавӣ» буда, ки он соли 1963 дар 279 саҳифа таҳти унвони «Ҳикоятҳои халқии Маснавӣ» интишор ёфт. Ҳамчунин барои хонандагон аз тарафи Институти шарқшиносии Тоҷикистон мунтахаби «Девони кабир» дар солҳои 1991-1992 бо талошҳои С. Сиддиқов ва М. Шаҳидӣ интихобан ба чоп расид ва чопи ин китоб дигар ба замони истиқлоияти Тоҷикистон рост меояд.

Суҳбат аз ин китоб ва дар робита ба ин мавзӯъ ҷудо хоҳад буд. Бо ин ҳама, бо эътимоди тамом мешавад арз дошт, ки дар замони шӯравӣ ва сохтори он аз тарафи аҳли таҳқиқ вапажӯҳиш барои шинохти ҷаҳони маънавӣ ва ирфонии ин шоири баландмоя таҳаввулоти ҷиддӣ ба назар намеояд.

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 59

# ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАШНИ МАВЛОНО

Истиқлол адами вобастагӣ бошад дар зери нуфузи давлате, касе ва ё чизе набудан аст. Яъне ихтиёри комил доштан аст, озодии комил доштан аст барои идораи комили кишвари хеш, дар масоил ва умури сиёсӣ, иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангӣмухтор будан, мустақил будан аст. Дар ин хат миллати тоҷик бо хирадмандӣ ва заковати фитрии хеш ба рағми мункирон ин неъматро тавонист ба даст биёварад ва дар ҳамин фазо барои ҳастии худ талошу ғайрат бикунад ва дар масири худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳушёрӣ ва бедории маънавию фарҳангӣ, сиёсӣ ва рӯҳонӣ қадамҳои устувор бигзорад. Имрӯз парчами озодиву озодагӣ ва истиқлол ҳамчунон мурғи ҳумо бар сари миллат пар мезанад ва нашъати истиқлол миллати тоҷикро беш аз ҳар вақти дигар бедортару ҳушёртару хирадмандтар месозад. Миллати бедору ҳушёр ҳамеша аз хиради худсозӣ, ки асолати вуҷуди башар дар он аст, истифода мекунад ва ин мавзӯъ дар осори шоирони дилогоҳ мақоми махсус дорад, сифати ин мавзӯъ аз мадди назари шоирони бузург ҳаргиз дур намондааст. Дар осори ҳама шоирони бузург ин мавзӯъро метавон ташхис кард, хирад ва хирадгароӣ дар осори шоирони бузурге чунустод Рӯдакӣ, ҳаким Фирдавсӣ, Саноӣ, Саъдӣ, Мавлоно, Ҳофиз, Бедил, Муҳаммад Иқбол аз мавзӯъҳои аввал мебошад. Ҳарчанд мутобиқ ба ҳолу ҳаво корбурди ин калима дар осори шоирон ба ҳар шакл тағйир кардааст, аммо манзур ҳамон бедорӣ ва худогоҳист. Масалан, дар осори шоирони равшанзамир устод Рӯдакӣ, ҳаким Фирдавсӣ бештар калимаи «хирад» истифода шудааст ва дар осори шоирони ориф чун Саноӣ ва Мавлоно ва… бештар калимаи «маърифат» ва «ирфон» ба кор рафтааст, ки манзур ҳамон худогоҳӣ ва худшиносист.

Намуна аз хирадсолорӣ, маърифатгароӣ дар осори шоирони классик.

Устод Рӯдакӣ:

*Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,*
*Не бад-он чашм, ки андар ӯ нигарӣ.*

*Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ*
*Киштие соз, то ба д-он гузарӣ.*[1]

****

Ҳаким Фирдавсӣ:

*Хирад раҳнамову хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳарду сарой.*

****

*Набошад хирад, ҷон набошад, равост,*
*Хирад ҷони ҷон асту Эзад гувост.*

****

*Ҳар он магз, к-ӯро хирад равшан аст,*
*Зи дониш ба гирди танаш ҷавшан аст.*

****

*Ҳамеша хирадро ту дастур дор,*
*Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор…*[2]

****

Носири Хусрав:

*Хирад оҷиз аст аз ту, зеро ки ҷаҳл*
*Аз ин сӯву он сӯ туро мекушад.*

****

*Хирад кимиёи салоҳ асту неъмат,*
*Хирад маъданихайру адл асту эҳсон.*[3]

****

Саноӣ:

*Чӣ шуд, ар бар сари ту афсар нест,*
*Хирад андар сар асту бар сар нест.*[4]

****

---

[1]Рӯдакӣ, девон, саҳ. 18
[2]Фирдавсӣ, «Шоҳнома», саҳ. 27
[3]Носири Хусрав, Девон, саҳ. 241-304
[4]Саноӣ, Девон, саҳ. 148

Маърифат:
Носири Хусрав:

*Орифи Ҳақ шудию мункири хеш,*
*Ба ту аз маърифат расид насим.*[1]

****

Хоқонӣ:

*Эй гашта ба нури маърифат нозири хеш,*
*Ошуфта макун ба маъсият хотири хеш.*

****

Низомӣ:

*Хотираш аз маърифат обод кун,*
*Гарданаш аз бори ғам озод кун.*[2]

****

Ҳофиз:

*Маърифат нест дар ин қавм, Худоро, мададе,*
*То барам гавҳари худро ба харидори дигар.*[3]

Дар луғат калимаи хирад ва маърифатаз назари маъно ҳамреша аст, калимаи хирад бар маънии фаҳм, дарёфтан дарк, бедорӣ, ҳушёрӣ ва худогоҳӣ бошад ва калимаи маърифат бар маънии шинохт, илму ҳикмат, донишу ҳунар, фазлу адаб ва фарҳанг мебошад.

Ирфон ҳам аз назари маъно ҳамреша аст бо калимаҳои хирад ва маърифат ва манзур аз ирфон омӯхтан, донистан ва шинохтан аст.

Носири Хусрав:

*Агар бишнохтӣ ту худро ба таҳқиқ,*
*Ҳам аз ирфони Ҳақ ту ёбӣ тавфиқ.*

****

*Шифои дарди дилҳо гашт ирфон,*
*Зи ирфон равшан омад ҷовидон ҷон.*[4]

---

[1]Носири Хусрав, Девон, саҳ. 108
[2]Низомии Ганҷавӣ, Девон, саҳ 316
[3]Ҳофиз, Девон, саҳ. 289
[4]Носири Хусрав, Девон, саҳ. 501

****

Бедил:

*Пеши чашме, ки нури ирфон нест,*
*Гар бувад осмон, намоён нест.*[1]

Бо ин ҳама ҳуҷҷат мешавад гуфт, ки истиқлол ҳосили омӯзиш, фаҳм, илму дониш ва шинохтану омӯхтан аст, ки миллати тоҷик дар масири таърих онро таҷриба кардааст ва дар ниҳоят ин неъматро тавонистааст ба даст биёварад. Аз ин рӯ миллати тоҷик медонад, ки ин мафҳум чӣ маъно ва чӣ арзиш дорад, зеро тафсир ва шарҳи он қарнҳост, ки дар осориҳамаи шоирони бузурги тоҷик тавсиф мешавад. Миллати тоҷик дарси хиради маърифат ва ирфонро аз ҳамин бузургон андӯхтааст, то ин ки худро бишносад ва ҳушёру бедор бошад ва низ ин неъмати худододро аз даст надиҳад. Яъне миллати тоҷик барои ба даст овардани истиқлоли худ аз фарозу фурудҳои замон ва таърих гузаштааст, хирад, маърифат ва ирфон андӯхтааст, то ки асолати миллии худро битавонад ҳифз кунад ва чун миллати бедору огоҳхудро дар чашми замонҳо намоиш бидиҳад. Ҳар халқе, ки мехоҳад аз нигоҳи маориф, аз нигоҳи бедорӣ ва дар хатти хираду худшинисоии миллӣ худро неруманду қавӣ бисозад, қабл аз ҳар чӣ бояд хирад, ирфон ва маърифати лозимро дошта бошад. Танҳо дар ҳамин сурат дар ҳифзи ҳастии худ, дар ин ҷаҳони талошҳои фарҳангӣ метавонад устувор бошад ва ҳам ба арзишҳои миллии худ ва таърихи худ арҷ бигзорад. Ҳукумати Тоҷикистон, мардуми соҳибдили тоҷик, бо сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ин рукни муҳимро дар зиндагии худ устувортар месозад.

Бо ташаббуси пурмояи Президенти кишвар муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмонва Ҳукумати Тоҷикистон ҳамасола дар кишвар хотираи бузургон ва абармардони миллат бо шукӯҳи хос таҷлил мегардад. Дар давоми истиқлоли миллӣ таҷлили ҷашни бузургони миллат ҳамеша идома дошт ва дорад,ҷашни 800-солагии як тан азон бузургони илму адаб ва сухан Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Румӣ аз он намунаҳост. Бо пешниҳоди Президенти кишвар ва қарори ташкилоти ҷаҳонии Юнеско соли 2007 Соли Мавлоно эълом мегардад. «Номгузории соли 2007

---

[1]Бедил, Осор, саҳ. 21

милодӣ аз сӯи Юнеско ба ифтихори номи ин абармарди адабва андеша нишондиҳандаи иқболи халқи миллати тоҷик аст. Миллате, ки таҷлили фарзанди бузурги ӯ ба густардагӣ ва азаматисокинони ҳамаи ҷаҳон дар миёни мардум сурат мегирад. Дар зимн бояд гуфт, кӯшишҳое ҳам, ки азҷониби маҳофили мухталиф дар кишварҳои гуногун барои шинохтани бештар ва шиносондани афзунтари ӯ сурат мегирад, талоши хубест. Аммо бо ин ҳама он чизе ҷуз талоши андак барои шамъҳое афрӯхтан аз партави хуршеди вуҷуди ӯ дар ҷаҳони пурталотум ва пуркашокаш ваторики рӯзгори мо нест. «Худшефтагӣ дар ҷаҳони имрӯз, асабият ва тангназарӣ, маломатҳову кудуратҳо ва ҷангҳову хусуматҳо чунон дар дунёи имрӯз чеҳра намудааст, ки симои инсонии зиндагӣ бисёр камфурӯғгардидааст. Ва Мавлоно чароғдорест, ки дар ин зулмоти бераҳм ва бешафқат моро ба водии хуршеду гарм раҳнамун аст».[1]

Тардиде ҳам нест, ки истиқлол навиди ишқ, озодӣ ва озодагӣ, ҳувият ва бедориву худогоҳии миллати тоҷик аст. Ва дар фазое инчунин миллат бояд, ки ҳамеша ёд аз бузургони худ кунад, зеро онон буданд, ки фарҳанг ва тамаддуни хираду маърифат ва ирфонро дар тинати миллати тоҷик қарнҳо тавонистанд зинда нигаҳ бидоранд. Аз баракати вуҷуд ва афкори ин мардон, миллати тоҷик дар шинохти худ ва бедории худ корҳои воқеан сутургу бузург ва шоистаро дар ҳавзаи истиқлол тавонист амалӣ кунад. Калиди ишқи истиқлол дарҳои қарнҳо баста ва муҳками фарҳанг ва адаби миллиро дубора боз кард. Худшиносии миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, асолат ва ҳушёрии миллӣ, таърихпажӯҳишӣ дар шинохти асли худ дар ҳаёти миллати тоҷик рӯҳ ва ҷони тоза гирифт. Воқеан соли 2007 бо тамоми маънӣ, соли шукӯҳу шаҳоматҳо, соли ифтихору рашодатҳо, соли худсозиву худогоҳӣ барои миллати тоҷик буд, ки то кунун набзи он гарму шунавост. Истиқлол буд, ки Мавлоноро дубора бо тамоми шукӯҳу шаҳомат ба миллати тоҷик бозгардонд. Дигар барои шинохтан ва дарёфтидунёи пурбори калом ва андешаи жарфи Мавлоно аз ҳар нигоҳе ҳеҷ садду ҳеҷ банде вуҷуд надошт.

---

[11]Қаҳрамон Сулаймонӣ, «Офтоби маърифат», ношир, Ройзании фарҳангии Ҷ.И. Эрон дар Тоҷикистон, соли 2007, саҳ. 3

Он ҳама деворҳои сеҳр,деворҳои сиёсӣ, деворҳои бадхоҳӣ, деворҳои бечуръатӣ аз баракати истиқлол фурӯ рехт ва аз ҳам пошид. Бояд иқрор дошт, ки маҳз баъд аз истиқлоли миллӣ рӯҳ ва эъҷози каломи Мавлоно дар дидаву синаҳо он гуна, ки мебояд таҷаллӣ кард. Афкори Мавлоно аз тарафи аҳли таҳқиқ ва пажӯҳиш, донишмандон ва аҳли илм озод,бидуни марзбандӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва ин ҳама ҳузури густардаи аҳли назар дар шинохти Мавлоно аз файзи истиқлоли миллист. Бо эътимод мешавад гуфт, агар истиқлол набуд, ин ҳама қиёми фарҳангӣ ва адабӣ низ дар ҳаёти маънавӣ ва рӯҳонии миллат набуд. Бо омадани истиқлол дар шеъри муосири тоҷик ҳам мавзӯъҳо ва ҷилваҳои тозаи нигоҳ ба сухан шакл гирифт, дар шеъри муосири тоҷик мавзӯи нав чун парчам, ваҳдат, нишон, Роғун, озодагиву озодӣ ва истиқлол худро ба намоиш гузошт. Шоирон дар сифати ин мавзӯъҳо шеър гуфтанд ва мегӯянд ва тавсифи худшиносӣ, бедории миллӣ, арзишҳои миллӣ, Ватан дар шеъри шоирони тоҷик рангу бӯи тоза касб кард. Ҳасрат, яъс, ноумедӣ, ғам, дард, андуҳ дар шеъри шоирони тоҷик камранг шуд ва ҷойи он рангҳои шод ва нишот рух нишон дод. Дар ин хат тараннуми истиқлол ва ҳузури маънавии истиқлол дар калом ва шеъришоирон бештар ва жарфтар решамегирад. Соли 2007, ҳамон тавр ки зикр шуд, Соли Мавлоно эълом гардид ва раиси ин ҳамоиши бузург Президенти кишвар ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардиданд. Ин ҳолу ҳаво ва фазои маънавӣ, фарҳангӣ шоирон ва муҳаққиқонро ба ваҷд овард ва руҷӯи аҳли назар ва аҳли дил ба дунёи андешаи орифи бузург Мавлоно як амри воҷиб буд.

Чунин аст, ки руҷӯъ ва рӯйкарди шоирон ва муҳаққиқон ба осори Мавлоно дар ин марҳала беш аз ҳар вақти дигар рух нишон медиҳад. Агарчи таъсир ва бардошти шоирони тоҷик аз шеъри Мавлоно собиқаи бештар аз инро дорад, аммосолҳои 2007-2008 авҷи руҷӯи шоирон ва муҳаққиқони тоҷик ба осори Мавлоност. Дар ин хат бояд арз дошт, ки руҷӯе чунин гарм ба осори Мавлоно дар ин солҳо аз баракати истиқлол мебошад ва маҳз дар партави истиқлол таҷлили Соли Мавлоно шукӯҳу шаҳомати махсус дошт ва адибони тоҷик ҳамин шукӯҳу шаҳомати истиқлолро ба номи Мавлоно дар корҳои худ пажӯҳиш, тавсиф ва таҳқиқ кардаанд. (руҷӯъ шавад ба боби «Мавлоно ва

шеъри муосири тоҷик). Мавзӯъҳои ифтихори миллӣ, истиқлол, озодӣ, талаби камол, маърифаргарой, хирадсолорӣ, ирфон дар шеъри шоирони тоҷик гарм замзама мешавад ва ин замзамаҳо дар шеъри муосир бо рӯҳи шеъри Мавлоно сахт пайванд хӯрдааст. Аз баракати истиқлол буд, ки дар Соли Мавлоно донишмандон ва муҳаққиқони тоҷик корҳои ҷаззоб ва пурбор ва хонданӣ дар робита ба осори ин мутафаккири бузург анҷом доданд.

Хушбахтона баъд аз таҷлили Соли Мавлоно ҳам таҳқиқ ва баррасии осори ин орифи бузурги замонҳо аз ҳар зовия то кунун идома дорад. Дар соли 2007 китоби мақолоти донишмандони тоҷик ба номи «Офтоби маърифат» ба нашр расид. Дар он мақолоти 35 муҳаққиқи шинохтаи тоҷик ҷамъ оварда шудааст, ки ҳар мақола бозгӯи мавзӯи тозае аз осори Мавлоност. Муҳаммадхоҷаев А. «Ҷалолуддини Румӣ ва Фаридуддини Аттор», Кароматулло Олимов «Дар бораи пайвандҳои маънавии Мавлоно ва ҳаким Саноии Ғазнавӣ», Алии Муҳаммадии Хуросонӣ «Ҳисомиддини Чалабӣ ва саҳми ӯ дар эҷоди «Маснавии Маънавӣ», Зоҳидов Н. «Шинохти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ аз равзанаи пиндорҳои ҷаҳони муосир». Мешавад гуфт, дар соли 2007дар самти Мавлоношиносӣ марҳалаи нав шурӯъ гардид, ки то кунун он гарм ва пӯёст. Донишмандони тоҷик амиқу жарфтар ба таҳқиқи осори Мавлоно машғул гардиданд ва дар ин замина ба ҷуз мақолоти ҷудогона, китобҳои хуби илмӣ ва пажӯҳишӣ низ ба нашр расид. Расул Ҳодизода «Ҷалолуддини Румӣ: Сайри мухтасар дар осор ва рӯзгори ӯ» (Душанбе, соли 2007, 100 саҳ.), Ҷамолиддин Саидзода: «Сабки сухани Мавлоно», (Душанбе, соли 2007, 150 саҳ.), Ҷамолиддин Саидзода: «Ҷалолуддини Балхии Румӣ» (Душанбе, соли 2007, 162 саҳ), Муҳиба Муҳаммадҷонова: «Фалсафаи Ҷалолуддини Румӣ» (Душанбе, соли 2007, 287 саҳ.). Баргардон ва интишори «Девони Кабир» дар чаҳор ҷилд бо кӯшиш ва муқаддимаи адабиётшинос Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. (Душанбе, соли 2007, дар 1440 саҳ.). Ба номи Мавлоно эълом гардидани соли 2007 аз тарафи ташкилоти ҷаҳонии Юнеско ва ҳукумати Тоҷикистон ба аҳли илм ва донишмандони ҳамзабон низ илҳом бахшидва дар ин замина корҳои судманде ба дасти хонандогон ва ҳавадорони каломи Мавлоно расид. Чанд унвон аз корҳои ҳамзабонон дар

робита ба осори Мавлоно, ки маҳз дар соли 2007 ба интишор расидаанд. Навиштаи Сайидмарями Абулқосимӣ: «Ибтикороти зеҳнӣ ва забонии Мавлоно дар Девони Шамс», Аҳмади Тамимдорӣ: «Мавлонопажӯҳишӣ дар кишварҳои инглисзабон», Сайидмаҳмуди Ҳаддодӣ: «Мавлоно дар Девони шарқӣ-ғарбӣ». Сайидҷаъфари Ҳайдарӣ: «Навгуфторӣ ва навпиндорӣ дар осори Мавлоно Ҷалолуддин», Ҳусайни Холиқрод «Гунаҳои бозтоби аҳодиси набавӣ дар Маснавии маънавӣ». Сайидалӣ Муҳаммадсаҷҷодӣ «Мавлоно ва бархе аз ниёзҳои ҷомиаи имрӯз», Муҳаммадюсуфи Найиирӣ «Мавлоно Ҷалолуддин растохезе аз забони дил».[1] Бе ҳеҷ муҳобо, агар истиқлол набуд, ин ҳама истиқболи гарм низ аз осори Мавлоно дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, худшиносӣ ва фарҳангии миллат сурат намегирифт. Ва ҳоло миллати тоҷик аз баракати истиқлол ба ҷилваҳои тозатар ва ноби суханварони бузург ошно мешавад. Дар ин раҳовард, бетардид як тан аз он бузургмардони андеша ва калом Ҷалолуддин Муҳаммади Балхист, ки осораш пурмояаш саршор ва мамлу аз муҳаббат, ростӣ, ишқ ва инсонсолорӣ мебошад. Бовар дорам донишмандон ва муҳаққиқони хушзавқу пуркори тоҷик дар ҷиҳати шинохт ва фаҳми ҷаҳони маънавии ин бузургмарди андеша корҳои хубу судмандро анҷом хоҳанд дод, зеро ҳамон тавр ки дар ин рисола ишора рафтааст, сухан, ҳунари адабӣ ва андешаи Мавлоно барои аҳли таҳқиқ ҳамеша тоза ва нав мебошад. Ҳар муҳаққиқ метавонад аз дунёи андешаи Мавлоно барои худ ҷаҳонеро кашф кунад, ҷаҳоне аз ҳар нигоҳ ноошно. Ин бахт ҳам аз файзи истиқлол аст, ки муҳаққиқ озод ва бидуни фишор, ба ҳар мавзӯе, ки бар он ошиқаст, дар осори Мавлоно онро пажӯҳиш ва баррасӣ бинмояд. Аз ин неъмат ва фазоишоиста барои худшиносӣ, огоҳӣ ва бедории миллат, аҳли таҳқиқ ҳар чӣ бештар бояд, ки истифода бубарад, чунки танҳо аз тариқи мақолоти пурарзиши таҳқиқотӣ ва адабӣ бузургмардони сухан хубтару беҳтар шинохта мешаванд ва дар ин миён осори Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ азамат ва шукӯҳи дигаре дорад.

---

[1] «Маҷмӯаи мақолоти Мавлонопажӯҳишӣ», инт. Ҳикмат ва фалсафаи Эрон, соли 1386.

## МАВЛОНО ДАР ПАҲНОИ ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК

Дар шеъри муосири тоҷик Мавлоно аз он бузургмардони хуштолеъ ва хушном аст, ки шоирон ба ӯ беш аз ҳар шоири дигар руҷӯъ кардаанд ва мекунанд, шоирони тоҷик аз фазои андеша ва тафаккури Мавлоно ба қадри зарфияти худ ва ҳисси худ истифода бурдаанд ва хоҳанд бурд. Шоирони тоҷик барои ифода ва нишон додани ҷаҳони андешаи худ аз номи Мавлоно, абёти Мавлоно ҳам фаровон истифода кардаанд ва номи ӯ нимоди ҳикмат, дониш, ирфон ва маърифат дар шеъри муосири тоҷик мебошад. Донишманд ва муҳаққиқ Алиасғари Шеърдӯст перомуни ҳузури Мавлоно дар шеъри муосири тоҷик чунин мефармояд: «Аз миёни шеъри шоирони мутақаддим шояд Мавлоно аз ҳама бештар ба шеъри муосири тоҷикасар гузошта бошад. Забони тағаззули шеъри тоҷик аз «Ғазалиёти Шамс»-и Мавлоно бисёр таъсир пазируфтааст».[1] Бешак аз навиштаи ин муҳаққиқ танҳо як калимаро мешавад ҳазф кард ва он ҳамон вожаи «шояд» аст, ӯ ба тахмин мефармояд, шояд Мавлоно беш аз ҳар шоири дигар ба шеъри муосири тоҷик таъсир ниҳодааст ва ҳол он ки воқеият он аст, ки ба ҳар навъе таъсири каломи Мавлоно ба шоирони тоҷик беш аз шоирони дигармебошад. Барои рушду тарбияти завқ ва сӯҳон задани ҳунари худ шоирони тоҷик ба осори Мавлоно ҳамеша рӯй меоваранд ва аз «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» дарси шеър ва андеша меомӯзанд.

Номи Мавлоно ва осори пурбори ӯ барои шоирони тоҷик нимоди маърифат, шавқ, ифтихори миллӣ ва камоли ҳунар дар шеър мебошад. Истифода аз номи ӯ дар шеъри муосири тоҷик як равиши маъмул аст ва манзур аз номи ин шоири ориф дар шеъри муосири тоҷик эътиқоду бовар, садоқат, муҳаббат аст ба ин шоири бузург. Ва ҳамчунин номи Мавлоно дар шеъри муосири тоҷик нимоди ҳунари воло, ишқ, завқ, талаби камол, ҳикмат, ирфон, ва сухани асил мебошад. Дар ин хат шоирони тоҷик аз номи осори шоир «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» низ дар шеърҳои худ барои бадеият ва ҳусн додани

[1]Алиасғари Шеърдӯст, «Чашмандози шеъри муосири тоҷик», инт. Адиб, соли 1977, саҳ. 243

андеша истифода кардаанд. Дар шеъри муосири тоҷик ҳар шоире мутобиқ ба равиш ва сабки кори худ, сабки андешаи худ, бо Мавлонои бузург канор омадааст, мешавад бо итминон гуфт, ки офтоби каломи Мавлоно ҳамеша дар паҳно ва осмони шеъри муосири тоҷик гарму равшан ва нурбор будааст ва ин офтоб ҳаргиз дар пушти абри фаромӯшиҳо ниҳон нагардидааст. Партави каломи Мавлоно дил дидаи шоирони тоҷикро ҳам нурбор ва ҳам бедор кардааст ва хоҳад кард, таҳаввулоти зеҳнӣ ва ҳунарии шоирони тоҷик ҳеҷ гоҳ аз таъсири калом ва андешаи Мавлоно холӣ набудааст.

Таъсири маънавӣ, зеҳнӣ, адабӣ, забон, ирфон, инсонсолорӣ, ботингароӣ ва… ин ҳама ҷилваҳорометавон дар шеъри муосири тоҷик мушоҳида кард. Шукӯҳу шаҳомат ва азамати андеша ва тафаккур дар «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно бисёр тӯфонӣ аст ва ҳар кас дар мадду ҷазри дарёи каломи Мавлно наметавонад худро нигоҳ бидорад ва ин ҳолат баҳар шоир фурсат намедиҳад, ки ба оромӣ аз ӯ таъсир бигирад. Аз ин рӯ, гоҳе таъсири Мавлоно дар шеъри бархе шоирон танҳо дар зоҳири кори онҳо сурат ва шакл мегирад. Ин гурӯҳ аз шоирон мутаассифона фаротар аз калимаҳо наметавонанд Мавлоноро таҷриба бикунанд ва аммо дар кори бархе аз шоирони дигар таъсир аз Мавлоно мешавад гуфт, бисёр муваффақ аст. Аскар Ҳаким дар шеъри муосири тоҷик аз он шоиронест, ки таъсир аз каломи Мавлоноро дар шеърҳои худ муваффақ ба таҷриба гирифтааст. Бахусус шеваи нигариши шоир ба зебоӣ ва тасвирсозӣ дар ин самт, сабки нигориши Мавлоноро ба хотир меоварад. Зебоӣ аз назари Аскар Ҳаким ҳамон талаби камол аст, ки нигоҳи Мавлоно ҳам ба мафҳуми зебоӣ аз ҳамин зовияҳо мебошад. Устод Аскар Ҳаким маърифати зебоии ботинро дар корҳои худ сифат кардааст ва онро дар сурати як чароғ мебинад ва мешиносад. «Чароғ» дар шеъри шоирони ориф таҷассуми зебоии ботин, маърифат ва ирфон аст ва ин вожа дар шеъри муосир ҳам мутобиқ ба завқ ва ҳолу ҳавои ҳолат дар шеър истифода мешавад. Дар шеъри шоирони қадим низ, он тавр ки зикр гашт, истифодаи ин вожа фаровон ба чашм мехӯрад.

Ҳофиз:

*Дарунҳо тира шуд, бошад, ки аз ғайб*
*Чароғе бар кунад хилватнишине.*

****

*Зи рӯйи дӯст дили душманон чӣ дарёбад,*
*Чароғи мурда куҷо, шамъи офтоб куҷо…*[1]

Дар «Девони Шамс»-и Мавлоноин вожа фаровон истифода шудааст ва шоир аз вожаи чароғ барои сифат кардани ҳолати равонии худ кор гирифтааст.

*Имрӯз пой дор, ки барпост, соқиё,*
*К-об аст хокрову фалакро дусад чароғ.*

****

*Чунки хар хӯрд ҷумла кунҷидро,*
*Аз чӣ равған кашем баҳри чароғ?!*

****

*Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,*
*К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.*

****

*Он кас, ки ҳамеҷустам ман дӣ ба чароғ ӯро,*
*Имрӯз чу тунги гул дар раҳгузарам омад.*

Дар шеъри муосири тоҷик Аскар Ҳаким беҳтар ва бештар аз дигар шоирон бар ин мафҳум рӯй овардааст. Ӯ бо истифода аз ин вожа чун Мавлоно шуҳуди зебоии ботинро барои инсонҳо орзу мекунад ва шоир дар орзуи чароғе чунин аст.

*Чароғ хоҳаму як рӯзи рӯшноӣ ҳам,*
*Миёни ин ҳама бегона ошное ҳам.*
*Аз ин шабонгаҳи зулмат магар тавон раҳ бурд,*
*Ки нест чашми чароғею раҳнамое ҳам…*
*Чароғ дар сари роҳам зи даст бирбуданд,*
*Ки ҳеҷ каҷ нашиносам зи ростое ҳам.*
*Навои булбули ошиқ зи хок мехезад,*
*К-аз осмон нарасад бар замин садое ҳам.*

---

[1]Ҳофиз, Девон, саҳ.15 - 112

*Ба ҷон ҳидояти ӯро, ки нашнавӣ аз ғайб*
*Ба гӯши ӯ расад оё зи ту нидое ҳам?!*
*Туро, ки ҳар даме аз худ ҳазор ранҷе ҳаст,*
*Чӣ ҷои шиква ҳам аз бандаву Худое ҳам.*
*Нафас ба синаи ин субҳи мунҷамид ях баст,*
*К-ишоратест ба боми сапедазое ҳам.*

Дар истилоҳи орифонманзур аз «чароғ» дили равшан ва огоҳ бошад ваниз диле мунаввар ва равшан ба нури маърифат ва устод Аскар Ҳаким ҳамин зебоии маърифат ва ирфонро дар нимоди чароғ дар ин шеъри худ ба тасвир гирифтааст. Мақтаи ғазали шоир аз лиҳози маъно, нийят ва отифабайти Мавлоноро ба хотир меоварад. Аскар Ҳаким низ дар ин шеъри худ кӯшидааст зарфият ва маърифати инсон буданро нишон бидиҳад. Аскар ҳаким низ ҳамчун Мавлоно муштоқи инсони огоҳдил ва бедордил аст, инсоне, ки ғарқ аст дар зебоӣ ва равшанӣ ва нимоди таҷаллии ҷамоли дӯст аст. Ҳамчунин калимаи «чароғ» дар ғазали Аскари Ҳаким рамзи озодагӣ, озодӣ, таърих, фарҳанг ва худогоҳӣ мебошад:

*Чароғ хоҳаму як рӯзи рӯшноӣ ҳам,*
*Миёни ин ҳама бегона ошное ҳам…*

****

*Чароғ дар сари роҳам зи даст бирбуданд,*
*Ки ҳеҷ каҷ нашиносам зи ростое ҳам.*

Чӣ дастҳое ниҳону ошкор қасд кардаанд ва қасд доранд, то ин чароғи наҷотро, чароғи маърифатро, чароғи худшиносӣ ва бедориро аз дасти миллати тоҷик бирабоянд, Устод Аскар Ҳаким бо нигориши зебо, шево, нигоҳи болиғ ва бадеъ чун Мавлоно ҷалолу камоли чароғи маърифатро ба тасвир гирифтааст.

Ғазали Аскар Ҳаким зебо ва бадеъ аст ва ҳамчун каломи баланди Мавлоно инсонро ба сӯи маърифат ва худогоҳӣ ҳидоят мекунад ва ин таъсир аз Мавлоно худ дар шеъри Аскар Ҳаким ҳарфи андаке нест.

Озар низ дар шеъри муосири тоҷик аз шумори он шоиронест, ки ба осори Мавлоно таваҷҷуҳи хос дорад ва дар шеърҳои худ мутобиқ ба ҳолатҳои дарунӣ, завқ ва маъно дар шеър ба Мавлоно руҷӯъ кардааст. Дар халқи ғазал аз фазо, равиш, ни-

гоҳ ва ҳолу ҳавои андешаи Мавлоно таъсирҳо гирифтааст, аммо дар шеърҳои худ тавонистааст ин таъсирро бозсозӣ кунад:

*Остин дар нигаҳам «Маснавӣ»-и сонӣ буд,*
*Нақш мекард ҳуруфе, ки найи мижгон дошт.*

****

*Сад «Маснавӣ» зи дидаи ман рӯйи хок рехт,*
*Аз дурият ҳазор найистон гиристам.*

****

*Навои нойи маро то абад хомӯшӣ нест,*
*Ки «Маснавӣ»-и фироқи ту шуд таронаи ман.*

****

*Нусхаи баҳоронӣ, тозатар зи боронӣ,*
*Шарҳи «Маснавӣ» бошад, ҳусни бебаҳои ту.*[1]

Дар ин абёт, агар Озараз калимаи «маснавӣ» озод истифода мекард ваманзури шоир«Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно набуд, фазои маъно ва бадеъ дар абёт бисёр маҳдуд мебуд ва аз назари шеърияту бадеият ҳам ин абётро арзише чандон набуд. Озар дар халқи ғазал дар фазои ғазал барои устувории калом ва бадеияти ғазал аз ин равиш хеле ҷолиб истифода кардааст, ки далели завқи хуби шоир мебошад. Чунин аст, ки истифода аз вожаи «маснавӣ» дар корҳои Озар танҳо барои намоиши як ном нест. Манзури шоир аз корбурди ин вожа шукӯҳу азамат додан аст ба андеша ва маънӣ дар шеър. Озар дар бофти ғазалҳои худ бо истифода аз калимаи «маснавӣ» мехоҳад ба ҷилваҳои мастуримаъно ва маърифат низдар корҳои худ ишорат кунад ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно дар ин самт беҳтарин раҳовард ва мураббӣ барои шоир аст. Дар ин самт барои бештари шоирони тоҷик ташхис, таҳқиқ ва шинохти дун-ёи шеъри Мавлоно лаззатбахш ва рӯҳбахш мебошад. Бисёре аз шоирони тоҷик аз номи Мавлоно маснуӣ кор мегиранд ва Озар аз ин шумор ҷудост. Номи Мавлоно ва осори ӯ барои Озар таҷрибаи андеша аст ва мехоҳад бо як ишораи кӯтоҳ, ҷаҳони маънӣ ва тафаккури ин бузургро ба хонанда бинамоёнад ва худ низ аз бардошти шеър бархӯрдор бошад.

---

[1]Озар, «Ирфони ҳино», инт. Эҷод, Душанбе, соли 2006, саҳ. 24, 26, 32, 39

Аз ин ҷост, ки дар шеъри муосири тоҷик ҷилва ва таъсири каломи Мавлоно гуногунва бисёрпаҳлӯст. Каломи Мавлоно барои шоирони тоҷик манбаи дарс аст, дарси завқу андеша, тафаккур ва андеша, ирфон ва маърифат. Шоири огоҳдили тоҷик аз кишвари Узбакистон Ҷаъфари Муҳаммад ҳолати равонии худро дар шеъри нимоӣ ба ирфони Мавлоно бад-ин гуна пайванд задааст:

*Чор сол аст,*
*Байни деҳу шаҳр*
*Рафтуо дорам.*
*Чор соласт,*
*дардҳои деҳаро бар шаҳр бурда,*
*дардҳои шаҳрро бар деҳа меорам.*
*Ҷузвдони шеър дар даст,*
*Ҷузвдони дард дар дил,*
*Дардҳои миллате дар сарнавишти Ҷаъфаре…*
*Чор сол аст,*
*Нимаам муллову як нимаам даҳрист*
*Нимаам рустоиву нимем шаҳрист.*
*Чор сол ин ҷонибам устоди Донишгоҳи Тирмиз,*
*Чордаҳ сол ин тараф шогирди як байтам*
*Зи «Девони Кабир»-и Шамси Табрез.*[1]

Нуктаи ҷолиб дар шеъри ин шоир он аст, киӯ «Девони Шамс»-и Мавлоноро китобе медонад барои андеша ва тафаккур аз назари шоир ин китоб барои сару садо нест ва он дар зоҳир хулоса намешавад. Барои Ҷаъфари Муҳаммад «Девони Шамс» китоби маънӣ ва ирфон аст ва он инсонро тарбият мекунад ва ҳар кӣ аҳли андеша, маърифат ва тафаккур аст, метавонад ба ин китоб даст бибарад ва агар аз аҳли дил нест, ниёзе набошад, дастбар ин китоб бибарад. Шоир худро дар давоми чаҳордаҳ сол шогирди як байти Мавлоно медонад ва манзури ӯ аз ин мисраъ маърифат ва ирфони каломи Мавлоно аст.

Шоир дар ин ҳолу ҳаво мехоҳад бигӯяд, ки ҳар шоир бояд аз каломи Мавлонодарси маърифат ва шеър биомӯзад. Таъсири калом ва фазои андешаи Мавлоно бахусус«Девони Шамс» дар

[1]Ҷаъфари Муҳаммадӣ, «Таҷаллӣ», инт. Тошканд, соли 2000, саҳ. 110

шеъри муосири тоҷик бисёр диданӣ ва равшан аст ва ҳар шоир мутобиқ ба завқ, ҳол ва фаҳмихуд азкаломи шоир таъсир гирифтааст. Абдулқодири Раҳим дар шеъри муосири тоҷик бештар дар хатти ирфон андеша мекунад ва дар ҳамин фазо шеър мегӯяд. Ӯ ба ирфон таваҷҷуҳ ва диққати худро дорад ва дар ин самт аз «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» таъсири маънавӣ, ирфонӣ ва рӯҳонӣ гирифтааст. Такрор, зарби мусиқӣ дар калимот, ҳамовоӣ, қофияи дарун дар ғазал, дар ғазалҳои Мавлоно як сабк ва як равиши маъмулист, дар «Девони Шамс» ғазалҳое аз ин даст фаровон мушоҳида мешавад. Ин равиш ва ин сабк ғазалро аз ҳар нигоҳ ҳусн медиҳад ва баёни зебову шево, малоҳату балоғат, бадеият ва ҷаззобияти каломро аз назари шеър ширинтар мекунад, шоирони тоҷик дар корҳои худ кӯшиш кардаанд, ки ин фазои рангини шеъри Мавлоноро ба таҷриба бигиранд ва Абдулқодири Раҳим аз шумори он шоирон аст.

Мавлоно:

*Ту маро ҷону ҷаҳонӣ, чӣ кунам ҷону ҷаҳонро?*
*Ту маро ганҷи равонӣ, чӣ кунам суду зиёнро?*
*Нафасе ёри шаробам, нафасе ёри кабобам,*
*Чу дар ин churchi харобам, чӣ кунам давру замонро?*
*Зи ҳама халқ рамидам, зи ҳама боз раҳидам,*
*На ниҳонам, на падидам, чӣ кунам кавну маконро?*
*Зивисоли ту хуморам, сари махлуқ надорам,*
*Чу туро сайду шикорам, чӣ кунам тиру камонро?*
*…Зи ту ҳар зарра ҷаҳоне, зи ту ҳарқатра чу ҷоне,*
*Чу зи ту ёфт нишоне, чӣ кунам ному нишонро…?*[1]

Абдулқодири Раҳим:

*Ман омадам, ман омадам, ёрон, газалхонӣ кунед,*
*Ман омадам, ман омадам, як базми раббонӣ кунед.*
*Як базми раббонӣ кунед, аз хеш пинҳонӣ кунед,*
*Деву ҳавову нафсро з-ин гоҳ зиндонӣ кунед.*
*Дунё ба дунё меравад, савдо ба савдо меравад,*
*Дарё ба дарё меравад, рафтори инсонӣ кунед.*

[1] Девони Шамс, саҳ. 893

*Манро ба ман дидан хатост, ин аз замин, он аз самост.*
*Ман хоби ман бошад, агар таъбири раҳмонӣ кунед.*
*Оваҳ, чӣ мегӯям ғазал, оваҳ чӣ мегӯям асал?*
*Ҳам бе масал, аз ман асал, ширин ғазалхонӣ кунед?*[1]

Ин ду ғазалро такрори вожаҳо, мусиқӣ, корбурди таркибҳо, ҳолати қофияҳо ба ҳам наздик кардааст ва дар як сухан Абдулқодири Раҳим рӯҳи каломи Мавлоноро дар ғазали худ такрор кардааст. Ҳолу ҳаво ва фазои ирфонӣ дар ғазалҳои Абдулқодири Раҳим фаровон аст, ки ин таъсир баргирифта аз ирфони Мавлоност.

*Бозову бубин, хоҷа, ки мо хона надорем,*
*Лутфу карам аз хешу зи бегона надорем.*
*Ҳар кас, ки занад санг, гуҳар пеш биёрем,*
*Мо сурату ҳам сирати шоҳона надорем.*
*Ҳасраткаши дунёи пур аз фисқу фуҷурем,*
*Як ҳоюҳуй аз олами девона надорем.*
*Зорему низорему фақирему асирем,*
*Роҳе ба сари масту ба майхона надорем.*
*Дар чоҳи саодат нафитодем чу Юсуф,*
*Бо мулки Худо гавҳари якдона надорем.*
*Дев аз раҳи андеша харобии нав овард,*
*Паймон ҳама бишкаставу паймона надорем.*[2]

Дар ин ғазали Абдулқодири Раҳим фазои нигариш, нигориш, шинохт, огоҳӣ, маърифат, мусиқии калом ва маорифи ирфонӣ ёдовари фазои шеъри Мавлоност. Абдулқодир аз ин ҷилваҳои ғазалҳои Мавлоно гарм истиқбол кардааст ва дар ин хат тавонистааст азМавлоно таъсири шоистаеро бигирад ва ин таъсир дар сохтори шеърҳои ӯ бисёр равшан ба чашм меояд.

Партави каломи Мавлоно дар паҳнои шеъри муосири тоҷик ҳамеша фурӯ меборад ва шоирон аз сухани ин шоири ориф дарси шеър андӯхтаанд ва шоироне чун Исмоил Зарифӣ ва Сафар Айюбзодаи Маҳзун мухаммас бар ғазали Мавлоно суруда, табъи худро дар ҳавои ғазали Мавлоно санҷидаанд.

[1]Абдулқодири Раҳим, «Нусхаи парешонӣ», инт. Адиб, соли 2000, саҳ. 93-94
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 78

Сафар Айюбзодаи Маҳзун бар ин ғазали машҳури Мавлоно мухаммас бастааст:

*Онҳо, ки талабгори Худоед, Худоед,*
*Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед.*
*Чизе, ки накардед гум, аз баҳри чӣ ҷӯед?*
*В-андар талаби гумшуда аз баҳри чароед?*
Сафар Айюбзодаи Маҳзун:
*Эй халқи Худо, аз чӣ ҷудоед, ҷудоед?*
*Аз меҳри Худо омадаед, ар ба Худоед!*
*Бо номи Худо сураи тавҳид сароед,*
*Онҳо, ки талабгори Худоед, Худоед,*

****

*Филҷумла, ки махлуқи вайу бандаи ӯед,*
*Тарсову мусалмону ҷуҳуд аз чӣ бигӯед.*
*Дил ҳаст, ар онро зи баду кина бишӯед,*
*Чизе, ки накардед гум, аз баҳри чӣ ҷӯед?*
*В-андар талаби гумшуда аз баҳри чароед?*

Шоир Исмоил Зарифӣ низ дар корҳои худ аз ғазалҳои Мавлоно истиқбол кардааст ва дар ҳавои ғазалҳои шоири ориф мухаммас суруда, вазъи иҷтимоӣ ва маънавии вақтро мехоҳад дар ҳамдастӣ бо ғазали Мавлоно нишон бидиҳад:

Мавлоно:

*Гуфтӣ маро, ки: Чунӣ? Дар рӯйи мо назар кун,*
*Гуфтӣ: Хушӣ ту бе мо? З-ин таънаҳо гузар кун.*
*Гуфтӣ маро ба ханда: Хуш бод рӯзгорат,*
*Кас бе ту хуш набошад, рав, қиссаи дигар кун.*
*Дар оташам, дар обам, чун марҳаме наёбам,*
*Кунҷе равам, ки ё Раб, ин тегро сипар кун.*

Исмоил Зарифӣ:

*Бо лутф нимнигоҳе бар сӯи раҳгузар кун,*
*Раҳме ба ҳоли зори аз хеш бехабар кун.*
*Хоҳӣ карам бифармо, хоҳӣ ситеза сар кун,*

*Гуфтӣ маро, ки: Чунӣ? Дар рӯйи мо назар кун,*
*Гуфтӣ: Хушӣ ту бе мо? З-ин таънаҳо гузар кун.*

****

*Биншастаанд ба нола бархе ба раҳгузорат,*
*Ҳар як дили шикаста бошад умедворат.*
*Кас нест байни онҳо чун банда беқарорат,*
*Гуфтӣ маро ба ханда: Хуш бод рӯзгорат,*
*Кас бе ту хуш набошад, рав, қиссаидигар кун.*

****

*Як ҳарф баҳри таскин, бар ошиқон нагӯйӣ,*
*Ман дилфигор, аммо сармаст аз сабӯйӣ.*
*Дил мерабоӣ ҳар дам, ҳаққо, ба хубрӯйӣ,*
*Гуфтӣ: Малул гаштам, аз ишқ чанд гӯйӣ?*
*Он кас, ки нест ошиқ, гӯ, қисса мухтасар кун.*[1]

Ҳамон тавр ки зикр гардид, шоирони тоҷик дар корҳои худ барои ранг додани фазои андеша ва пурбортар кардани шеъри худ аз фазои шеъри Мавлоно таъсир гирифтаанд ва ин таъсирро дар шеърҳои худ истифода кардаанд.Бархе аз шоирони тоҷик дар навиштаҳои худ аз номи шарифи Мавлоно ҳамчун санади ифтихор, миллият ва нишон додани шукӯҳу мақоми миллӣ истиқбол кардаанд, Усмон Шарифзода бештар дар ҳамин самт дар шеърҳои худ аз номи Мавлоно истифода кардааст. Дар ин фазо ӯ достони худро «Дар сукут бо Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» номгузорӣ кардааст ва манзури шоир аз номгузорие чунинон аст, ки мехоҳад ҳамдилии худро бо Мавлоно ба намоиш бигзорад. Вай аз вазъи ҷаҳони парешон, инсони саргардон ва саргаштаву сардаргуми ҷаҳони муосир ба ҷаҳони шеър ва ирфони Мавлоно фирор мекунад. Сукут бо Мавлоно, аз назари шоир раҳоӣ аз ғафлат, аз ҷаҳл ва тафаккур кардан аст ба ҳақиқати вуҷуд ва шинохтани худ.

*Ман аз ғам, эй ҷаҳон, бо ту басо хуни ҷигар гаштам,*
*Зи ту хуни ҷигар гаштам, ки аз ту бохабар гаштам.*
*Фиғонамро фалак донад, дуоямро малак донад,*
*Ғиревамро самак донад, вуҳуши бедарак донад.*

[1] Исмоил Зарифӣ, «Сад сина алам дорам», Душанбе, соли 2007, саҳ.91

Усмон Шарифзода худ иқрор кардааст, ки ирфони худогоҳиро аз Мавлоно омӯхтааст ва дар зери таъсири каломи ӯ ба дарки маърифат расидааст ва номи Мавлоно барои Усмон Шарифзода нимоди маърифат ва шинохтанҳост. Шоир дар корҳои худ ба он замоне ишорат мекунад, ки ҳазор-ҳазор китоби илму фарҳанг ва адаби миллати тоҷик дар оташи ҷаҳолати болшевикон месӯхт ва ин ҳодисароУсмон Шарифзода фоҷиаи миллӣ медонад ва мегӯяд, дар оташҳо сӯхтани китобҳои абармардон ва бузургони точик сахттарин фаҷиа аст, барои миллати тоҷик ва онро ба сӯхтани имон монанд мекунад. Сӯхтани имон бар маънии дур шудан аст аз асл ва таърихи худ ва миллати тоҷикро ин шоиста набошад:

*Сӯхт Бедил, сӯхт Ҳофиз, Мавлавӣ онсон бисӯхт,*
*Сӯхт Саъдӣ, сӯхт ҳикмат, бовару имон бисӯхт…*[1]

Аз шоирони дигар дар шеъри муосири тоҷик Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ мебошад, ки ба осори Мавлоно махсус муҳаббат дорад ва ӯ муътақид аст, ки ҳарфе аз шеър агар омӯхтааст, онро аз баракати «Девони Шамс» медонадад.

Ӯ иқрор дорад, ки дарси ғазалро аз Мавлоно омӯхтааст ва аз назари ӯ ҳар он кӣмехоҳад ғазал хуб бигӯяд бояд, ки бағазалҳоипурбори Мавлоно рӯй биёварад.

*Дар ғазал он лаҳза Раҳмонӣ шавад марди ҳунар,*
*Гар талоше ҷониби Девони Мавлоно кунад.*[2]

Ҳамон гуна ки мушоҳида гардид, шоирони тоҷик бо «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» бо нигаришҳои гуногун канор омадаанд ва ҳузури густардаи Мавлоно дар шеъри муосири тоҷик аз он бигӯяд, ки каломи Мавлоно посухгӯи ниёзҳои маънавӣ, ирфонӣ, рӯҳонӣ ва иҷтимоии шоирон дар шеъри муосир аст.Дар паҳнои шеъри муосири тоҷик бояд арз кард, ки бо ин ҳама истиқболи гарм аз Мавлоно боз ҳам каломи шоири ориф, он тавр ки мебояд, дар шеъри шоирони тоҷик таҷассуми худро наёфтааст. Мавлоно ва каломи ӯ, он тавр ки лозим аст, дар шеъри шоирони тоҷик пайванд нахӯрдааст ва таъсири шоирони тоҷик аз шеъри Мавлоно бештар дар сатҳи

---

[1]Усмон Шарифзода, «Рӯҳи зиндонӣ», Душанбе, соли 1999, саҳ. 156
[2]Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ, «Шоми ситорарез», Душаанбе, соли 2009. Саҳ.285

эҳсос хулоса мешавад ва на дар фазои умқ ва маърифати шеъри шоири ориф. Аз шоироне, ки ба худ ҷуръат додааст ба шеъри шоири ориф аз зовияи ирфон бингарад, Одина Раҳмон аст ва аммо ӯ бештар дар ҳадди завқ ва зоҳири калимаҳо ва сабки сухани Мавлон худро машғул доштааст. Мушаххас аст, ки андешаварзӣ ва мазмунофаринӣ дар кори шеър ва он ҳам дар шеъри ирфонӣ аз ҳар шоир салиқа, дониши амиқи ирфонӣ ва маърифати динӣ мехоҳад ва аз ин рӯ гуфтани шеъри ирфонӣ ва он ҳам дар сатҳи Мавлоно кори содае нест. Аммо ҳамин ҷуръати Одина Раҳмон ва рӯй овардани ӯ ба шеъри Мавлоно ва дар фазои сухани Мавлоно ба таҷриба гирифтани мавзӯи эътиқод ва бовархуд ҳарфест, ки мешавад ҷуръати ӯро табрик гуфт. Одина Раҳмон бо ҳамин нийят ва ҳамин мурод китоби шеърҳои худро «Майхонаи Мавлавӣ» номгузорӣ кардааст. Вай дар шеърҳои худ зарб, мусиқӣ, оҳанг, сабки баён, забон ва то ҳадде талош кардааст, фазои маънавии сухани Мавлоноро дар шеърҳои худ такрор кунад. Мешавад гуфт, ки ӯ дар ин кори худ то ҳадде муваффақ гардидааст.

Мавлоно:

*Сӯфӣ чаро ҳушёр шуд, соқӣ чаро бекор шуд?*
*Масте агар дар хоб шуд, масте дигар бедор шуд.*
*Хуршед агар дар гӯр шуд, олам зи ту пурнур шуд,*
*Чашми хушат махмур шуд, чашми дигар хаммор шуд.*
*Лаълат шакарҳо кӯфта, чашмат зи рашк омӯхта*
*Ҷон хонаи дил рӯфта, ҳин навбати дидор шуд.*
*Ҳар бор узре менихӣ, в-аз дасти масте меҷаҳӣ,*
*Эй ҷон, чӣ дафъам медиҳӣ, ин дафъи ту бисёр шуд.*

****

*Гар оташи дил барзанад, бар маъшуқу кофар занад*
*Сурат ҳама паррон шавад, гар мурғи маънӣ пар занад.*
*Олам ҳама вайрон шавад, ҷон ғарқаи тӯфон шавад,*
*Он гавҳаре, к-ӯ об шуд, ҳам об бар гавҳар занад…*

Мавлоно:

*Савдои ту дар ҷӯи ҷон чун оби ҳайвон меравад,*
*Оби ҳаёт аз ишқи ту дар ҷӯй ҷӯён меравад.*
*Бар зикри ишон ҷон диҳам, ҷонро хушу хандон диҳам,*
*Ҷон чун нахандад, чун зи тан дар лутфи ҷонон меравад.*

*Аз ҷониҳар субҳоние, ҳар дам яке рӯҳоние,*
*Масту харобу фоние то арши субҳон меравад.*
*Ҷон чист, хумми хусравон, дар вай шароби осмон,*
*З-ин рӯ сухан чун бехудон ҳар дам парешон меравад.*[1]

Одина Раҳмон:

*Ҷон омада, ҷон омада, ҷони ғазалхон омада,*
*Дар кулбаи торики мо хуршеди тобон омада.*
*Ин ёри рӯҳонии мо дар базми тӯфонии мо,*
*Бингар, ба меҳмонии мо гирёну хандон омада.*
*Бар дидаҳо бахшида нур, бар сина шодию сурур,*
*Ғам аз дили мо гашта дур, чун нури Яздон омада.*
*Он ахтари болоназар, равшантар аз шамсу қамар,*
*Бо сад ҳазорон шӯру шар, гӯйӣ зи кайҳон омада.*
*Аз ҳайбаташ девонаам, дар банду дар завлонаам,*
*Дар гирди ӯ парвонаам, шамъи шабистон омада.*
*Мастона омад масти мо, дар рӯзгори пасти мо,*
*То ки бигирад дасти мо афтону хезон омада.*
*Бо ахтарон буд ҳамнишин,бо ҷони мо буд ӯ қарин,*
*Аз меҳри Хайрандеш бин, Одина Раҳмон омада.*

****

*Эй ошиқон, эй ошиқон, майхона пазмони шумо,*
*Ман бандаи майхораам, ҷони ману ҷони шумо.*
*Чун бо шумо дил бастаам, аз банди хорӣ растаам,*
*Занҷири по бигсастаам, гаштам ғазалхони шумо.*[2]

Аз назари аҳли ирфон, «рӯҳи оламӣ барои талаби камол ба олами суфлӣ омада, то баъд аз касби он ба олами улвӣ бозгардад».[3] Он чи дар ғазали шоири ориф ва ғазали шоири муосир Одина Раҳмон мушоҳида мешавад, ҳамин талаби камол аст ва ҳамин қиёс ғазали ин ду шоирро ба ҳам наздик кардааст. Дар ғазали Мавлоно мурғи маъно дар болотарин иртифоъ парвоз мекунад ва тӯфони маъно ва андеша дар ғазалҳои шоири ориф

[1]Куллиёти Девони Шамс, саҳ. 234, 236, 238
[2]Одина Раҳмон, «Майхонаи Мавлавӣ», Душанбе, инт. Балоғат, соли 2007, саҳ.19, 21, 25
[3]Азиз ибни Муҳаммади Насафӣ, «Баёнуттанзил», инт. Осор ва мафохири фарҳангӣ, Теҳрон, соли 1371, саҳ. 72

бисёр башиддат аст ва ҳар касро тавон набошад, ки бар он даст ёбад. Аммо дар ғазалҳои Одина Раҳмон мурғи маъно бол ба парвоз наметавонад бикшояд ва аз тӯфони маъно ҳам дар корҳои ӯ хабаре нест. Таъсирпазирии Одина Раҳмон аз ғазалҳои Мавлоно, он тавр ки иброз шуд, дар сатҳи калима, таркиб ва ҳисси шавқ аст. Мавлоно барои дидор бо маҳбуби азалӣ ҷон мешавад, худро ботинан ба ин дидор омода мекунад ва ин савдоро дар ҷӯи ҷон оби ҳайвон меномад. Талаби камол барои Мавлоно болотарин, волотарин, беҳтарин ва яқинтарин зикр аст ва дар ин талаб омодааст, ҷони худро хушу хандон барои дӯст фидо кунад ва ин ҳолатро чӣ зебо ва чӣ шево ба тасвир мегирад:

*Имрӯз мурда бин, ки чӣ сон зинда мешавад!*
*Озодсарв бин, ки чӣ сон банда мешавад!*
*Пӯсидаустухону кафанҳои мурда бин,*
*К-аз рӯҳу илму ишқ чӣ оканда мешавад!*
*Имрӯз Каъба бин, ки равон шуд ба сӯи ҳоҷ,*
*К-аз вай ҳазор қофила фархунда мешавад.*
*Имрӯз гура бин, ки шакар баст аз нишот,*
*Имрӯз шӯра бин, ки чӣ рӯянда мешавад!*
*Ғам мурду гиря рафт, бақои ману ту бод!*
*Ҳар ҷо, ки гиряест, кунун ханда мешавад.*
*Он гулшане шукуфт, ки аз фарри бӯи ӯ*
*Бе досу теша хори ту барканда мешавад.*
*Поянда гашт Хизр, ки оби ҳаёт дид,*
*Поянда гашту дид, ки поянда мешавад.*[1]

Одина Раҳмон низ дар ҳамин ҳолу ҳаво мехоҳад талаби камолро таҷриба кунад ва аммо ин талаб, ҳамон тавр ки ишора шуд, дар ғазалҳои ӯ бештар дар зоҳири калимаҳо рух нишон медиҳад, на дар фазои шеърият ва маъно. Вай аз калимаҳо мехоҳад пиёлаи андешаи худро бисозад ва аз бодаи маърифату ирфони Мавлоно бинӯшад ва фикр мекунам, ҳар шоир бодаи ирфон ва ишқу завқикаломи Мавлоноро орзу мекунад ва орзу доштан ҳамеша хуб аст. «Пайдост, ки мушаххасот ва мухтасоти ҳар фарҳангеро бояд дар давра ва мавқеияту сохти вижаи

[1] Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. «Амири Кабир», Теҳрон, соли 1377, саҳ. 180-181

таърихӣ-иҷтимоии худи он замон бозхост ва арзёбӣ кард».[1] Ва табиист, ки шеъри муосири тоҷик низ аз ин вижагиҳо барканор нест ва шеъри имрӯзи тоҷик ҳам ҳолатҳои таърихӣ ва иҷтимоии замони худро соҳиб аст ва як ҳолати он таъсир гирифтан аст аз каломипарбор ва пурмояи Мавлоно, барои равонтар ифода кардани фикри худ дар мавзӯъҳои маънавию ирфонӣ ва дар ин масир бетардид Мавлоно беҳтаринҳодии хаёл барои шоирони тоҷик аст.

Дар зимн бояд арз кард, бо он ҳама инкорҳои шадид, ки имрӯзҳо аз тарафи бархе садо медиҳад, дар шеъри муосири тоҷик ирфон андак-андак ҷон мегирад, шакл мебандад, рӯҳи худро тоза мекунад. Бояд гуфт, «бар он касоне, ки ирфон ва тасаввуфро ҳақир мешуморанд, ин ҷо хуб аст ёдоварӣ бинамоям, ки ин давраи дурахшони таърихи Эрон аз ҳайси тасаввуф ғанитарин аҳди таърихи мост. Ва бисёре аз бузургони аҳд, ки пеша ва корашон фалсафа, ё фиқҳ, ё илм, ё шеър буд, ҳамин ки комил гардиданд, сар аз гиребони тасввуф баров617 бароварданд. Абулқосими Қушайрӣ дар самти тасаввуф рисола навишт, Абулҳасани Омирӣ дар аҳволи сӯфия китоб таълиф кард. Ибни Сино ба сӯфия тамоюл дошт. Ғаззолӣ олими фақеҳ оқибат орифи сӯфӣ шуд, Саноӣ аз устодони тасаввуф гардид. Ҳатто Низоммулмулки Тусӣ, вазири доно, ки аз канори дарёи Рум то сарҳади Чинро барои Маликшоҳ мусаххар карда буд ва мамлакати ба он вусъат бузургро идора мекард, муриди сӯфиён шуд ва ба ишон ҳурмат мегузошт ва мадрасаи Низомияи Бағдодро ба дасти як нафар сӯфӣ бино кард».[2] Агар имрӯз дар қаламрави шеъри муосири тоҷиксадои ирфон, агарчи ҳанӯз бисёр заиф аст, дубора аз худ хабар медиҳад, ҳеҷ аҷобат надорад, зеро он ҳамон садои гарми ошност, ки дар фитрати ҳар шоир пинҳон мебошад ва дар ҳолати лозим он худро ошкор месозад. Яъне шеъри муосири тоҷик ҳам аз ин садои ошно холӣ намебошад. Дар шеъри бархе аз шоирони тоҷик имрӯз ҳам, гоҳ-гоҳ садои шабеҳ ба ирфон ба гӯш мерасад, он аз таъсири ҳамон садои ошност. Одина Раҳмон дар халқи ғазал талош мекунад бо ин садои ошно ҳамо-

---

[1]Муҳамад Мухторӣ, «Инсон дар шеъри муосир», инт. Тус, Теҳрон, соли 1378, саҳ. 81

[2]Муҷтабо Минавӣ, «Нақди ҳол», инт. Хоразмӣ, ч.2, Теҳрон, соли 1367, саҳ. 263

воз шавад ва барои гармтар, баландтар ва расотар кардани садои худ аз Мавлоно таъсир мегирад ва шоири орифро пири рӯҳонии худ медонад:

Дар вақти азони ту дар пушти дарат будам,
Ҷӯёи нишони ту дар пушти дарат будам.
Бошӣ ту худои ман, ҳам пушту паноҳи ман,
Нодида ҷаҳони ту, дар пушти дарат будам.
Ман бехабару хорам, дур аз дари гулзорам,
Чун ғунча ниҳони ту дар пушти дарат будам.
Бар хона маро хонӣ, эй хоҷаи ирфонӣ,
Ман маҳви чамони ту дар пушти дарат будам…[1]

«Агар хаёлангезӣ ва падид овардани шӯру ҳаяҷон, нишонаи шеър аст, ин суханон низ (манзур шеъри ирфонӣ аст) чизе ҷуз шеър нест».[2] Одина Раҳмон бо канор омадан ба шеъри Мавлоно мехоҳад ҳарфе дошта бошад аз ҷинси ирфон ва ин ҷӯшишу кӯшиши ӯ аз ботин аст ва он як суфориши иҷтимоӣ барои ӯ нест, ҳамин гироши дарун ӯро ҳаводор ва муштоқи шеъри Мавлоно кардааст.

Одина Раҳмон:

*Мурдани парвона ҳам дорад сабаб,*
*Баҳри нуре хеш қурбон мекунад.*
*Ҷаҳд кун, то соҳиби ирфон шавӣ,*
*Чун бигӯям, он чи ирфон мекунад.*[3]

«Андешаи шеърӣ, ҳар қадар урёнтар шавад ва хар чӣ миёни андеша ва соири фаннии шеър, ҷудоӣ ва дугонагӣ бештар бошад он шеър заифтар ва бо шиор наздиктар аст… Бояд шоир битавонад ба андеша бархӯрди отифӣ дошта бошад. Онро дар даруни худ зуб кунад, ба он ҳаёти ҳунарӣ бидиҳад».[4] Одина Раҳмон дар ин фазо талош мекунад аз худ салиқа ва истеъдоди лозимро барои хонанда нишон бидиҳад ва дар фазои корҳои худ ирфони Мавлоноро камранг ё пурранг такрор мекунад. Худ

[1]Майхонаи Мавлавӣ, саҳ. 54
[2]Абдулҳусайни Зарринкӯб, «Бо корвони ҳулла», инт. Маҳорат, Теҳрон, сали 1374, саҳ.163
[3]Майхонаи Мавлавӣ, саҳ 35
[4]Сайид Маҳдии Зарқонӣ, инт. Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, Теҳрон, соли 1387, саҳ. 35

ҳам ин фазоро дар шеърҳояш иқрор кардааст ва Мавлоноро дар халқи шеър пири маънавии худ медонад.

*Эй Шамси ман, эй Шамси ман, девонаи кӯи туам,*
*Монанди Мавлонои Рум ҳар ҷо саногӯи туам…*
*…Одина гӯяд ин сухан дар маҳфилу дар анҷуман,*
*Эй Шамси ман, Мавлои ман, дон, ёри дилҷӯи туам.*[1]

Дар ҳама ҳолатҳо шоирони тоҷик барои ғанӣ ва сайқал додани зеҳн ва андеша дар кори шеър ва таҳкими андеша, осори Мавлоноро барои худ устоди беминат медонанд ва ифтихор мекунанд, агар ҳарфе аз ин шоири орифомӯхтаанд, гувоҳи ишқи ишон бар сухани Мавлоност.

Дар шеъри муосири тоҷик ёд кардан аз ном ва каломи Мавлоно ва абёти шоир нишони ҳунармандии ҳар шоир дониста мешавад ва таъсирпазирӣ аз шеъри Мавлоно беш аз беш шакл мегирад ва он ба тадриҷ табдил ба як мактаби адабӣ мешавад. Дар ин фазо, дар шеъри муосири тоҷик, ки аз сухани Мавлоно бештар таъсири маънавӣ ва ҳунарӣ гирифтааст, Аҳлиддин Ҳисориро низ метавон намуна овард, ин шоири хушзавқ аз шумори андаки он шоиронест, ки бисёр самимона бо андеша ва каломи Мавлоно ишқ меварзад. Аҳлиддини Ҳисорӣ шайдо ва шефта сухани шоири ориф аст, ба шеърва андешаи Мавлоно муҳаббати самимӣ дорад. Ӯ аз шеъри Мавлоно, фазои андешаи Мавлонобештар аз назари маъно таъсир гирифтааст ва дар кори ғазал сабки шоири орифро бештар ба кор мегирад ва ин таъсир дар корҳояш аз рӯйи эътиқод аст. Бар ин мабно ҷилваҳои ирфонро низ дар шеъри Аҳлиддин мешавад мушоҳида кард, ки он дар ирфони Мавлоно реша дорад.

*Худоё, масти шавқам кун зи ҷоми шеъри Мавлоно,*
*Шавад, то як нафас ёбам мақоми шеъри Мавлоно.*
*Замин андар замон рақсон, карон то бекарон рақсон,*
*Бирақс, эй ҷон, ки меояд паёми шеъри Мавлоно.*
*Раҳо аз бори тан бояд, раҳо аз мову ман бояд,*
*Хушо, мурғи диле афтад ба доми шеъри Мавлоно.*
*Ба рангинию зебоӣ, ба ҷаззобию шевоӣ*
*Надорад мислу монанде каломи шеъри Мавлоно.*

---

[1]Майхонаи Мавлавӣ, саҳ. 8

*Ҳама панду ҳама ҳикмат, ҳама аз ҳимматy ғайрат,*
*Мароми зиндагӣ дорад мароми шеъри Мавлоно.*
*Зи авҷи олами боло, ба шӯру шавқи рӯҳафзо,*
*Салои ишқ меояд, давоми шеъри Мавлоно.*
*Баланд аз ақли раҳпаймо, баланд аз фаҳми ин дунё*
*Куҷо марде, ки раҳ гирад ба боми шеъри Мавлоно!*
*Чу шавқам роҳбар гардад, хумори шеъри тар гардад,*
*Қалам бар даст мегирам, ба номи шеъри Мавлоно.*
*Мани шӯрида раҳ пӯям, дар ин бодия раҳ ҷӯям,*
*Чу Аҳлиддинаму ҳастам ғуломи шеъри Мавлоно…*[1]

Мусиқӣ, сабк, баён, лафз ва маъно дар фазои ғазали фавқ ёдовори ҳолу ҳавои ғазалҳои Мавлоност ва шоири муосир ба ирфони ҳастӣ ва маънии будан, аз зовияи шеъри Мавлоно менигарад ва рӯҳи каломи Мавлоноро дар ин ғазал тавонистааст, ки бидамад. Шоир ба тамом эътиқод ва бовар бар он дорад, ки каломи Мавлоно аз олами боло аст ва дарки каломи Мавлоно барои ҷамъи махсус аст. Ҳар кас сазовори каломи ин марди андеша нест ва ҳар кас наметавонад бо сухани Мавлоно баробарӣ кунад ва ҳар кӣ чунин иддао мекунад,ӯ жож мегӯяд. Мусиқӣ, нигаришу нигориш, такрор дар қофия, дарунқофия, зарб дар ғазали Аҳлиддини Ҳисорӣ, ҳамон равиш аст, ки Мавлоно дар ғазалҳои худ аз он бисёр истифода кардааст.

Мавлоно:
*Эй Юсуфи хушноми мо, хуш меравӣ бар боми мо*

Аҳлиддин:
*Замин андар замон рақсон, карон то бекарон рақсон.*

Мавлоно:
*На, на бирав, Маҷнун бирав, хуш дар миёни хун бирав…*

Аҳлиддин:
*Раҳо аз бори тан бояд, ҷудо аз «мову ман» бояд…*

[1]Аҳлиддин Ҳисорӣ, «Адабиёт Санъат», соли 2009, шумораи 47.

Мавлоно:
*Гар қолабат дар хок шуд, ҷони ту бар афлок шуд…*

Аҳлиддин:
*Баланд аз ақли раҳпаймо, баланд аз фаҳми ин дунё…*

Аҳлиддин Ҳисорӣ аз ҳолати нигариш, забон, бадеият ва шеърияти Мавлоно илҳом мегирад ва дар кори сухан худро ғуломи шоири ориф медонад ва манзур аз корбурди калимаи «ғулом» мурид аст, яъне худро дар сухан пайрави Мавлоно донистан аст. Аҳлиддин Ҳисорӣ бо ҳамин эътиқод ба сухани Мавлоно рӯй меоварад ва худро дар дунёи сухан раҳҷӯе мебинад ва намедонад роҳ ба куҷо бибарад ва дар ин сардаргумӣ эътимод ба Мавлоно дорад ва бовар мекунад, ки танҳо ӯ роҳи ҳақиқатро метавонад бар ӯ бинмояд. Мавлоно ба ишқ нигоҳи ирфонӣ дорад ва аз назари ӯ ишқро танҳо дар қаламрави ирфон мешавад ба таври ҳақиқӣ таҷриба кард ва шинохт. Мавлоно бар он аст, ки ишқ дар зиндагии маънавии башар аз муҳимтарин омил аст ва танҳо ишқ аст, ки инсонро он тавр ки мебояд, тарбият мекунад ва камол мебахшад ва инсонро дар зандагӣ рашодат медиҳад, дубора боз месозад. Дар ин раъс «Мавлоно ба хубӣ дарёфта буд, ки беҳтарин роҳи шинохти одамӣ танҳо аз мадхалӣ ишқ имконпазир аст ва хамирмояи ҳама чизро дар ишқ мебинад».[1] Аҳлиддини Ҳисорӣ дар шинохти ишқ, кайфият ва мақоми ишқ таъсир аз Мавлоно дорад ва мехоҳад мафҳуми ишқро чун шоири ориф дар корҳои худ таҳқиқ кунадва бишносад. Аз ин назар мафҳуми ишқ дар ғазалҳои шоири муосир набзи каломи Мавлоноро ба хотир меоварад ва бояд арз кард, ки Аҳлиддин дар зимни таъсир гирифтан аз Мавлоно ҳарфи худро тавонистааст бигӯяд ва муваффақ ҳам бигӯяд. Дар шеърҳои худ ишқро чун Мавлоно сифат мекунад ва аз зовияи ирфони Мавлоно ба ишқ, ба бекарон, ба ҳастӣ, ба инсон менигарад ва дар васфи ишқ чунин байти балиғ ва латиф мегӯяд, ки мавлавиёна аст:

*Ишқ чӯби хушкро орад ба рақс,*
*Пас чӣ ҷойи ҳайрат аз шохи тар аст!*

Аҳлиддин ҳам чун Мавлоно мартабаву мақом ва эъҷози ишқро дар байти фавқ сифат мекунад, ишқро чун Мавлоно иксири офариниш ва муъҷиза медонад, ки аз нафаси ҷонбахши он ҳастӣ зинда мешавад ва маъно мегирад, яъне ишқ аз нигоҳи шоири муосир хушкро сабз мекунад ва сабзро ранги зиндагӣ мебахшад. Аҳлиддини Ҳисорӣ дар кори ғазал ба Мавлоно байъат мекунад ва аз Мавлоно дарси ғазал мегирад ва мехоҳад аз рози ғазали Мавлоно огоҳ шавад ва дар ин хат иқрор мекунад, ки аз шоири ориф розҳоеро фаҳм кардааст ва ба хонанда мегӯяд, бо ман биё, то туро бо рӯҳи сухани Мавлоно ошно бисозам:

*Бастаи сӯзу гудоз аз олами боло ғазал,*
*Як чаман шавқу ҳавас аз хандаи гулҳо ғазал.*
*Ҳолати бехуд шудан чун сӯзи ҷони ошиқон,*
*Васфи он ҳусну ҷамоли дилбари зебо ғазал.*
*Дар ҳарими пардаи эҳсоси шӯрангези шавқ*
*Сурати холу хати он ёри бепарво ғазал.*
*Нашъаи ишқу ҷунуни ошиқӣ дорад ба худ,*
*Шавқу шӯре медиҳад бар ҷону бар дилҳо ғазал.*
*«Чист,- мепурсӣ, - ғазал»,- бо ғамза аз ман, гӯямат:*
*Ин баҳори чеҳраву ин ҳусни беҳамто ғазал.*
*Ҷилваи рӯҳи сухан меҷӯӣ вар, бо мо биё,*
*Ҳарф-ҳарфи дафтару девони Мавлоно ғазал…*
*…Дар замин то чанд по кӯбӣ,паре бикшо дигар,*
*Воҳаи сӯзу гудоз аз олами боло ғазал.*[1]

Дар ғазали ҳозир Аҳлиддин барои намоиши андеша ва тафаккури худ аз вожаи «ғазал» истифода мекунад ва ин вожаи балиғу бадеъ барои шоир нимоди ирфон, камол, иззат ва ҷалол аст. Бо корбурд аз ин калима Аҳлиддин мехоҳад фазои маънавӣ, ирфонӣ ва рӯҳонии Мавлоноро ба хонанда нишон бидиҳад ва мехоҳад бигӯяд, Мавлоно танҳо барои шавқ ва завқ ғазал нагуфтааст, балки ҳарфӣ ӯ башоратест аз олами боло, яъне мақоми сухани шоири ориф, кибриёӣ мебошад.

*Бастаи сӯзу гудоз аз олами боло ғазал,*
*Як чаман шавқу ҳавас аз хандаи гулҳо ғазал.*

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 61

Ғазал ҳамон маънии мастур аст, ки Мавлоно онро дар сурати калимот ба тасвир гирифтааст ва аз ин назар дар ғазалҳои Мавлоно ҳамеша маъност, ки ҳарфи аввалро мезанад ва ғазал ҳамон ҳарфи аввал аст дар ҳунари шоири ориф.

*Ҷилваи рӯҳи сухан меҷӯӣ ар, бо мо биё,*
*Ҳарф-ҳарф, дафтару девони Мавлоно ғазал.*

Шоир барои он ки ҳарфи худро, назари худро, каломи худро арзиш бидиҳад, номи Мавлоноро дар корҳои худ муҳр мезанад, яъне номи шоири ориф ҳуҷҷатест, ки бо истифода аз он шоири муосир мехоҳад, ҳақиқати сухани худро нишон бидиҳад.

Аҳлиддин Ҳисорӣ аз ин фазо ва ин ҳолу ҳаво тавониста хуб истифода кунад ва номи Мавлоно шеъри шоирро мақому ҳусн додааст.

*Куҷо донанд илми ҳоли ҳақро,*
*Ки шарҳи шеъри Мавлоно надонанд.*

Шоир ишорат мекунад бар онон, ки аз ирфони Мавлоно огоҳ нестанд, аз илми ҳол низ бехабар мебошанд ва илми ҳол ҳамон илми ҳақ бошадва осори Мавлоно ҳамчунин аст, яъне илми ҳол ва илми ҳақ аст он. Ва онон ки ба илми ҳол бовар надоранд, ҳаргиз Мавлоноро нахоҳанд фаҳмид. Калимаи «шарҳ» дар байт бар ҳамин маъно бошад, яъне фаҳм ва дарк кардан. Шоир мехоҳад бигӯяд, ки шеъри Мавлоно барои аҳли дил ва аҳди ҳақ бошад ва онон ки ба ҳақ эътимод ва бовар доранд, ба дарки он мерасад ва аммо онон ки ба илми ҳол ва ҳақ эътиқод надоранд, шеъри Мавлоно аз фаҳми онон дур аст.

*Ҳадиси маънавӣ гуфтам, румузи «Маснавӣ» гуфтам,*
*Чӣ ҷои рамзи Мавлоно, ки Синоро намефаҳманд.*

Шоир ба сухан ва бузургии каломи Мавлоно эҳтиром мегузорад ва эҳтироми ӯ аз сидқу садоқат баргу бар дорад. Аҳлиддин эътимод ва бовар бар он дорад, ки осори шоири ориф дар дунёи пурбори сухан ва ҳикмат мондагор аст:

*Дар фарози қуллаи шаъну бузургии сухан*
*Мисли Мавлоно касе кай дер мепояд дигар!*

Аҳлиддини Ҳисорӣ мегӯяд, нуқли сухани мо аз суфраи пурбор, пурмоява ғании Мавлоност ва ҳар он ки аз ин шоири бузург нуқле ба даст биёварад, хони суханаш шаҳдборон хоҳад шуд ва аз дарку фаҳми шеъри Мавлоно билохира ба худшиносӣ ва худогоҳӣ хоҳад расид:

*Ҳарфи Мавлоност нуқли базми мо,*
*Хони неъмат шаҳдборон мешавад.*
*Он ки дарки шеъри Мавлоно мекунад,*
*Кофаре бошад, мусалмон мешавад.*[1]

Ҳамон тавр ки арз гардид, шеъри аз назари андеша ва маъно пурбори Мавлоно барои шоирони тоҷик мактаби омӯзанда аст ва ҳамеша чунин хоҳад монд. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки маҳз баъд аз истиқлоли миллӣ руҷӯи шоирони тоҷик ба фазои андешаи ин шоири ориф ва осори пурбори ӯ бештар гардид. Шоирони тоҷик дар баробари рӯйкард ба осори Мавлоно ишқу муҳаббат ва алоқаи амиқи худро низ ба номи ин абармарди замонҳо тавзеҳ медиҳанд. Мавлоно барои андешамандон ва шоирони тоҷик на танҳо мактаби омӯзиши сухан ва андеша аст, балки манбаи боварҳои миллӣ, ифтихору ғурур ва ҳифзи арзишҳои миллӣ низ мебошад. Истиқлоли миллӣ ба шоирони тоҷик имкони тамом дод, то ин ки ба осор ва афкори Мавлоно амиқтару дақиқтар ошно шаванд ва дар раванди корҳои худ, аз сухан ва андешаҳон ин бузургмард огоҳона таъсир бигиранд. Ҳамин чолишҳои маънавии сухани Мавлоност, ки ҳар шоир ба гунае хостааст, ки бо Мавлоно канор биёяд, бо ӯ ҳамроз бишавад ва ин ифтихорро ба худ бидиҳад, ки аз калому мароми ӯ суд бардоштааст. Таҳқиқ, пажӯҳиш ва баррасии ин мавзӯъ, яъне Мавлоно ва шеъри муосири тоҷик бо чанд матлаби фишурда хулоса намешавад, он аз тарафи муҳаққиқрн ва пажӯҳишгарон бояд густарда баррасӣ гардад. Арзишҳои адабӣ, ҳунарӣ ва ҷилваҳои мастури андешаи Мавлонои бузург дар робита ба ин мавзӯъ дар шеъри муосири тоҷик фарогир аст, зеро таъсири ҳунар, завқ, андеша ва каломи ин абармарди сухан ба шоирони тоҷик, ҳаргиз гусастанӣ нест ва он пойдор аст.

[1]Аҳлиддин Ҳисорӣ, «Вожаҳои ҷон», инт. Адиб, соли 2011, саҳ.16, 24, 36, 50

# БОБИ СЕВУМ

## ИСТИҚБОЛ ВА ПАЙРАВИИ ШЕЪРИ МАВЛОНО ДАР НАЗМИ ТОҶИКӢ

### ОМИЛҲОИ РӮЙОВАРДИ ШОИРОНИ ТОҶИК БА АШЪОРИ МАВЛОНО

Дар «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» корбурди тасвир, ранг, маъно, андеша, балоғати завқ, бадеият ва шеърият дар жарфи калимаҳо ва таркибҳо печида аст, ҷаззобияти ҳунар, шигардҳои маъно,завқу шавқ, каломи латиф ва латофати-маънои ноб дар ин ду асар гарм ва мумтоз аст. Дар маҳфилҳои унс ва адаб, маҳфилҳои аҳли дил, ҳарф чун аз ишқ, маърифат, эътиқоду боварҳо ва ирфон аст, каломи Мавлоно ҳуҷҷат қарор мегирад. Шеъри ӯ дар як калом бо зиндагии мардум ҳамқадам аст, ба зиндагии мардум гиреҳ хӯрдааст ва бо мардум нафас мекашад. Сухани ин суханвари наҷиб ва аҷиб барои мардум ва барои қурб додан аст маърифати мардумро, ҳашру нашри шеъри Мавлоно таҷассуми зиндагии инсонҳост. Шеъри Мавлоно қарнҳост, ки ҳамроҳи мардум ва даст бар дасти мардум аст, бо мардум ба мадорис, ба маҳфилҳо, ба донишгоҳхо, ба масчид, ба бозор, ба сафарҳомеравад. Қарнҳо пушти сар мешавад, оинаи каломи Мавлоно ҳамчунон зулолу равшан аст, гарду ғубори замонҳо натавонист онро тира кунад.

Мардум, донишҷӯ, аҳли завқ, аҳли ирфон дар ҳар ҳолу ҳаво, дар ғаму шодӣ, дар танҳоӣ, дар ғурбат, дар инзиво ба шеъри Мавлоно, ба ҷаҳони андешаи ӯ рӯй меоваранд. «Мақому мартабаи як шоир ё нависанда ва арзиши осори ӯро тӯли муддати таваҷҷуҳ ва истиқболи хонандагон ба осори ӯ ва вусъати доираи интишори он осор таъйин мекунад. Шоире дар ҳаёти худ ё дар солҳое аз ҳаёти худ, дар як шаҳр ё мантақа ё кишвар, шуҳрату маҳбубият меёбад ва баъд ҷузви фаромӯшшудагон дармеояд. Осори шоире дигар муддате дарозтар ва дар паҳнои васеътар бар сари забонҳо ҷой мигирад».[1] Ва осори Мавлоно дар паҳнои адабиёту ҳунар аз шумори он китобҳоест, ки ҳаргиз аз ёдҳо нарафтааст.

[1]Муҳаммадамини Риёҳӣ, «Фирдавсӣ», инт. Қиёс, соли 1375, саҳ. 12

Ва суоле пеш меояд, ки ин ҳама шавқу завқ ва алоқаи мардум ва алоқаи аҳли қалам ба каломи Мавлоно аз куҷо маншаъ мегирад ва чаро ин ҳама алоқаи гарми мардум ба осори ӯ ҳаргиз сард намешавад. Посух ин аст, ки каломи Мавлоно аз назари ҳунари шеър бисёр ҷаззоб аст ва дар каломи шоири ориф рӯҳи ишқ, ирфон, маърифат ва зиндагӣ ҷорист. Каломи Мавлоно инсонро қадру шукӯҳ медиҳад. Ҳамин назар аст, ки осори ӯ аз ҳар адиби дигар бештар аз тарафи аҳли таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Донишвароне чун Николсон, Фурӯзонфар, Зарринкуб, Шамисо, Суруш, Урватулло Тоиров, Худойӣ Шариф, Шафеии Кадканӣ, Алии Даштӣ, Алиризои Сироҷӣ, Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Насруллоҳи Пурҷаводӣ, Алии Авҷабӣ, Сайидмуҳаммади Бурҳонӣ дар робита ба осори Мавлоно корҳои пурбор анҷом додаанд. Манзур дар ин навишта таъсири каломи Мавлоно ба шоирони тоҷик аст ва кадом омилҳо буда, ки шоирони тоҷик аз «Девони Шамс» таъсирҳо гирифтаанд. Барои ошноии бештарба ҷилваҳои дарунии шеъри Мавлоно салоҳ аст, нигоҳе гузаро дошта бошем ба нақш ва таъсири «Девони Шамс» дар шеъри муосири тоҷик. Чӣ роз ва чӣ сеҳр дар каломи Мавлоно ниҳон аст, ки ҳамеша мухотабони худро масҳур месозад. Фикр мекунам, қабл аз ҳар чӣшеърияту бадеият ва сеҳри хаёли шоир аст, ки каломи ӯро имтиёзи ҳунар додааст. Дар ғазалҳои «Девони Шамс» оҳанг, мусиқӣ, зарб, забон, такрори қофия аз назари маъно дар охири мисраъ ва дар васати мисраъдар ҳадди камол ва балоғати ҳунар аст, ки ҳар хонандаеро ба худ ҷазб мекунад.

«Нахустин нуктае, ки дар бораи забони шеър бояд гуфт, он аст, кидар он лафз ба ду эътибор дар кор аст. Яке ба эътибори далолат, бар маънӣ ва дигар бар эътибори сурат ва ҳайати хоси худ».[1] Фазои ин ҳолат ва ин равишро дар «Девони Шамс»-и Мавлонодақиқ метавон мушоҳида кард, маъно ва шеър дар осори Мавлоно ба вусъати осмонӣ, бо шукӯҳу шаҳомат ва ҷалолу камол пеши чашм қад нишон медиҳад. «Файласуф ё худ ҳаким мабдаи азалӣ ё худ ҳақиқати воқеиро дарк мекунад, суфӣ ё худ ориф он ҳақиқатро ҳам мебинад ва бо ӯ ҳам иттиҳоду

[1]Парвиз Нотили Хонларӣ, «Шеър ва ҳунар», инт, Тӯс, Теҳрон, соли 1377, саҳ.158

ҳулул пайдо мекунад».[1] Шеъри Мавлоно чунин аст ва худи шоир низ аз чунин орифон аст, ӯ ҳақиқати воқеиро мушоҳида кардааст ва онро дар каломи худ нақш рехтааст, шеър ӯ, хиради ӯ дар таҳаввули зеҳн, андеша, ирфон, маърифат ва зиндагии маънавӣ ва рӯҳонии мардум таъсирҳо дорад ва ин таъсир имрӯз ҳам ошкор ба назар меояд, ки онро наметавон инкор кард. Шеъри Мавлоно буҳрони мухотабро намедонад, иртиботи мардум ба каломи ӯ ҳамеша буда ва ҳамеша хоҳад буд.

Мавлоно агарчи дар қаволиби суннатӣ шеър гуфтааст, ҳадди андеша ва тафаккури ӯ маҳдуд ва чандметрӣ нест, балки ҳамчун уқёнус аст, ки дар он ҳамеша тӯфони андеша ва маъно мавҷ мезанад. Мавлоно, ин нобиғаи сухан ва ҳикмат аз аркони шеъри суннатӣ ба ҳар гунае ки худ мехоҳад, истифода мекунад ва ихтиёри он ҳама калимаҳоро дар дасти хеш дорад. Аммо худаш дар ин робита чизи дигаре мегӯяд, чунин назар медиҳад, ки ман худ андар ихтиёри калимаҳо қарор дорам, яъне ҳастам, бар ман амр мешавад, ки онҳоро бигӯ ва ман мегӯям.

*Мо чу нойему наво дар мо зи туст,*
*Мо чу кӯҳему садо дар мо зи туст.*

****

*Бо лаби дамсози худ гар ҷуфтаме,*
*Ҳамчу най ман гуфтаниҳо гуфтаме.*

****

*Ин ҷо касест пинҳон, монанди қанд дар най,*
*Ширин шакарфурӯше дуккони ман гирифта.*

«Қудрати Ҳофизи бузург ва ширинсухан дар ин аст, ки метавонад маҳору вазну радиф, қофия ва саноати дигарро дар даст гирифта ва онҳоро дар ниҳояти иқтидор ба истихдоми худ дароварад. Ин аст, ки дар раҳгузори тарҷумаи ғазалиёти Ҳофиз ё худ Мавлоно ва ё шоирони дигар ба забонҳои ғайр ва бегона, он ҳама зебоиҳои савтиву забонии шоиронаи онҳо махдуш мешавад».[2] Осори Мавлоно дар ҳамин ҳолу ҳаво ва ҳамин фазост, зимни зебоиҳои махсус ва расоии калом, аз зоти шеър, бадеият

[1]Муҳаммадқул Ҳазратқулов, «Тасаввуф», инт. Ирфон, Душанбе, соли 1988, саҳ.70
[2]Сайидмаҳмуди Саҷҷодӣ, Маҷ. «Шеър», соли 1384, шумораи 1384, саҳ.96

ва аслоти шеърӣ низ бархӯрдор аст. Дар шеъри суннатӣ ҳамеша авзону қофия ва санатҳои бадеӣ, асолату балоғат, ҳама ба ҳам ниёз доранд. Вақте ин ду хат дар халқи шеър табдил ба як хат мешавад, дуӣ ҳам аз миёна меравад ва танҳо шеър мемонад, ки худро ба намоиш мегузорад.

*Овоз дод ахтар: «Бас равшан аст имшаб»,*
*Гуфтам ситорагонро: «Маҳ бо ман аст имшаб».*
*Баррав ба бом боло аз баҳри ассалоро,*
*Гул чидан аст имшаб, май хӯрдан аст имшаб.*
*То рӯз дилбари мо андар бар аст чун дил,*
*Дасташ ба меҳр моро дар гардан аст имшаб.*
*То рӯз соғари май дар гардиш асту бахшиш,*
*То рӯз гул ба хилват, бо савсанаст имшаб.*
*Имшаб шароби васлат бар хосу ом резам,*
*Шодии он ки моҳат бар равзан аст имшаб.*[1]

Ин ғазал аз ҳамон ғазалҳои пурбори Мавлоност, ки дар он шеър ҷӯш мезанад, ӯ бо ҳисси фитрии худ ва ҳунари ҳайратангези суханварии худ ду рукн, яъне зоҳир ва ботини калимотро дар як рукн, ки номи он шеър аст, мунташир кардааст ва дар ин ягонагии ҳунар садои расои шеър аст, ки ба гӯш мерасад ва шавқу ангезаро ба ваҷд меорад. Ин худ аз он мегӯяд, ки Мавлоно дар сухан чӣ дасти расо ва болое дорад.Бархе аз шеърҳо арзиши ҳадди ақал як бор хонданро дорад ва ё хайр, аммо шеъри Мавлоно аз ин масалҳо истисност. Шеъри Мавлоно, шеъри таҳаммул, андеша, маърифат ва шеъри нигариш аст ба асл дар ҳар чӣ, ки дар ирфон ва ҳақиқат пайванд аст. Ҳамин асолатҳо ва балоғатҳо, насофат, таровати калом, қиёмибаланди андеша, ҷӯшу хурӯш имрӯз дар шеъри муосири тоҷик камтар ба назар меояд. Дар қаламрави шеъри муосири тоҷик, Муъмин Қаноат, шодравон Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Аскар Ҳаким, Фарзона, Доро Наҷот, Раҳмат Назрӣ, Камол Насрулло, Низом Қосим, ва… аз файзи шеъри Мавлоно истифода кардаанд. Шоирони тоҷик зимни таъсир аз шеъри Мавлоно ҳарфи худро, нигариши худро дар шеър таҷриба кардаанд. Яъне муносибат ва муомилаи шоирони тоҷик бо шеъри Мавлоно аз ҷанбаҳои гуногун сурат гирифта ва ҳаргиз дар як қолаби мунҷамид шакл

[1]Гузидаи ғазалиёт, саҳ. 63

нагирифтааст. Дуруст аст, ки ҳар шоире дар шеъри муосир сабк, шева, ҳолат, баён ва муносибати хосси худро бо шеъри Мавлоно дорад ва мутобиқ ба он дар халқи шеър, ҳарфи худро изҳор медорад. «Ҳар ҳунарманде дар кори хеш дорои эҳсоси худ ҳаст, ки онро эҳсоси ҳунарӣметавон номид. Дар ин равиш ҳарчанд шуаро ва нависандагон аз калимоту авзон ва алфози мутаффақӣ, ки дигарон низ онро истеъмолкардаанд, ба кор мегиранд, аммо бешак эҳсоси дарунии онҳо ба авомили хориҷӣ яксон набудааст».[1]

Бо ин назар мешавад гуфт, ки истиқболи гарм аз сухани Мавлоно аз тарафи шоирони тоҷик бисёр зебост, аммо ин истиқбол ба ҳар навъест ва он дар як сурат нест, ҳар кадом аз зовияи худ фазои истиқболи худро рангубор додааст. Ҳар шоир аз санъати такрор коргирифтааст ва ҳар шоир дар халқи шеър ба ин ҳолат рӯ дар рӯ хоҳад шуд ва ногузир аз ин санъат истифода мекунад. Ва гоҳе ин санъат дар кори бархе бисёр дилзананда, дилгиркунанда ва заиф аст, ки шеърияту бадеият низ дар кори шоир камранг ба назар мерасад, зеро шоир, он тавр ки лозим аст, натавониста аз санъати такрор истифода кунад. Аммо дар «Девони Шамс» ин ҳолат мустасност, санъати такрор, каломи Мавлоноро ҳусн додааст ва чи аз нигоҳи маъно ва чи аз нигоҳи мусиқӣ, забон, баён ва шеърияту бадеият. Шоирони тоҷик аз ин шеваи кори Мавлоно ҳам ба ҳадди тавони худ дар халқи шеър истифода кардаанд ва санъати такрор дар шеъри муосири тоҷик низ ба равиш ва сабки Мавлоно мушоҳида мешавад. Санъати такрор ба сабки Мавлоноро бештар дар шеърҳои устод Муъмин Қаноат, зиндаёд Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Аҳлиддини Ҳисорӣ, Озар ва бештар дар ғазалҳои Салими Хатлонӣ ва Одина Раҳмон ин ҳолатро метавон мушоҳида кард.

ШеъриМавлоно шеъри кашф, мушоҳида, нав, пурбор ва латиф аст, ки он дар садри ҳунарҳои адабӣ қарор дорад ва низ аз ин назар таъсирҳои лозимро ба шоирони баъди худ ва шоирони имрӯз бешак доштааст. Дар ҳар ҳолати равонӣ, вақте ғазалҳои Мавлоноро хонанда бихонад, ҳисси дидан дар ӯ чашм мекушояд ва тасаввурро дар воқеият эҳсос мекунад. Ҳисси та-

[1]Тавфиқ Субҳонӣ, «Таъсири Ҳофиз аз Ироқӣ ва Саъдӣ», инт. Пайк, Теҳрон, соли, 1368, саҳ.24

саввур ва ҳисси хаёл дар ғазалҳои Мавлоно диданист, тамошост ва каломи ӯ инсонро ба шукуфтан ва шинохтан, бедорӣ, ҳидоят мекунад. Ин шоири ориф шеърро мутобиқ ба рӯҳонияти инсонҳо гуфтаст, шавқу завқ ва табиати мардумро дар тамоми шеърҳои худ ба кор гирифтааст. Яъне ӯ табиат, завқ, шавқ ва хостаҳои маънавӣ ва рӯҳонии мардумро дар шеър овард ватабиати шоирии худро бо ин хостаҳо гиреҳ зад. Чунин аст, ки сухани Мавлоно аз нигоҳи баён, забон, завқу шавқ, андеша ва отифа шабоҳатитамом ба табиати мардум дорад, муҳтаво, маъноиофаринӣ, арзишҳои инсонӣ дар кори Мавлоно, бозгӯи завқ ва табиати мардум аст. Дигар аз ҷилваҳои равшан, гарм ва метавон гуфт нодир, ки шоиронро баночор водор менамояд ба шеъри Мавлоно рӯй биёваранд, муомилаи бисёр ҳакимона, ҳушмандона, ҳунармандона ва шоиронаи ӯ бо забон аст.

Ҳамин хусусиёт аст, ки мешавад гуфт, «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно аз назари ҳунар аввал асари сирф миллист ва баъдан ҷаҳонӣ. Дар ин хат бояд тазаккур дод, ки шоирони тоҷик аз шеъри Мавлоно таъсир гирифтаанд, аммо ин таъсир ҳаргиз таъсири тақлидӣ, хушк ва такрорӣ нест, балки ҷилваҳои пурбори худро дорад. Яъне шоирони тоҷик дар корҳои худ аз шеъри Мавлоно огоҳона, ҳушмандона ва шоирона таъсир гирифтаанд. Ҳамон тавр ки борҳо ин назар иброз гардид ва он дуруст ҳам ҳаст, каломи Мавлоно, андешаи Мавлоно бисёр сахт ба забон, фарҳанг ва суннатҳои мардум пайванди амиқ ва жарф дорад ва як омили равшан ва рӯйкарди шоирони тоҷик ба шеъри Мавлоно ҳамин ҷилваҳои равшан дар шеър ва тафаккури шоири ориф мебошад. Яъне шоирони тоҷик дар каломи Мавлоно як суханвари худиро мебинанд, суханваре, ки фазои андеша, фазои забон ва баён дар корҳои ин шоири ориф, барои суханварони тоҷик бегона нест. «Забон… ҳамин ки по аз ҳадди содагии худ берун гузошт ва худро дар қаламрави ҳунар ва санъат кашид, ба ҷаҳони адабиёт дохил шудааст. Пас, адабиёт чизи дигаре ҷуз ҳамон забон нест, ки бо либоси фохиртаре мултабис аст ва табъан ба сабаби ҳамин тайин ва ташхиси бешу кам, кори худро ҳам каму беш иваз кардааст».[1] Дар забони Мавлоно, ҳамон тавр ки иброз шуд, ҳамон забони мардум

[1]Маҳдии Ҳамидӣ, «Фунуни шеър», инт. Гулистон, Теҳрон, соли 1363, саҳ. 9

аст, ки шоир ҳунармандонаву огоҳона ин дурдонаҳои маъниро ба риштаи шеъркашидааст.

Ҳамин ҳунармандии суханвар аст, ки ҳар калима дар ғазалҳои ширини ӯ табдил мешавад ба дурри маъно ва гавҳари маърифат. Забони дарунӣ ва берунии бадеъ ва коркарди ороягҳо дар ғазалҳои Мавлоно бисёр қавӣ ва устодона аст, ки хонанда мафтун аз он мешавад ва намехоҳад дигар аз Мавлоно даст бардорад. Муҳимтарин омил ва низ сабабҳои дигар, ки дар чашм аз нигоҳи аввал, гӯиё он ҳама камарзиш ҳастанд, аммо он ҳама дар кори Мавлоно розҳои худро дорад, чунин аст, ки фазои истифода аз калимаҳо дар кори шоир маҳдуд нест. Дар корбурди калимаҳо фазои баёни Мавлоно чунон густарда аст, ки бо як нигоҳ наметавон он ҳамаро фаро гирифт ва ин худ аз бузургии андеша ва донистани тамоми калимаҳо, тамом ворид будани ӯ ба забони модарӣ аст. Дар ин хат ва ин фазо метавон чунин натиҷа гирифт, ки шоирони тоҷикро,он чи дар шеъри Мавлоно ба худ ҷазб кардааст ва ҷазб хоҳад кард, азамати андеша ва тафаккури шоири ориф аст ва ин ҷилва дар аркони шеъри шоир ҳамеша дар хатти аввал аст. Азамати андеша ва тафаккуриустувори шоири ориф аст, ки дар кори шеър ва сухан, бештар зеҳни шоирони тоҷикро ба худ машғул медорад ва ин таъсир дар шеъри муосири тоҷик бармало мушоҳида мешавад. Паноҳ бурдани шоирони тоҷик ба номи Мавлоно дар коргузории шеър ва қарор гирифтани номи Мавлоно чун нимоди бузургии андеша дар шеъри шоирон гувоҳ бар ин ҳарфи мост. (Дар боби севум дар робита ба ин мавзӯъ муфассал суҳбат хоҳад шуд. М.А.). Дар зимн бояд гуфт, ки ҳушмандӣ, нигоҳ, шеърият, мусиқӣ, хирадварзӣ, ҳаракат дар сохтори шеъри Мавлоно бисёр фаъъол аст ва ин ҳолати каломиМавлоно низзеҳни шоирони тоҷикро тасхир кардааст.

Дар ҳамин фазо, айният ва зеҳният, инсонсолорӣ ва хирадварзӣ ҳам аз ҷилваҳои муҳим аст, ки шоирони тоҷик дар корҳои худ аз Мавлоно таъсир гирифтаанд ва ин бардоштро ба ҳадди тавоноии худ ба таҷриба гирифтаанд. Худшиносӣ, огоҳӣ, ирфонталабӣ, ҳушёрӣ, ва хирадварзӣ, чи дар инсони асри Мавлоно ва чи дар зиндагии инсони муосир ҳамеша нақш доштааст, ин мафоҳим ҳувият ва асолати инсонҳо будааст. Инсони муосир ба ҳар кӯе худро агар бизанад, дар ғафлатҳои мубҳам

умр ба сар бибарад, ногузир аст, ки бо ин ду мафҳум – худшиносӣ ва хирадварзӣ сару кор дошта бошад. Нимо Юшич дар як мақолаи хеш чунин менигорад: «Шеъри суннатии мо мисли мусиқии мо васфулҳолист ва ба ҳадди аълои худ субжектӣ (дур аз ҳақиқат). Бинобар ин наметавонад муҳаррики эҳсосоте мисли ғамангез ё шодиафзо бошад, магар ин ки ба ҳолати зеҳнии касе вақф диҳад, зеро чизеро муҷассам намекунад, балки ба ёд меоварад».[1]

Дар ин таъриф ду унсури шеъри суннатӣ фаромӯш шудааст, он хирадхоҳӣ, хирадварзӣ ва худшиносӣ мебошад ва ҳар калом бидуни ин ду унсур мондагор нест, бахусус шеър. Мавлоно дар осори пурбори худ ин ду унсурро барои инсонҳои доно ба намоиш гузоштааст. Инсон ҳамеша дар қаламрави зиндагии худ дунболи ҷустуҷӯҳост, тоза дидан, тоза гуфтан ва тоза шинохтанро дӯст бидорад ва агар дар ин ҷустуҷӯҳо аз худшиносӣ ва хирадварзӣ фаромӯш кунад, он ҳама ғайрати тозаи ӯ дар шинохти ҳақиқати зиндагӣбеҳуда аст. Осори пурбори Саноӣ, Аттор, Мавлоно, Саъдӣ ва Ҳофиз бо ҳамин хусусиёти худ мондагор ҳастанд ва ба ҳолатҳои маънавӣ, рӯҳонӣ ва иҷтимоии инсони муосир ҳам созгор мебошанд ва дар ғаму шодии онҳо, бешак, муассир низ метавонанд бошанд. Агарчи шеър сурати навишторӣ дорад, боз ҳам аҳамияти он дар шунидани он аст ва ҳамин сурати навиштории он дар калимот далолат мекунад ба шунидании он, зеро аз ин тариқ садои шеърро мешавад шунид, садои маъно, андеша ва айнияти онро. Дар ин сурат маъно ва паёми шеър мусовӣ таҷассум мешавад, яъне таҷассуми маъно ва паём дар ҳолати шеър шакл мегирад.

Ин ҳолатро имрӯз дар шеъри Ғарб ва шеъри муосир шеъри таҷассумӣ номидаанд ва дар шеъри муосири тоҷик ҳам он ба мушоҳида мерасад. Ин зебоӣ ва ин расоии ҳунар дар ғазалҳои Мавлоно фаровон аст ва он барои хонанда як ҳолати маъмулӣ мебошад ва зиёд мавриди таваҷҷуҳ қарор намегирад. Зеҳну тафаккури хонанда ба ин ҳама расоӣ ва зебоӣ дар каломи Мавлоно одат кардааст ва ӯ ҳини мутолиаи сухани Мавлоно дар ҷустуҷӯи чизи дигарест, ки болотар аз ин ҳолатҳост ва он чизи дигар ҳамон маърифат, ирфон, ишқ ваҳузури маъно дар шеър

---

[1]Нимо Юшич, «Дар бораи шеър шоирӣ», инт. Тӯс, Теҳрон, 1385, саҳ.31

аст. Омили дигари рӯйкарди шоирони тоҷик ба шеъри Мавлоно ҷустуҷӯи ҳамон чизи дигар аст, яъне маорифи андеша, ирфон ва шинохтани маъно. «Шоироне, ки бидуни таваҷҷуҳи махсус ба матолиби ҷомиа ва суфоришоти иҷтимоии мардуми асри хеш шеър мегӯянд ва инзивои хешро ҳамеша ба пои шеърнофаҳмии мардуми замони хеш мегузоранд, роҳи худфиребиро пеш гирифтаанд ва шояд дучори навъе таваҳумми нубуғи адабӣ ва худбузургбинӣ шудаанд. Қадри мусаллам шоире, ки имрӯз натавонад ба мардуми замонаи хеш иртибот барқарор кунад ва ба забони онон сухан бигӯяд, фардо ҳаргиз нахоҳад тавонист, дар адабиёти мо ҷойгоҳе шоиста дошта бошад».[1]Дар ин раъс муҳамтарин нукта дар осори Мавлоно ҳамин ишорат аст, яъне шоири ориф бо мардуми замони хеш иртиботи маънавӣ ва ирфонӣ дошт ва низ бо хоҳиши дӯстон дар мавзӯъҳои худшиносӣ, ишқ, маърифат, инсонсолорӣ шеърҳо мегуфт, ки намунаи он «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» аст.

Ба қаламрави ин бӯстони гулбор аз маънӣ ва маърифат ҳар он ки раҳ ёфт, ҳар он ки асли сухани шоири орифро фаҳм кард, дигар намехоҳад аз он бурун ояд, зеро ширинии ғазалҳои Мавлоно хотирро ба худ машғул медорад. Хонанда гӯё ки аз каломи Мавлоно афсун мешавад ва лаҳза-лаҳза ба тамом асири каломи суханвар мегардад. Чунинаст, ки дар ин раъс шоирони пешгоми тоҷик барои рафъи халои маънавии вақт, ба Мавлоно руҷӯъ кардаанд ва шоироне ҳамчун устод Муъмин Қаноат, зиндаёд Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона, Раҳмат Назрӣ, Доро Наҷот, Низом Қосим, Муҳаммад Ғоиб, Салими Хатлонӣ, Ворис, Аҳлиддини Ҳисорӣ, Озар бештар аз Мавлоно файз гирифтаанд. Аз ин рӯ ҷанбаҳои миллӣ ва суннатҳои миллӣ дар шеъри ин шоирон бештар ба дида меояд. Ҳамин ҳамканорӣ бо каломи Мавлоност, ки шеъри ин шоирон дар миёни мардум бештар шуҳрат ва маҳбубият дорад. Тардиде нест, ҳар он шоир, ки дар инзиво меравад ва бовар ба он дорад, ки дар инзиво метавонад дар бораи мардум шеъри хуб бигӯяд, ғалат кардааст, ҳар он шоир, ки аз мардум буридааст, ба ҷое роҳ набурдааст ва ҳар он шоир, ки бо мардум пайванди рӯҳонӣ ва маънавӣ дошта,

---

[1]Ризо Исмоилӣ, «Шеъри мафҳумӣ ва …», маҷ. «Шеър», соли 1384, шумораи 44, саҳ.36

шеъри ӯ бо мардум дар ҳар замон зиндагӣ кардааст, чун шеъри Мавлоно.

Ҳамон тавр ки пайдост асл ва ҷавҳари каломи Мавлоно барои ҳидоят ва тарбияти инсон аст ва ин мавзӯъ рӯҳ, асл ва ҷавҳари тамоми осори ӯст ва инсон дар он ҳама чиз аст ва ин ҳама чиз дар сояи раҳмати ишқ ва маҳбуб. Инсон бо вуруд ба ҷаҳони андеша ва шеъри Мавлоно вораставу огоҳ ва соҳибдил мешавад. Инсон аз файзи каломи ин марди андешаҳо худро ислоҳ мекунад, яъне бозсозӣ мекунад ва ин масъала дар осори Мавлоно диққати шоирони тоҷикро низ аз дергоҳ ба худ ҷалб кардааст. Бозсозии рӯҳонӣ, хушбинӣ, худогоҳӣ ва маънавии инсон дар саросари осори ӯ мешавад гуфт, дар ду ҳолат сурат мегирад, аввал инсони ошиқ, ки дунболи ишқи ҳақиқист ва дувум инсоне, ки худродар фарозу фурудҳо ҷустуҷӯ мекунад. Шоирони тоҷик дар шинохти инсон аз таҷрибаи кори Мавлоно дар шеър истифода мекунанд ва мактаби шеъри ин шоири ориф барои ҳар шоирмуфиду судманд аст. Мутаассифона як раванди номатлуб, ки дар шеъри имрӯз ба назар меояд, ба ҳам омехтани ҳолатҳои тахайюл ва хаёлбофист, яъне шоир ҷойи он ки дар халқи шеър аз тахайюл кор бигирад, дар хаёлбофӣ калима месозад. Хаёлбофӣ бар хилофи тахайюл ба асолати шеър латма ворид мекунад ва шеърият дар шеър шикаста мешавад. Шоирони тоҷик дар ин хат бештар аз шеъри Мавлоно ҳолати андеша ва тахайюлро ба таҷриба гирифтаанд, дар сохтори тахайюл ва шеваи кори вай шеъри худро ба ҳар гуна шакл медиҳанд, яъне шеъри онҳо ба шеърият ва бадеият мерасад.

Ин фазои маънӣ ва андешаро дар жанрҳои гуногун, суннатӣ, нимоӣ ва мудерн таҷриба кардаанд ва ҳамчунинин равишро шоирони тоҷик дар кори худ тавонистаанд истифода кунанд ва дар ин самт муваффақ низ ҳастанд. Муҳтаво, маъно, андешаҳои дарунӣ, берунӣ, сохтори анвои ҳунари адабӣ, аз рукнҳои муҳимва аввал дар кори шеър аст ва дар кори Мавлоно ин ҷилва ҳамеша равшан аст ва ҳаргиз ранги худро кам ё гум накардааст. «Маъно дар ҳар шеър шарти аслист, бояд барои ба даст овардани он ба ҳар сӯ рафт. Дар калимоти авом, дар калимоти хавос ва дар калимоте, ки асоси тавлид, тахайюл ва таркиби он дар пеши шоир аст ва он маъниҳои тоза ва мухталиф ҳастанд… Калимоти мардум ҳамеша бо мардум сохта мешавад ва барои

нишон додани табиати вуҷуд, шоир бояд, ки калимоти худро дошта бошад. Ва он чиро намеёбад интихоб кунад, аз миёни он чи маънус аст ё нест».[1] Аз ин назар ҳарфҳои сода ва равони мардум дар ҳавзаи андешаи Мавлоно табдил ба шеъри болиғ мешавад, шеъри печида дар жарф ва умқи тафаккур. Як тафсири бисёр равшан ин аст, ки номи Мавлоно дар қаламрави шеъри муосири тоҷик ва дар кори шоирон нимоди инсони комил аст, шоирони тоҷик вақте ба мавзӯи инсон аз хатти инсонсолорӣ нигоҳ мекунанд, дар шеър ба беҳтарин баён даст меёбанд ва дар ин ривол, ҳатман аз Мавлоно кумак мепурсанд. Ва дар ин хат ҳар шоири тоҷик аз номи Мавлоно ва Шамс ҳатман ёд меоварад, истифода азноми ин ду орифи бузург шеъри шоирони тоҷикро рӯҳ ва камол мебахшад.

Баёни ангезаҳои ботин ва дағдаҳои табиати инсон дар кори ғазал кори андак нест, аммо Мавлоно тавонистааст рӯҳи ғазалро дар ин фазо болу пар бидиҳад ва дағдаҳои ботини инсонро дар сурати калимаҳо тасвир кунадва шоирони тоҷик аз ин равиши Мавлоно дар кори шеър ба ҳадди зарфият ва тавони худ истифода кардаанд. Бо ин ҳама ҳуҷҷат мешавад иддао дошт, ки он чи дар осори Мавлоно шоиронро ба худ ҷазб мекунад, равонии калом, маъно, ирфон ва маърифати тафаккур аст ва каломи ӯ танҳо барои як матлаб аст, барои тарбияти инсон. Мавлоно бо баёни муҳкаму устувор маърифати андеша ва шеърро дар қолаби ғазалҳои худ мерезад ва ин ҳунари баланди ӯ аз тарафи шоирони тоҷик ба ҳар тариқева ҳар гунаеистиқбол гардидааст. Мавлоно бо ин равиш дар инсон ҳисси хуфта ва ғайратро бедор мекунад ва ин нукоти муҳим аст, ки рӯйи шеъри шоирони тоҷик таъсири мусбат ниҳодааст. Шоироне ҳамчун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона, Доро Наҷот, Озар бештар ҳамин фазои каломи Мавлоноро дар корҳои худ ба истифода гирифтаанд.

Шоирони тоҷик ҳар кадом аз зовияи ҳис ва андешаи худва завқу салиқаи фитрии худ бо осори Мавлоно канор омадаанд, масалан устод Муъмин Қаноат бештар аз лиҳози андеша ва тафаккур Мавлоноро ба ёд меоварад. Устод Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор бештар аз назари шавқ ва балоғати баён аз Мавлоно

[1]Нимо Юшич, «Ҳарфҳои ҳамсоя», маҷ. Нома, шумораи 49, саҳ.67

таъсир гирифтаанд. Салими Хатлонӣ аз ирфон, Абдуқодири Раҳим аз маърифати ишқ, Сайёд Ғаффор аз зебоии забони Мавлоно бештар таъсир гирифтаанд. Шеъри муосири тоҷик аз баракати каломи Мавлоно андак-андак худро аз назари шеър устувор кард ва аз як маҳдудаи беранги фикрӣ худро берун овард ва дар фазои нигариш ба марҳилаи тоза расид. Дар ин хат мешавад гуфт, киҳолу ҳаво, фазои андеша ва сувари хаёли Мавлоно аз марзи шеърҳои суннатӣ убур карда, ба шоирони сапедсаро низ таъсир ниҳодааст. Шоири сапедсарои тоҷик устод Доро Наҷот барои баён ва нишон додани шаҳомат ва умқи шеъри худ дар чанд маврид аз номи Мавлоно истифода мекунад. Манзури шоир Доро Наҷот аз истифодаи номи Мавлоно дар шеъри сапеди худ намоши ирфонии андеша аст дар ҳошияи номи шоири ориф. Доро Наҷот мехоҳад бигӯяд, асл ва ҷавҳари ҳунар андеша аст ва агар шеър аз андешаи пурбор тиҳист, он шеър нест ва номиМавлонодар ин раъс нимоди андеша, ирфон ва шеъри асил аст дар сапедҳои Доро Наҷот.

*Меояд*
*Чу як боғ насим,*
*Чу як пираҳан ҷавлон,*
*Дар ӯ*
*Дастафшону покӯбон*
*Лутфи сухан меафшонад Ҳофиз.*
*Дар ӯ дастобадаст*
*Меарғушад*
*Се масти аласт:*
*Яке Боязиду*
*Яке Бӯсаиду*
*Яке Мавлоно…*

****

*Меояд,*
*Найвориямро*
*Месарояд*
*Мавлавивор…*

****

*Ман удвориямро*
*Нолапайванд*
*Ба ҳалқаҳои дуди самои Мавлоно меёбам…*[1]

Доро Наҷот аз рӯҳонияти каломи Мавлоно мутаассир аст ва дар шеърҳои худ аз ҳамин ҷилваҳои шеъри Мавлоно дар корҳои худ ҳарф мезанад ва шеъри худро аз фазои шеъри Мавлоно ҷудо намедонад ва худро пайванде медонад дар ҳалқаи ҳаводорони Мавлоно. Ин ҳама бар он ишорат медорад, ки шеъри Мавлоно посухгӯи қолаб ва жанр нест, балки он посухгӯи маърифат, андеша ва тафаккур аст, он гуна ки устод Доро Наҷот дар шеърҳои сапеди худ аз андеша, тафаккур ва ирфони Мавлоно истиқбол кардааст ва бо истифода аз номи Мавлоно сохтори андешаи худро ранги ирфонӣ додааст. Мавлоно дар зеҳн ва рӯҳи башар азони ишқ мехонад ва башарро ба намози ишқ ва тафаккури ҳамешасабздаъват мекунад, тафаккури худогоҳӣ, тафаккури зебоӣ ва тафаккури чӣ гуна зистан ва инсон будан…

[1]Доро Наҷот, «Маҳтобе хамида дар рукӯъ», инт. Адиб, соли 2006, саҳ. 62, 141, 142.

# БАРХЕ АЗ ҶИЛВАҲОИ ШЕЪРИ МАВЛОНО ДАР АШЪОРИ УСТОД МУЪМИН ҚАНОАТ

Дар шеъри муосири тоҷик устод Муъмин Қаноат аз он шоиронест, ки ирфону маърифати каломи Мавлоноро дар шеърҳои худ ба таҷриба гирифтааст. Маърифати шеъри устод Мӯъмин Қаноат аз он мегӯяд, ки ӯ беш аз ҳар шоири дигар дар майкадаи шеъри Мавлонотавонистааст машрабҳо кунад. Дар сабк, баён, забон, яъне дар санъат, сурат, шеъри ин ду шоир, аз ҳам дар зоҳир тафовутҳое доранд, аммо аз назари маърифат ва то ҷое ирфон, нигариш ба ҳастӣ ва ишқ устод Муъмин Қаноат аз Мавлоно бисёр истиқбол кардааст ва истиқболи устод бисёр муваффақ ҳам мебошад.

Муъмин Қаноат:

*Ҳар шаб аз ёди дилам шоҳи саворон бигзарад,*
*Ёдҳо чун бодҳои навбаҳорон бигзарад.*
*Мешитобад аз паси тобути асби бесавор,*
*Аз узори гулъузорон шохборон бигзарад.*
*Мезанад сум, мезанад ӯ шиҳаи гардуншикоф,*
*Аз малак ин шиҳаҳои хоксорон бигзарад.*
*Меравад асби Диловаршоҳ ёлу дум зада,*
*Ханҷари гесубураз мӯи Майистон бигзарад.*
*Меравад тобути ӯ аз роҳи чун пули Сирот*
*Дар ҳаво дастобадасти сӯгворон бигзарад.*
*Шаст фарсах наъши ӯро дар замин нагзоштанд,*
*Чун гузашт аз тирборон, нурборон бигзарад.*
*Тан ба ин соҳил фитоду ҷон ба он соҳил гузашт,*
*Ӯ чу дарё меравад, сад рӯзгорон бигзарад.*
*Аз қафо тире, ки ӯ хӯрдаст, меояд зи пеш,*
*Мекушояд парда, даври пардадорон бигзарад.*[1]

Ғазали фавқ аз назари сабк, маъно, нигоҳ ба мавзӯъ ва забон аз сабки ғазалҳои Мавлоно тафовут дорад ва ғазали устод Муъмин Қаноат аз ҳолу ҳавои сабки шоири ориф комилан дар самтидигар қарор дорад, забони он забони шеъри муосир аст.

---

[1]Муъмин Қаноат, «Баргузидаи Ашъор», инт. Алҳудо, Теҳрон, соли 1373, саҳ. 169

Аммо аз назари маъно ва рӯҳоният ва ирфон ин ғазал рӯҳонияти ғазалҳои Мавлоноро ба хотир меоварад. Он аз шурӯъ, ҳолат ва фозои маънавиву ирфониро дар зеҳн буруз медиҳад ва ҳисси ботиннигарӣ дар шеър мечӯшад ва дар зимн маърифати шуҳудхоҳӣ аз ғазал рух нишон медиҳад. Ва ин фазо ҳамон фазои шеъри Мавлоност ва ғазалҳои шоири ориф аз ин отифа саршор аст. Устод Муъмин Қаноат калима дар калима ҳолати маъноро дар ғазал ба тасвир мегирад ва дар ниҳоят ҳолатҳои тасвир дар ирфони растагорӣ хулоса мешавад. Мавлоно ҳам дар «Девони Шамс» аз ирфони расидан ба васли дӯст бисёр истиқбол кардааст ва тавсифи ин мавзӯъ дар ғазалҳои ӯ гарм аст.

*Соқӣ, зи паи ишқ равонаст равонам,*
*Лекин зи малулии ту кунд аст забонам.*
*Мепаррам чун тир суи ишрату нӯшат,*
*Эй дӯст, бимашкан ба ҷафоҳот камонам.*
*Чун хайма ба як пой ба пеши ту ба поям,*
*Дар хиргаҳат, эй дӯст, дарору бинишонам.*
*Ҳин, он лаби согар бинеҳ андар лаби хушкам,*
*В-он гаҳ бишунав сеҳри муҳаққақ зи даҳонам.*
*Бишнав хабари Бобилу афсонаи Воил,*
*Зеро зи раҳи фикрат сайёҳи ҷаҳонам.*
*Маъзур ҳамедор, агар шӯр зи ҳад шуд,*
*Чун менадиҳад ишқ яке лаҳза амонам.*
*Он дам ки малулӣ, зи малулит малулам,*
*Чун даст бишӯӣ зи ман, ангушт газонам.*
*Он шаб ки диҳӣ нур чу маҳ, то ба саҳаргоҳ*
*Ман дар паи моҳи ту чу сайёра давонам.*
*В-он рӯз, ки сар барзанӣ аз шарқ чу хуршед,*
*Монандаи хуршед саросар ҳама ҷонам.*
*В-он рӯз ки чун ҷон шавӣ аз чашм ниҳонӣ,*
*Ман ҳамчу дили мург зи андеша тапонам.*
*Дар равзани ман нури ту рӯзе ки битобад,*
*Дар хона чу зарра ба тараб рақскунонам.*
*Эй нотиқа, хомӯш ӯ чу андеша ниҳон рав,*
*То боз наёбад сабабандеш нишонам.*[1]

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ. 288-289

Дар ҳар ду ғазал ҳисси эътиқод, сидқу садоқат, пойдорӣ ба аҳд, ишқ, бовар дар роҳи расидан ба ҳақ ва ҳақиқат аст, ки худро нишон медиҳад ва дар ҳар ду ғазал ирфони растагорӣ ва мақому мартабаи инсони дар ишқи маҳбуб растагор тавсиф мешавад. Ҳолати тавсифи растагорӣ дар ҳар ду ғазал аз ҳам фарқ мекунад, вале ҷавҳар ва рӯҳи ирфони растагорӣ дар ҳар ду ғазал ба ҳам шабоҳат дорад.

Мавлоно:

*Соқӣ, зи паи ишқ равонаст равонам,*
*Лекин зи малулии ту кунд аст забонам.*
*Мепаррам чун тир суи ишрату нӯшат,*
*Эй дӯст, бимашкан ба ҷафоҳот камонам.*

Ва устод Муъмин Қаноат дар шеъри муосири тоҷик баъд аз қарнҳо чун Мавлоно растагорӣ ва озодагии як ҷавонмарди бедордилро дар роҳи мубориза, барои озодагӣ ва растагорӣ, болиғ, муҳкам, пурбор аз назари маъно ба тасвир мегирад.

*Шаст фарсах наъши ӯро дар замин нагзоштанд,*
*Чун гузашт аз тирборон, нурборон бигзарад.*
*Тан ба ин соҳил фитоду ҷон ба он соҳил гузашт,*
*Ӯ чу дарё меравад, сад рӯзгорон бигзарад.*

Дар ҳар ду ғазал ҳамосаи бузургмардӣ, ҷавонмардӣва шуҷоат дар роҳи расидан ба ишқ, ба маҳбуб тасвир мешавад, дар ғазали Мавлоно шуҷоати ошиқ аст ва тараққии камол ва шинохтани ишқ, гарм ва латиф тавсиф мешавад. Дар ғазали устод Муъмин Қаноат шуҷоат ва ҷонфидоии ҷавонмарде бо номи Диловаршоҳ тавсиф мешавд, ки ӯ низ чун як инсони озодадар роҳи нангу номус бо ғосибон пайкор мекунад. Ирфони растагорӣ ва ҷавонмардӣ дар ғазали Мавлоно ва устод Муъмин Қаноат калима дар калима ҷорӣ аст ва ин фазост, ки ҳар ду ғазалро аз назари маъно ва андеша ба ҳам наздик кардааст. Озодагӣ ва растагорӣ аз назари Мавлоно ва устод Муъмин Қаноат савдо намешавад ваҳар инсоне, ки бедор, озода ва растагор аст, дар роҳи расидан ба мурод чун Мавлоно ва чун Диловаршоҳ сахткӯш аст, баҳақ ашхосе чунин ҷуз ба маъшуқ ва ишқ бар ҳеҷ кас таслим нахоҳанд шуд. Ва инсоне аз ин табор ҳаргиз ва ҳеҷ гоҳ ба имони худ, ба асолати худ ба маърифати худ, ба арзишҳои миллӣ ва инсонӣ, ба мардуми худ, ба марзу

бум, ба Ватани худ ва аҳду паймон, ки басатаст хиёнат нахоҳад кард. Аллома Муҳаммад Иқбол дар ҳамин маънӣ фармудааст:

*Пеши по зан тахти Кайковусро,*
*Сар бидеҳ, аз каф мадеҳ номусро.*[1]

Мавлоно бо ин равиш ва бо ин тарзи баён дар фарозу фуруди зиндагӣ ба инсонҳо дарси худомӯзӣ, нерумандӣ, ғайрат, шарафимон, ва ростӣ медиҳад ва устод Муъмин Қаноат низ дар ҳамин ҳолу ҳавои ғазалҳои Мавлоно дар халқи шеър андеша мекунад. Аз назари шаклбандӣ, сохт ва фазои андеша, гоҳе нигоҳи устод Муъмин Қаноат бо фазои андешаи шоири ориф ҳамрангӣ дорад ва устод аз Мавлоно дар робита ба ин мавзӯъ таъсирҳо гирифтааст, аммо зикри ин нукта воҷиб аст, ки устод ба шеъри Мавлоно огоҳона канор омадааст ва огоҳона аз шеъри шоири ориф таъсир гирифтааст. Дар ғазали ӯ мисраъҳоеро дар ин равиш метавон мушоҳида кард:

*Чун гузашт аз тирборон, нурборон бигзарад,*

****

*Тан ба ин соҳил фитоду ҷон ба он соҳил гузашт.*

Ҳам аз нигоҳи Мавлоно ва ҳам устод Муъмин Қаноат асли мурод аз таркиби нурборон расидан ба мартабаи ҳақиқат ва кашфи шуҳуд аст, он ҷо ки ҳама чиз ишқ аст ва ҳама чиз таҷаллии ҷамол ва камоли маҳбуб бошад. Мавлоно ва устод Муъмин Қаноат аз ду манзар ирфон ва ишқро ба тасвир гирифтаанд ва нур фано шудан аст дар ишқ ва ҷамоли маҳбуб. Мавлоно мефармояд, ошиқ бояд аз худ бигзарад ва дар оби ҳаёт, ки он, ҳамон ишқ аст, фурӯ биравад ва манзур аз оби ҳаёт шинохтан низ бошад. Ҳар ошиқ, ки дар оби ҳаёт фурӯ биравад, ба мурод низ бирасад ва хокпораҳои ӯ лаълу гуҳар мешавад аз баракати ишқ ва иксири ишқи маҳбуб. Устод Муъмин Қаноат дар ҳамин фазо мегӯяд,чун тани ошиқбар ин соҳил (дунё) фитад, рӯҳи ӯ ба соҳили дигар, ки он васли маҳбуб аст, хоҳад расид. Фитодан ба соҳили дигар бар маънии расидан аст ба дидори маҳбуб. Дар ҳамин маъно Мавлоно ҳам фармудааст, ки баркаш ту ҷомаро ва дар оби ҳаёт фурӯ рав ва ҳарфи устод Муъмин Қаноат дар

[1]Муҳаммад Иқбол, Девон, саҳ. 128

асл ҳамин ҳарфи Мавлоност, ки танҳо дар баён аз ҳам фарқ мекунанд.

Мавлоно:

*Саҳро хуш аст, лек чу хуршед фар диҳад,*
*Бӯстон хуш аст, лек чу гулзор бар диҳад.*
*Хуршеди дигарест, ки фармони ҳукми ӯст,*
*Хуршедро барои масолиҳ сафар диҳад.*
*Бингар ба тӯтиён, ки пару бол мезананд,*
*Сӯи шакарлабе, ки бар ишон шакар диҳад.*
*Ҳар кас шакарлабе бигузидаст дар ҷаҳон,*
*Моро шакарлабест, ки чизи дигар диҳад.*
*Моро шакарлабест, шакарҳо гадои ӯст,*
*Моро шаҳаншаҳест, ки мулку зафар диҳад.*
*Ҳиммат баланд дор, агар шоҳзодаӣ,*
*Қонеъ машав зи шоҳ, ки тоҷу камар диҳад.*
*Баркаш ту ҷомаҳову дар оби ҳаёт рав,*
*То пораҳои хоки ту лаълу гуҳар диҳад…*
*Бигрез сӯи ишқу бипарҳез аз он буте,*
*К-ӯ дилбарӣ намояду хуни ҷигар диҳад…*[1]

Ҳамон тавр ки арз гардид, бардошти маънавӣ, ирфонӣ, рӯҳонӣ ва иҷтимоии шоирони тоҷик аз осори Мавлоно мутафовит аст, ҳар кас аз зовияи эътиқод ва боварҳои худ ва ба ҳар равише аз худ ба осори ин марди бузург канор меояд. Ҳар хонанда, ҳар суханвар ва ҳар як шоир аз дарёи каломи шоири ориф мутобиқ ба зарфияти ҳунари худ завқи маънӣ бурдааст. Дар ин хат як чиз мусаллам аст, ки осори пурранги Мавлоно, нигариш ва забони шеъри шоирони тоҷикро рушд додааст ва шеъри муосири тоҷик аз ҳузури Мавлоно рангинтар ва болиғтар гардидааст ва шеъри устод Муъмин Қаноат намунае аз он аст.

*Бишнав, суруш мерасад аз ғайб, аз ҳузур,*
*Як лаҳза гӯш дор, гӯши карӣ шикаст.*

Устод Муъмин Қаноат дар ин байти худ ҳамчун Мавлоно инсони саргашта ва сардаргумро ва ҳайронро ҳушдор медиҳад, то дар ғафлат умр ба сар набарад ва ин байти ӯ шабеҳи

---

[1]Куллиёти Шамс, саҳ.514

зангӯлаи ожир аст, ки онро шоир пеши рӯйи инсони муосир ба садо дар меоварад. Вай мегӯяд, ҳастӣ, олам, ҳама саршор аст аз суруши ғайб, барои бишнидани он гӯши ботин мебояд, аз назари устод Муъмин Қаноат ҳастӣ ҳама аз паёми ҳазрати Ҳақ пур аст ва инсон гумон ба он накунад, ки дар ин бекарон танҳост. Устод Муъмин Қаноат мегӯяд, дигар вақт аст ки сурби кариро бишканӣ ва манзури шоир аз ин таркиб, берун шудан аст аз ҷаҳл, ғафлат ва гумроҳӣ. Ва ин ирфон, ҳамон ирфони Мавлоност, ки инсонро дар осори худ пайваста ҳушдор медиҳад, ки ғафлатро аз худ битакад ва ба ҳастӣ, ба худ, маънии зиндагӣ, бо чашми ботин бингарад. Он гуна ки дар ин байт мушоҳида мешавад, устод Муъмин Қаноат барои ибрози матлаби худ аз вожаҳои суруш, ғайб ва ҳузур истифода кардааст ва он чи дар ин байти хуб ваҳдати андеша ва тафаккури шоирро маънӣ медиҳад, ҳузури ҳамин се вожа аст. Шоир хонандаро ҳушдор медиҳад, ки дигар вақти бедорӣ ва огоҳӣ (шунидан) расидааст ва ин фурсат бисёр андак мебошад, яъне фурсати шунидани хабар аз ғайб ё садои ҳотиф бисёр кам аст. Дар ин фурсати андак набояд ғафлат варзид, чун ҳамеша суруши маҳбуб аз ғайб намерасад ва ҳар чи зуд бояд, ки сурби кариро шикаст, зеро инсон то ин сурби кариро дар вуҷуди худ нашканад, он садоро наметавонад бишнавад. Аз назари Мавлоно бузург ва аз назари устод Муъмин Қаноат инсон бояд худро аз дарун биполояд, худро аз дарун омода бисозад, ту ин сурушро, ки аз ғайб мерасад битавон шунид. Устод Муъмин Қаноат ҳамин мавзӯъро, яъне ҳузури қалб ва раҳоӣ аз ғафлатро дар кори шеър ба тасвир мегирад ва дар ин самт огоҳона аз шеваи нигариши Мавлоно истифода мекунад.

Мавлоно:

*Он раҳ, ки биёмадам, кадом аст?*
*То боз равам, ки кор хом аст.*

****

*Чун надорӣ тоби дониш, чашм бикшо дар сифат*
*Чун набинӣ беҷиҳатро, нури ӯ бин дар ҷиҳат.*[1]

[1] Куллиёти Девони Шамс, саҳ 148, 150

Таъсир ва бардошти устод Муъмин Қаноат аз осори Мавлоно бештар дар хатти маъно ва андеша аст, ки бар он ишорат доштем ва дар ин хат ҳамчунин ҳузури ҷилваҳои ирфонӣ ва рӯҳонии каломи Мавлоно низ дар шеъри устод Муъмин Қаноат кам нест.

*Дар пои ту бо чашми гули хор бигирям,*
*«Он» металабӣ дар сари бозор бигирям.*
*Сад дор дарахт аст, агар нест Аналҳақ*
*Мансур сало зан, ки ба ҳар дор бигирям.*
*Мо сӯхтарӯему замин сӯхтаҷӯе,*
*Аз мижжаи ахтар ба шаби тор бигирям.*
*Хунинкафанон рафтаву хуниналамон ҳам,*
*Гулкункафане хоҳӣ, ба дастор бигирям.*
*Дарёи алам мегузарад аз дили тангам,*
*Бо рӯди равон ҳамдаму ҳамвор бигирям.*[1]

«Он» дар истилоҳи орифон латифаест ниҳонӣ, ки аз ӯ ишқ хезад ва қобили тавсиф нест, На ҳар кас дар ин маънии мастур гавҳари асили маърифатро метавонад дарк ва фаҳм кунад, дар шеъри муосири тоҷик танҳо устод Муъмин Қаноат аз ин ишора огоҳона ва мутобиқ ба маъно дар корҳои худ истифода кардааст. Мавлоно аз ин истилоҳ дарғазалҳои худ, бар ин маънӣ истифода кардааст ва истифодаи ин ишора дар шеъри шоирони бузург бисёр ба чашм мехӯрад.

Мавлоно:

*Бигшой, эй ҷон, дар бар заифон,*
*Бар рағми дарбон, дарбон чӣ бошад?*
*Фармудсӯфӣ, ки «он» надорӣ?*
*Боре бипурсаш, ки «он» чӣ бошад.*

****

*Мурда гардад шахс, чун беҷон шавад,*
*Хар шавад, чун ҷони ӯ бе «он» шавад.*
*(Маснавии маънавӣ).*

---

[1]Муъмин Қаноат, «Баргузидаи Ашъор», инт. «Алхудо», Теҳрон, соли 1373, саҳ. 165

****

Ҳофиз:

*Аз бутон «он» талаб, ар ҳусн шиносӣ, эй дил*
*К-он касе гуфт, ки дар илми назар бино буд.*

****

*Шоҳид он нест, ки мӯеву миёне дорад,*
*Бандаи талъати он бош, ки «оне» дорад.*[1]

Тарз, равиш ва шеваи муносибати устод Муъмин Қаноат бо Мавлоно омӯзанда ва созанда аст, ҳамон тавр ки аз корҳои устод бармеояд ва мушоҳида мешавад, ӯ дар шинохти ҳастӣ ва ишқ бо Мавлоно ҳамраъй мебошад. Муъмин Қаноат аз мактаби шоири ориф матобиқ ба ҳолати равонии инсонҳои муосир истифода мекунад ва ангури каломи худро дар ҷӯши ирфони Мавлоно май мекунад ва дар ин кор муваффақ мебошад. Устод Муъмин Қаноат ҳамчун Мавлоно ҳолати ҳузур, ирфон, маърифат, ишқ ва талаби камолро бо ҷуръат дар шеър ба таҷриба мегирад.

Ӯ ба авзоъ ва аҳволи инсони муосир аз хатти маърифат ва ирфон менигарад ва дар ин ҳолу ҳаво, аз пири маънавии худ Мавлоно фаромӯш намекунад. Вай бетардид дар шеъри муосири тоҷик аз шумори андаки он шоирон аст, ки маърифат ва ирфони Мавлоноро тавонистааст дар шеърҳои худ шоиста ва муваффақ ба таҷриба бигирад.

*Даст намедиҳад ба мо, даст ба мо намерасад,*
*Садди миёни одамон то ба само намерасад.*
*Водии маърифат куҷо, воҳаи хунфишон куҷо,*
*Раҳраву роҳзан ба ҳам сӯи Худо намерасад.*
*Дар сари водии фано рӯҳ зи бори тан ҷудо,*
*Реҳлати ҷони мастро даст ба по намерасад,*
*Дар талаби ҷаҳон машав, баски ҷаҳони сурат аст,*
*То ба ҷаҳони ҷони ман, дасти гадо намерасад.*
*Тир куҷост, ҷони Бурх мепараду ҳамепарад,*
*Пири тариқати маро тири хато намерасад.*
*Пеш бирав ба сӯи Ҳақ, то ки биёӣ пешво,*
*Акс марав, ки сӯи Ӯ… кас ба қафо намерасад.*[1]

---

[1]Ҳофиз, Девон, саҳ. 210-304

Дар ин ғазали зебо устод Муъмин Қаноат шӯру шавқи Мавлоноро дар худ такрор мекунад ва чун Мавлоно аз зовияи ирфон ва маърифат ба ҳастӣ нигоҳ мекунад ва дар ин ғазал, ҳар калима нимоди ирфон, бовар ва эътиқод аст. Устод Муъмин Қаноат худогоҳ ва ё нохудгоҳ дар фазои ғазал ҳолу ҳавои ирфонро фурӯ боридааст ва ғазал воқеан дар шеъри муосири тоҷик аз намунаҳои беҳтарин аст, дар мавзӯи ирфон ва шинохти ирфон. Агарчи забони шеър забони шеъри муосирро мемонад, аммо маъно дар он ҳазорсола аст, ҳамон маъно, ки инсон дар он ҳамеша худро ва ҳақиқати зистанро ҷутуҷӯ мекунад. Агар ин ҷустуҷӯ набуд, ин талошу ғайрат набуд, дар зиндагии маънавӣ ва рӯҳонии инсон калимоте чун ишқ, ирфон, шуҳуд, ҳол, тариқат ва ҳақиқат буруз намекард. Инсон дар ҷустуҷӯи ҳазорсолаҳоаввал ба мафҳуми ирфон, ишқ, тариқат ва ҳақиқат ошно шуд, дар ишқ ҳастиро ва маънии буданро таҷриба кард ва дарёфт, ки танҳо ишқ инсонро базург мекунад ва маънӣ медиҳад.

Дар ин хат инсон мақом, иззат ва қадри худро ҳифз кард ва даст ба дасти ишқ дод ва то кунунсафари рӯҳонии худро идома медиҳад. Мусиқии ғазал мисли он аст, ки дасте табл мезанад ва мехоҳад хабари муҳимро барои мардум бигӯяд:

*Даст намедиҳад ба мо, даст ба мо намерасад,*
*Садди миёни одамон то ба само намерасад.*

Манзур аз таркиби «даст намедиҳад ба мо» фурсат ва ихтиёр доштан аст, яъне вақт аз ихтиёри мо бурун аст ва ҳам моро дасти расо нест, то рози ҳастиро батамом дарк кунем. Ҳамчунин устод мехоҳад бигӯяд, ки ранг ва ҷилваҳои дунё ба мо фурсат намедиҳад, то бештар ба ҳастӣ ва офариниш тафаккур дошта бошем ва инсон то он вақт, ки нафс ва дунёро миёни худ ва маҳбуб мегузорад, ҳақиқатро, муҳаббатро ва ҳастиро ҳаргиз наметавонад маърифат кунад. Инсони ғофил ва гирифтор дар ин ҳолат ҳамеша пой дар гил аст ва аз ҳақиқати офариниш дар ғафлат. Ҳарфи дигар, маънои дигар, ки дар ин ғазали шево рух пинҳон медорад, мартабаи инсон, иззати инсон ва бузургии он аст, инсони имрӯз хилқати маънавии худро то ҳадде фаромӯш

[1]Муъмин Қаноат, «Ашъори Баргузида», инт. Алҳудо, соли 1373, саҳ. 163-164

кардааст. Инсон фаромӯш кардааст, ки маънии ишқ дерест дар сулуки ирфон ва маърифат пойи ланг ва хаёли танг дорад. Устод Муъмин Қаноат барои он ки инсон худро аз гумроҳӣ наҷот бидиҳад, ба ӯ роҳи ирфон ва роҳи маърифатро нишон медиҳад ва даъват мекунад, ки инсон ба водии маърифат ва наҷот бозгардад. Дар ин даъват худро низ шарик медонад ва ҳазрати Бурхи Валиро дар ирфон ва тараққӣ пири маънавии худ медонад ва барои он ки собит бисозад, дил ба ирфон дорад аз калимаи «тариқат» дар ин ғазал истифода мекунад.

*Тир куҷост, ҷони Бурх мепараду ҳамепарад,*
*Пири тариқати маро тири хато намерасад.*

Ин байт ба он ишора мекунад, ки устод Муъмин Қаноат дар мавзӯи ирфон ҷиддӣ тафаккур кардааст ва танҳо барои намоиш аз калимаҳои тир, Бурх, парвоз, пир ва тариқат истифода накардааст, балки рӯҳи ин калимаҳоро дар шеър дамидааст ва дар ин калимаҳо сулуки маънавӣ ва рӯҳонии худро тасвир кардааст.

*Водии маърифат куҷо, воҳаи хунфишон куҷо*
*Раҳраву роҳзан ба ҳам сӯи Худо намерасад.*

Устод Муъмин Қаноат дар ин байт мегӯяд, водии маърифат на барои ҳар кас аст ва ҳар кас ҳам наметавонад бар он ҷо роҳ биёбад, ин водӣ танҳо барои мардони огоҳ ва соҳибдил аст. Аз нигоҳи ӯ водии ишқ, водии маърифат, водии мақому мартаба барои аҳли дил аст, барои аҳли тариқат аст, барои ошиқони ростин аст. Ӯ тазаккур медиҳад, ки ба водии маърифат касе роҳ меёбад, ки дар талаби маҳбуб аз ҷон бигзарад ва ҷуз висоли маҳбуб дар ду олам чизе дигар орзу накунад. Ранҷи ишқ, ҷуз ишқ нест, дар тариқат, маърифат аз воҳаи ҷаҳлу ғафлат, яъне нафс, ғурур, бухл, ҳирс, ва қатл ҷудо аст, водии маърифат, водии равшандилон ва ворастагон аст. Дар тариқат роҳи ориф ва роҳи роҳзан фарқ мекунад ва ин ду баробар ба маҳбуб намерасанд, ҳар кадом дар ин сафар аз роҳу равиши худ, мақому ҷойгоҳи худ, дар додгоҳи маҳбуб ҳозир мешаванд ва роҳ, нимоди амал ва тарзи зиндагӣ низ ҳаст.

*Дар сари водии фано рӯҳ зи бори тан ҷудо*
*Реҳлати ҷони мастро даст ба по намерасад.*

Манзури устод дар байтчунинаст, инсон вақте маргро лаббайк мегӯяд, фано намешавад, зеро рӯҳи инсон ҷовидон аст, дар ҳолати марг ҷисм фано мешавад ва мурғи рӯҳ аз қафаси тан озод мегардад.

*Маро чун то қиёмат ёр ин аст,*
*Харобу маст бошам, кор ин аст.*
*Гулу садбарг дид он рӯйи худро,*
*Ба булбул гуфт гул, гулзор ин аст.*
*Мукаррар бингар, он сӯ, чашм бигшо*
*Ки ҷонро мадраса-в такрор ин аст.*
*Чу лаб бикшод ҷонҳо, ҷумла гуфтанд*
*Шафои ҷони ҳар бемор ин аст.*
*Чу як согар зи дасти ишқ хӯрданд,*
*Яқиншон шуд, ки худ хаммор ин аст.*
*Хабар омад, ки Юсуф шуд ба бозор,*
*Ҳало, ку Юсуф, ар бозор ин аст.*[1]

Дар ин ғазали Мавлоно ва ғазали устод Муъмин Қаноат зоти андеша ва тафаккур, маърифат ва шинохти асли худ дар ин ҷаҳон аст.Дар ҳар ду ғазал мазмун муштарак аст. Шоири ориф Мавлонои бузург ва устод Муъмин Қаноат дар ин ду ғазал ба ҳастӣ ва офариниш ҳам ба худ аз як зовия менигаранд, ки он зовияи ишқ ва ирфон аст. Ин ғазад аз онбигӯяд, киустод Муъмин Қаноат ирфони Мавлоноро хуб омӯхтааст, ба ирфони Мавлоно шинос шудааст, аз ин ҷост, ки ин ғазали ӯсаршоро аст аз лутфу латофат, аз маърифат ва ирфони ишқ. Вақте ки хонанда ҳам ғазали шоири ориф Мавлоно ва ҳам ғазали устод Муъмин Қаноатро мутолиа мекунад, ҳолати рӯҳонӣ ва ирфонӣ дар ӯ ҷорӣ мешавад ва танҳо ҷойи афсӯс аст, ки устод ғазал кам мегӯяд. Бетардид ин ғазал ҳолу ҳаво, набз, ва фазои аедешаи Мавлоноро ба хотир меоварад. Бояд гуфт, ки бардошт ва таъсир аз Мавлоно дар шеъри муосири тоҷик танҳо дар сурат, ҷилди калимаҳо ва зоҳир нест, балки ҷилваҳои равшан аз маърифат ва ирфон,ҷилваҳои ишқу муҳаббатва ҷилваҳои зебои

[1]Куллиёти Шамс, саҳ 597

андеша ва тафаккури каломи Мавлоно дар шеъри муосири тоҷик бисёр ҳунармандона аст.

*Эй моҳи нав, ба шоми майистон хуш омадӣ,*
*Эй шуълаи шукуфтаи найистон хуш омадӣ.*

Ин байти устод ҳамон шефтагӣ, бехудӣ ва самои андешаи Мавлоноро дар хотир зинда мекунад.

Мавлоно:

*Эй Юсуфи маҳрӯён, эй ҷоҳу ҷалолат хуш,*
*Эй Хусраву эй Ширин, эй нақшу ҷамолат хуш.*

Рӯҳи ин ду байт ба ҳам мемонад, ҳамон тавр ки Мавлоно аз вожаи «хуш», ки бар маънии шодобӣ, хушҳолӣ ва башорат аз завқи дарун аст, истифода кардааст, устод Муъмин Қаноат низ аз ин калима дар ҳадди болиғ ва лозим тавонистааст истифода кунад. Дигар бо итминони тамом мешавад гуфт, ки устод Муъмин Қаноат дар фазои андеша ва ирфони Мавлоно сайру сулукҳо доштааст ва андӯхтаҳои худро мутобиқ ба ҳолу ҳавои худ ва замони муосир ранги шеър додааст.

# ҲУЗУРИ МАЪНАВИИ МАЛОНО ДАР АШЪОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Таъсир ва бардошти устод Лоиқ Шералӣ аз осори Мавлоно ҳолу ҳавои дигар дорад, ҳолу ҳавое, ки он махсуси ӯст. Дар ин қиёс сухани ӯ ҳар хонандаеро ба худ мафтун месозад, дар як калом таъсири устод Лоиқ аз Мавлоно таъсири ҳиссӣ ва фаннист. Ӯ дар кори ғазал аз шоирони пештоз дар шеъри муосири тоҷик аст ва ғанову балоғати ғазалҳои ӯ маълуму машҳур мебошад. Ғазалҳои устод Лоиқ аз назари истеҳком, сохтор ва шигардҳои ҳунарӣ чун ғазалҳои Мавлоно устувор ва ғанист.

*Чунонат ёд меорам, кираҳгумкарда манзилро,*
*Чунонат дӯст медорам, ки дарёбурда соҳилро.*
*Чунонат рағбате дорам, ки хушкистон ба бороне,*
*Чунонат рӯзу шаб ҷӯям, ки Сино ҳалли мушкилро.*
*Чунон роҳи ту мепӯям, ки роҳи бахт меёбанд,*
*Ҷунон хайри ту мехоҳам, ки деҳқон кишту ҳосилро.*
*Чунонвасли ту мехоҳам, ки пирӣ навҷавониро,*
*Чунонат орзумандам, ки ҳар кас бахти комилро.*[1]

Ғазали фавқ гувоҳи фитрат, заковат, балоғат ва малоҳату фаросати ҳунари устод Лоиқ Шералӣ аст дар халқи ғазал, дар такомул ва камоли ғазал. Кори устод тароват ва балоғати зебоиро дар зеҳн, ҳисва хотирҳо буруз медиҳад, ҳамин ҳис ва ангеза, ҳамин ҳолу ҳавои каломи Мавлоно дар ғазалҳои устод Лоиқ ҳам дида мешавад.

Устод Лоиқ Шералӣ дар халқи ғазал равиши бисёр зебо, гарм ва болиғро истифода мекард ва ҳамин фазои ғазалҳои устод ҳар касро ба худ шефта мекунад. Ғазалҳои ӯ қабл аз ҳар чӣ дар партави самимият ва эътимод эҷод шудаанд ва ҳар калима дар ғазалҳои ӯ решаисабз дар самимият ва бовар дорад ва ширинии ғазалҳои устод аз ҳамин ҷо аст. Баёни «чунонат ёд меорам, ки раҳгумкарда манзилро» аз самимият ва муҳаббати шоир мегӯяд ва ин мисраъ ба он далолат мекунад, ки шоир дар муҳаббат ва дӯст доштан ҳад ва сад намегузорад. Ҳамон тавр ки роҳгумкардае дар ҷустуҷӯи манзил аст ва ҳамеша фарде чунин ба ёди манзили гумкардаи худ аст, шоири ошиқ ҳам

[1]Лоиқ Шералӣ, Девон, инт. Алҳудо, Теҳрон, 1373, саҳ. 134

маҳбуби худро чунин дӯст медорад ва ҳаргиз ӯро фаромӯш нахоҳад кард. Шоири ошиқ ин дардро дар дил гирифтааст ва аз он намехоҳад ҷудо бишавад, чун ин дард ҳамон дарди ишқ аст. Устод Лоиқ Шералӣ аз ғазалҳои Мавлоно ҳам сухан омӯхтааст ва ҳам ишқ ва ӯ дар корҳои худ аз ин дарс ба хубӣ ва тавоноӣ тавонистааст истифода кунад. «Устод Лоиқ бештар ба гӯяндагони пешини адабиётамон таваҷҷуҳ дошт, Мавлавӣ яке аз онон буд. Ӯ ба ин шоири бузурги форсу тоҷик алоқаи фаровон дошт. Албатта ӯ дар ибтидо ба ин гӯяндаи бузург чандон ошноии зиёд надошт, зеро на «Маснавӣ» ва на «Девони Шамс» дар Тоҷикистон чоп нашуда буданд. Аз ин рӯ пайравӣ ва алоқаи ӯ бо Мавлоно чандон ҳам равшан набуд ва ин ошноӣ табиист, ки хусусияти ҷузъӣ ва зоҳирӣ дошт, чунки ошноии ӯ бо осори Мавлоно хеле маҳдуд ва дар ҳадди намунаҳо буд. Аммо баъдан, вақте ки ба «Маснавӣ» ва «Девони Кабир» дастрасӣ пайдо кард, кор дар ин самт батамом ранги дигар гирифт, ишқу алоқаи шоир ба Мавлоно ва осори ӯ ба маротиб афзуд».[1]

Муҳаққиқ Ҷамолиддин Сайидзода дар робитаба устод Лоиқ ва ҳусни таваҷҷуҳи устод ба Мавлоно чунин мегӯяд: «Мавлоно шоири ошиқу шӯридаҳолу масту пурҷӯшу хурӯш аст. Ба зиндагию ҳаёт ва шеъру шоирӣ, ишқу ошиқӣ бисёр ҳам сахт алоқаю печиш дорад ва шайдои оламу одам, рамзи розу шигифтҳои онҳост. Шеъри «Тақлиди Мавлоно» (Лоиқ) дар пеши чашми мо шоиреро ҷилвагар месозад, ки бо рӯҳи заминию осмонӣ зиндагӣ мекунад, ошиқи шайдои ҳаёту рӯзгор аст ва як зиндагии пурсӯзу пургудоз ва ҳам пур аз тазод дорад. Ва ҳаракату кору бору туғёну шӯру исёнаш мисли Мавлавӣ инсонгароиву инсонситоӣ мекунад».[2] Ва муҳаққиқ ин чаҳорпораи шево, зебо ва болиғи устод Лоиқ Шералиро, ки аз назари ҳунари шоирӣ, аз назари суханварӣ, аз назари ҳусни сухан ва ҳамчунин аз назари забон бисёр устувор мебошад, барои хонандаи хушзақ намуна меоварад:

---

[1]Ҷалолиддин Сайидзода, «Ало девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт», Маҷмӯаи мақолот, инт. Ройзании фарҳангии Ҷ. И. Эрон дар Тоҷикистон, Душанбе, соли 2007. Саҳ. 260

[2]Ҳамон ҷо, саҳ.265

*Ман ошиқи дарёстам,*
*Пуршӯру пурсавдостам.*
*То навбати дунё марост,*
*Дунёстам, дунёстам,*
*Ман лоиқи номи худам,*
*Фарзанди айёми худам.*
*Бо ҳусни огозе, ки буд,*
*Ман ҳусни анҷоми худам.*
*То он даме ки ман манам,*
*Милён сарам, милён танам.*
*Ман садҳазорон ҷону тан*
*Дар ҷилди як пираҳанам.*

Ҷилваҳои монанд дар осори устод Лоиқ ба фазои ғазалҳои Мавлоно хеҷ ҷойи ҳайрат надорад, зеро устод Лоиқ худро шогирди маънавии Мавлоно медонад, ифтихор медонад, ки аз каломи пурбори шоири ориф метавонад таъсир бигирад. Барои қиёс аз Мавлоно ва устод Лоиқ ин ду ғазалро бо ҳам мурур мекунем.

Мавлоно:

*Бигрез, эй мири аҷал, аз нанги мо, аз нанги мо,*
*Зеро наметонӣ шудан ҳамранги мо, ҳамранги мо.*
*Аз ҷумлаҳои панди ӯ в-аз захмҳои тунди ӯ*
*Солим намонад як рагат бар чанги мо, бар чанги мо.*
*Аввал шаробе даркашӣ, сармаст гардӣ аз хушӣ,*
*Бехуд шавӣ, он гаҳ кунӣ оҳанги мо, оҳанги мо.*
*З-ин бода мехоҳӣ, бирав, аввал тунук чун бода шав,*
*Чуншиша гаштӣ, баршикан бар санги мо, бар санги мо.*
*Ҳар к-он майи аҳмар хурад, бобарг гардад, бар хурад,*
*Аз дил фарохиҳо барад, дилтанги мо, дилтанги мо.*
*…Исҳоқ шав дар наҳри мо, хомӯш шав дар баҳри мо,*
*То нашканад киштии ту дар Ганги мо, дар Ганги мо…*

Устод Лоиқ Шералӣ:

*Ман зинда берун омадам аз гӯрҳо, аз гӯрҳо,*
*Наздики ёрон омадам аз дурҳо, аз дурҳо.*
*Огӯши қисмат боз шуд, сад хони неъмат соз шуд,*
*Гӯёву бино омадам аз базми гунгу кӯрҳо.*
*Аз ранҷи гурбат растаам, занҷири по бигсастаам,*
*Шодӣ кунед аз бахти ман, ранҷурҳо, ранҷурҳо.*
*Аз ту ҷавонӣ ёфтам, сад муждагонӣ ёфтам.*
*Нак зиндагонӣёфтам, маҳҷурҳо, маҳҷурҳо.*
*Наздики гулшан омадам аз марзи ошӯби хазон,*
*Наздики гулхан омадам аз сардии лозурҳо…*
*Чун бар Ватан боз омадам, бар хештан боз омадам,*
*Ганҷи маро набвад баҳо, ганҷурҳо, ганҷурҳо.*
*Домони кишвар омадам, домони модар омадам,*
*Ман ҷашнаму ман ҷашнҳо, ман сураму ман сурҳо.*[1]

Мавлоно, ҳамон тавр ки дар бобҳои қаблӣ арз гардид, ҳузури худро дар зиндагии маънавӣ ид хондааст ва онро ҷуз ид намедонад. Яъне дар зиндагӣ барои маардум ҳамеша хушҳолӣ меоварад ва ҳар ҷо ки биравад, бо худ ишқ мебарад, ва ҳузураш дар ҳама ҷо ид аст. Мавлоно зиндагии маънавии мардумро бо ҳузури худ пур аз идҳо мекард:

*Зи рӯйи туст ид осор моро,*
*Биё, эй иду идӣ ор моро.*
*Ту ҷони иду аз рӯйи ту, ҷоно,*
*Ҳазорон ид дар асрор моро.*
*…Шуморо ид дар соле ду бор аст,*
*Дусад ид аст ҳар дам кор моро.*

Устод Лоиқ Шералӣ ҳамин маъноро дар ғазали хеш, дар вазни дигар бисёр зебо ба кор гирифта, чун Мавлоно худро ҷашни сурур ва тарабҳо хондааст:

*Домони кишвар омадам, домони модар омадам,*
*Ман ҷашнаму ман ҷашнҳо, ман сураму ман сурҳо.*

---

[1]Лоиқ Шералӣ, «Гулчини ашъор», инт. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ – тоҷикӣ, Теҳрон, соли 1389, саҳ. 409

Дар ҳар ду ғазал завқу шавқ ва ягонагии ҳолати нигариш, нигориш, забон ва тавоноии муносибати ду шоир бо калимот аст, ки ин ду ғазалро ба як фазо наздик кардааст. Аммо дар ҳар ду ғазал санъати такрор, қофияи дарунии ғазалҳо ва ҳолати самоӣ мебошад, ки ҳамоҳангии онҳоро ба ҳам бештар кардааст. Хонанда аз ҳарду ғазал ба ваҷд меояд, ба шавқ меояд, лаззати маънавӣ мегирад, маърифат меомӯзад ва дар ҳар ду ғазал,як фазои ошно ва диданиро ба тамошо менишинад. Санъати бадеии такрор дар ҳар ду ғазал зебову шево истифода шудааст, ки бори маъно ва ҳолати андешаи ду шоирро амиқтар тарҷеҳ медиҳад. Мавлоно аз санъати такрор барои барҷастатар, дақиқтар ва беҳтар намоиш додани манзури хеш истифода кардааст ва устод Лоиқ низ бо истифода аз ин санъат ҳолати равонӣ ва мақсуди худро беҳтар ба хонанда интиқол медиҳад. Ҳамчунин дар сохтори ҳар ду ғазал зарб, мусиқӣ, қофияҳои дарунӣ ва муҳтавост, ки шеърият, ҳусн ва бадеияти каломро шукӯҳу шаҳомати хос бахшидааст. Аслан манзур ва мақсуди Мавлоно ва устод Лоиқ дар ин ду ғазал бо истифода аз санъати такрор қудрат додан аст ба рӯҳи кори худ ва намоиши ҳамон паём, ки бояд ба хонанда бирасад. Ҳамон тавр ки Мавлоно дар ғазали худ шӯру шавқ ва фазои гарми баёнро аз назари маъно ва андеша, ҳунаршакл додааст ва хонанда дар ғазали ӯ як ҷаҳони маънавиро метавонад мушоҳида кунад, устод Лоиқ ҳам дар ҳамин сабку равиши ғазали Мавлоно ғазали худро ҷалолу камоли маънӣ медиҳад. Ҳамин фазои ҳамоҳангиҳо ва диданиҳо мебошад, ки дар ғазалҳои устод Лоиқ шеваи баён, сабки нигоҳ, оҳанг, забон,таркибсозӣ, тасвирнигорӣ ва шавқу завқи мавлавиёна равшан ба чашм мехӯрад. Бисёре аз ғазалҳои устод дар ин хат бо ғазалҳои Мавлоно дар як ҳолу ҳаво қарор мегирад, ки гувоҳ бар ҳунари волои ӯ дар халқи ғазал аст. Устод Лоиқшефта, маст ва мафтуни ғазалҳои Мавлоност ва дар бархе аз ғазалҳои худ фазои ғазалҳои ӯро ошиқона ва риндона такрор мекунад ва аҷаб он аст, ки дар он ҳама фазои монанд, овози худи устод Лоиқ аст, ки аз калимаҳо ба гӯш мерасад. Ҳамин ҳолати шайдоист, ки устод аз ғазалҳои Мавлоно илҳом мегирад, ошиқона дар оҳанг ва ҳавои ғазалҳои Мавлоно месарояд, аммо чи зебо месарояд, бо забонеширин ва гарм, ки махсуси ӯст.

Мавлоно:

*Эй баҳори сабзу тар, шод омадӣ,*
*В-эй нигори симбар, шод омадӣ.*
*Дарфикандӣ дар сару ҷон фитнае,*
*Эй ҳаёти ҷону сар, шод омадӣ.*
*Дарфикан андар димоғи марду зан.*
*Сад ҳазорон шӯру шар, шод омадӣ.*
*Аз бари симини ту корам зар аст,*
*Эй балои симу зар, шод омадӣ.*
*Пойи худ бар тораки Хуршед неҳ,*
*Эй ту Хуршеду Қамар, шод омадӣ.*
*Лаъл гӯяд аз миёни кон туро:*
*Сӯи он кӯҳу камар шод омадӣ.*
*Шамси Табрезӣ, киолам аз рухат*
*Ҳаст масту бехабар, шод омадӣ.*[1]

Лоиқ Шералӣ:

*Эй ҷамоли баҳру бар, шод омадӣ,*
*«Эй баҳори сабзу тар, шод омадӣ».*
*Тозакориҳотро қурбон шавам,*
*Мисли ҳар соҳибҳунар шод омадӣ.*
*Дар дилам кардӣ назар бо чашми гул,*
*Гулҷамолу гулназар, шод омадӣ.*
*Аз қадамҳоятдиламгул мекунад,*
*Эй арӯси раҳгузар, шод омадӣ.*
*Дар раги ҳар майсаат маҷрои ризқ,*
*Баҳри абнои башар шод омадӣ.*
*Дар лаби ҳар ғунча овардӣ паём*
*Аз саховат, аз самар, шод омадӣ.*[2]

Агар ғазалҳои устод Лоиқ Шералӣ аз зовияи маърифат, ишқ ва ирфон баррасӣ шавад, рагаҳои ин чанд мавзӯъ дар кори ӯ кам нест ва обишхӯри ин чанд мавзӯъ барои устод қабл аз ҳар чӣ «Девони Шамс» аст. Таҳқиқ ва баррасии ҷилваҳои ирфон дар ғазалҳои устод Лоиқ аз ҳар ҷиҳат арзиши адабӣ ва ҳунарӣ дорад ва паҳлуҳои тоза аз эҷодиёти ӯро барои аҳли завқ ва су-

[1]Куллиёти Шамс, саҳ. 1080
[2]Лоиқ Шералӣ, «Гулчини ашъор», саҳ. 400

хан ошкор месозад. Ӯ бешак аз калому ҳунари Мавлоно мутаассир будааст ва худ ҳам ин таъсирро иқрор дорад.

Дар фазои ғазал кори устодро ба се бахш мешавад ҷудо кард, аввал ғазалҳои ҷавонии устод, ки таъсири он аз Мавлоно бештар, таъсир дар зоҳир аст, яъне корҳои устод дар ин ҳавза бештар дар ҳис ва завқ хулоса мешавад. Ғазалҳои гурӯҳи дувуми ӯ бештар ҷанбаи мавзӯӣ дорад, ин даст аз ғазалҳои устод тавсифи муносибатҳо ва истиқбол аз рӯйдодҳост. Дар хатти ин ғазалҳои худ вай ба Мавлоно ва «Девони Шамс» ишораҳо дорад.

*Наҷустем шаш сӯи дунё агар,*
*Бихондем шаш дафтари «Маснавӣ».*
*Шиносӣ Худоро, чу бишносӣ худ,*
*Чунин гуфт, дар «Маснавӣ» Мавлавӣ.*

****

*Ало девони Ҳофиз, ҳофизам бошӣ зи ҳар марге,*
*Ало девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт.*[1]

Манзури устод Лоиқ Шералӣ дар байти ҳозир аз таркиби «девони Мавлоно» ҳамон «Девони Шамс» аст ва устод бо баёни ин таркиб муҳаббати худ ба Мавлоноро нишон медиҳад. Ва устод Лоиқ гоҳе аз ғазалҳои Мавлоно байтеро тазмин мекунад ва бо ин кор шеъри худро рангу бори тоза медиҳад.

Мавлоно:

*Офтобо, бори дигар хонаро пурнур кун,*
*Дӯстонро шод гардон, душманонро кӯр кун!*

Лоиқ Шералӣ:

*Офтобо,*
*Офтоби инқилоб!*
*Ба ҳар афсун,*
*Хонаҳои мардумон пурнур кун,*
*«Дӯстонро шод гардон, душманонро кӯр кун».*[2]

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 507- 633
[2]Лоиқ Шералӣ, «Хонаи дил», саҳ. 14

Устод Лоиқ дар шеърҳои нимоии худ ҳам рӯҳи ғазалро метавонад нигоҳ бидорад ва дар корҳои нимоии худ аз Мавлоно мадад мегирад ва ба ин тариқ фазои саршор аз маъноро дар шеърҳои нимоии худ нигоҳ медорад.

*Халқи шоирзоди мо*
*Месарояд шеъри худро.*
*Дар намуди пахтазорон,*
*Ки беҳ аз шеъри сапед аст.*
*Дар намуди барқи Норак,*
*Ки умеди равшани ӯст.*
*Дар намуди ҳар ниҳоле, ки барояш ишқу уммед аст,*
*Киштзоронаш, ки дон бастанд,*
*«Девони кабир»-анд,*
*Ҳосили уммеди мардони кабиранд.*[1]

Муҳаққиқ Ҷамолиддин Сайидхода дар робита ба ишқу алоқаи устод Лоиқ ба Мавлоно чунин нигоштааст: «Пайравии устод Лоиқ ба Мавлоно бисёр ошкору огоҳона аст, зеро шеъри Мавлоно ба хусусият ва вижагиҳои хос, бавижа зарбу оҳангу мусиқии лабрез аз шӯру ишқу ҷазба ва забони равону содаву оҳангини худ дили суханварро мебарад».[2] Дар ҳошияи ин ҳарфи муҳаққиқ баяд арз кард, чизи дигаре низ буда, ки устод Лоиқ шефтаи ғазалҳои Мавлоно гардидааст ва он маърифат, ирфон ва паёми Мавлоно барои инсон аст, зеро устод Лоиқ ҳам дар ҳавзаи шеър чун Мавлоно бештармехост ба инсонҳо паём бидиҳад ва аз ин ҷост, ки ӯ низ чун Мавлоно ҳамеша ҳарфе барои гуфтан доштааст ва дар ин хат аз паёми Мавлоно дар қаламрави корҳои худ хуш истиқбол кардааст. Дар ин фазо бахусус маърифати инсонгароӣ, ки дар тамоми ғазалҳои Мавлоно мавҷ мезанад, ба устод Лоиқ аз ҳар назар таъсири муайяне дорад вадар ин маврид дар ғазалҳои худишоратҳое ҳам кардааст.

*Яке май, дигаремайдон парастад*
*Яке ваҷду дигар виҷдон парастад.*

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 225
[2]Ҷвмодиддин Сайидзода, «Ало, девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт», саҳ. 225-226

*Надидем ҳеҷ инсоне, дарего,*
*Ки чун Мавлои Балх инсон парастад.*[1]

Дар ин чаҳорпора баёни «парастад» бар маънии сифат, тавзеҳ, ситоиш, фитрат, мартаба, огоҳӣ ва бузургии инсон аст ва на бар маънии мутлақи калима парастиш кардан ва парастидан. Устод Лоиқ зимни баёни маъно ва ҳолатҳи рӯҳонӣ дар халқи шеър ба «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» ишоратҳои маъноӣ ва шеърӣ мекунад ва устод бо ин равиш ба ин ду китоби бузург иродат, эҳтиром ва алоқамандии худро мехоҳад нишон бидиҳад.

*Имрӯз, ки бунёди илм,*
*Қодир нест*
*«Маснавӣ»-ро*
*Тафсир бикунад,*
*Ё ки «Девони кабир»-ро,*
*Ки бори маънояш*
*Ба сад корвон,*
*Гаронӣ мекунад…*[2]

Устод Лоиқ дар ин навишта бисёр ошкор ва қотеъ мегӯяд, ки осори пири тариқат – Мавлоно болотар аз ҳама пиндорҳои мост ва илми муосир бо он ҳама пештозиҳои худ боз ҳам баосори Мавлоно баробар намеояд ва қодир нест чаҳони маънавӣ ва рӯҳонии осори Мавлоноро он гуна, ки шоистаи ин абармард аст, тафсир кунад. Китоби «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» саросар илм аст ва шояд ҳам фаротар аз илм, ки бори маънои ин ду асар барои сад корвон ҳам гаронӣ мекунад. Манзури устод Лоиқ Шералӣ он аст, он тавр ки илм дар натиҷаи заҳамоти зиёд дар ин ё он бахш чизеро ихтироъ мекунад, ин ду китоби шоири ориф ҳам илмеҳаст дар ҳама мавзӯъ ва онро бояд ихтироъ кард. Дар бахши севуми ғазалҳои устод Лоиқ муносибати ӯ бо «Девони Шамс» дар фазои ишқ ва ирфон аст ва ишқи маҷозии устод батадриҷ дар ин бахш ба ишқи ҳақиқӣ табдил мешавад. Дар ин даст аз ғазалҳои худ устод ба асолати ишқ, ба маънии ишқ, ба вуҷуди ишқбо чашми дигар

[1]Лоиқ Шералӣ, «Гулчини ашъор», саҳ.120
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 110

менигарад, дар ин самат ишқро мехоҳад беҳтару хубтар ламс кунад, бишносад.

Дар ин навъ аз ғазалҳои устод тавсифи ишқ, сифати ишқ, таҷаллӣ ва ҷилваҳои осмонӣ гирифтааст. Устод Лоиқ Шералӣ низ чун Мавлонодар ирфони ишқ сухани худро таҷриба мекунад ва дар масири ишқ беихтиёр даст бар дасти Мавлоно медиҳад.

Мавлоно:

*Чу ишқ омад, ки ҷон бо ман супорӣ,*
*Чаро зутар нагӯӣ, к-оре, оре?!*
*Ҷаҳон сӯзед з-оташҳои хубон*
*Ҷамоли ишқу рӯйи ишқ, боре.*
*Чу ҷон бинад ҷамоли ишқ, гӯяд,*
*Шудам аз дасту даст аз ман надорӣ.*
*Бидидам ишқро чун бурҷи нуре,*
*Даруни бурҷ нуре, аҳ, чӣ норе.*
*Зи дур истода ҷонам дар тамошо,*
*Ба пеш омад маро хуш шаҳсаворе.*
*Яке рӯе чу моҳе, моҳсӯзе*
*Яке миррихчашме, пурхуморе.*
*Ҳамин донам, дигар аз ман мапурсед,*
*Ки сад ман нест он ҷо дар шуморе…*
*Ман он обам, ки реги ишқ хӯрдам,*
*Чӣ реге, балки баҳри беканоре…*
*Чу лолай кафтае дар шаҳри Табрез*
*Шудам бар дасти Шамсиддин нигоре…*[1]

Устод Лоиқ Шералӣ:

*Заминат осмон шуд, ишқ омад,*
*Раҳат чун Каҳкашон шуд, ишқ омад.*
*Ту бо пирӣ агар тан дода будӣ,*
*Дили пират ҷавон шуд, ишқ омад.*
*Набудат аз баҳори нав умеде.*
*Хазонат гулфишон шуд, ишқ омад.*
*Лаби хушкат, лаби дарё бибӯсид,*
*Ғамат баҳри дамон шуд, ишқ омад.*

---

[1]Куллиёти Шамс, саҳ. 998

*Дигар фикри сару сомон чӣ дорӣ?*
*Сарат бехонумон шуд, ишқ омад.*

****

*Алами олами дерин ишқ аст,*
*Лаззати қисмати ширин ишқ аст.*
*Даст бар даст задан кафкӯбист,*
*Сина бар сина задан, ин ишқ аст.*
*Худ ба худ даҳр надорад ранге,*
*Даҳр бо ҷилваи рангин ишқ аст.*
*Кист, пирӯз шуда дар ҳама ҳол*
*Бар ҳама мазҳабу оин? Ишқ аст.*
*Хӯшачинии замин дарвешист,*
*Чидани хӯшаи Парвин ишқ аст.*[1]

Устод Лоиқ дар ин ду ғазал ишқро аз нигоҳи рӯҳонӣ ва ирфонӣ тавсиф мекунад, ҳамон тавр ки Мавлоно аз зуҳури ишқ ба инсонҳо паём медиҳад ва бо омадани ишқ вориди ҷаҳони дигаре мешавад, ӯ ҳам аз ҳақиқати ишқ паём медиҳад ва вориди ҷаҳоне мешавад, ки мубаррову мубашшир аз ишқ аст. Он тавр ки Мавлоно ишқро маҳак ва ҷавҳари зиндагӣ ва ҳастӣ медонад, устод Лоиқ низ ҳамин назари пири маърифатро дар ин ду ғазал тафсил медиҳад, устод мегӯяд, ҳар гоҳ ишқ ба суроғи дил меояд, дар зиндагии маънавии инсон таҳаввулоти тоза ба бор меояд ва дар ин ду ғазал устод Лоиқ ба ишқ ҳамчун Мавлоно менигарад.

Вақте ишқ меояд, Мавлоно дар ҳолати сукр, ваҷд ва бехудӣ ихтиёр аз даст медиҳад ва бо ишқ яке мешавад.

*Ҳамон донам, дигар аз ман мапурсед,*
*Ки сад ман нест он ҷо дар шуморе.*
*Ман он обам, ки реги ишқ хӯрдам,*
*Чӣ реге, балки баҳри беканоре.*

Ҳазарати Мавлоно мефармояд, дигар аз ман мапурсед, ки чӣ буд ва чӣ набуд, ҳеҷ надонам, шумори он ҳамаро, кибо омадани ишқ аз худ бехуд гаштанд, надонам, дар баҳри ишқ фитодаам ванадонам онро канора куҷост. Дар ду ғазали устод ҳамин

---

[1] Лоиқ Шералӣ. « Гулчини Ашъор», саҳ 434- 436

ҳолу ҳавои ишқ сифат мешавад ва аз ин ду ғазал мешавад ҳадс зад, ки устод танҳо мафтуни ишқи заминӣ нест, балки ишқи дигаре ҳам дорад, ки фаротар аз ишқи заминист. Дар ҳамин хат ғазали зебоеро аз устод Лоиқ Шералӣ мехонем, ки ҳамчун Мавлонои бузург, дар он ишқи заминиро рӯҳу равони осмонӣ додааст:

*Ноком будам, ту комронам кардӣ,*
*Гумном будам, ту достонам кардӣ.*
*Гӯйӣ, ки расида буд поям лаби гӯр,*
*Бо ишқи ҷавони худ ҷавонам кардӣ.*
*Бе ишқ хазони бебаҳоре будам,*
*Бо ишқ баҳори бехазонам кардӣ.*
*Ман санг будам, ту нанг омӯхтиям,*
*Ман гунг будам, ту хушзабонам кардӣ.*
*Ман манзили ишқро намедонистам,*
*Якбора ту соҳиби ҷаҳонам кардӣ.*
*Гумкардараҳе ба хонаи худ будам,*
*Раҳёб ба хони ҷовидонам кардӣ.*
*Ман қатра будам, кардӣ дарёи муҳит,*
*Ман хок будам, ту осмонам кардӣ.*[1]

Гӯиё ишқ дар ин ғазал шабеҳи ваҳйи осмонӣ бар ҷони шайдои шоир фурӯ боридааст ва шоир дар ин бориш рӯҳи худро полоидааст, шустушӯй додааст ва аз баракати ишқ соҳибном гардидааст. То ишқ қатрае беш набуд, ишқ омад ба дарё васл шуд ва ба манзили ишқ расид ва ба забони ишқ ошно гардид, гунге буд, гӯё шуд ва ба қавли худи устод раҳёб ба хони ҷовидон шуд, ҳамон тавр ки Мавлоно фармудааст, «ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чаппу рост» ва аз ин ғазали устод Лоиқ Шералӣ низ аз ҳар калима ва аз ҳар байти он овози ишқ ба гӯш мерасад.Ҳазрати Мавлоно вақте аз ишқ мегӯяд, дар ҳама чиз таҷаллии ишқро мебинад ва аз назари шоири ориф ҳастӣ ва ҳама дар зикри ишқ аст.

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 496

*Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост,*
*Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост?!*
*Мо ба фалак будаем, ёри малак будаем,*
*Боз ҳамон ҷо равем, ҷумла, ки он шаҳри мост.*
*Бахти ҷавон ёри мо, додани ҷон кори мо,*
*Қофиласолори мо фахри ҷаҳон мустафост.*
*Аз маҳи ӯ маҳ шикофт, дидани ӯ барнатофт,*
*Моҳ чунон бахт ёфт, ӯ ки камина гадост.*
*Бӯи хуши ин насим аз шикани зулфи ӯст,*
*Шаъшааи ин хаёл з-он рухи чун «ва-з зуҳост».*
*Дар дили мо дарнигар ҳар дам шаққи қамар,*
*К-аз назари он назар чашми ту он сӯ чарост?*
*Халқ чу мурғобиён зода зи дарёи ҷон,*
*Кай кунад ин ҷо мақом, мурғ к-аз ин баҳр хост.*
*Балки ба дарё – дарем, ҷумла дар ӯ ҳозирем*
*Варна зи дарёи дил мавҷи паёпай чарост?..*
*Омад мавҷи аласт, киштии қолаб шикаст,*
*Боз чу киштӣ шикаст, навбати васлу лиқост…*[1]

Ғазали устод Лоиқ Шералӣ дар қиёс бо ғазали пурбори Мавлоно танҳо дар авзон тафовут дорад, аммо аз назари маъно дар ҳар ду ғазал ҳашру нашри ишқ дар калимаҳо талотум мекунад, мақом ва мартабаи ҷабарутии ишқ дар ҳар ду ғазал тафсир мешавад.

Мавлоно:

*Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост,*
*Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост?!*
*Мо ба фалак будаем, ёри малак будаем,*
*Боз ҳамон ҷо равем, ҷумла, ки он шаҳри мост.*

Ҳазрати Мавлоно дар ин абёт мефармояд, овози ишқ,ҳар нафас аз ҳар тараф ба гӯш мерасадва ба ҳар чӣ менигарам, ғарқ дар таҷаллии ишқаст, ҳастӣ ҳама машғул ба зикри ишқ машҳур аст ва ҳоло, ки ишқ омада ва моро ба худ мехонад, чӣ ҷойи андеша ва тамошост. Ватани мо, на ин ҷост, балки он ҷост, ки аз он фуруд омадаем ва боз бояд, ки он ҷо баргардем ва асолати

[1]Куллиёти Шамс, саҳ. 212

мо низ ҳамон ҷо аст. Аслан манзури Мавлоно аз Ватан, шинохтани худ, кашфи шуҳуд, ирфон ва ишқ аст. Ин калима дар осори Мавлоно бар маънии расидан аст ба ишқ ва мақом дар тараққии ишқ. Ҳамчунин мурод аз Ватан мақоми инсони комил низ метавонад бошад, ки дар сулуки ишқ ба маҳбуб расидааст ва дар ин роз аз соҳибдилон мебошад. Шоири муосир зиндаёд Лоиқ Шералӣ ҳам талош карааст, ки ин ҳисро дар ғазалҳои худ бишносад, аз ин рӯ нигоҳи шоир ба осори Мавлоно ҷилваҳои бисёре дорад, ки он ҳама фарогири ин суҳбат нест. Лоиқ Шералӣ мекӯшад ҳамчун Мавлонои бузург ба ишқ бингарад ва бо ишқ сухан бигӯяд:

*Ноком будам, ту комронам кардӣ,*
*Гумном будам, ту достонам кардӣ.*
*Гӯйӣ, ки расида буд поям лаби гӯр,*
*Бо ишқи ҷавони худ ҷавонам кардӣ.*

Дар ин абёт устод Лоиқ, чун Мавлоно ба ишқ менигарад ва мегӯяд, ман аввал набудам ва ишқ омад, маро ҳаст кард. Вожаи «ноком» бар маънии набудан ва беҳис аст ва устод бар он ишорат мекунад, ки то ишқ инчунин будам, чун ишқ омад, нашъат ва лаззати ҳастиро дарёфтам ва баёни аз «ишқ комрон шудам» бар маънии аз ишқ дубора халқ шудам ва ин халқ шудан бар маънии халқ гардидани маънавӣ ва ирфонист.

Ва устод Лоиқ ҳарфи Мавлоноро маънӣ мекунад, яъне ишқ маро ҷовидонагӣ бахшид, ишқ маро аз фано шудан наҷот додва аз дами ишқ дигар ҳамеша ҷавонам.

Мавлоно:

*Худ зи фалак бартарем, в-аз малак афзунтарем,*
*З-ин ду чаро нагзарем? Манзили мо кибриёст!*
*Гавҳари пок аз куҷо, олами хок аз куҷо?*
*Гар фурӯ омадет бор кунед, ин чӣ ҷост.*

Ҳарф ин ҷост, ки Мавлоно мефармояд, инсони соҳибдил ва огоҳ аз фалак ва малак бартар аст, зеро ҳастӣ ва хар он чи дар он аст, ҳама ба хотири инсон ва барои инсон халқ шудааст, то ин ки он ҳама ба инсон хидмат кунад. Вақте чунин аст, инсонро шоиста набошад, иззат ва қадри худро, ки бисёр баланд аст, фаромӯш кунад, зеро ватани маънавии инсон на ин ҷисми

хокист, ватани инсон маънии кибриёӣ дорад ва манзур аз «гавҳари пок» сиришти инсон, фитрати пок, рӯҳ ва ишқ аст.

Устод Лоиқ Шералӣ:

*Бе ишқ хазони бебаҳоре будам,*
*Бо ишқ баҳори бехазонам кардӣ.*
*Ман санг будам, ту нанг омӯхтиям,*
*Ман гунг будам, ту хушзабонам кардӣ.*

Устод Лоиқ дар ин абёт ҳамчун Мавлоно аз мартаба ва мақоми ишқ сифат мекунад ва мегӯяд, то ишқоини шукуфтанро намедонистам ва дар хазони ғафлат ба сар мебурдам, хазони ғафлат дар ман меборид ва аз ҳақиқати вуҷуди хеш бехабар будам. Дар вуҷуди ман хазони ғафлат нишаста буд ва ман аз баҳори ишқ, аз шукуфтан ва аз лабханди гарми рангҳо чизе намедонистам, ишқ омад ва бо нафаси худ хазони ғафлатро дар ман ба шукуфтан мубаддал кард ва ман дигар гардидам. Яъне ишқ омад ва маро ба ҳастии худ ошно кард ва ман аз беҳиссӣ (бехабарӣ)наҷот ёфтам ва дар ман нанг бедор шуд ва манзур аз «нанг» талош, ғайрат ва кӯшиш бошад. Ва ин назар ҳамон ирфони Мавлоност, ки ғайрат ва талошро дар зиндагии инсон бисёр зарур медонад, инсон танҳо дар натиҷаи талошва ғайрат дубора ба мартабаву мақоми инсонии худ мерасад.

Мавлоно:

*Халқ чу мурғобиён зода зи дарёи ҷон,*
*Кай кунад ин ҷо мақом, мурғ к-аз он баҳр хост?*
*Балки ба дарё – дарем, ҷумла дар ӯ ҳозирем,*
*Варна зи дарёи дил мавҷи паёпай чарост?*
*Омад мавҷи аласт, киштии қолаб шикаст,*
*Боз чу киштӣ шикаст,навбати васлу лиқост.*

Дар ин абёт Мавлоно ишорат ба он мекунад, ки халқ чун парандагон ҳастанд, ки аз дарёи ҷон ба ҳастӣ омадаанд ва манзур аз мурғобиён ҷисм ва қолаб аст ва мурод аз «дарёи ҷон» рӯҳ бошад. Ба ин маъно Мавлоно мегӯяд, мурғе, ки аз чунин баҳр бархост (инсон) ҳамеша ҳавои ҳамон баҳрро бар сар дорад ва дар ҷойи дигар рӯҳи ӯ ором нагирад, то ба ҷойи авали худ, яъне асли худ барнагард. Мурод ва маънӣ аз «мавҷи паёпай», ки аз дарёи ҷони Мавлоно бармехезад, хоҳиш ва муштоқии рӯҳ аст

ба ҳамон ватани асосии худ. Вақте ки мавҷи аҷал мерасад, киштии тан аз он шикаста мешавад ва дубора навбати дидор ба маъшуқ, яъне ҳазрати Дӯст фаро мерасад.

Устод Лоиқ Шералӣ:

*Ман манзили ишқро намедонистам,*
*Якбора ту соҳиби ҷаҳонам кардӣ.*
*Гумкарда раҳе ба хонаи худ будам,*
*Раҳёб ба хони ҷовидонам кардӣ.*
*Ман қатра будам, кардӣ дарёи муҳит,*
*Ман хок будам, ту осмонам кардӣ.*

Аз абёт, қабл аз ҳар чӣ ин маъно ба назар меояд, ки гӯйӣ устод Лоиқ ба ғазали Мавлоно аз лиҳози маънова бовару эътимод лаббайк мегӯяд. Устод Лоиқ мефармояд, ман аз қабл манзили ишқро намедонистам ва ишқ маро ба асли худ дубора ошно кард. Аз ишқ донистам, ки аз куҷо ҳастам ва ба куҷо бояд, ки баргардам ваду байти ин абёт ҳамон манзури Мавлоност, ки мегӯяд, мо ҳама зодаи дарёи ҷон ҳастем ва устод Лоиқ дар ин маънӣ мефармояд, ман аввал ба ҳар маънӣ набудам, чун ишқ омад ва маро дарёфт, аз ишқ милод ёфтам ва дарёи ҷон шудам дар ҳастӣ.

Агар ҳам аз дарёи ҷон бурун омадам ва қурбе ҳам надоштам, ишқ омад, иззат ёфтам ва дубора нашъати осмониро эҳсос кардам, яъне бо ҳидояти ишқ ватани гумкардаи худро дуборапайдо кардам. Манзур аз осмонӣ шудан шинохтани худ ва ҳазрати Дӯст мебошад, ки устод Лоиқ бетардид ин подоши осмониро аз ишқ гирифта буд. Бинобар ин, нодида гирифтани ҳузури маънавии Мавлоно дар осори устод Лоиқ Шералӣ ба маънии кам гирифтани андешаи ӯ мебошад. Ҳамон тавр ки дар фазо ва зимни суҳбат ишора доштам, устод Лоиқ Шералӣ бисёр огоҳона ба осори Мавлоно рӯй меоварад ва ҳаргиз дар ин самт муқаллид набуд. Ӯ хуб дарк мекард, ки аз назари сулуки андеша ва камоли маънавӣ ба Мавлоно ниёз дорад ва танҳо бо ҳидояти Мавлоно метавонад ишқро, маърифатро ва маънии буданро беҳтар фаҳм кунад. Аз ин рӯ ӯ дар ғазалҳои ноби худ бар он буд ва саъй мекард, ки ҳамчун Мавлоно ба муҳаббат, ишқ ва ҳастӣ амиқу дақиқ бингарад. Дар ин самт ӯ дар шеъри муосири тоҷик бештар аз ҳар шоири дигар метавон гуфт, Мав-

лоноро дар корҳои худ такрор кардааст. Аммо ин такрор, ба ҳеҷ ваҷҳ на дар сурати калимаҳо, дар зоҳири авзон,ва тасвир, балки дар тараққии тафаккур, шинохтани худ, рӯй овардан ба ишқ, ҳақиқати сухан ва ҳунар, инсонсолорӣ, муҳаббат ба мардум, рангу бӯи тоза, ноб, гарм ва латиф гирифтааст. Он чи устод Лоиқ Шералиро ба қаламрави шеъри Мавлоно роҳнамоӣ намуд ва ӯ бехудонаву ошиқона ба шоири ориф рӯй овард, муҳаббат, меҳр, эътиқоду бовар, маърифатхоҳӣ, инсонсолорӣ ва ишқсолории устод Лоиқ Шералӣ мебошад. Ӯ дар ғазалҳои худ тавонистааст ишқро таҷриба кунад ва ин таҷриба ҳаргиз бидуни таъсир аз Мавлоно набудааст. Ин мавзӯъ аз тарафи аҳли пажӯҳиш боз кор мехоҳад ва агар ин кор сурат бигирад, метавон ба ҷилва ва розҳои нуҳуфтаи ин таъсир дар осори рангини устод Лоиқ Шералӣ бештар ошно шуд.

# ЧОЛИШҲОИ КАЛОМИ МАВЛОНО ДАР ШЕЪРИ ГУЛРУХСОР

Шоира Гулрухсор аз шоирони хушқариҳа, хушзавқ ва тозаҳарф дар шеъри муосири тоҷик аст, ки дар меҳроби сухани Мавлоно борҳо ба эътикоф нишастааст. Аз ин ҷост, ки ӯ дар осори худ, аз ангеза ва рӯҳи бедори шеъри Мавлоно ба дурустӣ ва ростӣ истиқбол кардааст, сукри андешаи Мавлоноро Гулрухсор самимона дӯст медорад ва дар бархе аз корҳои хешҳамовозии худро бо ин шоири бузург зебо, болиғ ва шоиста эълом мекунад:

*Аз рафта чӣ хоҳад монд?*
*Асрори намуданҳо.*
*Озори фишурданҳо,*
*Андӯҳи фусурданҳо.*
*Аз ишқ чӣ мемонад?*
*Ёди хуши маҳзунҳо.*
*Ашки ғами Маҷнунҳо*
*Бар дидаи ҳомунҳо.*
*Имрӯз чиҳо дорад?*
*Марги худумо дорад.*
*Занҷири заволи Ҳақ*
*Бар гардану по дорад.*
*Оянда чӣ хоҳад дошт?*
*Як заҳр, на оянда,*
*Як заҳраи пур аз заҳр,*
*Аз гиряву аз ханда.*[1]

Ин чаҳорпора, агарчи як соғари саршор аз ғам ва андӯҳи зиндагист, вале онро Гулрухсор чун соғари тарабу шодӣ нӯш мекунад ва бо ин шеъри пур аз заҳраву пур аз заҳр,масту шод рақси шеър меравад. Оҳанги гарми шеър, мусиқии гарм ваангезаи баён, мисли гулбаргҳои сабзу зебо,ҳатто хорҳои ғаму андӯҳро ҳам дар ин шеър ҳусн додааст. Ва бояд гуфт дар осори Мавлоно аз ин фазо фаровон ба чашм меояд. Шоири ориф ба хусус дар ғазалҳои худ ончунон рӯҳи шеърро дар калимаҳо му-

[1]Гулрухсор, Девон, Душанбе, соли 2004. саҳ. 18

ассир ва болиғ ба тасвир мегирад, киғаму андӯҳ низ дар ин раъс, шукуфо ва зебо худро нишон медиҳад.

*Бори дигар он дилбари айёр маро ёфт,*
*Сармаст ҳамегашт ба бозор, маро ёфт.*
*Пинҳон шудам аз наргиси махмур, маро дид,*
*Бигрехтам, аз хонаи хаммор маро ёфт.*
*Бигрехтанам чист? К-аз ӯ ҷон набарад кас,*
*Пинҳон шуданам чист? Чу сад бор маро ёфт.*
*Гуфтам, ки «дар анбӯҳии шаҳрам кӣ биёбад?»*
*Он кас, ки дар анбӯҳии асрор маро ёфт.*
*Эй мужда, ки он ғамзаи ғаммоз маро ҷуст,*
*В-эй бахт, ки он турраи таррор маро ёфт.*
*Аз хуни ман осор ба ҳар роҳ чакида,*
*Андар пайи ман буд, ба осор маро ёфт.*
*Чун оҳу аз он шер рамидам ба биёбон,*
*Он шер гаҳи сайд ба куҳсор маро ёфт.*
*Имрӯз на ҳуш асту на гӯш асту на гуфтор,*
*К-он асли ҳар андешаву гуфтор маро ёфт.*[1]

Гулрухсор муҳаббат ирдоат ва самимияти зебо ба ғазалҳои Мавлоно ва каломи ӯ дорад, дар як шеъри нимоӣ иродат ва муҳаббати худро ин гунанищон медиҳад:

*…Равост бо ҳама бениёзиву беқиёсӣ*
*Ба сони рӯзу шабон,*
*аз вуҷуди ҳам шавем огоз…*
*Равост сад дари розро боз бинмоем,*
*Зи интиҳову ибтидои шебу фароз…*
*Қиёми шуълаву дуд зиндагист,*
*Зиндагии марг аз раҳи оташу об,*
*Равост дар дами дам,*
*Шарорасон бимирам,*
*Лаҳзаи Шамсро дидани*
*Мавлоно*
*Лаҳзаи офтоб зодани офтоб…*[2]

---

[1] Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соди 1377, саҳ 68
[2]Гулрухсор, Девон, Душанбе. Соли 2004, саҳ.

Ин шеъри нимоии Гулухсор ба он ишорат мекунад, ки ӯ чи қадар ба Мавлоно ва каломи шоири ориф муҳаббат дорад ва ин ҳарфи Мавлоно «Офтоб омад далели офтоб» ҳолу ҳавои ишқ аст, ва Гулрухсор низ аз ин ҳолу ҳаво дур нест. Дар ин хат бояд иброз кард, он чи Гулрухсор дар ҳавзаи андеша ва шеър аз Мавлоно хушаш меояд, қиёми андеша, қиёми ишқ, қиёми муҳаббат ва ангезаи шеърият аст ва ин ҷилваҳои гарм, дар шеъри Гулрухсор низ бисёр равшан ва тамошоӣ мавҷ мезанад. Барои ошноии бештар ба ин фазо аз Мавлоно ва Гулрухсор ин ду ғазалро бо ҳам бихонем:

*Боз омадам чун иди нав, то қуфли зиндон бишканам,*
*В-ин чархи мардумхорро чанголу дандон бишканам.*
*…Гаштам муқими базми ӯ, чун лутф дидам азми ӯ,*
*Гаштам ҳақири роҳи ӯ, то соқи шайтон бишканам.*
*Чун дар кафи султон шудам, як ҳабба будам, кон шудам,*
*Гар дар тарозуям ниҳӣ, медон, ки мизон бишканам…*
*Чун ман харобу мастро дар хонаи худ раҳ диҳӣ,*
*Пас, ту надонӣ ин қадар, к-ин бишканам, он бишканам.*
*Гар посбон гӯяд, ки «ҳай!», бар вай бирезам ҷоми май,*
*Дарбон агар дастам кашад, ман дасти дарбон бишканам.*
*Чарх ар нагардад гирди дил, аз беху асла ш барканам,*
*Гардун агар дунӣ кунад, гардуни гардон бишканам.*
*Хони карам густардаӣ, меҳмони хешам бурдаӣ,*
*Гӯшам чаро молӣ, агар ман гӯшаи нон бишканам?*
*Не-не манам сархони ту, сархайли меҳмонони ту.*
*Ҷоме ду бар меҳмон кунам, то шарми меҳмон бишканам.*
*Эй ки миёни ҷони ман талқини шеърам мекунӣ,*
*Гар тан занам, хомуш кунам, тарсам, ки фармон бишканам.*
*Аз Шамси Табрезӣ агар бода расад, мастам кунад,*
*Ман лоуболивор худ устуни Кайвон бишканам.*[1]

Таркиби «ман омадам» дар ин ғазали Мавлоно қабл аз он ки хабар бошад, таъкид ва ҳушдор аст бар худ ва мухотаб, ин таркиб дар ҳадди хабар хулоса намешавад, балки ин омаданро сабабе ҳаст. Мавлоно ба таъкид мегӯяд «ман омадам» ва муваззаф ҳастам, рисолатҳо дорам, ки онро бояд анҷом бидиҳам ва

[1]Гузидаи Ғазалиёти Шамс, саҳ. 246-247- 248

омадани ман ба олами ҳастӣ беҳуда нест, дар омадани ман шарту шурутҳост, ки рози нуҳуфта ва мас-тур дар он аст. Гулрухсор дар ҳамин фазо ва дар ҳамин авзон ғазали нобе гуфтааст, ки мавлавиёна аст ва нигоришу нагариши Мавлоно-ро ба хотир меоварад. Гулрухсор низ ҳамчун Мавлоно аз рисо-лати худ дар ғазал мегӯяд, назари Гулрухсорҳам дар самти ин мавзӯъ ҳамонанди Мавлоно аст, Гулрухсор низ чун Мавлоно таъкиди худро эълам медорад.Таъкид он аст, ки ман омадаам, то ғофилонро, ҷоҳилонро аз хоби ғафлат бедор бисозам ва ман барои шумо паём овардаам. Паёми ман, паёми нур, аст, паёми шукуфтан ва паёми бедорӣ аст, паёми ишқ аст барои шумо ва аммо омадани ман ба сӯи шумо осон набуд.

Дар роҳи дидор бо шумо ва расидан то ин манзил аз базми ғамҳо рад шудам, гузаштам ва дар ниҳоят, дар чашми шумо ҳувайдо гардидам. Ҳам ғазали Мавлоно, ва ҳам ғазали Гулрух-сор паёми бедорӣ ва огоҳӣ барои инсон аст, ғазалро аз ин шои-раи равшанҷон бихонем:

*Хобӣ агар бедор шав, ман омадам, ман омадам,*
*Мастӣ агар ҳушёр шав, ман омдам, ман омадам.*
*Аз базми танҳо рӯ зада, аз ҷамъи танҳо рӯ зада,*
*Танҳои худро ёр шав, ман омадам, ман омадам.*
*Бо сад забон гӯё шудам, аз сад ниҳон пайдо шудам,*
*Пажмурдаву гулзор шав, ман омадам, ман омадам.*
*Ҷону дилам афсурда буд, худкуш танам беҳуда буд,*
*Дилмурдаро дилдор шав, ман омадам, ман омадам.*
*Аз мурдагон эҳё шудам, аз зиндагон ово шудам,*
*Фардо шарарафзор шав, ман омадам, ман омадам.*
*Аз пир барно омадам, аз зишт зебо омадам,*
*Гулёр шав, гулкор шав, ман омадам, ман омадам.*
*Дигар маро сарсон маҷӯ, аз барфу аз борон маҷӯ,*
*Сабзу баҳоросор шав, ман омадам, ман омадам.*
*Бар қасди зулмат фар кушо, то ҳафт гардун пар кушо,*
*Ман нораму ту нор шав, ман омадам, ман омадам.*
*Ноланда дар худ лоли ман, ноландае бар ҳоли ман.*
*Ситор шав, саттор шав, ман омадам, ман омадам.*

*Дар ошиқӣ, эй ҷони ман, бо сад ниҳону сад аён.*
*Як бор Гулрухсор шав. ман омадам, ман омадам.*[1]

Дар ин ғазали Гулрухсор бештар масоли ичтимоӣ, ишқ,эътиқоду боварҳо, инсон будан ва худшиносӣ рух нишон медиҳад, ки саршор аз ангеза ва ҳолу ҳавои мавлавиёна аст.

Дар ҳар ду ғазал рӯҳи завқу шавқ, шеърият ва мусиқии гарм, латофати ҳис ва балоғати ҳунар ҳамранг мебошад. Дар ҳамин ҳолу ҳаво ва фазои шавқу завқ Гулрухсор ғазали дигаре ҳам дорад ва ин ғазал бо ҳамон таркиби «ман омадам», чун дар ғазали машҳури Мавлоно дар мақтаъ омадааст. Ғазали Гулрухсор аз назари рӯҳоният, ҷазби маъно, бадеият, маърифат, ишқ, талош, эътимод, ирсоли паём ба рӯҳи ғазали Мавлоно наздик аст:

*Ман омадам, ки ҷилваи нози ҳунар кунам,*
*Бо килки шуъла қиссаи шаб мухтасар кунам.*
*Ҳангоми аз раҳи зиё бар худ расиданам*
*Аз худ фирор созаму то худ сафар кунам.*
*Бо дидаи ҳақиқати оинадори ишқ*
*Аз ғайр нусха гираму бар худ назар кунам.*
*Бебаҳраифару фараҳ бо чанд бефара,*
*Гӯши умеди хастаро аз ҳарза кар кунам.*
*Бо ормони сабзи худ, бо шеди сабзи худ,*
*Як мушт боғи мурдаро боғи самар кунам.*
*Як умри пурмалолро, як сар хаёлро,*
*Дар пои дил гузораму аз гил гузар кунам.*
*Ман омадам, ки дар азои фитнаву риё*
*Рақси камаршикастаро мастона сар кунам…*
*Ман омадам, ки розро нози сухан кунам,*
*Бо сӯзи най фасонаи дай пурсамар кунам.*
*Ман омадам, ки дар мақоми ҷоҳу гоҳи худ*
*Бо сеҳри тоза ҷилваи ҳусни ҳунар кунам.*[2]

Ба ҷуз он ҳама балоғат ва ғанои ирфонӣ ва рӯҳонии «Девони Шамс» ду омили дигар аст, ки ҳар хушзавқро ба худ шефта мекунад ва он ду омил ҳаракати андеша ва ангезаи талабаст.

---

[1]Гулрухсор, Девон, саҳ. 622
[2]Ҳамон ҷо, саҳ.

Ва ин ду омил ба ғазалҳои Мавлоно ҷаззобияти махсус додааст ва ин фазо ва ин ҳолу ҳаво ба шоирони тоҷик низ таъсир кардааст ва дар ғазалҳои Гулрухсор ин ҷилваҳо бештар таҷаллӣ дорад. Ангезаи талаб дар осори Мавлоно танҳо дар сурати калимаҳо ҳак нашудааст, балки дар ботини калимаҳо ҷорист, аз ин лиҳоз каломи Мавлоно ҳамеша паёми тоза ва лозим барои башар медиҳад.

*Кароне надорад биёбони мо,*
*Ҳароре надорад дилу ҷони мо.*
*Ҷаҳон дар ҷаҳон нақшу сурат гирифт,*
*Кадом аст аз ин нақшҳо они мо?!*
*Чу дар раҳ бибинӣ бурида саре,*
*Ки ғалтон равад сӯи майдони мо,*
*Аз ӯ пурс, аз ӯ пурс асрори мо,*
*К-аз ӯ бишнавӣ сӯзи пинҳони мо.*
*Чӣ будӣ, ки як гӯш пайдо шудӣ*
*Ҳарифи забонҳои ирфони мо…*
*Чӣ будӣ, ки як мурғ паррон шудӣ,*
*Бад-ӯ тавқи сирри Сулаймони мо.*
*Чӣ гӯям, чӣ донам, ки ин достон*
*Фузун аст аз ҳадду имкони мо…*
*Чӣ гуна занам дам, ки ҳар дам ба дам*
*Парешонтар аст ин парешони мо…*
*Чу кабкону бозон чӣ сон мепаранд*
*Миёни ҳавои куҳистони мо…*
*Миёни ҳавое, ки ҳафтум ҳавост,*
*Ки бар авҷи он аст айвони мо…*
*Аз ин достон бигзар, аз ман мапурс,*
*Ки дарҳам шикастаст дастони мо.*
*Салоҳи ҳақу дин намояд, туро*
*Ҷамоли шаҳаншоҳу султони мо.*[1]

Ҳаяҷон ва ҳаракат дар ин ғазал ду рукни муҳим аст, ки инсони беҳолро ба ҳоли завқу шавқ меоварад, калима дар калима, фазои ангеза ва ҳаракат дар ин ғазали Мавлоно ҳис мешавад. Ғазал бо ҳаракат, ҷӯшу хурӯш ва ангезаи тамом шурӯъ мешавад ва дар ҳамин ҳолу ҳаво ҳам ин ғазал хулоса мешавад. Аз ин

[1]Куллиёти Шамс, саҳ. 138

даст ғазалҳо дар кори Гулрухсор ҳам ба чашм мехӯрад. Ӯ дар ғазалҳои худ аз фазои кори Мавлоно ҳис, ангеза, андеша ва шеърият ҳунармандона, огоҳона истиқбол кардааст ва аз ин ду омили каломи Мавлоно, яъне ҳаракат ва ангеза, ҷӯшу хурӯш, муваффақ истифода намудааст.

*Манба овои гул аз хонабурунхоҳам рафт,*
*Чун таманнои гул аз дона бурун хоҳад рафт.*
*Садди Искандари ошиқ шиканам бо гули ноз*
*Ҳар гаҳу гулруху Рухшона бурун хоҳам рафт.*
*Шуъласон дар қафаси танги нафас печида,*
*Аз гили хеш чу парвона бурун хоҳам рафт.*
*Аз нами оташи худ сӯхта монанди чанор,*
*Аз яхи машъала сугдона бурун хоҳам рафт.*
*Барқсон аз ҳарами тори фалак рақскунон*
*Поку покизаву тифлона бурун хоҳам рафт.*
*Рӯҳи озоди маро миннати зиндон аҷаб аст,*
*Ҳалқа аз ҳалқаи завлона бурун хоҳам рафт.*
*Ман ба овози гул аз хона бурун хоҳам рафт,*
*Ҳамчунон рози гул аз хона бурун хоҳам рафт.*
*Оқибат аз гили сармозада бурун хоҳам рафт,*
*Оқибат аз худу бегона бурун хоҳам рафт.*[1]

Рӯҳ дар ғазали Мавлоно нимоди огоҳии ботин ва нимоди балоғат, бедорӣ ва асолати инсон аст, яъне ҳуҷҷати аслии инсон будани ҳар инсон рӯҳ аст ва рӯҳ дар осори мавлоно мурғи паррон аст, ки пайваста пару бол мезанад, то ба кӯҳи маърифат ва ишқ бирасад. Дар ғазали ҳозири Гулрухсор ангеза ва ҳаракат, ҳолу ҳавои ғазали Мавлоноро дар худ такрор мекунад.

*Шуъласон дар қафаси танги нафас печида*
*Аз гили хеш чу парвона бурун хиҳам рафт.*

---

[1]Гулрухсор, Девон, 645

Манзур аз «қафаси танг» дар ин байт ҷисм ва зиндагӣ бошад, зиндагӣ бо ҳама ҷилваҳои худ, бурду бохтҳо, гирифториҳо боз ҳам ширин аст ва инсони хокӣ ба ночор он ҳамаро бояд дар масири зиндагӣ, дар фарозу фурудҳо таҳаммул кунад. Ҷисми хокии инсон дар ин ҳама таҷрибаҳо дар ниҳоят пӯхта мешавад ва истифода аз калимаи «шуъла» ин назарро таъйид месозад, дар вожаи шуъла, ҳамон ҳаракати ҳамешагии инсон маънӣ мешавад ва сифати ҳаракат дар шуъла ҳамон сӯхтан аст. Ҳаракат дар вожаи «нафас» ҳолати зиндагист ва шарҳи он набзи зиндагист, ки метапад ва баёни «печидан дар нафас» таркибест, ки ба ҳолатҳо ва гунаҳо дар зиндагӣ ишорат мекунад. Гулрухсор мегӯяд, баъд аз сӯхтанҳо дар шуълаҳои зиндагӣ ва баъд аз печиданҳо дар қафаси танги зиндагӣ дар ниҳоят, ҳамчун парвона аз худ бурун хоҳам рафт. Ин ҳама зебоӣ, шевоӣ, ангеза, ҳаракат, балоғат, малоҳат, магар ҳамон ангеза ва шӯру шавқи Мавлоно нест, табиати каломи Гулрухсор дар ин хат аз ҳолу ҳаво ва шавқи Мавлоно холӣ намебошад. Мавлоно рӯҳи озодро дар ғазалҳои худ тасвир мекунад, аз нигоҳи шоири ориф маънии инсон растан аст аз кайди обу гил ва дубора пайвастан аст ба олами ишқ ва олами нур, дар ҳамин маънӣ мегӯяд:

*Зи дом чанд бипурсиву донаро чӣ шудаст?*
*Ба бом чанд баройиву ханаро чӣ шудаст?*
*Фисурда чанд нишинӣ миёни ҳастии хеш,*
*Танӯри оташи ишқу забонаро чӣ шудаст?*
*Ба гирди оташи ишқаш зи дурмегардам,*
*Агар ту нуқраи софӣ, миёнаро чӣ шудаст?*
*Зи дардии гаму андеша сер чун нашавӣ,*
*Ҷамоли ёру шароби мугонаро чӣ шудаст?*
*Дарахтвор чарошох-шох васвасаӣ?*
*Ягона бош чу беху ягонаро чӣ шудаст?*
*Дар он Хутан, ки дар ӯ шахс ҳасту сурат нест,*
*Магӯ фалон чӣ кас асту фалонаро чӣ шудаст?*
*Нишони ишқ шуд ин дил зи Шамси Табрезӣ,*
*Бибин, зи давлати ишқам нишонаро чӣ шудаст?*[1]

---

[1]Куллиёти Шамс, саҳ. 223

Дар ҳамин ҳолу ҳаво ва дар ҳамин тапиданҳову дамиданҳо, ки дар ин ғазали Мавлоност, Гулрухсор мегӯяд:

*То субҳро зи хоби шаб бедор мекунам,*
*Ангушти набзи хастаро хуншор мекунам.*

*Офоқро ба рақси аҳуроӣ мекашам,*
*Аврокро зи рангиҷон гулзор мекунам.*
*Ҳамдарди ғусса зистан, таҳқири зиндагист*
*Бар рӯйи ҳузн аз фараҳ гулзор мекунам.*
*Бо ёди он ки зиндадори нори дигар аст,*
*Ҷоми дили шикастаро саршор мекунам.*
*Андар ҷавоби ҳар нигаҳу сарди бешарор*
*Шеъри нигоҳи Шамсро такрор мекунам…*
*…То ҷилваи ҷавониям рақсад дар оина*
*Оини пири маргро инкор мекунам.*[1]

Дар зимни ин ғазал бояд гуфт, ки мавзӯи марг дар ғазалҳои Мавлоно бисёр тавсиф мешавад ва ин тавсиф бисёр ҷиддист, Мавлоно бо марг дӯст мебошад ва дар нисбати марг ҳеҷ назари манфӣ надорад, балкиҳузури ҳамвораи маргро дар кори худ ба намоиш мегузорад. Мавлоно дар ғазалҳои худ маргро васф мекунад, месарояд, истиқбол мегирад ва бо он рақси ғазал меравад. Чаро? Зеро марг аз нигоҳи Мавлоно огози марҳилаи дигар ва милоди дигар барои инсон аст, яъне омадани марг барои Мавлоно интиҳои роҳ нест, балки оғози роҳи дигар аст.

*Ба рӯзи марг чу тобути ман равон бошад,*
*Гумон мабар, ки маро дарди ин ҷаҳон бошад.*
*Ҷанозаам чу бибинӣ, магӯ фироқ-фироқ,*
*Маро висолу мулоқот он замон бошад.*
*Маро ба гӯр супорӣ, магӯ видоъ-видоъ,*
*Ки гӯр пардаи ҷамъияти ҷинон бошад.*
*Фурӯ шудан чу бидидӣ, баромадан бинигар,*
*Ғуруб шамсу қамарро чаро зиён бошад?*
*Туро гуруб намояд, вале шуруқ бувад,*
*Лаҳад чу ҳабс намояд, халоси ҷон бошад.*
*Кадом дона фурӯ рафт дар замин, ки наруст?*

[1]Гулрухсор, Девон, саҳ 530.

*Чаро ба донаи инсонат ин гумон бошад?*
*Даҳон чу бастӣ аз ин сӯй, он тараф бигушой,*
*Ки ҳой-ҳойи ту дар ҷӯву ломакон бошад.*[1]

Ба ин мавзӯъ Гулрухсор низ аз зовияи нигоҳ, маърифат, андеша ва ирфони Мавлоно менигарад ва дар хазонрези марг, баҳор, сарсабзӣ ва шукуфтани дубораро бовар дорад, марг барои ӯ хушкбории ҳамеша дар олами ҳастӣ нест, балки баҳори тозаест, ки аз гиребони офариниш сар бар мекунад. Бар ин мабно Гулрухсор ҳамчун Мавлоно маргро меситояд, барои таваллуди дубораи ишқ. Дар зимн бояд арз дошт, ки мавзӯи марг мавзӯи сода ва андак нест, андеша ва тафаккур дар ин мавзӯъ ҷуръат ва тафаккури маънавӣ ва ирфонӣ мехоҳад. Дар шеъри муосири тоҷик ин мавзӯъ бо ҳамаи густардагӣ зиёд мавриди баррасию таҳқиқ қарор гирифтааст ва Гулрухсор аз қабили он шоиронест, ки чун Мавлоно бар рӯйи марг механдад ва аз фасли марг низ гули зиндагӣ мехоҳад бичинад. Дар ғазалҳое аз ин даст ҷуръату ғайрати Мавлоно дар ӯ меҷӯшад. Бихонем:

*Ҷунуни рақси гул ифшогари марги хазонрез аст,*
*Ғуборам бар мазори ҳарза меборад, фазоро бин.*

****

*Бо ормони сабзи худ бо шеди набзи худ*
*Як мушт хоки мурдаро боғи самар кунам.*

****

*Марг дар ҳар зарра эҳсоси фано дил мезанад,*
*Зиндагӣ гар хоби бедорист, хоби мурда аст.*
*Фазли нуҳ офоқро риндона бардорад замин,*
*Осмон бе фитрати инсон китоби мурда аст.*

****

*Зиндагӣ таҳрику исён аст бар қасди аҷал,*
*Рози маргу зиндагиро парда бину соз бин.*

****

*Он ки мемирад барои зиндагӣ,*
*Ишқро Мансури дори зиндагист.*
*Марг анҷоми ҳама огозҳост,*

[1]Куллиёти Шамс, саҳ. 326

*Марг, алҳақ, зодгори зиндагист.*

****

*Аз барги хушк шевани гулбуни тар шунав,*
*Аз шамъи мурда рақси шарар шунав.*

*Девори худшикастаи мо девори дил набуд,*
*Доди дили шикаста зи девору дар шунав.*

Ҳамон тавр ки дар ин абёт мушоҳида мешавад, Гулрухсор низ ба монанди Мавлоно дар марг маргро намебинад, балки дар марг ҳам сурати зиндагиро мебинад ва маргро таваллуди зиндагии дигар медонад. Бо ин вуҷуд ҳарфи Гулрухсор дар тавсифи марг, ҳарфи худи ӯст, на такрор аз ҳазрати Мавлоно чунинаст, ки мавзӯи марг дар бисёре аз корҳои шоира тозакориҳои худро дорад аз назари ҳунари адабӣ ва ҳам аз назари шеър. Аз ин ҷост, ки мешавад гуфт, Мавлоно бар гардани ҳамаи широни тоҷик аз ҳар лиҳз ҳаққое дорад.

Зебоии баён ва мусиқии гарму ширини каломи Мавлоно ончунон ҷаззоб аст, вақте аз марг мегӯяд,инсон медонад, ки номи нек аст, ки инсонро зинда нигоҳ медорад. Аз ин рӯ ваҳшати марг, дар раъси ин андеша гум мешавад ва дар дили инсон андешаи кори хайр, накуӣ кардан, дасти дармондаеро гирифтан, муҳаббат ва ишқсабз мешавад. Мавлоно мехоҳад ба инсон дарси чӣ гуна зистанро таълим бидиҳад ва нишон бидиҳад, ки инсон дар тараққии маърифат ва камол чӣ кор бояд бикунад. Марг бо ҳама ваҳшати худ дар ин ҳама зебоиҳои пурранги ҳунари Мавлоно рух пинҳон медорад ва ҷуз шаъшааи зебоӣ ва партави нуронии баён хонанда чизеро намебинад, ва дар таҷаллиизебоиҳои калом зиндагиро ба тамошо менишинад:

*Бимиред, бимиред, дар ин ишқ бимиред,*
*Дар ин ишқ чу мурдед, ҳама рӯҳу амиред.*
*Бимиред, бимиред в-аз ин марг матарсед,*
*К-аз ин хок бароед, самовот бигиред.*
*Бимиред, бимиред в-аз ин нафс бибурред…*
*Ки-ин нафс чу банд асту шумо ҳамчу асиред.*
*Яке теша бигиред пайи ҳуфраи зиндон,*
*Чу зиндон бишикастед, ҳама шоҳу амиред.*

*Бимиред, бимиред ба пеши шаҳи зебо,*
*Бари шоҳ чу мурдед, ҳама шоҳу шаҳиред.*
*Бимиред, бимиред, в-аз ин абр бароед,*
*Чу з-ин абр бароед, ҳама бадри муниред.*[1]

Ин ҳама ҳузури гарми таҷаллии ҳунар дар сохтори забони ва баёни шеъри Гулрухсор низ мушоҳида мешавад, дар ғазали зери шоира ҳамин ҳолат, шодобӣ ва ангезаи шавқ дар зеҳн ҷорӣ мешавад ва марг мисли як шоха гули шукуфта дидаву дилро равшан мекунад:

*Чодари роз бар сари гулҳо*
*Бо дили хок роз мегӯянд.*
*Аз гили дона то гули дона*
*Бо дили чок роз мегӯянд.*
*З-умри серӯза, гулханафрӯза*
*Шоди ғамнок роз мегӯянд.*
*Аз дамидан, шукуфтану мурдан,*
*З-атри идрок роз мегӯянд.*
*Аз азал то адам ҷода мепӯянд,*
*Хок дар хок роз мегӯянд.*
*Кам магиред нози гулҳоро,*
*Ки зи афлок роз магӯянд.*[2]

Дар ин ҳама эътиқоду боварҳо, ҳамон тавр ки арз шуд, ҳарфи Гулрухсор танҳо бароидағдаға аз шеър нест, балки барои маърифат ва рӯҳоният аст, ки башар ҳамеша ба ин ду мафҳум ниёз дорад. Ҳамин фазо шеъри ӯро ба ҷилваҳои шеъри Мавлоно наздиктар кардааст, шинохти ҳастӣ, кашфи шуҳуд, даст додан ба дасти ишқ ва ирфони муҳаббатро кадом шоир аст, ки орзу накунад ва чун Мавлоно кӣ намехоҳад, дар калом қиёми маънавӣ ва рӯҳонӣ карда бошад? Гулрухсор дар ғазали зебои худ ҳамин маъниро бо шукӯҳу шаҳомати махсус тавсиф мекунад:

*Дар найкада мавзун аст рақси найи Мавлоно,*
*Дар майкада маҳзун аст сури майи Мавлоно.*

[1] Куллиёти Шамс, саҳ. 270
[2] Гулрухсор, Девон, саҳ. 566

*Пайгоми сафо дорад, паймони сахо дорад,*
*Аз миллати хуршед аст пири Райи Мавлоно.*
*Сӯзе зи вуҷуди сард, сурхе зи кабуди сард,*
*Шаҳде зи қиёми заҳр дорад майи Мавлоно.*

*Бо ҳечи фано хандон, аз печи самоъ гирён,*
*Мастурии Мансур аст, устурайи Мавлоно.*
*Бо сӯзиши сарди худ, бо тобиши фарди худ,*
*Наврӯзии кайҳон аст барфи дайи Мавлоно.*
*Тобути ниё бар дӯш, сар дар таги каш хомӯш,*
*Дар Рум зада раҳгум кеши Кайи Мавлоно.*
*Шамсулҳақи эъҷозаш, хуни раги эҷодаш,*
*Ҳарфе ба лаби дунёст ҳарфи ҳайи Мавлоно.*
*Аз кӯҳ шуда боло,бо рӯҳ шуда якҷо,*
*Худ киштаи Мавлоно, худкуштаи Мавлоно.*
*Сад шуъла забон дорад, барқи шараён дорад*
*Сеҳри найи Мавлоно, чашми пайи Мавлоно.*
*Хуни ҳаваси оташ,фарёдраси оташ,*
*Дорад нафаси оташ шеъри найи Мавлоно.*[1]

Истифода ва бардоштимаънавӣ ва рӯҳонӣ аз осори Мавлоно пеш аз ҳар чӣ бардошт ва истифодаи маънавӣ ва ирфонӣ аст, инсонгароӣ, шинохти маърифати ишқ, зиндагӣ ва марг, сулук, тариқат, худогоҳию худшиносӣ, унс ва дӯстӣ бо маҳбуб, аз муҳимтарин аркони ирфон аст, ки дар «Девони Шамс» ҷой дорад. Дар шеъри муосири тоҷик рагаҳои ин мавзӯот бетардид ба чашм мехӯрад ва шоирони тоҷик ба қадри тавони худ дар робита ба ин мавзӯъҳо тафаккур ва андеша кардаанд. Гулрухсор ба осори Мавлоно, ҳамон тавр ки иброз шуд, ҳаргиз тақлиди зоҳир надорад, балки ҷазб, андеша, нигоҳ ба мавзӯъ, балоғати сухан ва кашиши маърифати пурбори Мавлоно шоираро ба худ мафтун ва шефта кардааст. Гоҳе низ мутобиқ ба ҳолатҳои равонии худ яъс, шодӣ, дилтангӣ, танҳоӣ ва ғамҳои худро дар қолаби шеър таҷриба кардааст ва дар ин ҳолатҳо ӯ бо «Девони Шамс» ҳамнишиниҳо доштааст. Каломи Мавлоно шоираро дар ҳолатҳои сангини зиндагӣ, ғурбат, гирифториҳо ва андӯҳ таскин додааст, неру додааст, ин назарро шеърҳои шоира собит

---

[1]Гулрухсор, Девон. Саҳ. 582

мекунад, Гулрухсор дар ҳамин хат бо каломи Мавлоно байъати худро эълом медорад:

*Санг будам, садо шудам, нанг будам, ҷазо шудам,*
*Сур будам азо шудам, гиря макун барои ман.*
*Ёвари хасмзоди худ, довари ёду доди худ,*
*Фоҷиаи муроди худ, ҷоизаву ҷазои ман.*
*Аз ҳамагон гусастаам, аз худи худ нарастаам,*
*Дар гили худ нишастаам, фарш бувад фазои ман.*
*Бодии бодаи худам, захми кушодаи худам,*
*Куштаи зодаи худам, навҳа бакун барои ман.*
*Об-сароби зистан, хоб-шитоби зистан,*
*Ноб шароби зистан, ҷуръа бидеҳ барои ман.*
*Раъд хитоби зиндагист, барқ шаҳоби зиндагист,*
*Марг ҷавоби зиндагист, қарзи ману ҷазои ман…*[1]

Дар ин ғазал ҳолати равонӣ ва фазои андешаи шоира равшан мушоҳида мешавад,ӯ дарҳолати дилшикастагӣ ва инзиво қарор дорад, аммо умеди зистан ва ишқ дар ӯ пар мезанад. Сабки самоии баён, ҳусни андеша, валвала ва ғурури инсон будан, мусиқии дарунии шеър, қиём ин ҳама ҳамон дағдағаҳои Мавлоно аст ва маҳз ҳамин дағдағаҳо «саҷҷоданишини мағрур»-ро Мавлоно кард ва хонум Гулрухсор ба ин фазои каломи Мавлоно бисёр ҳушёр ва бедор ворид гардид ва ӯ дар ин самт аз шоираҳои муваффақ дар шеъри муосири тоҷик аст.

[1]Ҳамон ҷо, саҳ 567

## ҲАШРИ ИШҚ ДАР БАҲОРИ КАЛИМАҲО

Хонум Фарзона дар шеъри муосири тоҷик аз шоираҳои мумтоз ва хушнигоҳ аст. Нигоҳи ӯ калимаҳоро навозиш мекунад ва ҳар калима дар фазои кори ӯ нимоди зебоӣ, ишқ, муҳаббат, садоқат, самимиятҳо ва дӯстдоштанҳост. Ӯ таҷаллии зебоиро дар ҳама чиз мушоҳида мекунад ва дар ирфони зебоӣ бузургии инсонро,чун Мавлоно тавсиф мекунад, зебоии сурат ва зебоии ботинро дар калимаҳо,зебо ба наққошӣ мегирад. Фарзона аз зовияи зебоӣ ба ҳастӣ, офариниш ва ишқ, ки муҳимтарин самт дар корҳои ӯст, менигарад, аз назари Фарзона, агар инсон зебоиро маърифат кунад, метавонад дар ҳама мароҳили зиндагӣ муваффақ бошад, зеро зебоии ботин инсонро ба худ, ба ҳастӣ, ба зиндагӣ, ба офариниш ва ишқ,ки маънии ҳастии инсон дар он аст, ошно месозад. Дар шеърҳои Фарзона зебоӣ танҳо дар сурати ҳар калима маънӣ намешавад, балки аз ин қаламрави маҳдуд фаротар меравад ва дар ишқ ва инсонҳо хулоса мешавад ва ишқ дар шеърҳои Фарзона ниҳояти камол ва ҷалоли ишқ аст. Оғози таҷрибаи зебоӣ дар корҳои ин шоираи азиз, фикр мекунам фасли баҳор аст, ӯ баҳорро бисёр самимӣ ва огоҳона дӯст медорад, балки баҳор барои Фарзона ҳамон дӯст ва ҳамон дугонаест, ки аз ҳама беҳтар ӯро мефаҳмад ва беҳтарин ҳамроз низ барои ӯ фасли баҳор аст. Фарзона дар воҳаи раҳмат ва сабзи баҳор ирфони зебоиро ба таҷриба гирифт ва андак-андак ба ҷилваҳои болиғтари зебоӣ, муҳаббат, нур ва ишқ худро ошно кард. Ҳар сол баҳор меояд ва ҳар сол шукуфаҳои гули зардолуаз шохаҳои дарахти зардолу бар замин меборад, ҳамчунон ки бар сари арӯси нозанин, аммо ҳеҷ кас чун Фарзона ба шӯҳуди ин зебоӣ нарасид. Ҳамон тавр ки арз шуд, дар ибтидоҳамин мушоҳида ва шинохти зебоӣ ӯро ба зебоиҳои ишқ ошно кард ва аз ин баракат мавзӯи муҳаббату ишқ дар сохтори корҳои Фарзона бисёр устувор гардид.

*Аввали баҳор омад, фасли яъс поён шуд,*
*Яъсро гузор, эй дил, ёс атргардон шуд.*
*Офтоби зардуштӣ беруномад аз горе,*
*Чилланишини дарбаста дар миёни майдон шуд.*
*Чеҳраи азизи ту, эй ҳабиби рӯҳонӣ,*
*Бештар таҷаллӣ рехт, он қадар, ки пинҳон шуд.*

*Осмон ба тан пӯшид, атласи камону тир,*
*Қалби садқабои ман рахт канду урён шуд.*
*Кист, кист он якто, он ки ҳаҷри бетаркаш*
*Ҳамтаронаи дил шуд, ҳамсаодати ҷон шуд.*
*Чун рамид нури ғайб, хубии ту зиштӣ гашт,*
*Чун расид нури ғайб, хира ҳам дурахшон шуд.*
*Мезанад дили мастам бар дари фалак тақ-тақ,*
*Ӯ, кибо маҳу анҷум даст бар гиребон шуд.*
*Дар раҳи маҷозу асл ҷустуҷӯи худ кардем,*
*Ҳар касе Худоро ёфт, оқибат ҳам инсон шуд.*
*То расид пайки ту, эй зи ишқ зеботар,*
*Қалби субҳхоҳи ман боз субҳагардон шуд.*[1]

Фазои ин ғазали зебо ирфони Мавлоноро ба хотир меоварад, ҳолу ҳавои ғазал саршор аз рӯҳонияти Мавлоност, дар ин ҳошия бояд арз кард, Фарзона аз қабл худро дар маърифати зебоӣ омода кард ва баъд аз он ба шеъри Мавлоно рӯй овард. Ҳастанд шоироне, ки барои арзиш додани каломи худ аз Мавлоно таъсир мегиранд ва дар ин равиш муваффақ нестанд,шоироне чунин худ пой дар гил ҳастанд, аммо аз дил мегӯянд ва Мавлоноро ҳуҷҷатмеоранд. Аммо Фарзона дар ин самт аз он хушбахтонест, ки ба ирфони Мавлоно огоҳона ва бо таҷрибаи лозим рӯй овард, аз ин ҷост, ки рӯҳоният ва ирфони каломи Мавлоно дар шеърҳои Фарзона шаффоф ва болиғ аст ва хонандаро ба ҳақиқати ирфони Мавлоно ошно месозад.

Яъне таъсири Мавлоно ба хонум Фврзона танҳо дар сурати калом нест, дар сурати назм нест, балки реша дар асолат, маънӣ, ирфон ва шеърияту бадеият дорад ва Фарзонадар сулуки андеша ва кайфияти шуҳуди шеър бо дунёи каломи Мавлоно канор меояд ва шеъри худро дар беҳтарин ваҷҳ ранг медиҳад. Муҳаққиқ ва шоири шинохтаи Эрон Алиризо Қазва дар ҳамин робита гуфтааст, «забони шеъри ӯ (Фарзона) беш аз ҳар шеъре (манзур шеъри муосири тоҷик) таҳти таъсири шӯрадагиҳои Мавлоно ва ғазалиёти Шамс аст. Шояд ин нуктаро дар ин абёт равшантар тавон дид:

[1]Фарзона, «Муҳри гули мино», инт. Нашир, Хуҷанд, соли 2006, саҳ. 335

*Аз қалбам бароям хоҳам, ки ҷон шавам,*
*Ворастатар зи қофилаи лӯлиён шавам.*
*То ҳамчу най зи магзи ҷигар нола даркашам,*
*Бояд зи пӯст бигзараму устухон шавам…».*[1]

Барои хонанда дар оғози ин навиштаи фишурда аз фазои шеъри Фарзона суҳбат шуд, ба он хотир, ки хонанда бидонад Фарзона огоҳона ва бо омодагии лозим ба осори Мавлоно рӯй овардааст ва ин омодагӣ барои ҳар шоир, ки мехоҳад аз Мавлоно таъсир бигирад, бисёр муҳим мебошад. Алиризо Қазве фармудаанд, ки забоии шеъри Фарзона бештар аз ҳар шоири дигар таҳти таъсири ғазалҳои Мавлоно аст, бояд дар ин хат гуфт, ки Фарзона на танҳо аз назари забон, балки аз назари ирфон, маърифат, нигариш ва нигориш, хаммуассир аз каломи Мавлоно аст, ки зебогароии Фарзона ҷилвае аз он аст, ки дар оғози суҳбат бар он ишорат доштем.

Фарзона:

*Дилам дар шаккаристон аст имрӯз,*
*Шакарваштар зи бустон аст, имрӯз.*
*Баҳоро, мизбонӣ кун диламро,*
*Ки дар хони ту меҳмон аст имрӯз.*
*Биё бар зодрӯзи як гули сурх,*
*Ки чун анқо намоён аст имрӯз.*
*Се ҳарф аз арш барёриям омад,*
*Ҳама душворам осон аст имрӯз.*
*Дилам бо содагии кӯдакона,*
*Туро пазмони пазмон аст имрӯз.*
*Нишоти бетуиям ботуӣ шуд,*
*Ғулувви васлу ҳиҷрон аст имрӯз.*

---

[1]Алиризо Қазва, «Жанри ғазал дар назми муосири тоҷик», Рисолаи докторӣ, Душанбе. Соли 2012, саҳ. 122

*Агар ту заррабини ғайб дорӣ,*
*Бибин, ҳар зарра кайҳон аст имрӯз.*
*Итобам буд агар, вопас гирифтам,*
*Хитоби ман ба инсон аст имрӯз.*
*Бифармо дар дили нозуктабиат,*
*Аҷаб хуршеду борон аст имрӯз.*[1]

Мавлоно:

*Чунон мастам, чунон мастам ман имрӯз,*
*Ки аз чанбар бурун ҷастам ман имрӯз.*
*Чунон чизе, ки дар хотир наёяд,*
*Чунон астам, чунон астам ман имрӯз.*
*Ба ҷон то осмони ишқ рафтам,*
*Ба сурат гар дар ин пастам ман имрӯз.*
*Гирифтам гӯши ақлу гуфтам, эй ақл,*
*Бурун рав, к-аз туворастам ман имрӯз,*
*Бишӯй, эй ақл дасти хеш аз ман,*
*Ки дар Маҷнун бипайвастам ман имрӯз.*
*Чунонам кард он ибриқ пурмай,*
*Ки чандин хунб бишкастам ман имрӯз.*
*Намедонам куҷоям, лек фаррух*
*Мақоме к-андар ӯ ҳастам ман имрӯз.*
*Биёмад бар дарам иқбол тозон*
*Зи мастӣ дар бар ӯ бастам ман имрӯз.*
*Мабанд он зулф, Шамсиддини Табрез,*
*Ки чун моҳӣ дар ин шастам ман имрӯз.*[2]

Дар ин ду ғазал он чи дар нигоҳи нахуст ба чашм меояд ва худро ба хонанда менамоёнад, авзонва радиф дар он аст. Ҳар ду ғазал дар як вазн (ҳазаҷ) ва дар як радиф (имрӯз) суруда шудааст, аммо бояд гуфт, ки ин мушаххасот танҳо шабоҳати

[1]Фарзона, Себарга, инт. Ношир, Хуҷанд, соли 2011, саҳ. 62
[22]Гузидаи Ғазалиёти Шамс, инт. Амири Кабир, Теҳрон, соли 1377, саҳ 221

зоҳир аст, ки аз нигоҳи аввал ин ду ғазалро ба ҳам наздик кардааст. Аммо ин ду ғазалро аз назари маъно, маърифат, андеша ва сулуки талаб низ шабоҳатҳо бисёр аст ва он ҳама аз хонанда диққат мехоҳад. Мавлоно сармасту бехуд ва сархуш аз ишқ, аз муҳаббат аст ва шоири ориф ҷуз ишқ аз ҳама буридааст ва дар мақоми ишқ худро кашф мекунад, яъне ҷавҳари маънӣ дар ғазали шоири ориф ишқ аст, ин назар дар ғазал собит аст ва ниёз ба тавзеҳ надорад. Ҳамин фазо ва ҳамин ҳолу ҳаводар ғазали Фарзона ҳам мушоҳида мешавад, он чи ғазали шоираро арзиш медиҳад, ишқ аст ва ҳамон тавр ки Мавлоно бо омадани ишқ ба ҳастӣ, ба худ ва дӯст бо чашми ишқ менигад, Фарзона низ бо омадани ишқ нашъати ҳастиро ҳис мекунад ва аз раҳмати ишқ тамоми садҳо ва сахтиҳо барояш ҳеҷ мешавад. Мавлоно дар ғазали худ танҳо як бор аз калимаи «ишқ» кор мегирад ва аммо тамоми ғазал дар меҳвари ҳамин калима маънӣ мешавад. Фарзона аз калимаи «ишқ» дар ғазали худ истифода накардааст, аммо ба он ишорати зарифе дорад ва барои манзури худ аз таркиби «се ҳарф» истифода кардааст, ки бар маънии ишқ аст, чун калимаи ишқ аз се ҳарф иборат мебошад.

Мавлоно:

*Ба ҷон то осмони ишқ рафтам,*
*Ба сурат гар дар ин пастам ман имрӯз.*

****

Фарзона:

*Се ҳарф аз арш бар ёриям омад,*
*Ҳама душворам осон аст имрӯз.*

Мавлоно мегӯяд, ишқ омад, маро дарси дигар додва аз ҳама чанбарҳо растам, илло чанбари ишқ ва Фарзона дар ин ҳошия мегӯяд, аз файзи ишқ ҳар зарра дар ман кайҳоне шудааст ва агар туро заррабини ғайб ҳаст, метавонӣ ин эъҷозро эҳсос

намоӣ, манзур аз таркиби «заррабини ғайб» ҳолати ҳол ва ваҷд аст, ки дар дили ошиқ аз ғайб биборад ва ориф дар ин ҳолат метаванад ба шуҳуд бирасад ва низ ин таркиб бар маъни нигоҳи ботин ва камол низ метавонад бошад.

Мавлоно:

*Чунон мастам, чунон мастам ман имрӯз,*
*Ки аз чанбар бурун ҷастам ман имрӯз.*

****

Фарзона:

*Агар ту заррабини ғайб дорӣ,*
*Бибин, ҳар зарра кайҳон аст имрӯз.*

Дигар аз ҷилваҳои ҳунар, ки Фарзона аз он дар шеърҳои худ истифода мекунад, овардани байт аз Мавлоно дар сархатти бархе аз шеъру ғазалҳо мебошад ва ин худ аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ медонад ва метавонад, ки аз каломи Мавлоно чи тавр истифода кунад. Ин шеваву равиш дар сохтори шеъри Фарзона аз он мегӯяд, ки ӯ бо осори Мавлоно амиқ ошност ва дар зимн ба каломи шоири ориф сахт ошиқ ҳам аст. Чунончи дар ин ғазал аз ҳамин равиш истифода кардааст:

*То ишқ зияд, зиянд эшон,*
*То ёд бувад, ҳама ба ёдем.*

Мавлоно

*Эй н-омадаи хуҷастамилод,*
*Аз будану аз набуданат дод.*
*Дар шеваи беғамӣ ба сабқат*
*Дар ҳадди ту нест ҳеҷ устод.*
*Иншои ману ту чор банд аст,*
*Иншои баҳор бошад озод.*
*Дар субҳи кабутаронаи ман*
*Бартоб, эй офтоббунёд.*

*Эй сабзтариқати навоин,*
*Аз чашми ту мепазирам иршод.*
*Ҳастии маро,ки вақт хат зад,*
*Ҳар лаҳзату тоза кардӣ эҷод.*
*Ман умри дубора қарздорам,*
*Аз он ки туи ягонаро зод.*[1]
*То ишқ бувад, манам ҳама ишқ,*
*То ёд бувад, манам ҳама ёд.*

Фарзона метавонист бидуни истифода аз байти Мавлоно ин ғазали болиғ ва нобро ба нашр бирасонад, зеро ғазал аз ҳар лиҳоз дар ҳадди камоли ҳунар аст ва забонимуосири он ҳисро муаттар мекунад, Аммо шоираи азиз байти Мавлоноро дар сархатти ғазали худ меоварад ва ба д-ин васила мехоҳад бигӯяд, ки дар сурудани ин ғазал аз Мавлоно мутаассир аст ва аз ӯ илҳом гирифтааст ва ҳаққи Мавлоноро нигаҳ медорад. Дар халқи шеър ҳар ҷой, агар андак ҳам аз Мавлоно суд гирифтааст, онро ишорат мекунад ва эҳтирому ҳаққи шоири орифро, ҳамон тавр ки арз шуд, нигоҳ медорад ва ин аз бузургӣ ва ростию озодагии Фарзонагӯяд.

*Чун суратакат афтад, ҷибиллат монад,*
*Аз кибри фалакхарош зиллат монад.*
*Он гуна, ки Мавлавии Балхӣ гӯяд,*
*Ин дав-дави ту бигзараду лат монад.*

****

*Ҳафтоду ду миллати ҷаҳон ёри ту буд,*
*Нуҳ гунбади нилгуна дастори ту буд.*
*Садсола шудам, ки бар дилам ишқ омад,*
*Мавло, Мавло, қасам, ки ин кори ту буд.*[2]

---

[1]Фарзона. «Себарга», инт. Ношир, Хуҷанд, соли 2011, саҳ.127
[2]Ҳамон ҷо, саҳ. 202, 204

Фарзона дар ин абёт ба номи пири тариқат, ишқ ва ирфон Мавлоно савганд ёд мекунад ва маънии савганд ин аст, аз қабл зиндагии ороме доштам, дар ин оромӣ ва сукути дунёи ман ногоҳ тӯфони ишқ барпо шуд ва дунёи оромам ба ҳам рехт.

Дар дили бехабар ишқ борид ва сукуту оромиши садсоларо дар ман шикаст, ҳоло дигар як саргардони ишқам, савганд, эй Мавло ин ҳама танҳо кори ту аст. Мавлоно низ, ба ишқ ин гуна ворид гардида буд ва бо омадани Шамс дунёи ӯ батамом дигар шуд ва шоири ориф дарин маънӣфармуд:

*Зоҳид будам, таронагӯям кардӣ,*
*Сарфитнаи базму бодахӯям кардӣ.*
*Саҷҷоданишини бовиқоре будам,*
*Бозичаи кӯдакони кӯям кардӣ.*

Фарзона дар кори худфазои рӯҳонии Мавлоноро такрор кардааст, ки бар он ишорат шуд, аммо забони рубоии ӯ забони шеъри имрӯз аст. Вай аз он шоирони пурмоя аст, ки осори Мавлонои бузургро ҷиддӣ омӯхтааст ва ҷиддӣ дар шеърҳои худ аз он чи омӯхтааст, истифода мекунад, ки барои хонандаи имрӯз мақбул ва писандида аст.

*Ту «Фиҳи мо фиҳи» ба ман бархон,*
*Ояи огаҳӣ ба ман бархон.*
*Себзор аст шеъри шаш қитъа*
*Аз сифоти биҳӣ бар ман бархон…*[1]

Фарзона дар ин абёт мегӯяд, барои ман аз «Фиҳи мо фиҳи» бигӯ ва ин ишораи кӯтоҳ аз фаросат, огоҳӣ ва фитрати решадори шоира башорат медиҳад ва ҳам аз умқи дониши ӯ. Дар ин абёт Фарзона бо ишорати андак ҷаҳони маънӣ ва маърифати ирфонро пеши рӯйи хонандаи худ қарор медиҳад ва ҳар кӣ ба

[1]Фарзона, «Себарга», инт. Ношир, Хуҷанд, соли 2011, саҳ. 53

ин китоби Мавлоно ошност, медонад, ки шоира бо истифода аз ин таркиб чӣ мехоҳад. Китоби «Фиҳи мо фиҳи» маҷмӯи суханҳои Мавлоност, ки ба мухотабини худ дар маҷлисҳо баён кардааст ва ин китоб дар масоили тариқат, ишқ ва ҳақиқат баҳс мекунад ва саршор аз ҳикмат аст. Фарзона дар ин чаҳорпора мехоҳад бигӯяд, ман аҳли маърифат ҳастам ва агар ту низ аҳли маърифат ҳастӣ, барои ман аз Мавлоно ва ирфони ӯ ҳарф бизан ва шоира барои ҳуҷҷат додан ба ин манзури худ китоби Мавлоно «Фиҳи мо фиҳи»-ро мисол меоварад.

Фарзонаирфони ишқро чун Мавлоно тавсиф мекунад ва аз зовияи нигоҳи шоири ориф ба ишқ менигарад.

Мавлоно:

*Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост,*
*Мо ба фалак меравем азми тамошо кирост?*
*Мо ба фалак будаем, ёри малак будаем,*
*Боз ҳамон ҷо равем ҷумла, ки он шаҳри мост.*
*Худ зи фалак бартарем, в-аз малак афзунтарем,*
*З-ин ду чаро нагзарем? Манзили мо кибриёст…*[1]

Фарзона:

*Ишқ аст, сутунмуҳраи дунё ишқ аст,*
*Балки зарабони дили фардо ишқ аст.*
*Гӯянд, ки ишқ нест, дар ҳар ҳеч куҷо,*
*Эй ҳеҷ куҷо, бибин, ҳама ҷо ишқ аст.*

****

*Берун шав аз мурдоби шак, бар диданам боло баро,*
*Аз ин лаҷанолудагӣ худро ба худ поло, баро.*
*Эй бадгумон аз оина,зангор дар чашмони туст,*
*Қуфли маҷозиро шикан, бар вусъати дунё баро.*
*Берун баро аз фикри бад, аз наҳсбоди деву дад,*
*Гар пургашӣ, он ҷо бимон, гар тозаӣ, ин ҷо баро.*

---

[1]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ.86

*Ин давру даврон кӯтаҳ аст, ин нозу ҷавлон кӯтаҳ аст,*
*Бар кӯтаҳии худ бибин, з-имрӯзи бефардо баро.*
*Бар орифе гуфтам, бигӯ сирри сарафрозии худ,*
*Ӯ гуфт: Бигзар аз ниёз, боре ба истиғно баро.*
*Ҳар гардро аз пешу пас, эй дил, ту ҳам бар худ магир,*
*Он сон, ки мешояд туро, вораставу зебо баро…*[1]

Ҷои дареғ аст, ки имрӯз бархе аз шоирон ва муҳаққиқон дар шеъри муосири тоҷик ҷилваҳоиирфонро инкор мекунанд ва ишон бар он ҳастанд, ки дар шеъри муосири тоҷик ҷустани ирфон корест беҳуда, аммо назари ишон саҳеҳ нест, зеро шеъри муосири тоҷик аз ҷилваҳои ирфонӣ ғанӣ аст ва ғанитар мешавад. Намунаи боризи он ҳамоно дар шеъри муосири тоҷик шеърҳои шоира Фарзона аст, ки аз ҷилваҳои ирфонӣ саршор аст ва ҳар он шоир, ки аз калом ва ғанои андешаи Мавлоно мутаассир аст, наметавонад аз ирфон нагӯяд ва шоире чун Фарзона, ки аз ҳаводорони асили Мавлоност, аз ирфони шоири ориф дар корҳои худ истифода кардааст. Асли ирфон шинохтан, дарк кардан, камоли маънавӣ ва маърифат аст, ки ҳунарро наметавон бидуни ин ҷилваҳо ҳунар гуфт, бахусус ҳунар дар шеърро. Ҳамон тавр ки Мавлоно аз ҳар тараф овози ишқро мешунавад ва дар ҳама чиз таҷаллии ишқро мушоҳида мекунад, Фарзона ҳам дар ҳама чиз ишқро мушоҳида мекунад ва ӯ ҳам чун Мавлоно эътимод дорад, ки ҳастӣ ҳама саршор аз ишқ аст, танҳо садои ишқро бояд шунидва ишқро кашф кард. Дар як калом шеъри Фарзона ҳашри ишқ аст, дар баҳои калимаҳо, ки дар корҳои худ ирфони Мавлоноро, маърифати Мавлоноро бо нигоҳи муосир, болиғ, бадеъ ва мудерн такрор кардааст.

---

[1]Фарзона, «Мӯҳри гули мино», инт. Ношир, Хуҷанд, соли 2006, саҳ. 277-369

## ҲУШМАНДИ РОҲИ МАВЛОНО

Ҳар шоире дар ҳадди андеша, тафаккур ва тавоноии ҳунар, ки ӯрост, ба зиндагӣ, ҳастӣ ва офариниш менигарад, дар ин қаламрав қудрат, хилқат ва шеъри худро барои хонанда намоиш медиҳад. Дар ин ҳавза шоиронро ба чанд гурӯҳ метавон тақсимбандӣва ё ҷудо кард. Бахши аввалро дар ин самт, шоирони ҳисгаро мешавад ном ниҳод, дувумиро шоироне, ки шеъри онҳо бештар маншаи заминӣ дорад. Шеъри ин гурӯҳ ниҳоятан дар сифат ва таърифи табиат хулоса мешавад, агарчи шоироне аз ин даст дар ҳунари шеър, дар халқи шеър ба азамат ва бузургӣ расидаанд ва дар қаламрави сухан мақому мартабаи худро пайдо кардаанд. Ва дар бахши дигар шоироне ҳастанд, ки шеъри онҳо болотар ва бартар аз ин гурӯҳ мебошад, зеро сухани ин гурӯҳ чунин ба назар мерасад, ки дорои маншаи баландтарест. Эътиқоду эътимод, сухан ва нигоҳи ин шоирон аз зовияи дигар аст, аз зовияи ишқ, ба ҳастӣ ва маҳбуб. Саноӣ, Мавлоно, Ҳофиз, Бедил, Муҳаммад Иқбол аз шоирони ин ҳавза ҳастанд, ки каломи онҳо бештар маншаи кайҳонӣдорад. Истифода аз вожа ва таркибҳои ирфонӣ шеърро ҳаргиз маншаи кайҳонӣ намедиҳад. Хеле аз шоирон ин равишро дар шеърҳои худ таҷриба кардаанд, вале ҳаргиз дар суханварӣ муваффақ набуданд, зеро маншаи кайҳонии калом батамом чизе ҳаст дигар, ки он барои бархе аз шоирон ҳадяи тақдир аст. Ба ин нукта шоирони ориф дар осори худ борҳо ишораҳо кардаанд. Хоҷа Ҳофиз мегӯяд:

*Дар андаруни мани хастадил надонам кист?*
*Ки ман хамӯшаму ӯ дар фиғону дар ғавғост.*[1]

Мавлоно:

*Эй ки миёни ҷони ман талқини шеърам мекунӣ,*
*Гар тан занам, хомуш кунам, тарсам, ки*
*фармон бишканам.*

Дар шумори чанд тан аз ин шоирон бетардид Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ориф, ҳаким, донишманд, фақеҳ аз зумраи

[1]Ҳофизи Шерозӣ, Девон, инт. Амри Кабир, Теҳрон, с.1372, саҳ. 234

ҳамон шоирон некбахт аст, ки каломаш беш аз ҳар шоири дигар ҷилваҳои кайҳонӣ дорад. Таъсири каломи ин шоирони ориф ба шоирони қарнҳои баъд бисёр ҷиддист ва дар шеъри муосири тоҷик ҳам ин таъсир мушоҳида мешавад ва Салими Хатлонӣ аз шумори он шоиронест, ки аз Мавлоно таъсири фаровон гирифтааст. Таъсири шеъри пурбори Мавлоно ба Салими Хатлонӣ кайфият ва ҳолатҳои печида дорад ва ин таъсир дар як фурмул хулоса намешавад, ӯ мутобиқ ба ҳолу ҳаво, завқ ва дид аз Мавлоно таъсир гирифтааст. Дар зимн бояд гуфт, ки шеъри муосири тоҷик имрӯз дар марҳалаи таҳаввулоти аҷибу наҷиб қарор дорад, рӯҳоният, ишқ, маърифат, ирфонгароӣ дар он умқ ва вусати тоза касб мекунад. Салими Хатлонӣ худро муриде дар роҳи Мавлоно медонад, ки манзури шоир ҳамон ҷанбаи маънавии осори Мавлоност ва шоирони дигарро низ ба сӯи Мавлоно ҳамин ангеза ташвиқ мекунад:

*Гӯш шав, то бишнавӣ, доно шавӣ,*
*Ҳушманди роҳи Мавлоно шавӣ.*[1]

Ин байт ҷилваи андарз гуфтан аст ва дар зеҳн низ ҳамин ҳис бедор мешавад. Таркиби «гӯш шав» бар маънии диққат бидеҳ, огоҳ бош ва ин панд, ин суханро дар ёд бигир аст. Салими Хатлонӣ мегӯяд, агар бар он ҳастӣ, ки аз ирфони Мавлоно, аз шеъри шоири ориф огаҳ бошӣ, каломи ӯро маърифат бинмоӣ, бояд, ки ҳушманд буд. Манзури ӯ ин аст, ки фаҳми аз хонанда маърифат мехоҳад ва низ дар инсон ҳушмандӣ ва доноиро тарбият мекунад ва дар ҳақиқат чунинаст. «Доно» ба маънии оқил, ҳушёр, хирадманд ва касе, ки дониш касб кардааст, мебошад:

*Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*[2]

Салими Хатлонӣ осори Мавлоноро аз нигоҳи ҳунар, бадеият, завқ, шеърият, андеша ва ирфон меомӯзад ва дар корҳои худ аз ин таҷриба хуб метавонад истифода кунад. Ҳамин таҷориб будааст, ки ӯ се манзумаи худро дар вазни «Маснавӣ»

---

[1]Салими Хатлонӣ, «Мунтахаби ашъор», инт. Ҳумо, соли 2007, саҳ. 243
[2]Фирдавсӣ, «Шоҳнома», инт. Китоб, Теҳрон, соли 1374, саҳ.9

(баҳри рамал) ба номи «Ниёиш», «Шамими бодаву бод», «Хокистари ҳубоб» иншо кардааст.

Ин се манзума дар ҳавзаи корҳои Салими Хатлонӣ аз лиҳози ҳунар, баён, андеша, нигариш ва мавзӯъ мактаби шеъри Мавлоноро ба хотир меоварад. Таъсир ва бардошти Салими Хатлонӣ аз каломи Мавлоно танҳо дар зоҳири калом нест, балки ӯ аз каломи шоири ориф огоҳона таъсир мегирад. Баҳра бурдан аз шеъри Мавлоно барои Салими Хатлонӣ баҳра гирифтан аст аз ирфон, ҳикмат, забон, санъатҳои адабӣ ва ишқ, дар ин маънӣ худ гуфтааст:

*Маънӣ он дорад, ки афрӯзад зиё,*
*Гардро созад надими кибриё.*
*Сӯи ботин кӯш, аз зоҳир баро,*
*Сират овар, маънии сурат чаро!*[1]

Мавлоно:

*Бар ин сурат чӣ мечафсӣ, зи бемаънӣ чи метарсӣ*
*Чу гавҳар дар бағал дорӣ, зи бегавҳар чӣ метарсӣ?*[2]

Салими Хатлонӣ бо нигоҳи пурбор ва бедор, шоирона ва ошиқона ба шеъри Мавлоно канор меояд ва дар ин ҳамнишинӣ тавониста ҳарфи худро бигӯяд. Яъне ӯ дар корҳои худ Мавлоноро бо нигоҳи дигар такрор кардааст ва дар зимн дарси ишқ ва маърифат аз шоири ориф омӯхтааст, аммо дар роҳи сухан,дар роҳи баён, дар роҳи нигариш ва нигориш, худро қадам задааст. Дар ин ҳошия бояд зикр кард, ки шоир дар кори сухан солҳо ранҷу заҳмат ва диққатро ба дида кашидааст, то аз Мавлоно битавонад истиқбол кунад. Яъне Салими Хатлонӣ солҳо дар мактаби шеъри Мавлоно ҳунари худро тарбият дод ва дар фазои ирфон, этимод, ишқ тавонист ҳарфи худро бизанад, шеъри ӯ дар ин хат бешак васфи рӯзгори имрӯз аст, аммо аз маърифати ирфон ва рӯҳонияти башарӣ ҷудо нест. Ҳамон тавр ки арз шуд, таъсири сухани Мавлоно ба шеъри Салими Хатлонӣ танҳо дар сурат худоса намешавад, муҳимтарин таъсир

---

[1]Салими Хатлонӣ, «Мунтахаби ашъор», инт. Ҳумо, Душанбе, соли 2007, саҳ.287
[2]Куллиёти Девони Шамс, инт. Нигоҳ, Техрон, соли 1377, саҳ. 942

дар ин роҳ, таъсири ирфонӣ, рӯҳонӣ ва маънавии Мавлоно ба шеъри Салими Хатлонӣ аст. Мактаби шеъри Мавлоно ҳамеша мавриди омӯзиш ва таҷрибаи шоирони қарнҳои баъдбуда ва ҳаст, зеро каломи ҷонбахши Мавлоно дар рӯҳи сокит ва азҳони мурда, хамеша растохези шавқу завқро ба бор овардааст ва меоварад. Мавлоно дар сиришти шоирон шоирона нигаристан, фикр ва тафаккур намудан ва бедору ҳушёр буданро тарбият медиҳад.

«Мавлоно меъмори шеър аст, муҳандиси каломи фохир ва дар айни ҳол малмус ва маҳсуси шоирона ва мутафаккирона аст. Ҳар иборат, ҳар вожа, ҳар садо, ҳар ҳаракат, ҳар сукут ва ҳар нафас дар шеъри ӯ дуруст ҷойе қарор мегирад, ки бояд қарор бигирад».[1]

Салими Хатлонӣ дар шеъри муосири тоҷик аз он шоирон аст, ки тавониста ҳамин роз ва шигардҳои шеъри Мавлоноро дарк, фаҳм ва ҳис кунад. Ва ин шинохт дар ҳолу ҳаво, андеша, нигоҳ, забон ва муҳтавои шеъри ӯ таъсире пурбаракат ва пурбордоштааст, ӯ нукоти зариф, рамз, тамсил ва ирфони шеъри Мавлоноро ба ҳадди қудрат ва фаҳми худ дарёфта ва аз он дар кори шеър истифода кардааст. Ҷилваи муҳим ва равшан дар ин равиш сулуки маърифат аст, ки Салими Хатлонӣ дар он ҳикмат, маъно ва ирфони Мавлоноро аз нигоҳи худ воковӣ кардааст.

Мавлоно:

*Пеш аз он к-андар ҷаҳон боғи маю ангур буд,*
*Аз шароби лоязолӣ ҷони мо мағрур буд.*
*Мо ба Бағдоди ҷаҳони ҷон «Аналҳақ» мезадем,*
*Пеш аз он к-ин дору гиру нуктаи Мансур буд.*
*Пеш аз он к-ин нафси кул дар обу гил меъмор буд,*
*Дар хароботи ҳақоиқ айши мо маъмур буд.*
*Ҷони мо ҳамчун ҷаҳон буд, ҷоми ҷон чун офтоб,*
*Аз шароби ҷон ҷаҳон то гардан андар нур буд.*
*Соқиё, ин муъҷиёни обу гилро маст кун,*
*То бидонад ҳар яке, к-ӯ аз чӣ давлат дур буд.*

[1]Маҷаллаи «Шеър», пойизи, соли 1384, шумораи 44, саҳ.93

*Ҷон фидои соқие, к-аз роҳи ҷонон мерасад,*
*То барандозад ниқоб, аз ҳар чӣ он мастур буд.*[1]

Салими Хатлонӣ:

*Имшаб шароб гул зад дар базми соғари мо,*
*Аҳди вафо сар омад ҳамвора бар сари мо.*
*Ваҳ-ваҳ, қадаҳ садо зад, бонги фараҳфазо зад,*
*Пайке ба раҳнамо зад дар сози довари мо.*
*Ҳай-ҳай, ки май даво шуд, бар коми дил раво шуд,*
*То ёри ҳамнаво шуд дил дар баробари мо.*
*Аз пушти дар бадар о, эй майпарасти танҳо,*
*Бошад, ки орадат по як раҳ ба маҳшари мо…*
*Аз хештан бурун шав, бар ишқ раҳнамун шав,*
*Дар ҷомаи ҷунун шав, дарвеши ҳар дари мо.*
*То «ҳу» ба Ҳақ гузорем, «ё ҳу» ба арш орем,*
*То айшро супорем бар дидаи тари мо.*[2]

Дар ҳар ду ғазал, садои маърифат, садои ирфон ва садои сармастӣ аз ишқ аст, ки хонандаро ба чуд ҷазб месозад, аз ин дуғазал садое ба гӯш мерасад, ки инсон дар ҳавои он худро шинохт ва худро кашф бинмуд. Дар ҳар ду ғазал мастии ошиқ аз бодаи тавҳид сифат мешавад ва манзур аз ин сармастӣ расидан аст ба маъшуқи азалӣ. Салими Хатлонӣ огоҳона аз каломи пурбори Мавлоно таъсир мегирад ва дар зимн аз санъатҳои адабӣ медонад чӣ тавр истифода кунад ва шоир тавониста дар ин иқлим бисёр бишкуфад.Салими Хатлонӣ эътиқоди фитрӣ ва самимияти худро дар нисбати Мавлоно дар ғазалҳои худ фаровон ва диданӣ ба кор гирифтааст:

*Нак мерасад! Нак мерасад! Дар коримо! Дар кори мо!*
*Он соқии хаммори мо! Он ёру он дилдори мо!*
*Аз худ бадар нодидаем, роҳи сафар нодидаем,*
*Бар даври гардун мебарад асрори мо, асрори мо!*
*Ҳоли дил ифшо мешавад, сад қисса иншо мешавад*
*Дар ишқи безинҳори мо аз ғояти изҳори мо.*[1]

---

[1] Гузидаи ғазалиёти Шамс, инт. Сипеҳ, Теҳрон, соли 1377, саҳ.150-151
[2]Салими Хатлонӣ, «Мунтахаби ашъор», саҳ.335

Салими Хатлонӣ шеъри Мавлоноро хуб дар фазои андеша ва тафаккур метавонад таҷриба кунад. Рӯй овардани ӯ ба шеъри Мавлоно танҳо бар мабнои ҳавас ва хоҳиш набуда, балки бар мабнои эътиқод, ҷазб ва боварҳои маънавӣ ва ирфонӣ аст. Вай дар кори ғазал, бахусус дар сабки хуросонӣ,фазои шеъри Мавлоноро хубтару беҳтар эҳсос мекунад. Ҳамон тавр ки мушоҳида мешавад, дар ғазалҳои ҳолати андеша, нигоҳ, балоғат, сабк, мусиқӣ ва равонии каломи Мавлоноро метавон пайдо кард, бо ин вуҷуд ҷаҳд мекунад, ки дар фазо ва сабки шеъри Мавлоно шеваи нигариши муосирро ба кор бигирад. Таъсир ва бардошти ӯ аз шеъри Мавлоно нусхаӣ, якдаст ва якранг нест, балки бар мабнои таҷрибаҳо, нигариш ва шинохт сурат мегирад. Забон, андеша, мусиқӣ, дар ғазалҳои Мавлоно бархӯрдор аз ҳузури шавқ аст ва Салими Хатлонӣ ҳамин равишро дар ғазалҳои худ сайқал додааст:

Мавлоно;
забон:

*Бисӯзонем савдову ҷунунро,*
*Дарошомем ҳар дам мавҷи хунро.*
*Ҳарифи дӯзахошомони мастем,*
*Ки бишкофанд сақфи сабзгунро.*
*Чӣ хоҳад кард шамъи лоязолӣ,*
*Фалакро в-ин ду шамъи сарнигунро?*
*Шароби сирфи султонӣ бирезем,*
*Бихобонем ақли зуфунунро.*
*Чу гардад маст, ҳад дар вай биронем,*
*Ки аз ҳад бурд тазвиру фусунро.*
*Чунонаш бехуду сармаст созем,*
*Ки чун ояд, надонад роҳи чунро!*[2]

Салими Хатлонӣ;
забон:

*Бидеҳ он май, ки риндон аҳд бастанд,*
*Ҳама болидаву соғар ба дастанд.*

---

[1]Ҳамон ҷо, саҳ. 235
[2]Куллиёти Шамс, саҳ. 1122

*Бибин, он соғари нози сафоро,*
*Барои бахти хуш дар по нишастанд.*
*Яке девона шав, эй таблии маст,*
*Ки риндони Худоҷӯ масти мастанд.*
*Сари ҳушёр дар ман бебақо бод,*
*Зи ҳушёре чу ман ёрон гусастанд.*
*Фиғоне, наърае дар сози мастон,*
*Бибин чун зарраҳо дар хезу ҷастанд.*
*Чу соғар чарх мегардон сарамро,*
*Маро ин гуна мастон мепарастанд.*[1]

Мавлоно;
андеша:
*Боз омадам чун иди нав, то қуфли зиндон бишканам,*
*В-ин чархи мардумхорро чанголу дандон бишканам.*

Салими Хатлонӣ:
андеша:
*Деворҳоро бишканам, то сӯи саҳро бингарам,*
*Ин хешро бар ҳам занам, аз хеш дар мо бингарам.*

Мавлоно;
мусиқӣ:
*Ёр маро, ёр маро, ишқи ҷигархор маро,*
*Ёр туӣ, ғор туӣ, хоҷа, нигаҳдор маро.*
*Нӯҳ туӣ, рӯҳ туӣ, фотиҳу мафтӯҳ туӣ,*
*Синаи машрӯҳ туӣ бар дари асрор маро.*
*Нур туӣ, сур туӣ, давлати Мансур туӣ,*
*Мурғи куҳи Тур туӣ, хаста ба минқор маро.*[2]

Салими Хатлонӣ;
Мусиқӣ:
*Бода макаш, бода макаш, дилшудагон маст шуданд,*
*Бедилакон аз пайи дил по зада аз даст шуданд.*
*Тай зада аз ҳафт фалак, ҳай зада аз моҳу малак,*
*Дар талаби рӯйи Худо бехуду вораст шуданд.*

[1]Салими Хатлонӣ, «Мунтахаби ашъор», саҳ. 347
[2]Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 23

*Канда зи дил, канда зи ҷон, кандатар аз кавну макон,*
*Аз ҳама бишкаста ба ҷон, бо ҳама пайваст шуданд.*[1]

Ҳамон тавр ки арз гардид, Салими Хатлонӣ аз маҷмӯи санъатҳои бадеӣ дар корҳои худ фаровон истифода кардааст, бахусус санъати талмеҳро дар кори ӯ бисёр метавон мушоҳида кард. Вай дар кори санъати талмеҳ дар шеъри муосири тоҷик аз шоирони аввал аст ва касе дар ин майдон баробар намеояд. Барои аҳли таҳқиқ ва пажӯҳиш ин мавзӯъ дар шеъри Салими Хатлонӣ метавонад кори мустақил бошад ва таҳқиқи он аз маҷоли ин мақола берун аст:

Истифодаи санъати талмеҳ дар Мавлоно:

*Эй фитнаи Руму Ҳабаш, ҳайрон шудам, к-ин бӯи хуш*
*Пираҳани Юсуф бувад, ё худ равони Мустафо?*

****

Талмеҳ дар Салими Хатлонӣ:

*Юсуфи Канъон ба ҳуснаш Мисрро арзон гирифт,*
*Юсуфи андешаи мо тоҷдори чоҳ буд…*

Ин ҳама шӯру шавқ ва ҳарорати каломи Салими Хатлонӣ аз он гӯяд, ки ӯ дар шеъри муосири тоҷик аз шоирони пуркор ва пурбор аст, Мавлоноро метавонад муваффақ таҷриба кунад ва ҳусни шеъри ӯ аз ин ҷост.

[1]Салими Хатлонӣ, «Ашъори мунтахаб», саҳ. 241

## ХУЛОСА

Дар қаламрави адабиёти форсӣ-тоҷикӣ абармардони андеша чун Саноӣ, Фирдавсӣ, Аттор, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ саҳми бузург ва шоиста дар ташаккули маърифати башар доранд. Дар ин миён бахусус Мавлоно бо осори пурмояву ғании худ «Девони Шамс», «Маснавии маънавӣ», «Фиҳи мо фиҳи», «Мактубот», «Маҷолиси сабъа» (иборат аз ҳафт маҷлис ва ҳафт суҳбати Мавлоно дар ин маҷлис) андеша ва инсонсолориро чунон иззат, икром ва мақому мартабае баланд додааст, ки ҳеҷ як суханвари дигареро наметавон дарёфт, ки ба ин поя расида бошад. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба маърифати каломи Мавлоно ба ҷаҳони маънавии Мавлоно эътиқод ва эътимоди амиқе дошта, ӯро дар ин раъс амир хондааст, амири андеша, маърифот ва ирфон, ки манзиле бартар аз моҳу офтоб дорад:

*Пири румӣ муршиди равшанзамир,*
*Корвони ишқу мастиро амир.*
*Манзилаш бартар зи моҳу офтоб,*
*Хаймаро аз Каҳкашон созад таноб,*
*Нури Қуръон дар миёни синааш,*
*Ҷоми Ҷам шарманда аз оинааш.*
*Аз найи он найнавози покзод*
*Боз шӯре дар ниҳоди ман фитод.*

Чӣ роз аст дар сухани Мавлоно, ки аҳли завқро, аҳли маъниро ҳамеша ба худ ҷазб месозад ва муштоқониу ҳаводоронаш ҳамвора зиёдтар аз пеш мешавад? Ҳамон тавр ки ҳама медонанд, сухани Мавлоно реша дар Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар дорад ва ӯ шеъри худро дар ҳамин фазо эҷод кардааст ва суханаш ҳамеша аз ин баракат нав ва гарм аст. Дар ин маънӣ худ мегӯяд:

*Дилбарию бедилӣ асрори мост,*
*Кор кори мост, чун ӯ ёри мост.*
*Навбати куҳнафурӯшон даргузашт,*
*Навфурӯшонему ин бозори мост.*

Аммо бояд гуфт, ки ҳарфи Мавлоно, сухани ӯ дар миёни мардуми ғайримусалмон ҳам маҳбубияти аз ҳад беш дорад. Пас, шояд ӯ рози дигаре ҳам дорад, ки ӯро азизи ҳама кардааст. Инсон дар ҳар маслак ва дине, ки ҳамеша ниёз ба маърифат, ба маънавият, ба муҳаббат, ба ишқ, ба ростӣ ва ба машрабҳои орифона ниёзҳо дорад. Осори Мавлонои бузург ба ҳамин ниёзҳои башар, дар ҳар дине, ки ҳаст, посух мегӯяд, яъне он рози ҳамеша, ки инсон дунболи он мебошад, шинохтани худ, сайру сулук дар тараққии маърифат, талаби камол, инсон будан, ҷустуҷӯи худ дар фарозу фуруди зиндагӣ ва расидан ба асли худ аз тариқи ишқ. Мавлоно мегӯяд; аз ҳадди хок то башар чандин ҳазор манзил аст ва боз шарҳ медиҳад, фариштагӣ чу набувад, башар чӣ суд кунад? Аз нигоҳи ман дарёи ирфон ҳамеша ҷорӣ буд, Саноӣ бори нахуст онро ба ҷӯш овард, Мавлоно дар он тӯфон кард, Муҳаммад Иқбол даст бар дасти ин тӯфон дод. Чӣ тӯфоне, ки инсонҳоро аз ҷаҳли мураккаб, аз ғафлат, аз беҳувиятӣ, аз бемоягӣ, аз фақри маънавӣ, аз гумроҳӣ ва кинатӯзиҳо наҷот медиҳад ва ба инсон дарси чӣ гуна зистанро меомӯзад. Ҳамин ангеза ва роз аст, ки осори Мавлоно дар ҳама ҷои дунё, ба ҳар забон, ки тарҷума мешавад зуд дар дилҳо ҷо мегирад. Ишқ марбут танҳо ба як миллат нест, ишқ ҳуҷҷати ҳар миллат ва ҳар инсон аст ва Мавлоно ба ҳар инсоне, ки мехоҳад ишқро бишносад, роҳ нишон медиҳадва агар ҳам ба манзил бирасад, бар ӯ ҳуҷҷати ишқро сазовор медонад:

*Ҳар чи гӯям ишқро шарҳу баён,*
*Чун ба ишқ оям, хиҷил гардам аз он.*

****

*Ошиқӣ гар з-ин сару гар з-он сар аст,*
*Оқибат моро ба д-он сар раҳбар аст.*

Мавлоно бар ҳар як суоле, ки ӯро дар масири тараққӣ пеш омада, аз ишқ посух ҷустааст. Чунин аст, ки пайваста дар ҷусуҷӯи ишқ аст ва дар ин ҷустуҷӯҳо ба шигифттарин мушоҳидаҳо расидааст. Мавлоно дар ин раҳгузар, яъне дунё, дар тамоми умр ба ғайри ишқ чизи дигаре наҷустааст. Ҳамин аст, ки дар оғози дебочаи «Маснавӣ» худ мегӯяд:

*Оташ аст ин бонги ною нест бод,*
*Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод!*

Дар осори Мавлоно ин оташ ҳаргиз хомӯш нагаштааст ва он ҳамрора гарму ҷӯшон аст, инсонҳоро аз торикиҳои рӯзгор ба сӯи равшаниҳо фаро мехонад. Ҳар куҷо оташи ишқ фурӯзон аст, он ҷо зиндагӣ нашъат дорад, сулҳу сафо зиндагии инсонҳо ва башарро ҳусн медиҳад, ишқ, шинохтани он барои Мавлоно муҳимтар аз ҳар чизи дигар буда ва инсонҳоро низ ба ҳамин шинохтан даъват мекунад. Мавлоно қотеъ ҳукм мекунад, ҳар кӣ ишқ надорад, сазовор ба зиндагӣ нест, яъне нест бод, инсон бидуни ишқ, тараққӣ нахоҳад кард. Мутаассифона, бояд иқрор дошт, ки то даврони истиқлол осори Мавлоно аз ин зовияҳо таҳқиқ нашудааст, агар ҳам чизе шуда, он бисёр андак аст, ки шоистаи осори ин суханвари барҷаста нест. Танҳо дар даврони истиқлол ҷилваҳои гуногуни осори Мавлоно дубора ба хонандаи тоҷик, ба аҳли таҳқиқ ва пажӯҳиш дастраст гардид. Чунин аст, ки дар ҳарбахшҳои ин таҳқиқ, мавзӯъҳои ҷолиб, муҳим ва тоза баррасӣшуда, ки бовар дорам барои хонандагон аз манфиат холӣ нест. Тадқиқу таҳқиқ дар қаламарави шеъри Мавлоно, ки дар се боби ин пажӯҳиш баррасӣ шудааст, маро водошт, ки ба чунин натиҷаҳо бирасам:

– Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ аз он суханваронест, ки дар осори худ тарбияти инсонро аввал медонад, бахусус дар девони «Шамси Табрезӣ» дар «Маснавии маънавӣ» перомуни ин масоил фаровон назар додааст. Таҳқиқ ва пажӯҳиши ин мавзӯъ, барои адабиёт бисёр муҳим буда, дар тарбияти маънавӣ, ҳувияти миллӣ ва инсонӣ, соҳибдилӣ, бедорӣ ва огоҳии хонандагон бисёр муассир мебошад.

– Дар ин пажӯҳиш, ҳамон тавр ки дар феҳристи адабиётҳо низ ишора шудааст, аз ду асари барҷастаи Мавлоно, бештар аз «Девони Шамс» ва низ аз «Маснавии маънавӣ» абёти фаровон, чун намуна барои тафсили ин ё он назар ба кор рафтааст. Аз истифода ин абёт ва тафсилу маънӣ кардани онҳо равшан гардид, ки Мавлоно ҳар чӣ мегӯяд дар маърифат, ишқ, ҳувият, муҳаббат, ростӣ, якрӯӣ ва худогоҳии маънавӣ пайванд хӯрдааст. Аз ин рӯ фикр мекунам ва бовар дорам таҳлил ватафсили ин ҳама абёт барои хонандаи тоҷик ҳам аз лиҳози субк ва ҳам аз лиҳози таҳлил муфид мебошад, зеро талош бар он буда, ки тафил ва шарҳи ин абёт аз зовияи тоза сурат бигирад, бинобар ин хонанда ба ҳарфҳои нав, ки то кунун дар ҷое нахондааст, дар ин рисола сару кор мегирад.

– Дар зимн бояд арз кард, ки дар натиҷаи тафсил ва баррасии абёт ба хеле аз масъалаҳои гиреҳхӯрда, ки қабл аз ин дар корҳои аҳли таҳқиқ ба чашм намеояд, дучор омадам ва назорати худро, андешаи худро дар ин маворид баён намудам, мисли сабк, мазмун ва сохтори шеъри Мавлоно.

– Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ба каломи шоирони қабл аз худ эҳтироми фаровон қоил будааст. Вай бахусус ба осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Хоқонии Шарвонӣ ва Шайх Аттори Нишопурӣ муҳаббати махсус дошта, дар корҳои худ аз ғазалҳои ноби ин шоирон истифода кардааст. Дар ин хат шеваи таъсирпазирии Мавлоно аз Саноӣ ва Хоқонӣ дар боби дувуми ин пажӯҳиш батафсил нишон дода шудааст. Ин абёт ҳам гувоҳи

эҳтироми баланди Мавлоно ба Ҳаким Саноӣ ва Шайх Аттор мебошад:

*Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,*
*Мо аз паи Санову Аттор омадем.*

****

*Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,*
*Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.*

– Ҳамон тавр ки муҳаққиқон ва донишёрон иқрор доранд, ғазал дар ҳавзаи суханварии Мавлоно мақому ҷойгоҳи махсусе дорад ва ӯ дар кори ин жанр на танҳо аз беҳтаринҳо, балки аз бузургтаринҳо мебошад. То ҳанӯз ҳеҷ шоире натавониста дар кори ғазал ба шукӯҳу шаҳомати ӯ баробар шавад, ӯ қуллаи ғазалро чунон афрошта ва баланд карда, ки ба ӯ ҳеҷ суханваре наметавонад баробар бигардад. Шоири ориф дар жанри аз тамоми авзони роиҷ кор гирифтааст ва аммо гоҳе абёти ин ғазал аз ҳадди маъмул то панҷоҳ шаст байт мерасад. Бар ин навъ аз ғазалҳо, ки Мавлоно сурудааст, аз таркиби ғазалқасида истифода кардам ва сабабҳояшро низ шарҳ додаам. Асли мавзӯъ дар ғазалҳои Мавлоно чун ҳамеша ишқ мебошад ва аҷибтар он аст, ки ба бисёре аз масъалаҳо, ки дар «Маснавии маънавӣ» овардааст, ҷавоб ё радди пои онҳоро метавон аз «Девони Шамс» суроғ гирифт. Хулоса ин аст, ки ин ду асар аз нигоҳи маъниофаринӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои ирфонӣ, нишон додани зеру бамҳои ишқ, маърифат, тараққӣ, розҳои сайру сулук ҳамдигарро такмил медиҳад.

– Мавлоно дар халқи ғазал ва дар офаридани мазмуну маънӣ аз санъатҳои бадеӣ, балоғат ва равишҳои гуногуни баён, бисёр ҷаззоб, ҳунармандона, рангоранг, огоҳонаистифода бурдааст, ки ҳар касеро ба шигифт меоварад, зеро ин ҷилваҳои ҳунариро наметавон дар ҳеҷ шоири дигар пайдо кард ва дид. Тоза дидан, тоза гуфтан, ранг додани маънӣ воқеан дар осори

ин шоир ҳайратовар мебошад. Дар як сухан шеъри Мавлоно пӯё, гӯё ва бедор аст, пӯё, яъне андеша дар осори ӯ мутаҳаррик аст, ҳамеша ҳаракат мекунад ва ин ҳаракат аз як ҳарф шурӯъ мешавад, дар калима ҷорӣ мешавад ва дар таркибу байтҳо ба авҷ мерасад. Гӯё, яъне калимаҳо дар ҳавзаи ҳунари Мавлоно лол ва гунг нест ва хонанда дар шеърҳои шоир садои ҳарфҳоро мешунавад. Шеъри шоири ориф бо хонандаи худ ҳарф мезанад ва ӯро бо худ ба сайру сулуки маънавӣ мебарад. Шеъри Мавлоно бедор аст ва қарнҳост, ки дигарҳоро ҳам аз хоюи ғафлат бедор мекунад ва башарро дарси бедорӣ медиҳад. Ин аркон муҳимтарин, равшантарин ва болиғтарин ҷилва аст дар ҳавзаи ҳунари ин шоири розошно, ки эъҷози каломаш бисёр муассир аст.

– Тариқ ва равиши шеъри Мавлоно аз назари суханварӣ ва сохтори ҳунарӣ аз тарафи аҳли таҳқиқ пажӯҳиш шудааст, аммо ҷилваҳои мастури ин мавзӯъ дар шеъри ин шоир ҳанӯз бисёр аст, зеро тариқи калом ва шеъри ин шоири баландмоя ва баландпоя бисёрпаҳлу ва густарда аст ва наметавон бо якчанд таҳқиқ онро хатмшуда донист. Аз ин рӯ ҳар муҳаққиқ, ки ба ин мавзӯъ дар осори шоири ориф рӯй меовард, ҳатман ҳарфе барои гуфтан ҳамеша хоҳад дошт. Бино бар ин дар пажӯҳиши фавқ, тариқ ва равиши шеъри Мавлоно бо нигоҳи дигар таҳқиқ шуда, сабк, услуб, сохтор ва ҷаҳони андешаи шоири ориф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

– Як чизи дигар, ки дар осори шоири дилошно бисёр тавсиф шудааст, инсонсолорӣ мебошад, ки Мавлоно инсонро ба ин воҳа танҳо аз тариқи ишқ фаро мехонад. Ин ҷазб ва ин талошу ғайрати Мавлоно, ки инсон аз худ огоҳ бошад, худро бишиносад, худро кашф кунад, ҳам дар «Девони Шамс» ва ҳам дар «Маснавии маънавӣ» бисёр сифат шудааст ва овози ин андешаи пурборишоир аз саросари ин ду китоби бузург шунида мешавад.

– Мавлоно бо он ки ишқи осмониро дар осори худ ситоиш мекунад, аммо ҳаргиз ишқи инсон ба инсонро инкор накардааст, балки онро асл ва асоси зиндагии башар медонад. Вай дар шеърҳои худ муътақид аст, ки инсон танҳо аз тариқи ишқи заминӣ ба ишқи осмонӣ мерасад ва агар нашъати ин ишқро таҷриба накунад, ба нашъати он ишқ ҳаргиз нахоҳад расид. Аз нигоҳи Мавлоно ишқ инсонро комил мекунад ва дар навбати худ инсон ҳам ишқро метавонад камол бибахшад, яъне инсон хулосаи ишқ аст ва ишқ хулосаи инсон. Ҳар ду дар қаламрави ҳастӣ ҳамдигарро комил месозад ва яке бидуни дигар маъние надорад, ишқ ва инсон лозим ва малзуми ҳам ҳастанд.

– Дар равиши таҳқиқ ин назар равшан гардид, ки ҳузури маънавии Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар ҳаёти адабии Тоҷикистон танҳо баъд аз истиқлоли миллӣ қавӣ гардида, шоирон аз номи ӯ ва каломи ӯ бо шеваҳои гуногун ва нигариши гуногун истифода кардаанд. Дар як сухан таъсири шеъри Мавлонои бузург дар рушди маънавӣ ва бадеии шеъри шоирони муосири тоҷик бисёр фарох мебошад, аз ин рӯ маҳол аст, шоироре дар шеъри муосири тоҷик пайдо кард, ки аз номи Мавлоно ва шеъри ӯ таъсир гаширифта бошад.

– Наҳва, баён, корбурди калимаҳо дар забони шеъри Мавлоно ҳамон аст, ки мардуми Фароруд қарнҳост бо он дар зиндагии маънавӣ ва моддии худ такаллум мекунанд, гап мезананд, аз ин лиҳоз бисёре аз калимаҳо ва таркибҳои шеъри Мавлоно барои хонандаи тоҷик ошно аст. Ғалат нахоҳад буд, агар арзёбӣ шавад, ки як сабаби рӯй овардани шоирони муосири тоҷик ба осори Мавлоно ҳамин сабк ва мусиқии ошно дар ҳинҷорҳои забонии шеъри ӯ бошад. Сабаби дигар эҳтиром доштани шоирони тоҷик ба ном ва каломи Мавлоно мебошад. Бояд иқрор кард, ки ин фазо низ танҳо баъд аз истиқлоли миллӣ дар шеъри шоирони тоҷик рангу бӯи бештару тозатар гирифт.

– Бахусус ҳузури маънавии Мавлоно дар шеъри шоироне, ҳамчун устод Муъмин Қаноат, зиндаёд устод Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона ва Салими Хатлонӣ бешар ба чашм меояд. Бинобар ин талош шуд, ки ин таъсирпазирӣ дар шеъри ин шоирон ҷудо-ҷудо таҳқиқ ва пажӯҳиш шавад. Дар давоми пажӯҳиш равшан гардид, ки ҳар кадом аз ин шоирон мутобиқ ба завқу шавқ ва ҳолатҳои маънавӣ ва равонии худ аз осори гаронмояиМавлоно таъсир гирифтаанд. Ҷилваҳову шеваҳо ва равишҳоиин таъсирпазирӣ дар шеъри ин шоирон махсус ва бо нигоҳи тадқиқӣ нишон дода шудааст.Як рози ниҳон, шигард ва ҷолиб дар осори Мавлоно, бахусус «Девони Шамс» ва «Маснавии маънавӣ» он аст, ки ҳар мавзӯъ, ҳатто борҳо коршуда ҳам ҳамеша наву тоза аст. Чӣ асрор аст дар каломи ин суханвари соҳибдилу огоҳдил, ки каломи ӯ ҳамеша тоза, пурбор ва муассир аст? Дар ин робита Мавлоно худ дар дафтари чоруми «Маснавии маънавӣ» фармудааст: «Ин китоб, (Маснавии маънавӣ) навкунандаи паймони муҳаббат аст ва осонкунандаи душвории гирифторон. Дар синаи ин китоб гавҳарҳоест, ки бар синаи занони хушовоз онро наметавон дид. Нуре аст барои ёрони мо, ганҷест бароиояндагон ва фарзандони мо». Мавлоно қадр, ҳашмат, ҷилваҳои ҳунарӣ ва маънавии осори худро дар ин нукот иброз доштааст, ки бар ҳақ чунин ҳам мебошад. Аз ин рӯ донишмандон ва пажӯҳишгарони дақиқбин ва розёб дар таҳқиқ ва тадқиқи каломи пурбори Мавлоно ҳамеша мекӯшанд ҷилваҳои мастури андешаҳои ӯро дарёбанд, бишносанд ва дар ин самт аксар муваффақ мебошанд.

Андеша ва сухани Мавлоно, ҳамон тавр ки арз шуд, ҳамвора тоза аст, ҳазор-ҳазор ҷилваи маънӣ дар пушти калимаҳо ва тасвирҳои ӯ рух пинҳон медорад. Бар ин мабно дар ин рисола танҳо бархе аз ҷилваҳои каломи ин суханвари тавоно, андешманди нотакрорбарои хонандагон мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Бо ин вуҷуд ҳаргиз наметавон иддао кард ва ё натиҷа гирифт, ки ҳаллу фасли ҷамъи мавзӯъ дар бахшҳои ин рисола

ва рисолаҳои муҳаққиқони дигар дар робита ба сухани шоири ориф ҳарфи охир аст. Ҳаргиз чунин нест, зеро ҷилваҳои ҳунари суханварӣ ҳамчун баёни маъно, ирфон, ҳикмат, фалсафа ва ҷуз инҳо он қадар дар осори Мавлоно умқу вусъат дорад, ки фаро гирифтани он ҳама дар як рисола ва рисолаҳои дигар имконнопазир аст. Чунонки арз гардид, фазои сухани Мавлоно ҳамеша нав аст ва ё пайваста нав мешавад ва ин рӯҳи нав шудан дар тамоми осори шоири ориф мавҷ мезанад, зеро каломи ӯ реша дар маърифат, фарҳанг, маънавият, худшиносӣ, асолат ва ишқу муҳаббат, ки башар ба он ҳамеша ниёзманд аст, реша дорад. Ҳамин аркони маънавист, ки Мавлоно каломи худро падидае медонад, ки паймонҳоро дар муҳаббат нав мекунад, душвориҳоро дар гирифторон осон месозад. Ба гавҳарҳои маънавии каломи шоир чизе баробар наояд. Пас, бояд ин гавҳарҳои маънӣ ва маърифат беҳтару бештар кашф шавад, шинохта шавад, то зиндагии маънавии худро аз маърифат, баракат ва раҳмат боз ҳам зеботару гуворотар кунем. Мавлоно худ мегӯяд:

*Ҳар дам расуле мерасад, ҷонро гиребон мекашад,*
*Бар дил хаёле медавад: «Яъне, ба асли худ биё».*

Орзу бар он дорам, ки дар Тоҷикистони азиз марҳалаи ҷадиди Мавлонопажӯҳӣ оғоз меёбад ва донишмандони фарҳехта дар ин самт корҳои боз ҳам беҳтару хубтарро анҷом хоҳанд дод.

## ФЕҲРИСТ

Марҳалаи нав дар шинохти Мавлоно........................................3

Муқаддима .........................................................................6

БОБИ АВВАЛ

Тариқи шеъри Мавлоно аз назари суханварӣ ва сохтори ҳунарӣ. Сабки суханварии Мавлоно.......................................14

Сохтори шеъри Мавлоно ........................................................45

Ҷаҳони мазмун ва маънавии андешаи Мавлоно.........................80

Ҷаҳонбинӣ ва назари мазҳабӣ, ирфонӣ ва ҳикматдар осори Мавлоно...........................................................................141

БОБИ ДУВУМ

Мавқеи Мавлоно дар ҳаёти адабии Тоҷикистон. Муносибат бо Мавлоно ва эҷодиёти ӯ дар замони шӯравӣ ..............................167

Истиқлоли Тоҷикистон ва ҷашни Мавлоно ..............................173

Мавлоно дар паҳнои шеъри муосири тоҷик .............................181

БОБИ СЕВУМ

Истиқбол ва пайравии шеъри Мавлоно дар назми тоҷикӣ. Омилҳои рӯйоварди шоирони тоҷик ба ашъори Мавлоно.....203

Бархе аз ҷилваҳои шеъри Мавлоно дар ашъори устод Муъмин Қаноат ..........................................................................216

Ҳузури маънавии Мавлоно дар ашъори Лоиқ Шералӣ...........228

Чолишҳои каломи Мавлоно дар шеъри Гулрухсор..................244

Ҳашри ишқ дар баҳори калимаҳо ...........................................259

Ҳушманди роҳи Мавлоно .......................................................269

Хулоса ..................................................................................277

МУҲАММАДАЛИИ АҶАМӢ

# ДАР ҚАЛАМРАВИ ШЕЪРИ МАВЛОНО


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Акбарзод |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Мусаҳҳеҳ | Манижа Сафаралиева |
| Тарроҳ ва саҳифабанд | Қ. Назаров |

Ба матбаа 16.02.2016 супорида шуд.
Ба чопаш 25.05.2016 имзо шуд. Формати 60x84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ18.
Адади нашр 2000 нусха. Супориши № 29/2016.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар КВД «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе»
бо супориши № 08/2016 ба табъ расидааст.